ҒУЛОМҶОН МИРЗОЕВ

# ФАЛСАФА ДАР САВОЛУ ҶАВОБ



ДОНИШКАДАИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

ҒУЛОМҶОН МИРЗОЕВ

# ФАЛСАФА ДАР САВОЛУ ҶАВОБ

## Қисми аввал

**Бо қарори Шӯрои илмиву методии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 24 октябри соли 2012 чоп карда мешавад**

Душанбе
«Промэкспо»
2013

ББК 87.3+87.3 (2 тоҷик)+92Я2
М-65

Муқарризон:
*д. и. фалсафа, профессор* ***С. Аҳмадов***
*н. и. фалсафа, дотсент* ***Ҳ. Юсупов***

Муҳаррир:
*н. и. филология, дотсент* ***М. Мирзоева***

**Мирзоев Ғ.**
Фалсафа дар саволу ҷавоб. Қисми аввал/ Ғ. Мирзоев. – Душанбе, «Промэкспо», 2013. – 256 с.

Дар ин қисми китоб мавзуъҳои фалсафа оғоз аз тавсифи масъалаҳои омӯзиши фан, вазифаҳои он, фалсафа ҳамчун яке аз шаклҳои таърихии ҷаҳонбинӣ, пешофалсафа ё заминаҳои устуравии фан, давраҳои мухталифи таърихи рушди афкори фалсафӣ дар бар гирифта шудаанд.

Китоб ба сифати воситаи ёрирасон барои донишҷӯёни макотиби таҳсилоти олӣ пешкаш карда мешавад. Вай, ҳамчунин, барои кулли қироаткунандагони дигар низ, дар доираи муайян, судманд буда метавонад.

ISBN 978-99947-922-6-9

© Мирзоев Ғ., 2013.

## МУНДАРИЧА


Пешгуфтор ................................................................................................4

Чанд сухан дар васфи фалсафа .........................................................10

Боби I. Фалсафа ва мавзуи омӯзиши он ..............................................13

Боби II. Фарҳанг ва пешофалсафаи аҳди Бостон ................................26

Боби III. Фалсафаи Антиқа ....................................................................40

Боби IV. Фалсафаи Асрҳои Миёна .........................................................84

Боби V. Фалсафаи давраи Эҳё ...............................................................120

Боби VI. Фалсафаи даврони Нав ...........................................................138

Боби VII. Фалсафаи Маорифпарварӣ ....................................................163

Боби VIII. Фалсафаи классикии Олмон ................................................177

Боби IX. Фалсафаи марксистӣ ..............................................................209

Боби X. Фалсафаи охири асри XIX ва аввали асри XXI ........................217

Боби XI. Фалсафаи давраҳои гуногуни рус ..........................................246




КИТОБХОНАИ
Донишгоҳи
БИБЛИОТЕКА
8/9

*Ба хотираи мусаффои волидайнам*
*Мирзомуҳаммад ва Зебонисо эҳдо мешавад*

## ПЕШГУФТОР

*Хирад чашми ҷон аст, чун бингарӣ,*
*Ту бе чашм шодон ҷаҳон наспарӣ.*
***(Фирдавсӣ)***

Омӯзандаи азиз, ҳоло ту расидӣ ба ҷое, ки дар қатори донишҳои дигар илме омӯзӣ, ки онро фалсафа унвон кардаанд. Ин вожа, яъне мафҳум, ба ту номаълум ва нофаҳмост, вале аз ҷумлаи баъдинаи ҳамин пешгуфтор маънии вожагии онро хоҳӣ донист, аммо муҳтавои илмии онро минбаъд, дар раванди омӯзиши мавзуъ аз бар мекунӣ.

Юнонзамин фалсафаро муҳаббат ба хирад гуфт ва ин гуфторро аввалин маротиба ба маънии мазкур файласуфи Юнони Бостон Пифаҳор (нимаи дувуми асри VI – ибтидои асри V то милод) истифода карда будааст. Пифаҳор фалсафаро дар ҷустуҷӯйи дарёфти ҳақиқат маънидод мекардааст.

Аз он замон бештар аз дувуним ҳазор сол сииарӣ шуд. Тӯли ин асрҳо инсоният мудом ва муттасил пажӯҳиш мекард, ҷадал менамуд, мактабҳо гушоиш медод, ранҷ мебурд, ба маъниҳо умқ мезад, ҷон месупорид, то хирадро пайдо ва аз бар намояд. Кадом хирадро ҷустуҷӯ дошт инсоният? Оё чунин хирад ҳаст? Агар бошад, чӣ аст он? Чаро аҷдоди миллати мо вожаҳои *хирад* ва *хирадманд*, *ҳикмат* ва *ҳаким* офариданд ва чаро ҳайате аз фарзандонашонро *ҳаким* унвон карданд? Чаро Рӯдакии Самарқанду Фирдавсии туроби Тӯс, Саъдиву Ҳофизи Шероз, Носири Хусрави хоки Қубодиёну Хайёми Нишопурзамин, Бӯалии Бухорову Мавлои Балх, чаро шумори зиёди ҳарфҳои дигари забонамон, ки сарҳарфи исми теъдоди зиёди хирадмандони миллатамон ҳастанд, дили мардуми оламро рабуданд ва чаро оламгир гаштанд? Ба ҳамаи ин ва саволҳои дигар ҷавоб чунин аст, ки онҳо дар роҳи дониш, дар роҳи хирад, дар роҳи гушодани ҳикмати олам ва одам заҳмат кашида, умр ба сар бурданд, аз худ мероси гаронбаҳо ба ояндагони минбаъда боқӣ гузоштанд ва арзишҳои ин мерос дар хидмати башар буд, ҳаст ва шубҳае

нест бар он, ки абадӣ хоҳад монд. Ҳамин тариқ, эшон лукмаи нони хешро ба заҳмат дар роҳи дониш пайдо мекарданд. Онҳо тавассути эҷоди худ олам ва оламиёнро гирифтанд, оламиён ҳамеша бо онҳо буданд ва абадӣ бо онҳо хоҳанд монд. Чун мебинӣ, онҳо олам ва оламиёнро на ба шамшер, балки ба шеър, ба маънӣ, ба илм таслиму тасхир карданд. Хирад омӯханду хирадманд буданд, ҳикмат омӯханду ҳаким буданд. Файласуф буданду муҳаббат ба хирад, ба илм, ба ҳикмат, ба дониш доштанд ва ба авлоди башар чунин васият карданд:

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.*
*Мардумони бихрад андар ҳар замон*
*Рози донишро ба ҳар гуна забон*
*Гирд карданду гиромӣ доштанд,*
*То ба санг – андар ҳамебингоштанд.*
*Дониш андар дил чароғи равшан аст,*
*В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст!*

*(Рӯдакӣ)*

Ин ҳашт мисраъ шеъри маликушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки ҳазор сол муқаддам эҷод шудааст, як ҷаҳон маънии фалсафӣ дорад. Қабл аз ҳама, инсонҳоро ҳидоят мекунад, то аз "рози дониш" бебаҳра намонанд.

"Рози дониш"- и Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ яке аз қисматҳои умдатарини омӯзиши фалсафа ба шумор меравад, ки дар атрофи он баъдтар ҳарф хоҳем зад.

Аз овардани мисраъҳои шеър манзурамон таълими адабиёт нест, вале шеър манбаъҳои эҷод дорад, ки онҳо сарчашмаҳои омӯзиши илми фалсафа низ мебошанд. Барои он ки бисёр мунтазир накунем ва нагузорем, ки атрофи манбаъҳо ба фикр фурӯ рафта бошед, ҷавобро ифода мекунем ва мегӯем, ки манбаъҳои мазкур - олами атроф, ҷомеа,якҷоя бо тамоми хусусиятҳои хоси худ, ки дар узвияташ ҳастем, инсон, ки ягона махлуқи соҳибтафаккур ва соҳибнутқ аст ва кулли маъниҳои зиндагӣ аз сиёсат то ба ҳуқуқ, аз ахлоқ то ба зебоипарастӣ, аз ишқ то ноумедӣ, аз зиндагӣ то ба марг, яъне аз олами ҷисмонӣ то ба олами маонӣ ва олами ҷон (рух) мутааллиқ ба ӯст, манбаъҳои омӯзиши фалсафа ба шумор мераванд.

Агар мушаххастар, яъне, дақиқтар гуфта бошем, чунин мешавад, ки мавзуи фалсафа аз омӯзиши усулҳои хосу оми пайдоиш ва рушди олами муҳит, яъне оламе, ки моро манзили зист додааст, инсон ва ҷомеаи инсонӣ, ки дар ин олам пайдо гаштаву рушд кардааст ва мавҷудияти ҳам ҷисмонӣ дорад ва ҳам маънавӣ, ки он офаридаи худи ӯст ва ниҳоят усулҳои маърифати воқеиятҳои номбаршуда, яъне донистани ин воқеиятҳо, иборат аст.

Аз гуфтаҳои боло ва маънидодҳо, хоҳу ноҳоҳ чунин бармеояд, ки фалсафа бар асоси мавзуъҳои баррасиаш ҳама соҳаҳоро дар бар мегирад ва бар заминаи натиҷаҳои илмҳои соҳаҳои гуногун дар бораи оламу ҷомеаву одам ва маърифати он ҷавоб мегӯяд. Ин ифода маънии онро дорад, ки фалсафа, ба қавле, илмест муттаҳидкунанда, ки тавассути он инсон ҷаҳонбинии хешро ташаккул медиҳад.

Чун фалсафа ташаккулдиҳандаи ҷаҳонбинӣ бошад, пас, вай меҳвар, асоси бунёди сохтмони фарҳанги инсонист ва раҳнамои тамоми илмҳост. Аз ин лиҳоз фалсафа ҳамчун илми раҳнамо (методологӣ) ба илмҳои дигар хидмат мекунад ва раҳнамоилм ба шумор меравад.

Баъди ҳама ин "розу ниёз" ба азизони донишомӯз иброз доштанӣ ҳастем, ки хоҳ сарнишини ҳавопаймо бошиву хоҳ табиби ҷарроҳ, хоҳ муҳандис бошиву хоҳ вазир, хоҳ бонкдор бошиву хоҳ соҳиби дафтару ҳисоб, фалсафа раҳнамои ту аст.

Бинобар ин фалсафаро тамоми донишомӯзони ҷаҳон ҳамчун яке аз илмҳои муҳимтарини ҷомеашиносӣ дар кулли макотиби олӣ меомӯзанд. Дар ҳамин асос ин фан ба барномаи омӯзиши ҳатмии макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дохил гардидааст ва аз омӯзандагон, қабл аз ҳама, донишҷӯён тақозо карда мешавад, ки ин илмро низ ба хубӣ биомӯзанд, то "биноҳои обод", ки "зи борону аз тобиши офтоб нагардад хароб"(иқтибос аз "Шоҳнома"- и безаволи Фирдавсии ҳаким) сохта бошанд ва ба мардум хидмати арзанда пешкаш намоянд.

Барномаи таълимии макотиби олӣ, аз ҷумла Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, баҳри аз бар кардани фалсафа 64 соати таълимӣ ҷудо кардааст, аз ҷумла 32 соат дарси назарӣ (лексионӣ) ва 32 соати дигар барои дарсҳои амалии мустақилонаи донишҷӯён ҳамроҳи устодон. Азбаски соатҳои муқарраршуда хеле кам мебошанд, аз шогирдон хоҳиш карда мешавад,

то онҳоро босамар истифода кунанд ва донишҳои хуб аз бар намоянд.

Таҷрибаи корӣ ва таълим дар макотиби олӣ нишон медиҳад, ки аз бар кардани фалсафа барои донишҷӯён хеле мушкил буда, тақозо менамояд, то китобҳои ёрирасони тафсиркунандаи масъалаҳои гуногун вуҷуд дошта бошанд. Ба ҳамин хотир муаллиф дар назди худ вазифа гузошт, то чунин китоби ёрирасонро дар шакли саволу ҷавоб таҳия ва пешкаши донишомӯзон гардонад.

Муҳтавои китоб аз масъалаҳое иборатанд, ки онҳо ба китобҳои дарсии таълими фалсафа дар макотиби олии Федератсияи Россия дохил шудаанд. Чун маълум аст, баъд аз парешон гардидани Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Советии Сотсиалистӣ, ки дар он фалсафа ба як навъ илми идеологӣ табдил ёфта буд, дар шароити нави бавуҷудомада тақозо карда мешуд, то мавзуи он мавриди таҷдиди назари олимони соҳа қарор гирад. Бинобар ин олимони марказҳои илмии Россия ба ҳалли ин масъала шуруъ карданд ва дере нагузашта чанд теъдод китобҳои дарсӣ ва ёрирасони муаллифони гуногун таҳия гардида аз чоп баромаданд, ки аз онҳо макотиби олии Федератсияи Россия истифода мекунанд.

Дар китобҳои рӯйичопомадаи солҳои охир фанни фалсафа ҳам таркибан ва ҳам мазмунан тағйири ҷиддӣ хӯрдааст.

Чун медонем, баъзе ҷумҳуриҳои собиқ ИҶСС то ҳол аз китобҳои дарсии дар марказҳои илмии Федератсияи Россия чоп ва интишоргардида судмандона истифода мекунанд, зеро дар ҷумҳуриҳои мазкур то ба ҳол заминаи таҷрибавии таҳияи китобҳои дарсии ҷавобгӯ ба таҳлили ҳамаҷонибаи соҳа ба вуҷуд наомадааст чунки ҳамаи он омилҳо, ки таъминкунандаи чунин замина мебошанд, дар ин ҷумҳуриҳо мукаммалан ба вуҷуд наомадаанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳатто худи Федератсияи Россия, сарфи назар аз илми пешрафтааш ва таҷрибаи тӯлонимуддат дар офаридани китобҳои дарсӣ, ба илми муосири кишварҳои мутамаддин, ба мисли ИМА, Британияи Кабир, Олмон, Фаронса ва ғайра эҳтиёҷ дорад ва аз ҳамаи он дастовардҳои илмии марказҳои номбурда фаровон истифода менамояд. Барои чунин истифодабарӣ, пеш аз ҳама, заминаи аз забонҳои гуногун тарҷума кардани манбаъҳои эҷодшуда тақозо карда мешавад,

ки ба он иқтидори на ҳама кишварҳо мерасад. Агар чунин замина мавҷуд набошад, ё олимони дар сатҳи баланд донандаи чандин забони хориҷӣ набошанд, илми кишвари омилҳои мазкурро надошта, хеле ақиб монданаш мумкин аст.

Мисоли рӯшани гуфтаи боло кишварамон - Тоҷикистон мебошад, ки заминаи бояду шояди мазкурро, мутаассифона, надорад. Зиёда аз 20 сол аст, ки доир ба соҳаҳои гуногуни илми муосир кишвари мо аз марказҳои пешрафтаи илм китоб намехарад. Маънии ин гуфта аз он иборат аст, ки миллати мо аз дастовардҳои илми муосир бебаҳра монда истодааст.

Масъалае, ки дар боло ба он ишора кардем, мавзуи муқаддимаи ин китоб нест, вале чунин ишораро зарур донистем, то ба сари мақсади муҳтавои китоби иншокардаамон бирасем.

Барои саволу ҷавоби масъалаҳои дар китоб овардаамон мо велосипедро аз нав ихтироъ накардем. Кӯшиш кардем, то аз чанд китоби дарсӣ ва адабиёти солҳои охири дар Россия ва Тоҷикистон чоп ва интишор гардида самаранок истифода намоем, то донишомӯзон аз дастовардҳои фалсафаи муосир бархурдор бошанд.

Бояд қайд кард, ки китобҳои дар Россия чоп ва интишоргардидаро аз худ кардан, ҳазм кардан ва ба забони модарӣ – форсии тоҷикӣ гардонидану ифода кардан низ кори хеле заҳматталаб ва пурмашаққат аст.

Сабаби дар шакли саволу ҷавоб таълиф кардани китоб дар он аст, ки вақти мутолиаи матнҳои фалсафӣ аксари донишомӯзон масъалаҳои моҳиятан муҳимро аз матн ҷудо карда наметавонанд. Вақте матнро дар саволу ҷавоб меоваред, гузориши савол таваҷҷуҳи хонандаро ба худ ҷалб мекунад ва ҷавобро бо диққат мутолиа менамояд. Дар натиҷа масъалаҳои моҳиятан лозимиро ба осонӣ аз бар карданаш имконпазир мегардад.

Саволу ҷавоб дар асоси китобҳои дарсии олимони соҳибтаҷрибаи Россия, ба монанди А. Г. Спиркин, ки китоби дарсии фалсафаи ӯ чандин дафъа такрор ба такрор чоп ва тавсияи таълим гардид, китоби дарсии ҳайати муаллифони зери таҳрири В. Н. Лавриненко ва В. П. Ратников чопшуда, ки он ба фонди тиллоии китобҳои дарсии таълими фалсафа дар Россия дохил гардидааст, китоби дарсии дуҷилдаи таълими фалсафа, ки дар зери роҳбарии Н. С. Саидов ба забони тоҷикӣ соли 2011 ба чоп

расидаанд, китоби дарсии асосҳои фалсафаи олимон А. Раҳимов ва Қ. Расулов, китоби муқаддимаи фалсафаи Ш. Абдуллоев ва ғайра, таҳия карда шуд.

Дар омода кардани муҳтавои китоб ҳамчунин аз мавсуаи[1], (энсиклопедияи) фалсафии чопи Москва ва теъдоди муайяни китобҳои илмии академӣ низ судмандона истифода намудем.

Азбаски китобро дар шакли саволу ҷавоб таҳия кардем, лозим донистем, ки онро бо нишон додани иқтибосҳои зиёд мушкилфаҳм нагардонем. Бинобар ин таъкид мекунем, ки хидмати баёни фалсафа ба теъдоди зиёди олимони соҳа алоқаманд аст, ки мо онро қадри ҳазми шахсии худ ва ба забони осонфаҳми тоҷикӣ ифода кардем. Ин хидмат ва қисмати кор ба муаллиф тааллуқ дорад.

Бо умеди он ки ин маҳсули қаламӣ муаллиф, то андозае, ба омӯзандагон кӯмак хоҳад кард, лозим донистем, ки онро ба табъ расонем ва дастраси хоҳишмандон гардонем.

Ба хонандагон барор дар таҳсилу кор таманно мекунем ва хоҳишмандем, то ҳар мулоҳизае пайдо кунанд, ба нишонаи зерин бифиристанд: Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, кафедраи фанҳои гуманитарӣ.

Арзи сипоси қаблиро бо ду мисраъ аз "хираднома"-и ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ ба анҷом мерасонем, ки гуфтааст:

*Хирад раҳнамою хирад дилкушой,*
*Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой.*

---

[1] Мо ба маънии ифодакунандаи истилоҳи "энсиклопедия" вожаи дар забони арабӣ пазируфташудаи "мавсуа"-ро истифода кардем. Фикр мекунем, ки агар вожаи мазкур минбаъд ба ҳамин маънӣ мавриди истифода қарор гирад, хубтар мешуд, зеро истифодабарии калимаи мураккаби "дорулмаориф", "доиратулмаориф", ё "дойиратулмаориф", ки ҳамаашон низ арабиасос буда, дар тарҷумаи тоҷикӣ "гирдоварандаи дониш" мешавад, боз ҳамон истилоҳи дар забони арабӣ пазируфташудаи мавсуаро дар назар дорад, вале дар талаффуз ва истифодабарӣ душвортар аст. Дигар он ки истифодаи мафҳуми мазкур ҳам дар забони арабӣ ва ҳам форсӣ дар як шакл анҷом мепазируфт, ки ин ҳам аз истифодаи дурусти вожа шаҳодат медод. Албатта, бисёр хуб мешуд, агар ба ҷойи ҳама вожаҳои мазкур калимаи "донишнома"-ро ба маънии мафҳуми "энсиклопедия" истифода мекардем.

Мулоҳизае, ки овардем ба диди шахсии мо тааллуқ дорад, аммо қабули қарор салоҳияти муассисаҳои марбутаи давлатӣ ба шумор меравад.

## ЧАНД СУХАН ДАР ВАСФИ ФАЛСАФА

Фалсафа яке аз қадимтарин илмҳои гуманитарӣ ба шумор меравад ва асрҳост, ки арзи вуҷуд дорад. Дар ин муддати тӯлонӣ дар атрофи ҳалли масъалаҳои фалсафӣ теъдоди хеле зиёди андешаҳо, тамоюлҳо, макотиб ва равияҳо ба вуҷуд омаданд. Азбаски андешаҳо гуногунмаънӣ ва аз ҳамдигар фарққунанда мебошанд, ба омӯзанда пайдо кардани ҳақиқати маънӣ хеле душвор буда, аз ӯ заҳмати калон талаб менамояд, то дарк кунад, ки сухан дар бораи чӣ меравад ва чиро омӯхта истодааст? Бинобар ин омӯзандаро мебояд, то оғоз аз ҳарфҳои аввалини матни фалсафа ба он бисёр бо таваҷҷуҳ муносибат кунад ва донад, ки матни фалсафа матни таърих ё адабиёти бадеӣ ва ё матни рӯзнома нест, яъне фалсафа матни махсус ва лаҳни хоси хешро дорад ва ифодаҳои он, пеш аз ҳама, донистани забони хуби ифода, малакаи муайяни донишҳои илмҳои соҳаҳои гуногунро тақозо мекунад, ки он, умедворем, аз ҷониби омӯзандагон дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ҳал гардидаву акнун омӯхтани фалсафа барои онҳо осон мешавад.

Фалсафа тӯли мавҷудияти худ ҳам ҳамду ситоиш шунидааст ва ҳам накду таҳқир. Онҳое, ки зеҳни дарки фалсафаро надоштанд, ё сабри заҳмат кашидан пешаашон набуд, фалсафаро накду таҳқир мекарданд ва мафҳуми фалсафаро ба мънии "сафсата" истифода мекарданд. Байни мардуми ноогоҳ ифодаҳое, ба мисли: "Ин қадар фалсафагӯйӣ мекунӣ", яъне "Ин қадар сафсатахонӣ мекунӣ" барин гуфторҳои таҳқиромез вуҷуд доранд. Чунин ифодаҳо, албатта, беасос нестанд. Заминаи онҳо дар он аст, ки, дар ҳақиқат, фалсафа илмест сангин, ба зудӣ ба дарки маънии он расидан имконнопазир. Чунон ки зикр кардем, андешаҳои гуногунмаънӣ, тамоюлҳо, макотиб ва равияҳои зиёд, ки ҳар як бо андешаи худ масъалаҳои фалсафиро маънидод мекунад, ба омӯзанда душвориҳои зиёдеро ба вуҷуд меоварад, ки дар натиҷа баъзеҳо ифодаҳои мазбурро дар "васфи" фалсафа истифода кунанд. Албатта, чунин муносибат дар шуури омма вуҷуд дорад. Мардуми зиёӣ

нисбат ба фалсафа андешаҳои куллан фарқкунанда ва барои фалсафа бояду шоядро пазиро буда, онро ҳамчун беҳтарин илми инсонӣ муътабар медонанд. Акнун бубинем, то чӣ васфу андешаҳо роҷеъ ба фалсафа аз ҷониби мардумони мутамаддин дар замонҳои гуногун гуфта шудааст.

Давраи Антиқа замоне буд, ки афкори хеле ҷолиби фалсафӣ ба вуҷуд омад ва ҳамаи онҳоеро, ки кулли донишҳои замонашонро аз бар кардаву роҷеъ ба оламу одам андешаронӣ мекарданд, файласуф мегуфтанд. Мафҳуми фалсафа, тибқи гувоҳии мутафаккирони Антиқа, дар эҷодиёти Пифаҳор (асри У1 то милод) вуҷуд доштааст ва алломаи давраи Антиқа Афлотун (427–347 то милод) мафҳуми фалсафаро ҳамчун истилоҳ барои ифодаи ҳамин маънӣ истифода карда будааст. Дар ин давра фалсафаро ҳамчун як илми муттаҳидкунандаи кулли донишҳои инсонӣ медонистанд. Файласуф – донандаи донишҳо, инсони хирадманди даврон маҳсуб меёфт. Беҳуда нест, ки мутафаккирони ин давр ҳатто орзу мекарданд, то дар сари қудрати давлатӣ низ файласуфонро бубинанд. Онҳо чунин ақида доштанд, ки агар дар сари қудрати давлатӣ файласуфон бошанд, ҳама мушкилоти ҷомеа ба хубӣ ҳаллу фасли хешро пайдо мекунанд. Чунончи, аллома Афлотун мегӯяд: “... Ба қатори маҳбубони худованд ба касе иҷозат нест, ҷуз он ки файласуф буд... ва саъй мекард ба маърифат”.

Дар Асрҳои Миёна, ки дар ҳаёти маънавии инсоният идеологияи динӣ ҳукмфармо буд ва мавзуи асосии баҳсу ҷадал танҳо масъалаи мутааллиқ ба Худованд буд, фалсафаро дар ҳамин асос васф мекарданд ва вазифаашро низ дар ҳамин замина муайян менамуданд. Аз ҷумла, Августини Муқаддас менигорад, ки “... танҳо фалсафаи масеҳияти мо фалсафаи ҳақиқатнигор аст, агар ба ин унвон муҳаббат ба хирад ифода мегардида бошад” ё Фомаи Аквинӣ чунин фармудааст: “...мавзуи баррасии ҳама гуна фалсафа дилбохта будан ба маърифати Парвардигор аст”.

Вақте аз давраи ҳукмронии идеологияи динӣ, ки тафаккури инсон асосан ба маънидоди Парвардигор ва маҳсули “эҷоди” он машғул буд, ба давраи Эҳё мегузарем, мебинем, ки муносибат ба илм, ба озодии инсон ва умуман инсонпарварӣ мақоми хоса пайдо мекунад. Акнун ҳама аҳли мутақаддими зиё муқаррароти асримиёнагиро зери танқид мегирифтанд, инсон

ва ривоҷи илмро ситоиш мекарданд, ба фалсафа низ муносибат дигар шуд. Чунончи, файласуфи машҳури давраи Эҳёи Фаронса Мишел Монтен онҳое, ки нисбат ба фалсафа безътиноӣ зоҳир мекарданд, зери танқид қарор дода мегӯяд: "Аҷиб аст, ки дар даврони мо фалсафа ҳатто барои инсонҳои мутафаккир ба сухани фориғулмаънӣ табдил ёфтааст, вале,... дар ҳақиқат бошад, ба ҷуз фалсафа азизтар, дилписандтар, фараҳовартар ва... шӯхлаҳнтар чизеро пайдо кардан номумкин аст".

Чун маълум аст, асрҳои ХУ11 – ХУ111 замони барқарорӣ ва рушди низоми сармоядорӣ маҳсуб меёбад. Дар ин давра, тибқи тақозои низоми нав, ҳама соҳаҳои илм ва махсусан, соҳаҳои илмҳои табиатшиносӣ пайваста инкишоф меёфт. Дар миёни илмҳои дигар фалсафа низ мақоми муайяни хешро дошт. Яке аз файласуфони ин давраи пешрафти инқилоби илмӣ Иоҳан Фихте (1762 – 1814) дар васфи фалсафа чунин менигорад: "... ҳар касе, ки даъво ба рушди умумии маънавияташ дорад, лозим аст, ба таври умумӣ бошад ҳам, бидонад, ки фалсафа чист".

Хулоса, дар васфи фалсафа метавон хеле ва хеле зиёд суҳбат кард, аммо бо овардаҳои боло иктифо мекунем, то гузарем ба саволу ҷавоби маънидоди масъалаҳои фалсафӣ.

# САВОЛУ ҶАВОБ ДАР МАВЗУЪҲОИ ФАЛСАФА

## БОБИ 1. ФАЛСАФА ВА МАВЗУИ ОМӮЗИШИ ОН

**Фалсафа чист?**

*Фалсафа* калимаи юнонӣ буда, аз “филео” ва “софиа” таркиб ёфтааст ва маънии луғавиаш муҳаббат ба хирад мебошад. Ин калима ҳамчун мафҳуми илмӣ барои ифода кардани соҳаи бисёр муҳими илмҳои гуманитарӣ, ки яке аз шаклҳои шуури ҷомеа низ мебошад, истифода карда мешавад, яъне фалсафа унвони илм аст ва ин илм фалсафа ном дорад, ки он таълимот дар бораи усулҳои умумии ҳастӣ ва маърифат, дар бораи шинохти инсон ва муносибати он ба олами муҳит, дар бораи қонунҳои умумитарини пайдоиш ва рушди ҳастӣ, ҷомеа ва тафаккур ба шумор меравад.

**2. Мо дар саволи боло вожаи мафҳумро истифода кардем. Бинобар ин лозим мешавад пурсои шавем, ки мафҳум чист?**

*Мафҳум* калима, истилоҳест барои ифода кардани воқеияти муайян (хоҳ воқеияти моддӣ бошад, хоҳ воқеияти маънавӣ). Масалан, мафҳуми арзиш, мол, пул, амалиёти бонкӣ, материя, рух, шуур, нахустасос ва ғайра.

**3. Мафҳуми қонун чиро ифода мекунад?**

Қонун гуфта робитаҳои зарурӣ, моҳиятан муҳим, устувор ва такрорёбандаи миёни ҳодисаҳоро мегӯянд. Қонунҳо робитаҳои воқеии ашёву ходисаҳои оламро ифода менамоянд ва хусусияти объективӣ, воқеӣ доранд. Қонунҳо аз рӯйи иҷрои вазифаашон қонунҳои соҳаҳои муайяни илм, масалан, қонунҳои физикӣ, кимиёвӣ ва ғайра, қонунҳое, ки ба якчанд соҳаи илм таааллуқ доранд, масалан, қонуни нигаҳдории энергия ва ҳамчунин қонунҳои умумитарин мешаванд, ки ба онҳо қонунҳои диалектика, ба монанди қонуни гузариши

миқдору сифат, ягонагӣ ва ба ҳам зидҳо, инкори инкор дохил мешаванд.

**4. Қонуният чист?**

Қонуният гуфта мафҳуми дарбаргирандаи муҳтавои қонунро мегӯянд. Тафовут дар он аст, ки мафҳуми қонун мушаххасиеро ифода мекунад, вале қонуният аз раванди робитаҳо, яъне ҳамон робитаҳое, ки дар таърифи қонун овардем, робитаҳои зарурӣ, моҳиятан муҳим, такрорёбанда, устувор ва воқеан мавҷудаи ҳодисаҳои олам, ҳаёти ҷомеа ва маърифат, ки дар асоси он пайдоиш, тағйирёбӣ ва рушди ҳодисот маънидод карда мешаванд, ифода мекунад.

**4. Кадом мутафаккир аввалин маротиба мафҳуми фалсафаро ба маънии дарёфти ҳақиқат истифода карда буд?**

Мафҳуми фалсафа ба ин маънӣ аввалин маротиба аз ҷониби мутафаккири Юнони Қадим Пифаҳор (нимаи дувуми асри VI – ибтидои асри V то милод) истифода шуда буд.

**5. Мақсади асосии илми фалсафа аз чӣ иборат аст?**

Мақсади асосии илми фалсафа аз маърифат ва дарёфти ҳақиқат дар бораи олам, инсону ҷомеа ва олами маънавӣ иборат аст, ки вай, дар айни ҳол, ташаккулдиҳандаи ҷаҳонбинӣ низ мебошад.

**6. Ҷаҳонбинӣ чист?**

Агар ҷавобро дар шакли ҷамъбастӣ ва мухтасар ифода кунем, дар он сурат ҷаҳонбиниро ҳамчун мафҳуми ифодакунандаи тасаввуроти умумии инсон дар бораи олами ҳастӣ, ки дар асоси маҷмуи донишҳои устуравӣ, динӣ ва фалсафӣ ба вуҷуд омадаву ташаккул меёбад, таъбир кардан мумкин аст. Ин таъриф муҳтавои сатҳҳои таърихии ҷаҳонбиниро дар бар мегирад. Одатан, ҳама гуна таъриф аз ифодаи моҳияти куллии мафҳум иборат мешавад ва тамоми ҷонибҳои мавзуъро дар бар гирифта наметавонад. Бинобар ин мафҳумҳои гуногун аз ҷониби муҳаққиқон дар шаклҳои гуногун таъриф карда мешаванд ва дар ин раванд кадом як ягонагиро пайдо кардан душвор аст. Дар ин масъала ҳидояти муаллиф аз он иборат мешавад, ки омӯзанда ба аз ёд кардани

таърифи маҳдуд нашуда, онро батафсил меомӯзад. Таъриф ҳамчун як мадхале, воридшавие шуда метавонад. Чунончи, мо дар таърифи мазкури мухтасари ҷаҳонбинӣ се сатҳи таърихан ташаккулёфтаи ҷаҳонбиниро ифода кардем. Агар ин таърифро ҳамчун мадхал пазируфта бошем, пас, аз мо тақозо карда мешавад, ки ҳар як шакли таърихии ҷаҳонбиниро дар алоқамандӣ бо давраҳои ташаккулёбиаш биомӯзем.

**7. Ҷаҳонбиниро усулан ба кадом сатҳҳо тақсим мекунанд?**

Ҷаҳонбиниро, чун дар таърифи мухтасари дар боло оварда қайд кардем, усулан ба се сатҳ тақсим мекунанд: 1) ҷаҳонбинии устуравӣ; 2) ҷаҳонбинии динӣ ва 3) ҷаҳонбинии фалсафӣ.

**8. Ҷаҳонбинӣ боз ягон шакли дигари тақсимбандӣ дорад?**

Ҷаҳонбиниро дар алоқамандӣ ба равияҳои фалсафӣ ба: 1) ҷаҳонбинии материалистӣ (моддагароӣ) ва 2) ҷаҳонбинии идеалистӣ (руҳгароӣ) низ тақсимбандӣ менамоянд.

**9. Ҷаҳонбиниро боз чӣ гуна тақсимбандӣ кардан мумкин аст?**

Ҷаҳонбиниро ҳамчунин дар алоқамандӣ ба соҳаҳои мушаххаси илм низ тақсимбандӣ мекунанд. Масалан, ҷаҳонбинии физикӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра. Бояд донист, ки чунин тақсимбандиҳо хусусияти нисбӣ дошта, нисбати ягон равия ва ё соҳаи илм сурат мегиранд. Дар сатҳи умумиятдошта бошад, ҳамон се сатҳе, ки дар боло зикр кардем, дуруст аст.

**10. Фалсафа дар ташаккули ҷаҳонбинӣ кадом мақомро ишғол мекунад?**

Фалсафа дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ҳамчун илми омӯзандаи усул ва қонуниятҳои оламу инсону ҷомеа ва ҳаёти маънавии он, дар асоси вазифаҳои иҷрокунандааш, мақоми меҳвариро ишғол менамояд.

**11. Мумкин аст, ки фалсафаро ҳамчун ҷаҳонбинӣ муаррифӣ кунем?**

Бале, фалсафа яке аз шаклҳои таърихан ташаккулёфтаи ҷаҳонбинӣ маҳсуб меёбад, вале на ҳамаи шаклҳои он. Бинобар

ин фалсафаро ҳам ҳамчун ҷаҳонбинӣ ва ҳам ҳамчун меҳвари ҷаҳонбинии шаклҳои дигар маънидод кардан мумкин аст.

**12. Кадоме аз мафҳумҳои зерин: “ҷаҳонбинӣ” ё “фалсафа” мафҳуми умумитар ба шумор меравад?**

Мафҳуми ҷаҳонбинӣ нисбат ба мафҳуми фалсафа умумитар мебошад, зеро мафҳуми ҷаҳонбинӣ ҳам ҷаҳонбинии фалсафӣ ва ҳам шаклҳои дигари ҷаҳонбиниро дар бар мегирад.

**13. Фалсафа доираи мавзуъҳои гуногунро меомӯзад. Оё мумкин аст, ки масъалаи асосии омӯзиши фалсафаро муайян кунем?**

Бале, фалсафа доираи мавзуъҳои гуногунро меомӯзад, вале дар байни онҳо масъалае ҳаст, ки онро масъалаи асосии омӯзиши фалсафа қарор додаанд. Моҳияти ин масъаларо пурсиши *чӣ аввалин аст: олами моддӣ ё олами руҳӣ*, яъне модда аввалин аст ё руҳ, муайян менамояд. Чун баъдтар хоҳем дид, олами ҳастӣ худ аз маҷмуи воқеиятҳои моддӣ ва маҷмуи воқеиятҳои маънавӣ (руҳӣ) иборат аст. Дар олам чизи дигаре нест ва шуда наметавонад. Бинобар ин муайян кардани масъалаи муносибати руҳ ба ҳастӣ, ҳамчун масъалаи асосии омӯзиши фалсафа эътироф гардидааст. Масъалаи асосии фалсафа ду ҷиҳат дорад – ҷиҳати онтологӣ ва ҷиҳати гносеологӣ. Аввала, мавзуи ҳастиро баррасӣ менамояд ва таълимот дар бораи ҳастӣ ба шумор меравад. Дувумӣ мавзуи маърифати ҳастиро мавриди баррасӣ қарор медиҳад ва таълимот дар бораи маърифат ба шумор меравад, ки ҳар яке аз онҳоро минбаъд батафсил таҳқиқ хоҳем кард.

**14. Дар фалсафа чанд равияи асосӣ таърихан ташаккул ёфтааст?**

Дар таърихи фалсафа дар асоси чигунагии ҳалли масъалаи асосии фалсафа ду равияи асосӣ – материализм (моддагароӣ) ва идеализм (руҳгароӣ) ташаккул ёфтааст, ки тамоми ақидаҳо дар ниҳояти амр шомили ҳамин ду равия мегарданд.

**15. Асоси ба вуҷуд омадани равияҳои материалистӣ (моддагароӣ) ва идеалистӣ (рухгароӣ) аз чӣ иборат аст ё ба чӣ алоқамандӣ дорад?**

Асоси ба вуҷуд омадани равияҳои номбаршуда, чун дар боло зикр кардем, ба ҳалли масъалаи асосии фалсафа алоқамандӣ дорад, яъне аз эътироф ва маънидод кардани нахустасоси олам ҳар ду равияи мазкур ба вуҷуд омадааст. Чунончи, мутафаккироне, ки нахустасоси оламро аз модда ва заминаҳои моддидошта маънидод мекунанд, ба равияи материалистӣ (моддагароӣ) дохил мешаванд ва онҳое, ки нахустасоси оламро аз руҳ, идея ва заминаҳои руҳидошта маънидод мекунанд, ба равияи идеалистӣ (руҳгароӣ) дохил мешаванд.

**16. Материализм ва идеализм таърихан дар як шакл ва ё дар шаклҳои гуногун вуҷуд доранд?**

Ҳам материализм ва ҳам идеализм дар шаклҳои гуногуни таърихан бавуҷудомада арзи вуҷуд мекунанд ва ҳар яки онҳо хусусиятҳои хос дорад.

**17. Шаклҳои таърихан бавуҷудомада ва ташаккулёфтаи материализм кадомҳоянд?**

Материализм аз шаклҳои таърихан бавуҷудомадаи зерин иборат мебошад:

1. Материализми (моддагароии) Юнони Бостон, ки нахустин шакли материализм буда, мавҷудияти оламро бе алоқамандӣ ба шуур ва аз нахустасосҳои моддӣ маънидод менамояд. Ин шакли материализмро материализми содалавҳ низ мегӯянд. Намояндагони машҳури ин шакли материализм Фалес, Анаксимен, Анаксимандр, Гераклит, Левкипп, Демокрит маҳсуб меёбанд.

2. Материализми механистӣ, ки дар даврони Нави Аврупо ташаккул ёфта, мақсади асосиашро ба омӯзиши табиат бахшидааст. Омӯзиши табиатро дар асоси қонунҳои, дар ҳамон давра маъмули табиатшиносӣ – механика ба роҳ монда будааст ва дар олам ба вуҷуд омадани ҳама гуна тағйиротро дар асоси ҳаракати механикӣ маънидод мекардааст. Намояндагони машҳури ин шакли материализм Г. Галилей, Ф. Бэкон, Ҷ. Локк, Ж. Ламетри, К. Гелветсий буданд.

3. Материализми диалектикӣ, ки инкишофи оламро дар доираи робитаҳои байниҳамдигарии мутақобилан доимии ашё ва ҳодисаҳо маънидод мекунад. Ин шакли материализм ба

КИТОБХОНАИ
Донишгоҳи технологии
Тоҷикистон
БИБЛИОТЕКА
Технологического университета
Таджикистана

саромадони фалсафаи марксистӣ К. Маркс ва Ф. Энгелс тааллуқ дорад.

4. Материализми босубот (мураттаб), ки ҳама ҳодисоти оламро, чи ба табиат алоқамандӣ дошта бошад ва чи ба инсону ҷомеа, дар асоси усули моддагароӣ таҳқиқ менамояд. Ин шакли материализм низ ба фалсафаи марксистӣ алоқамандӣ дорад.

5. Материализми бесубот (номураттаб, номуназзам), ки дар он дарки моддагароӣ дар масъалаҳои маънидоди ҳаёти ҷомеа ва раванди таърихӣ вуҷуд надорад. Ин масъаларо дар фалсафаи Л. Фейербах пайдо кардан мумкин аст.

Дар таърих як шакли дигари дорои хусусияти хоси материализми мазкур низ вомехӯрад, ки онро деизм (аз лотинӣ деус – худо) меноманд. Мувофиқи таълимоти намояндагони ин шакли материализм, илова ба эътирофи олами моддӣ, мавҷудияти Худо низ эътироф мегардад, вале вазифаи Он (Худо) хеле поён фароварда мешавад ва бо офаридани олами моддӣ ва ба вай додани такони аввалини ҳаракат маҳдуд карда мешавад. Намояндагони ин шакл Ф. Бэкон, Ҷ. Толанд, Б. Франклин, М. В. Ломоносов мебошанд.

6. Материализми вулгарӣ (дурушт), ки шуурро ба материя (модда) алоқаманд карда дар ягонагӣ бо он маънидод менамояд. Намояндагони ин шакли материализм Фохт, Молешотт, Бюхнер буданд. Онҳо чунин таълим медоданд, ки шуур маҳсули мағзи сар мебошад, аммо он, яъне шуур, модда аст ва онро мағзи сар, ба мисли он ки ҷигар аз худ заҳра ҷудо мекунад, ҷудо менамояд.

**19. Шаклҳои таърихан ташаккулёфтаи идеализм (рӯҳгароӣ) кадомҳоянд?**

Ба шаклҳои таърихан ташаккулёфтаи идеализм шаклҳои зерин дохил мешаванд:

1. Идеализми объективӣ (воқеӣ), ки ҳастии оламро дар асоси рӯҳ, идея, маънидод менамояд. Ин шакли идеализмро барои он идеализми объективӣ меноманд, ки намояндагони он асоси оламро аз созмондиҳандаҳои идеалӣ, рӯҳии воқеан, яъне объективан вуҷуддошта, маънидод мекунанд. Намояндагони ин шакли идеализм дар фалсафаи антиқа – Афлотун, дар фалсафаи Асрҳои Миёна – Фомаи Аквинӣ, дар фалсафаи классикии Олмон – Гегел ба шумор меравад.

2. Идеализми субъективӣ (мансуб ба шахс), ки ҳастии олам ва ҳама гуна ҳодисоти онро ба шуури шахсии инсон, ба эҳсосоти шахсии инсон алоқаманд мекунад. Намояндаи машҳури ин шакли идеализм Ҷ. Беркли мебошад.

Шохаи дигари канорагии ин шакли идеализмро, ки ҳастӣ ва ҳама ҳодисоти онро танҳо ба шуур ва эҳсоси як шахс, чунончи, “Ман” алоқаманд мекунад, солипсизм (аз лотинӣ солус – як, ягона ва ипсе – худ, худам) мегӯянд. Мувофиқи таълимоти солипсизм, танҳо бо итминон гуфтани он имконпазир аст, ки “Ман” ва эҳсосоти ман вуҷуд дошта метавонанд. *Яъне, Ман нестам, эҳсосоти Ман нестанд, пас ҳеҷ чиз нест.*

Дар доираи шаклҳои мазкури идеализм боз навъҳои андаке фарқкунанда, ба мисли *ратсионализм (эътимод ба ақл, ақлгароӣ),* ки тибқи таълимоти вай, асоси ҳама гуна мавҷудият ва маърифати онро ақл ташкил мекунад, ба шумор меравад.

Яке аз ҷараёнҳои шакли мазкурро *панлогизм* (аз юнонӣ пан – ҳама чиз ва логос – ақл, дониши мантиқӣ низ гуфтан мумкин аст) мегӯянд. Мувофиқи таълимоти ин ҷараён ҳама гуна мавҷудот таҷассуми ақл буда, қонунҳои ин мавҷудият бошад, тавассути қонунҳои мантиқ муайян карда мешаванд. Машҳуртарин намояндаи ин ҷараён файласуфи маъруфи асри XIX Олмон Гегел мебошад.

Ҷараёни дигари идеалистии дар таърихи инкишофи афкори фалсафӣ ташаккулёфтаро *ирратсионализм* (аз лотинӣ ирратионалис – ноақилона, бешуурона) мегӯянд. Ин ҷараён ҳама гуна имконияти оқилона, бошуурона ва мантиқии маърифатро инкор мекунад. Усули ягонаи маърифатро дар инстинкт (азбаркунии бешуурона), боварӣ (имон), ваҳй ва амсоли онҳо мебинад. Ҳастиро бошад, ҳамчун мавҷуди дурушти бешуурона, ноақилона маънидод мекунад. Намояндагони машҳури ин ҷараён файласуфони Ғарб С. Киеркегор, А. Бергсон, М. Ҳайдеггер мебошанд.

**20. Дар атрофи масъалаи нахустасоси ҳастӣ дар таърихи фалсафа кадом назарияҳо ташаккул ёфтаанд?**

Дар ҳалли масъалаи нахустасоси [2] ҳастӣ дар таърихи фалсафа, назарияҳои зерин ташаккул ёфтаанд:

1. Назарияи фалсафие, ки *монизм* (аз юнонӣ монос – як, ягона) ном дорад. Мувофиқи таълимоти ин назария, асоси оламро як мабдаъ, як нахустасос ташкил мекунад, ки ба он ё нахустасоси моддӣ ва ё нахустасоси руҳӣ, идеалӣ дохил мешавад. Бинобар ин монизм, вобаста ба эътирофи нахустасосҳои мазкур, ё монизми материалистӣ ва ё монизми идеалистӣ мешавад.

2. *Дуализм* (аз лотинӣ дуалис – дуасоса). Назарияи дигари таърихан ташаккулёфта дар фалсафа буда, таълим медиҳад, ки нахустасоси оламро ду мабдаъ ташкил мекунад. Яке аз онҳо мабдаи руҳӣ ва дигаре мабдаи моддӣ. Чунончи, мутафаккири фаронсавӣ Р. Декарт ақида дошт, ки асоси ҳастиро ду мабдаи мустақили баробарвазн: руҳи тафаккуркунанда (дар ниҳояти амр–Худованд) ва имтидод, яъне, ашёҳои ба дарозо ҷойгиргардида, ки моддаро дар назар дорад, ташкил мекунад.

3. *Плюрализм* (аз лотинӣ плуралис – бисёрасосӣ), ки якчанд ё теъдоди зиёди нахустасосро эътироф мекунад. Ақидаҳои мутафаккирони Бостон, ки нахустасоси оламро аз хоку обу ҳавову оташ ва ашёи дигар маънидод мекарданд, ба ин назария дохил шуда метавонанд.

---

[2] Мафҳуми "нахустасос"-ро мо ба маънии "субстансия"-и аврупоӣ истифода кардем. Мафҳуми мазкур ҳам дар адабиёти аҷдоди гузаштаамон ва ҳам дар таҳқиқоти муҳаққиқони муосири тоҷик тавассути вожаи "ҷавҳар" ифода гардидааст, ки, ба назари мо, начандон дуруст аст, зеро "ҷавҳар" аз маънии моҳият шаҳодат медиҳад. Вақте нахустасос мегӯем, аввалан, ба хонандаи тоҷик маънии ифодашаванда фаҳмо мешавад ва дувум, нахустасос ҳамон ҳомилест, "борбардорест", ки моҳият низ ба он алоқамандӣ дорад. Яъне, ҳамагуна моҳият заминаи, ҳомили, "борбардори" худро бояд дошта бошад. Бинобар ин нахустасос ифодакунандаи маънии субстансияи аврупоиро дорад, ки субстансия низ дар фалсафаи аврупоӣ ба ҳамин маънӣ истифода карда мешавад.

**21. Маълум аст, ки ҳар як соҳаи илм вазифаҳои муайянро иҷро мекунад. Оё фалсафа ҳам вазифаҳои мушаххаси худро дорад?**

Бале, фалсафа низ вазифаҳои мушаххаси худро дорад, ки онҳо аз вазифаҳои зерин иборат мебошанд:

а) вазифаи ташаккулдиҳандагии ҷаҳонбиниро адо менамояд. Дар ин бора дар саволҳои болотар ҷавоби муфассал дода будем. Бори дигар қайд мекунем, ки фалсафа меҳвари ҷаҳонбинӣ маҳсуб меёбад. Ҷаҳонбиниро дар сатҳи илмиаш танҳо тавассути фалсафаи илмӣ ташаккул додан мумкин аст;

б) фалсафа вазифаи ташаккули тафаккури назариявӣ ва дарёфти ҳақиқатро низ ба уҳда дорад, ки он низ яке аз вазифаҳои муҳимтарини фалсафа ба шумор меравад;

в) фалсафа вазифаи интиқодиро низ анҷом медиҳад. Яъне, ба тамоми дастовардҳои илмӣ ба чашми интиқодӣ назар мекунад ва баҳри боз ҳам рушд ва тавсеа ёфтани онҳо даъват мекунад, ки он пажӯҳишгаронро водор ба идомаи таҳқиқот менамояд. Фалсафа ин вазифаашро дар асоси эътирофи бекаронагии маърифат анҷом медиҳад;

г) фалсафа вазифаи аксеологиро (аз юнонӣ аксиос – арзишмандӣ) ба уҳда дорад, ки тибқи ин вазифа, фалсафа ба ҳама ҳодисот, махсусан ҳодисаҳое, ки дар ҷомеа ба вуқуъ мепайванданд, бар асоси арзишмандиашон баҳо медиҳад ва баду некро таҷзия мекунад. Дар ҳамин асос роҳи дурусти инкишофи ҷомеаро ҳидоят менамояд;

д) фалсафа вазифаи иҷтимоиро низ ба уҳда дорад, ки тибқи он метавонад чигунагии ҳастии ҷомеаро маънидод намояд ва баҳри боз ҳам беҳтар кардани мавҷудият, беҳтар кардани заминаҳои ҳастии моддӣ ва маънавии он раҳнамо бошад;

е) вазифаи инсондӯстонаи фалсафа, ки ба вазифаи иҷтимоӣ робитаи ногусастанӣ дорад низ яке аз муҳимтарин вазифаҳои фалсафа ба шумор меравад. Мувофиқи ин вазифааш, фалсафа барои дар ҷомеа ташаккул ёфтани арзишҳо ва ормонҳои инсондӯстона, мақсаду мароми эҷобии созанда нисбат ба ҳаёт ва зиндагӣ мусоидат мекунад ва расидан ба сатҳи волои фарҳангро тарғиб менамояд. Ин вазифаи фалсафа дар сатҳи имрӯзаи инкишофи ҷомеа, ки инсониятро ба ҳадди будан ё набудан расонидааст, аҳамияти хеле калон дорад.

ж) ниҳоят, фалсафа илми омӯзандаи усул ва қонуниятҳои умумитарини ҳастӣ буда, вазифаи методологиро ичро менамояд, яъне фалсафаро ба ин маънӣ раҳнамоилм гуфтан мумкин аст, зеро вай барои тамоми илмҳои соҳаҳои дигар усули пажӯҳиш ва маърифатро нишон медиҳад.

**22. Методология чист?**

Методология аз ду калимаи юнонӣ - метод ва логос таркиб ёфтааст, ки маъниаш таълимот дар бораи метод, усул мебошад. Таълимот дар бораи роҳҳо ва қоидаҳои таҳқиқи олам ва маърифати он ба шумор меравад.

**23. Метод гуфта чиро мегӯянд?**

Дар зери ин мафҳум маҷмуи қоидаҳо, роҳҳо ва тарзҳои азбаркунии амалия ва назарияи воқеиятро мефаҳманд. Чун маълум аст, барои иҷрои ҳар як амал, ҳатман роҳ ва усули муайян лозим аст. Агар роҳу усули дурусти иҷро набошад, кор ба дурустӣ ҳал намешавад. Ба гуфти Ф. Бэкон, метод чароғест, ки роҳи инсонро дар торикӣ рӯшан мегардонад. Ба ин масъала минбаъд, дар саволу ҷавоб дар атрофи мавзуи назарияи маърифат, таваҷҷуҳи бештар зоҳир хоҳем кард.

**24. Азбаски фалсафа усул ва қонуниятҳои умумитаринро меомӯзад, шояд методҳои махсуси худро низ дошта бошад ва онҳо аз кадом методҳои умумӣ иборат мебошанд?**

Бале, фалсафа методҳои худро дорад. Дар таърихи фалсафа ду методи хусусияти умумидошта ташаккул ёфтааст, ки онҳо аз методҳои зерин иборат мебошанд:

а) методи диалектикӣ – таълимот дар бораи қонуниятҳои умумитарин ва усулҳои инкишофи ҳастӣ ва маърифат буда, ҳама гуна тағйиротро дар доираи робитаҳои мутақобила ва байниҳамдигарии олами ҳастӣ ва маърифат маънидод мекунад;

б) методи метафизикӣ – дар раванди омӯзиш ҳодисаҳои воқеиятро аз ҳамдигар ҷудо мекунад ва дар ҷудоии робитаҳои онҳо таҳқиқот мебарад. Ин метод ба илми механика ва ҳаракати механикӣ такя мекунад, ки дар ниҳояти амр пажӯҳишгарро ба такондиҳандаи аввалин оварда мерасонад, яъне ҳаракат ботинӣ набуда, балки аз берун оварда мешавад.

Дар асоси ин метод ҷавобҳо танҳо “ҳа” ё “не” шуда метавонанд.

**25. Диалектика чӣ маънӣ дорад?**

*Диалектика* калимаи юнонӣ буда, маънии луғавиаш ҳунари оростани суҳбат, баҳс мебошад. Маънии илмиаш таълимот дар бораи робитаҳои куллӣ ва инкишоф маҳсуб меёбад, яъне ҳама тағйироте, ки дар олами ҳастӣ ба вуқуъ мепайванданд, миёни ҳамдигар робитаҳои мутақобилаи ногусастанӣ доранд ва дар доираи ҳамин ба ҳамдигар алоқамандиҳои онҳо ҳама гуна тағйир ва рушд арзи вуҷуд мекунад. Диалектикаро таълимот дар бораи инкишоф низ гуфтан мумкин аст.

**26. Мафҳуми метафизика чиро ифода мекунад?**

*Метафизика* калимаи юнонӣ буда, маънии луғавиаш пас аз физика, фавқуттабиӣ (берун аз табиат, пас ё болои табиат ва ғайра) мешавад. Маънии илмиаш таълимот дар бораи “воқеоти” фавқулҳиссӣ, кадом як ҳастии эҳсоснашаванда ба шумор меравад. Метафизикаро дар назария фалсафаи транстсендентӣ, яъне фавқуттабиӣ меноманд. Масалан, мушкилаи таҳқиқи масъалаҳои марбут ба Худо ба метафизика иртибот дорад.

**27. Оё методи диалектикӣ танҳо ба материализм тааллуқ дорад?**

Не, методи диалектикиро ҳам материализм ва ҳам идеализм истифода мекунад. Масалан, материализми марксистӣ ба методи диалектикӣ асос ёфта буд ва идеализми объективии Гегел низ дар асоси ҳамин метод ташаккул ёфтааст.

**28. Оё фалсафаро илм гуфтан мумкин аст?**

Бале, фалсафа яке аз муҳимтарин илмҳои назариявии ҷамъбасткунандаи дастовардҳои илмҳои соҳаҳои гуногун ва яке аз шаклҳои шуури ҷомеавӣ ба шумор рафта, дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи маълумоти илмҳои соҳаҳои алоҳида ва таҳлилоти бевоситаи фалсафӣ нисбат ба олами ҳастӣ ва фарҳанги башарӣ ташаккул ёфтааст.

**29. Оё фалсафа бо дигар илмҳо робита дорад?**

Бале, фалсафа ба тамоми соҳаҳои илм робитаи ногусастанӣ дорад, ҳамчун асоси методологии онҳо, ҳамчун раҳнамоилм хидмат мекунад. Илмҳои дигар бошанд, барои фалсафа ҳамчун соҳаҳои омодакунандаи маводи таҳлилӣ ба шумор мераванд. Фалсафа ва илмҳои соҳаҳои дигар такмилдиҳандаи ҳамдигар мебошанд ва дар робитаи байниҳамдигарӣ рушд мекунанд.

**30. Донишҳои фалсафӣ ва муносибат ба онҳо якранганд ё аз ҳамдигар фарқ мекунанд?**

Донишҳои фалсафӣ гуногунранганд ва муносибат ба мавзуи фалсафа низ бо андешаҳои гуногун ифода мегарданд ва хусусияти плюралистӣ (бисёрандешӣ) доранд.

**31. Оё назарияҳои фалсафӣ аз ҳамдигар куллан фарқ мекунанд ё онҳо умумияте ҳам доранд?**

Сарфи назар аз он ки назарияҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд, вале баъзе ҷиҳатҳои умумӣ низ доранд, ки онҳоро муттаҳид мекунанд. Ба ин умумиятҳои муттаҳидкунанда соҳаҳои зерин дохил мешаванд:

а) тадқиқи масъалаҳои умумии ҳастӣ – ҳастии моддӣ ва маънавӣ, ҳастии табиат, ҷомеа ва инсон;

б) баррасии масъалаҳои умумии маърифат – оё олам донисташаванда ё донистанашаванда, ҳақиқат чист ва чӣ гуна ба даст овардани он мумкин аст;

в) таҳқиқи масъалаҳои умумии мавҷудият ва инкишофи ҷомеа – масъалаҳои фалсафаи иҷтимоӣ;

г) масъалаҳои умумӣ ва моҳиятан муҳими омӯзиши инсон – фалсафаи антропологӣ, ки ибтидо ва интиҳои фалсафа ба таври умум ба ҳамин масъала бахшида мешавад.

**32. Онтология чӣ маънӣ дорад?**

*Онтология* калимаи юнонӣ буда, ҳам маънии луғавиаш ва ҳам илмиаш таълимот дар бораи ҳастӣ мебошад. Ҳастӣ мафҳумест, ки тамоми воқеияти моддӣ ва маънавиро дар бар мегирад.

**33. Гносеология чиро ифода мекунад?**

*Гносеология* низ калимаи юнонӣ буда, маънии луғавиаш таълимот дар бораи дониш мебошад ва дар маънии илмӣ назарияи маърифатро ифода мекунад.

**34. Антропология чист?**

*Антропология* аз калимаи юнонӣ буда, таълимот дар бораи инсон, инсоншиносӣ мебошад.

**35. Догматизм чист?**

*Догма* аз калимаи юнонӣ буда, маънии луғавиаш андеша, фикр, таълимот мебошад. Ин вожа дар илм барои ифода кардани таълимоте ё ягон қисмати таълимоте ё ҷузъе аз таълимоте, ки ҳамчун ҳақиқати мутлақ, бе ягон далели исботкунанда, эътироф карда мешавад, истифода мегардад. Ба ин гуна "ҳақиқат" боварии динӣ ё кӯр-кӯрона, боварӣ ба ақидаҳои кадом як пешво, ҳизби раҳбарикунандаи ҷомеа, ҳукуматҳои ғайридемократӣ ва ғайра дохил мешаванд.

**36. Оё донишҳои ғайриилмӣ низ мешаванд?**

Бале, аз замонҳои қадим то ба имрӯз дар ҷомеа ба ном донишҳое амал мекунанд, ки онҳоро донишҳои атрофи илм мегӯянд. Ба онҳо донишҳои зиддиилмӣ, донишҳои дурӯғин, ки донишҳои козиб ҳам мегӯянд, ба монанди астрология, "илмҳои" ғайбу ғариба (оккултӣ), сеҳр, ҷоду ва амсоли онҳо дохил мешаванд.

**37. Магар ба чунин падидаҳо, мисли донишҳои козибе, ки дар боло қайд кардем, дар ҷомеа зарурате ҳаст?**

Бале, дар ҷомеа ба онҳо зарурат ҳаст. Чунончи, дар лаҳзаҳои мураккаби ҳаёт инсони ба душворӣ дучоргардида осонтарин роҳи ба худ таскин бахшиданро дар муроҷиат ба Худованд, ба хидмати ситорашиносу амсоли он мебинад ва мунтазири меҳрубонии худовандӣ мешавад. Тавассути чунин муроҷиаташ асаби худро ором мекунад, дилашро таскин мебахшад, яъне асабашро муолиҷа менамояд. Бинобар ин мавҷудияти донишҳои атрофи илмӣ дар ҷомеа зарурат пайдо мекунанд ва одамон аз хидмати онҳо истифода мебаранд.

## БОБИ 2. ФАРҲАНГ ВА ПЕШОФАЛСАФАИ АҲДИ БОСТОН

**38. Ба марказҳои фарҳангӣ ва пешофалсафии Бостон кадом минтақаҳои олам дохил мешаванд?**

Ба ин марказҳо Ҳиндустон, Чин, Миср, Бобулистон, Эрон, Юнон ва Рими Бостон дохил мешаванд, ки дар онҳо нахустин афкори пешофалсафӣ дар шакли устура пайдо ва ташаккул ёфтааст.

**39. Устура чист?**

Устура, ки шакли ҷамъаш асотир мебошад, ифодакунандаи ривоятҳои афсонавӣ ба шумор меравад. Устура шакли нахустини ҷаҳонбинии инсон буда, дар он тасаввуроти афсонавӣ дар бораи олам, худоён, қаҳрамонҳо, деву париҳо, қувваҳои некиву бадӣ, рӯшноиву торикӣ ва ғайра ба таври тасвири бадеиву хаёлӣ инъикос мегарданд.

**40. Оё устура танҳо ба давраҳои ибтидоии инкишофи инсоният тааллуқ дорад?**

Не, устура дар давраҳои ибтидоии ташаккул ва инкишофи инсоният ба вуҷуд омада, мавҷудияти худро то замони муосир нигоҳ доштааст ва минбаъд низ нигоҳ хоҳад дошт, зеро вай яке аз унсурҳои тасвири бадеӣ дар адабиёт ва ҳунар ба шумор меравад. Парвози хаёл ва тафаккури инсон ба истифода аз устура ниёз дорад.

**41. Устура дар пайдоиши фалсафа чӣ гуна нақшро бозидааст?**

Нақши устура дар пайдоиши фалсафа аз он иборат аст, ки вай нахустзаминаи маънавии фалсафа ба шумор меравад ва ҳамон масъалаҳое, ки минбаъд фалсафа мавзуи баррасии худ қарор медиҳад, дар шакли тасвирҳои хаёлӣ дар устура гузошта шуда буданд.

Устура дар ҳама марказҳои тамаддунии инсоният ба вуҷуд омада, муҳтавои он дар китобҳои динии давр гирд оварда шуда буд. Чунончи, ривоятҳои устуравии Ҳиндустони Қадим дар китоби динии давр "Ведаҳо" инъикос гардида буданд.

**42. "Ведаҳо" гуфта чиҳоро меноманд?**

Ведаҳо маҷмуаи сурудаҳо ба шарафи худоён маҳсуб меёбанд. Калимаи "веда" аз забони ҳиндувони қадим дониш, донишварӣ тарҷума мешавад.

**43. Таълимоти динии Ҳиндустони Қадимро чӣ меноманд?**

Таълимоти динии Ҳиндустони Қадимро браҳмания, яъне таълимоти браҳманҳо меноманд, ки он дар таълимоти худ ба Ведаҳо такя мекунад.

**44. Адабиёти ба Ведаҳо марбута кадом марҳиларо дар бар мегирад?**

Адабиёти мазкур марҳилаи аз ҳазораи дувум то асри VI то милодро дар бар мегирад.

**45. Самҳитҳо гуфта чиҳоро мегӯянд?**

Самҳитҳо гуфта маҷмуаҳои қадимтарини Ведаҳоро мегӯянд, ки онҳо ба чаҳор самҳит тақсим мешаванд: Ригведа, Яҷуверда, Самаведа ва Атҳарваведа.

**46. Қисмати хотимавии Ведаҳоро чӣ мегӯянд?**

Қисмати хотимавии Ведаҳоро Упанишадаҳо меноманд, ки маънии луғавиаш нишастан дар паҳлӯи устод мешавад. Ин қисмати Ведаҳо рисолаҳои диниву фалсафиро дар бар мегирад, ки барои фалсафа аҳамияти калон доранд.

**47. Дар таълимоти динии "браҳман" ва "атман", кадом нақшро браҳман ва кадом нақшро атман мебозад?**

Дар Упанишадаҳо браҳман ҳамчун нахустасоси ҳастӣ нақш мебозад, ки вай руҳи ҷаҳонии бешахс ва умумиоламӣ, ибтидои руҳӣ буда, аз вай олам ба тамомият ва унсурҳояш ба вуҷуд меояд. Атман бошад, руҳи фардӣ, ибтидои руҳонии шахсии "Ман" ба шумор меравад. Браҳман ва атман дар ягонагӣ вуҷуд дошта, браҳман дар фард худро мешиносад ва ба атман

мегузарад ва тавассути атман боз ба браҳман интиқол мешавад, яъне браҳман – нахустасоси руҳии олам, атман – нахустасоси фард мебошад. Аз браҳман – нахустасоси олам атман ба вуҷуд меояд ва атман дар ниҳояти кор боз ба браҳман интиқол меёбад. Ҳамин тавр, онҳо дар ҷараёни баҳамдигаргузарӣ вуҷуд доранд, ки онро дар ифодаи яке аз қонунҳои диалектика ягонагии баҳамзидҳо мушоҳида кардан мумкин аст.

**48. Моҳияти таълимоти "сансара" ва "карма" аз чӣ иборат аст?**

Сансара таълимотест, ки мувофиқи он, инсон дар раванди ҳамешагии аз нав тавлидёбӣ буда, аз нав тавлидёбии он ба талаботи қонунҳои карма тааллуқ дорад. Тибқи тақозои қонунҳои карма инсон дар сурате аз нав тавлид меёбад, ки вай дар зиндагии пешинааш корҳои накӯ карда бошад. Инсонҳое, ки дар зиндагиашон корҳои накӯ мекунанд, дар азнавтавлидёбии ояндаашон метавонанд ба сифати намояндаи варнаи (табақаи) болоӣ, ки ба он браҳманҳо – руҳониён, кшатриҳо – ҷанговарон ва ходимони давлатӣ ё вайшиҳо – заминдорон, косибон ва тоҷирон дохил мешаванд, тавлид ёбанд. Онҳое, ки дар зиндагиашон ба корҳои бад даст зада буданд, ба сифати намояндаи варнаи поёнӣ – шудраҳо тавлид меёбанд. Бинобар ин вазифаи асосии инсон худро озод кардан, ки онро мокша мегӯянд, мебошад. Маънии худро озод кардан дар он аст, ки инсон аз ҳамагуна кайфиятҳои зиндагӣ даст кашида, ҳамеша машғули такомули ахлоқии худ бошад. Чунин аст мухтасари моҳияти ин таълимот.

**49. Моҳияти фалсафаи мактаби "чарвака" аз чӣ иборат аст?**

Чарвака мактаби фалсафии материализми ибтидоӣ буда, давраҳои қадим ва Асримиёнагии Ҳиндустонро дар бар мегирад. Ин таълимот ақидаҳои браҳман, атман, сансара ва кармаро инкор мекунад. Нахустасоси оламро аз чаҳор унсур: хоку обу оташу ҳаво маънидод менамояд. Олами ухравӣ вуҷуд надорад. Олами мавҷуда ягона олам аст. Марг ниҳояти зиндагӣ. Номи ин мактабро локаята низ мегӯянд.

Мувофиқи таълимоти мактаби чарвака асоси назарияи маърифатро дониши ҳиссии олам ташкил мекунад, зеро вай олами моддии таъсиррасонанда мебошад.

Асоси ақидаҳои ахлоқии чарвакаро кайфияти беохир – гедонизм ташкил мекунад. Таълим дода мешавад, ки инсон бояд аз ҳама неъматҳои мавҷуда истифода барад, аз зиндагӣ кайфият барад, зеро марг ҳамаро интизор аст ва вай ниҳояти зиндагист.

**50. "Ҷайнизм" чӣ гуна мактаби фалсафӣ ба шумор меравад?**

Ҷайнизм чунин таълимотест, ки дар маркази таваҷҷуҳи он ҳастии инсон меистад. Асосгузори ин таълимот Маҳавира Вардҳамана (асри VI то милод) мебошад. Инсон аз ду унсур: моддӣ ва руҳонӣ иборат аст. То даме, ки унсури руҳии инсон бо унсури моддии вай якҷоя аст, руҳ ҳамеша дар азобу азият буда, дар натиҷаи аз нав тавлидёбиҳо худро аз унсури моддӣ ҷудо мекунад ва озод мешавад. Акнун руҳ худро идора мекунад ва то ба нирвана – зоҳидӣ мерасад, ки вай мақсади ниҳоии руҳ ба шумор меравад. Меъёрҳои ахлоқии ҷайнизм тақозои даст кашидан аз сарватҳои дунё, моҷароҳо, ҳавову ҳавасҳо, ҳамчунин эҳтиромгузорӣ ба ҳама мавҷудоти зиндаро дорад.

**51. Буддоия кай ва дар куҷо ба вуҷуд омадааст?**

Буддоия дар асри VI то милод дар Ҳиндустони Бостон ба вуҷуд омадааст. Асосгузори буддоия шоҳписари ҳинду Сиддҳартҳа Гаутама, ки минбаъд номи Буддоро мегирад, ба шумор меравад.

**52. Моҳияти таълимоти Буддоия дар чист?**

Моҳияти асосии буддоияро ҳастии инсон ташкил мекунад. Барои таъмини ҳастии инсон буддоия ба "чаҳор ҳақиқати накӯ" такя мекунад, ки онҳо ҳақиқатҳои зерин мебошанд:

– мавҷудияти инсон аз рӯзи таваллуд то ба марг бо азият робитаи ногусастанӣ дорад;

– азият сабаби худро дорад. Вай ба завқи зиёди зиндагӣ, ки ба кӯшишҳои зиёди аз нав тавлидёбӣ мебарад, алоқамандӣ дорад;

– имконияти аз азият халосӣ вуҷуд дорад, ки вай ба рафъи сабаби азият, яъне, ба рафъи завқи зиёди зиндагӣ вобаста аст;

– роҳи расидан ба озодӣ аз азият вуҷуд дорад, ки вай ҳам зиндагиро ва ҳам роҳи зуҳдӣ ва худазиятдиҳиро инкор мекунад.

Хулоса, аз азият озодшавии инсон мақсади ниҳоии буддоия мебошад ва чаҳор роҳе, ки дар боло қайд кардем, мувофиқи таълимоти буддоия, чаҳор роҳи миёнаи халосӣ аз азият ба шумор меравaнд.

Ба меъёрҳои ахлоқии буддоия таҳаммулпазирӣ, сабру тоқат, ба атрофиён зарар наовардан, қаноат кардан ба ҳама гуна ноҷўриҳои зиндагӣ, яъне дар таҳаммул нигоҳ доштани ҳама гуна хоҳишу рағбатҳо ва ғайра, ки дар ниҳояти кор *инсонро ба озодшавӣ – нирвана* мерасонад, дохил мешаванд. *Нирвана* ҳолатест, ки инсонро аз ҳама гуна ҳавову ҳаваси зиндагӣ раҳо мекунад ва инсон ба рўшанӣ мебарояд.

**53. Типитака чист?**

*Типитака*, ки дар забони санскритӣ *трипитака* номида мешавад, маънии луғавиаш се сабат буда, аз маҷмўаи матнҳои буддоия ба забони палӣ иборат мебошад.

**54. Индуизм чист?**

Индуизм (дини ҳиндувонӣ) дар асри V милодӣ дар Ҳиндустон ташаккул ёфта, дар замони ҳозира яке аз динҳои хеле интишорёфтаи ин кишвар ба шумор меравад. Дини мазкур дар натиҷаи муборизаи миёни браҳмания ва буддоия ба вуҷуд меояд. Муваффақияти дини ҳиндувонӣ ба он алоқамандӣ дошт, ки таълимоти вай ба манфиатҳои ҳаёти маънавии тамоми кастаҳои (табақаҳои) Ҳиндустон ҷавобгў буд. Дини ҳиндувонӣ синтези (фушурдаи) динҳои то ба ҳол амалкунанда дар Ҳиндустон буд ва ҳамаи он чи ба талаботи мардуми табақаҳои гуногуни ҷомеа мувофиқат мекард, дар худ нигоҳ дошт. Ҳамчунин вай дарҳои худро ба намояндагони тамоми динҳову оинҳои амалкунанда дар кишвар боз нигоҳ дошт, таҳаммулпазириро пеша кард, ки он сабаби асосии ба муваффақият соҳиб шуданаш буд.

**55. Худои дини ҳиндувонӣ чӣ ном дорад?**

Дини ҳиндувонӣ дини бисёрхудоӣ мебошад. Машҳуртарин ва интишорёфтатарини худоёни дини ҳиндувониро се Худо – Браҳма, Шива ва Вишну мегўянд. Ин худоёнро дар шакли ҷамъ тавассути вожаи тримурти – се худо ифода менамоянд.

**56. Рамаяна чист?**

Рамаяна достони эпикии (қаҳрамонии) Ҳиндустони Бостон ба шумор меравад ва чанд аср пеш аз милод дар шакли катбӣ арзи вуҷуд кардааст ва яке аз сарчашмаҳои фарҳанги Ҳиндустон дар давраи ташаккулёбии дини ҳиндувонӣ ба шумор мерафт. Қаҳрамони асосии ин достон шоҳписар Рама мебошад, ки сарнавишти зиндагии бисёр аҷоиб дорад. Достони мазкур дар байни мардуми Ҳиндустон ҳоло ҳам дар истифодаи мебошад.

**57. Фалсафаи дини ҳиндувонӣ дар куҷо дарҷ ёфтааст?**

Ин фалсафа дар шаш маҷмуа гирд оварда шудааст, ки онҳоро: веданта, миманса, санкҳия, йога, вайшешика ва нияя ташкил мекунанд. Ҳамаи маҷмуаҳои мазкур ба Ведаҳо асос ёфтаанд ва дар ниҳояти кор аз маҷмуаи браҳмания иборат мебошанд. Муҳтавои ҳамаи онҳо аз ҳамдигар кам тафовут дошта, онҳоро ҷустуҷӯйи роҳи наҷот ва расидан ба озодӣ муттаҳид мекунад.

**58. Пайдоиши ақидаҳои пешофалсафии Чини Бостон ба кадом асрҳо алоқамандӣ дорад?**

Ақидаҳои пешофалсафии Чини Бостон дар асрҳои XVIII – XII то милод ба ташаккулёбӣ оғоз мекунад. Дар ин давра дар Чин сулолаи Шан ҳукмронӣ мекард. Дар ҳамин давра тасаввурот дар бораи қувваҳои рӯшанӣ ва торикӣ ташаккул ёфта буданд, ки онҳо нахустин афкори пешофалсафии Чини Бостон ба шумор меравaнд.

**59. "И тзиие" ё "Китоби тағйирот" чӣ гуна китоб аст?**

Ин китоб дар асрҳои XII-VI то милод арзи вуҷуд кардааст. Дар матнҳои китоби мазкур асотири мардуми Чини Бостон гирд оварда шудаанд, ки дар онҳо ду нахустасоси руҳии олам бо мафҳумҳои "Ян"- ифодагари нахустасоси рӯшноӣ ва фаъоли ҷинси мард ва "Ин" - ифодагари нахустасоси торикӣ ва ғайрифаъоли ҷинси зан таъбир карда шудаанд.

**60. “Шу тзин” ё “Китоби таърих” чӣ гуна китоб аст?**

Китоби мазкур дар ибтидои асри I то милодӣ навишта шудааст, ки дар он таълимот дар бораи панҷ нахустасоси моддӣ – об, оташ, чӯб, оҳан ва хок маълумот дода мешавад.

**61. – Конфутсий кӣ буд?**

Конфутсий яке аз донишмандони Чини Бостон ба шумор меравад ва дар байни солҳои 551-479-и то милод умр ба сар бурдааст. Яке аз равияҳои хеле арзишманди фалсафаи Чини Бостон ба номи ӯ машҳур аст, ки онро фалсафаи Конфутсий мегӯянд.

**62. Дар маркази диққати фалсафаи Конфутсий кадом масъала меистад?**

Дар маркази таваҷҷуҳи фалсафаи Конфутсий масъалаи инсон ва одамият меистад. Чунин фалсафаро дар илм антропосентризм – инсонмаркази мегӯянд. Моҳияти асосии фалсафаи Конфутсийро тарбияи инсони идеалӣ ташкил мекунад.

**63. Акидаҳои Конфутсий дар кадом китоб ҷамъоварӣ шудаанд?**

Дар китби “Лун юй”, ки ба тоҷикӣ “Мусоҳибаҳо ва муҳокимаҳо” тарҷума мешавад.

**64. Конфутсий доир ба ҷомеа чӣ гуна ақида дошт?**

Ҷомеаро ҳамчун оилаи бузурги сарҷамъ маънидод мекард. “Бинобар ин, - мегуфт Конфутсий, - муносибати ҳоким ба аъзои ҷомеа бояд ба мисли муносибати падар ба фарзандон бошад”.

**65. Масъалаи назму тартиб дар фалсафаи Конфутсий кадом нақшро мебозиданд?**

Дар тарбияи инсони идеалӣ, Конфутсий ба масъалаи назму тартиб аҳамияти калон зоҳир мекард ва арзишҳои мазкурро ҳамчун меъёр дар муносибатҳои байни одамон маънидод менамуд. Таъкид мекард, ки назму тартиб асоси ягонагии худовандии ҷомеаро таъмин менамояд. Дар доираи назму тартиб қоида ва меъёрҳои муоширатиро низ дохил мекард.

**66. Ақидаи Конфутсий “Роҳи хайрулумури авсатҳо, Роҳи беҳтарин” чӣ маънӣ дорад?**

Хайрулумури авсатҳо маънии онро дорад, ки ҳам дар кори идораи ҷомеа ва ҳам муносибатҳои байниҳамдигарии одамон бояд гузаштканиҳо вуҷуд дошта бошад, ба тундравиҳо чи дар умури идораи ҷомеа ва чи дар муносибати байни одамон имкон дода нашавад. Роҳи хайрулумури авсатҳо, ки онро дар русӣ “Золотая середина” мегӯянд, беҳтарин роҳи ҳам идораи ҷомеа ва ҳам ҳамзистии одамон маҳсуб меёбад.

**67. Идеологияи фалсафии Конфутсий то кай мавҷудияти худро дар ҷомеаи Чин нигаҳ дошт?**

Ин идеология ҳамчун идеологияи ҳукмрон то таъсис ёфтани Ҷумҳурии Мардумии Чин – соли 1949 худро нигаҳ дошт.

**68. Конфутсий дар чандсолагӣ мактаби худро таъсис дода буд?**

Дар 50-солагӣ. Дар ин мактаб шогирдони зиёд таълим гирифтаанд. Шогирдон ҳамаи он чиро, ки дар мусоҳиба устодашон мегуфт, қайд мекарданд. Ҳамин боис шуда буд, ки минбаъд “Китоби мусоҳиба ва мухокима” таълиф ёбад.

**69. Дар масъалаи маърифат Конфутсий дар кадом ақида буд?**

Дар ақидаи он, ки маърифат бояд аз донистани одамон иборат бошад. Донистан, - мегуфт вай, - “яъне донистани инсон аст”. Дар бораи маърифат баъзе афкори ҷолиб дорад, ки аҳамияташонро то ба ҳол гум накардаанд. Масалан, “Бисёр чизро гӯш мекунам, беҳтаринашро интихоб мекунам ва ба вай пайравӣ менамоям”, “Хондан, вале аз бар накардан амалест бефоида”, “Назорат мекунам ва ҳама чизро дар хотир нигоҳ медорам” ва ғайра.

**70. Даосизм чӣ гуна мактаби фалсафӣ мебошад?**

Даосизм ё мактаби “дао” дар нимаи дувуми асри I то милод ташаккул ёфтааст. Асосгузори ин мактаб мутафаккири Чини Бостон Лао-тзи буда, намояндаи барҷастааш Чжуан-тзи мебошад. Дар маркази ин таълимот мафҳуми дао (роҳ) меистад.

Дар ин таълимот дао - нахустасоси олам маънидод мегардад, ки ба он ҳама чиз дар олам вобастагӣ дорад. Чунончи, "инсон ба замин вобастагӣ дорад, замин ба осмон, осмон ба дао, аммо дао бошад, аз худии худ вобастагӣ дорад. Азбаски ҳама чиз ба дао вобастагӣ дорад ва худ аз худ ба вуҷуд омада, худ аз худ ба нестӣ меравад, ҳеҷ касро лозим нест, ки фаъолият кунад. Чунин ҳолатро дар забони чинӣ "у вей" мегӯянд, яъне, бефаъолиятӣ, фаъолият накардан. Мувофиқи ин таълимот усули асосии рафтори инсон – ҳифзи "меъёри ашё" мебошад, ки натиҷаи бефаъолиятӣ мебошад.

**71. Легизм чӣ гуна мактаби фалсафӣ мебошад?**

Легизм мактаби фалсафаи қонунчиҳо мебошад, ки дар асрҳои VI-II то милод ташаккул ёфтааст. Намояндагони машҳураш Шан Ян, Шен Бухай, Шен Дао, Хан Фей ва ғайра мебошанд. Агар фалсафаи Конфутсий дар умури идораи ҷомеа ба меъёрҳои ахлоқӣ ва тарбияи ахлоқии одамон такя кунад, легизм дар ин умур ба қонун такя мекунад. Намояндагони ин мактаб таълим медоданд, ки дар умури идораи ҷомеа ва сиёсат қонун ва ахлоқ ба ҳамдигар мувофиқат карда наметавонанд. Умури идора ҳам ҳавасмандкунӣ ва ҳам ҷазо доданро тақозо мекунад, ки аз онҳо ҷазодиҳӣ бартарӣ дорад.

**72. Магар таълимоти мактаби легистҳо набуд, ки дар Чин низоми императории идора арзи вуҷуд кард ва то ибтидои асри XX мавҷудияти худро нигоҳ дошт?**

Бале, чунин низоми идора бар асоси таълимоти мактаби легистҳо ба вуҷуд омад ва муддати тӯлонӣ мавҷудияти худро нигаҳ дошт.

**73. Ташаккулёбии афкори устуравии фалсафаи тоҷику форс кай оғоз гардидааст ва кадом мактабҳои фалсафиро дар бар мегирад?**

Дар адабиёти дар кишварамон ба тозагӣ чоп ва интишоргардида таърихи ташаккул ва рушди афкори пешофалсафии аҷдодонамонро дар ҳудуди беш аз ду ҳазор сол муайян кардаанд [нигар ба "Таърихи фалсафа. Қисми 1. Китоби дарсӣ". - Душанбе, 2011. – С. 24]. Тибқи маълумоти дар адабиёти мазкур омада, нахустин мактабҳои пешофалсафӣ аз

ҳикмати хусравонӣ, зардуштия, зурвония, маздакия, ва ғайра иборат будаанд. Чунончи, ҳикмати хусравонӣ аз оини Маздоясно то замони пайдоиши зардуштияро дар бар мегирад. Вай ҷаҳонбиние мебошад, ки арҷгузорӣ ба донишро тараннум кардааст. Маънидод кардааст, ки дониш ҳам сухани воло ва ҳам андешаи созандаро ба вуҷуд меоварад. Сухан, дар ҳикмати хусравонӣ аввалмояи ҷаҳони моддиву маънавӣ буда, тамоми ҷузъиёти олами воқеиро маънии инсонӣ мебахшидааст [дар ҳамон ҷо, 26].

Яке аз мактабҳои фалсафии дигари аҳди Бостон Зардуштия мебошад, ки он мактаби диниву фалсафӣ буда, ба номи асосгузораш – Зардушт унвон шудааст. (Доир ба замони зиндагии Зардушт ба "Таърихи фалсафаи тоҷик". – Душанбе, 2011. – С. 159-162 муроҷиат шавад). Афкори Зардуштия дар Авесто гирд омада, бештар масъалаҳои ахлоқӣ ва хикмати зиндагиро дар бар мегирад. Заминаи асосии ахлоқ ва ҳикмати зиндагии авесто аз ду моҳият - рӯшноӣ ва торикӣ иборат аст. Ин моҳиятҳо баробарвазн буда, нахустасосҳои ҳастӣ маънидод карда мешаванд. Ҳамин тарик, ибтидои Зардуштия ба дутопарастӣ (дуализм) асос ёфта, мавзуи баррасиаш мубориза𝑖 ҳамешагии миёни ҳар ду қувваи мазкур ба шумор меравад, яъне зиндагӣ, ҳастӣ аз ду нахустасоси ба ҳамдигар мукобил ташаккул ёфта, ин қувваҳо ҳамеша дар муборизаи шадиди байниҳамдигарӣ мебошанд.

Моҳияти рӯшноӣ ифодакунандаи ҳама аъмол (корҳо) ва афъоли (фаъолиятҳои) нек, ба мисли "рафтори нек, гуфтори нек ва пиндори нек" ба шумор меравад. Аммо моҳияти торикӣ ифодакунандаи тамоми аъмол ва афъоли бад, зишт маҳсуб меёбад. Таҷассумгари аъмол ва афъоли нек Аҳуромаздо буда, таҷассумгари аъмол ва афъоли бад Аҳриман мебошад.

Дар маънидоди моҳияти инсон бошад, зардуштия таълим медиҳад, ки вай аз унсурҳои моддӣ (биологӣ) ва руҳонӣ (маънавӣ), ки мабдаи асосӣ маҳсуб меёбад ва офаридгораш Аҳурамаздо мебошад, иборат аст. Ҷисм бе руҳ ҳеҷ як моҳиятеро асосгузор нест, миранда аст, аммо руҳ бошад, абадист, ки баъди ба нестӣ омадани (мурдани) ҷисм боз ба Аҳурамаздо мепайвандад.

Роҷеъ ба чигунагии ҷомеа бошад, зардуштия ба адолати иҷтимоӣ бештар таваҷҷуҳ кардааст ва идораи умури онро дар

дасти инсонҳои пок, адолатпеша ва оқил дидан мехост, то чунин ҳокимон ҳамеша дар тадбири таъмини зиндагии шоистаи мардум бошанд.

Ақидаҳои Зардуштия ва арзишҳои волои ин мактаби пешофалсафӣ, на танҳо барои инкишофи афкори минбаъдаи фалсафаи аҳди Бостон, балки дар замони муосир низ аҳамияти худро гум накардаанд ва, чун арзишҳои умумиинсонии тақозои ҳамешагӣ мебошанд, аҳамияти худро минбаъд низ гум нахоҳанд кард.

Баъди иншои ҷумлаҳои мазкури ифодакунандаи афкори зардуштия, беихтиёр ба сар хоҳише меояд гуфта бошем, ки чи арзишҳои воло, ки аҷдодон ба мо мерос мондаанд, ки ҳоло ҳам қоидаҳои меъёрии фарҳанги воломақоми ҳама оламиён ба шумор меравағд ва наомӯхтани онҳо, ба назари мо, гуноҳест азим.

Таълимоти дигаре, ки дар аҳди Бостон арзи вуҷуд кардааст, мактаби Зурвония мебошад. Маънии вожаи "зурвон" дар забони тоҷикӣ замони беохир, абадӣ мебошад. Зурвон – замони беохир, нахустасос, мабдаи пайдоиши олами беохири моддӣ маҳсуб меёбад, ки аз он, минбаъд, тамоми аносири (унсурҳо, чизҳову ҳодисаҳои) олам арзи вуҷуд менамоянд.

Мувофиқи таълимоти зурвония аз олами моддии аз зурвон пайдо шуда, падидаҳои моддии аввалин ба монанди обу ҳавову хок ва оташ пайдо мешавад, ки онҳо, дар навбати худ, бавуҷудоварандагони заминаҳо, ба мисли тариву сардӣ ва гармиву хушкӣ мегарданд. Сипас, аз бавуҷудомадагони охирӣ ҳастии зинда ба мисли ҷонварон ва инсон арзи вуҷуд мекунанд. Тибқи ин таълимот, бавуҷудомадагон интиҳои худро низ доранд, ки баъди дувоздаҳ ҳазор соли кайҳонӣ фаро мерасад ва ҳама чиз боз ба ҳамон зурвони абадӣ бозгашт менамояд.

Зурвония, чунон ки аз масъалагузориҳояш маълум мешавад, афкори тоза ва ҷолиберо ба пешофалсафаи аҳди Бостон дохил кардааст, ки он барои инкишофи минбаъдаи афкори фалсафӣ аҳамияти калон дошт.

Таълимоти дигари диниву фалсафии дар асрҳои IV-V милодӣ ташаккулёфта Маздакия мебошад. Ин таълимот ба номи асосгузораш - Маздаки Бомдод унвон карда шудааст. Дар ин таълимот низ нахустасосҳои офариниш аз рӯшноӣ ва торикӣ иборат буда, дар натиҷаи омехташавии тасодуфии онҳо

асосҳои олами моддӣ – об, оташ ва хок арзи вуҷуд кардаанд, ки минбаъд аз унсурҳои номбаршуда сифатҳои некиву бадӣ ба вуҷуд омадаанд ва онҳо байни ҳамдигар дар муборизаи ҳамешагӣ мебошанд ва ин мубориза то он даме, ки олами моддӣ вуҷуд дорад, амали худро идома медиҳад, зеро олами моддӣ, тибқи таълимоти маздакия, сабаби вуҷуд доштани корҳои бад ва бенизомӣ ба шумор меравад.

Маздакия таълим медиҳад, ки омили рӯшноӣ офарандаи ҳама гуна корҳои нек буда, торикӣ ба вуҷуд оварандаи ҳама корҳои бад ба шумор меравад.

Дар ақидаҳои алоқаманд ба ҷомеаи маздакия, масъалаҳои адолат ва баробарии иҷтимоӣ мақоми марказиро ишғол менамояд. Арзишҳои номбаршуда, қабл аз ҳама, тақсимоти баробари неъматҳои моддиро дар назар дорад. Чунин тақсимот дар ҳоле татбиқ шуданаш мумкин аст, ки агар моликият хусусияти ҷамъиятӣ дошта бошад. Маънидод карда мешавад, ки Худованд неъматҳои моддиро барои он офаридааст, ки онҳо миёни бандагон баробар тақсим карда шаванд.

Хулоса, пешофалсафаи аҳди бостони аҷдодонамон аз афкори гуногунранги дорои хусусиятҳои фалсафӣ иборат буда, омӯзиши он ба ҳар фарди толиби илм бебаҳра нахоҳад буд.

## Пешофалсафаи Мисри Қадим

**74. Кадом давлат дар таърих аввалин давлат ва аввалин империя дар рӯйи Замин буд?**

Аввалин давлат ва аввалин империя дар рӯйи Замин империяи Миср буд. Бо чунин саволгузорӣ огоз кардани баррасии пешофалсафа дар ин минтақа аз он иборат аст ишора кунем, ки Мисри Қадим низ яке аз марказҳои тамаддуни башарӣ ба шумор меравад ва ҳоло дар асрҳои IV-III то милодӣ дар он ҷо низ тамаддуни башарӣ дар сатҳи муайян рушд карда будааст. Арзишҳои моддӣ ва маънавии ин минтақа, ба мисли аҳроми бузургҷусса, муҷассамаҳои ҳайвоноти гуногун, мероси ҳунари ҳайкалтарошӣ, мероси маънавии то замони мо расида, ба мисли ривоятҳои дар “Суруди уднавоз”, “Гуфтугӯйи фарди дилмонда бо руҳи худ” гирдовардашуда, устураҳо дар бораи Худоён, подшоҳони давр ва қаҳрамонҳои гуногун, ки ҷаҳонбинии устуравии ҳамондавраинаро ташаккул медоданд,

ба шумор мераванд. Дар мероси мазкури ба даврони мо расида ғояҳоро ба мисли нобудии ҳаёти ухравӣ, дӯзаху биҳишт, абадияти ҷонро пайдо кардан мумкин аст. Мисриён дар асотири мазкур тарғиби ҳаёти индунёиро кардаанд, заминро асоси олами ҳастӣ тасвир кардаанд, ба дунёи ухравӣ бовар надоштаанд. Нахустасоси оламро аз об маънидод мекардаанд, сохти ҷомеавии давронашонро ҳамчун сохти беадолат тасвир кардаанд, ки ҳамаи ин ва андешаҳои дигар аз сатҳи муайяни рушди ҳаёти маънавии мисриёни Бостон шаҳодат медиҳанд.

**75. Кадом устура дар тасаввуроти динии мисриёни қадим мақоми муҳим дошт?**

Устура дар бораи Осирис ва Гор.

**76. Осирис кӣ буд?**

Осирис худои таҷассумгари накӯкорӣ буд ва ӯро мисриёни қадим "худои накукор" мегуфтанд.

**77. Исида кӣ буд?**

Исида олиҳаи ҳосилхезӣ, обу ободнӣ ва шамол, сеҳру баҳрнавардӣ, хоҳар ва ҳамсари Осирис буд. Муҳаққиқони фарҳанги Мисри Бостон собит кардаанд, ки дар анъанаи мисриёни қадим издивоҷи бародару хоҳар раво будааст. Хулоса, ҳама он чи мисриёни Қадим ба вуҷуд оварда будаанд, низ яке аз заминаҳо ва пешофалсафаи аҳди Бостон ба шумор мераванд, ки омӯзиши муфассали онҳо аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

## Фарҳанг ва пешофалсафаи Месопотамия (Байнаннаҳрайн)

**78. Кадом шакли хат шакли қадимтарин дар рӯйи Замин маҳсуб мeёбад?**

Қадимтарин шакли хат хати мехии шумерӣ мебошад, ки дар миёнаҳои ҳазораи чаҳоруми то милод ба вуҷуд омадааст.

**79. Месопотамия гуфта кадом минтақаро мегӯянд?**

Месопотамия дар забони арабӣ Байнаннаҳрайн ифода шудааст, ки дар забони форсии тоҷикӣ низ дар ҳамин шакл истифода мешавад. Ба ин ном сарзамини миёни дарёҳои Даҷла

ва Фуротро ифода мекунанд, ки дар он яке аз қадимтарин марказҳои тамаддуни башарӣ ташаккул ёфтааст. Яке аз шаҳрҳои калонтарин ва марказҳои тамаддунии ин минтақаро Бобул меноманд. Ин минтақа дар қаламрави Ҷумҳурии Ироқи имрӯза ҷойгир шудааст ва шаҳри Бобул яке аз шаҳрҳои сайёҳии кишвари мазкур маҳсуб меёбад.

**80. Ҳамураппӣ кӣ буд?**

Ҳамураппӣ яке аз подшоҳони Бобулистон дар ҳазораи дувуми то милод буд, ки дар давраи ҳукмронии вай Бобулистон аз шаҳраки кӯчак ба маркази калонтарини иқтисодиву сиёсӣ ва фарҳангии Осиёи Наздик табдил меёбад.

**81. Дар давраи подшоҳии Ҳамураппӣ кадом санади машҳур китобат мешавад?**

Дар ин давра санади дар таърихи Бостон машҳур, ки бо номи "Маҷмӯаи қонунҳо" ё "Қонунҳои Ҳамураппӣ" машҳур аст, дар сутуни думетрии сангӣ бо хати мехӣ китобат мешавад, ки яке аз ёдгориҳои таърихии Бостон ба шумор меравад.

**82. Гилгамеш чӣ гуна ёдгории таърихӣ мебошад?**

Гилгамеш достони устуравӣ буда, дар нимаи аввали ҳазораи аввали то милодӣ таълиф гардидааст. Дар маркази ривояти достон Гилгамеш - ҳокими шаҳри шумерии Урук ҳамчун инсони бо худо размкунанда тасвир мешавад, ки вай даъвои ҷовидонӣ дорад. Дар достон мавзуи ҳаёт ва марг, фоҷиаи ҳастии инсон ҳамчун ҷаҳонбинии устуравӣ тасвир мешавад.

Сарфи назар аз он ки на дар Бобулистон ва на дар Мисри Қадим фалсафа, ба ҷуз баъзе унсурҳо, ба вуҷуд наомад, муроҷиат ба таърихи куҳани ин манотиқ инсонро бо ғановати ҳаёти маънавии мардумони марказҳои мазкур шинос менамояд ва сарвати мазкур ба инсон ҳаловати зиёд мебахшад.

## БОБИ 3. ФАЛСАФАИ АНТИҚА

**83. Антиқа ё атиқа гуфта чиро мегӯянд?** – Маънии луғавии ҳар ду калима ҳам кӯҳна мешавад, вале одат шудааст, ки дар зери мафҳумҳои мазкур тамаддун, фалсафа ва умуман фарҳанги Юнон ва Рими Бостон фаҳмида шавад.

Вожаи антиқа, ки аз лотинӣ (антиқуус – қадим) мебошад, дар даврони Эҳё дар Аврупо пайдо ва истеъмол шудааст, ки ба забони тоҷикӣ шояд аз тариқи забони русӣ гузашта бошад. Аммо вожаи атиқ аз арабӣ (атийқ– кӯҳна, қадим), ки ба забони тоҷикии форсӣ дар қатори теъдоди зиёди калимаҳои дигари арабӣ бевосита гузаштааст.

**84. Фалсафаи антиқа кай ба вуҷуд омадааст?**

Фалсафаи антиқа дар асрҳои VII- ибтидои асри VI то милод ба вуҷуд омада, то асри V милодӣ мавҷудияти худро нигоҳ доштааст.

**85. Давраи аввали фалсафаи антиқаро чӣ мегуфтанд ва чаро?**

Давраи аввали фалсафаи антиқаро давраи эллинӣ мегуфтанд, ки он ба таъсисёбӣ ва инкишофи ҷомеаи ғуломдории классикии Юнони асри VII – IV то милодӣ мувофиқат мекунад. Дар ин давра ҷомеаи обшинагӣ аз байн рафта, ҷойи онро ҷомеаҳои шаҳрӣ мегирифтанд ва полисҳо (шаҳр-давлатҳо) таъсис меёфтанд. Полис гуфта шаҳрҳоеро меномиданд, ки дар онҳо шакли тамоман истисноии давлат, яъне шаҳр-давлатҳо ба вуҷуд меомаданд. Мафҳуми эллинӣ юнонӣ тарҷума мешавад, яъне давраи ташаккулёбии пешофалсафаи юнонӣ дар назар аст.

**86. Фалсафаи эллинӣ – юнонӣ кадом давраро дар бар мегирад?**

Ин фалсафа давраи таъсисёбиаш аз асри VII то асри V то милодиро ва давраи ташаккулёбии фалсафаи классикиаш асри IV то милодиро дар бар мегирад.

**87. Фалсафаи эллинистиву румӣ кадом асрҳоро дар бар мегирад?**

Ин фалсафа аз асри III то милод то асри V милодиро дар бар мегирад, ки вай давраи эллинизми оғози асрҳои III-I-ро ва давраи охири эллинизми асрҳои I-V милодиро низ ба худ шомил мекунад.

**88. Кадом хусусиятҳоро фалсафаи даврони эллинистии қадим доро буд?**

Хусусиятҳои хоси фалсафаи ин давра аз инҳо иборат буданд:

– космологизм, яъне кӯшиш баҳри дарки моҳияти табиат, коинот ва олам дар шакли умум;

– онтологизм, яъне таълимот дар бораи ҳастӣ;

– хушбинӣ дар масъалаҳои назариявиву маърифатӣ.

**89. Пешофалсафаи антиқаро чӣ ташкил мекунад?**

Пешофалсафаи антиқаро устура ташкил мекунад, ки вай шакли аввалини тафаккури инсони ибтидоӣ маҳсуб меёфт.

**90. Кадом асарҳои устуравии антиқаро медонем?**

Ба асарҳои устуравии антиқа "Теогония", "Заҳматҳо ва айём"-и Гесиод, "Одиссея" ва "Иллиада"-и Гомер дохил мешаванд, ки онҳо ёдгориҳои катбии бисёр муҳими таърихи Юнони Бостон ба шумор мераванд. Тавассути ин асарҳои устуравӣ мо метавонем ба ҳаёти маънавии мардумони Юнони Бостон шиносоӣ пайдо кунем. Муҳтавои асарҳои Гомер куллан фалсафаи устуравӣ мебошад ва ба ривоятҳои устуравӣ такя мекунад. Яке аз машҳуртарин ҳикматҳои устуравиаш бо ифодаи "Мо ҳама – обу замин" таъбир гардидааст. Гомер саволи пайдоиши оламро нагузоштааст. Ин масъаларо хонанда дар асарҳои Гесиод дучор мешавад. Гесиод асотири давраи зиндагиашро ҳамчун як маҷмуаи ягонаи таърихи шаҷараи худоёни олимпӣ бисёр моҳирона ба қалам додааст, ки мухтасари онро овардан аз аҳамият холӣ нахоҳад буд: Чунончи, ривоят мешавад, ки аввал олам дар ҳолати Номуайанӣ будааст. Минбаъд аз ҳамин Номуайянӣ Гея ба маънии Замин ва якҷоя бо он ибтидои торикӣ (Эрос ва Эреб) ва

Шабонгоҳ ҳамчун таҷассуми торикӣ тавлид мегарданд. Аз издивоҷи ибтидои торикӣ – Эросу Эреб ва Шабонгоҳ рӯшноӣ умуман – Эфир ва Рӯз ҳамчун таҷассумгари рӯшноӣ арзи вуҷуд мекунад. Гея, яъне Замин, Осмонро – гунбази фалаки ба чашм аён, кӯҳҳо ва гирдоби баҳрҳоро ба вуҷуд меоварад ва ғайра. Чунин буд ривоят дар бораи "Теогония", яъне таълимоти устуравӣ дар бораи пайдоиши олам.

Баъд аз ин пайдоиши худоён оғоз мегардад, чунончи, аз издивоҷи Гея ва Уран (Замин ва Осмон) Уқёнус, ҳамчунин девҳои якчашмаву азимҷуссаҳо, ки таҷассумгари қувваҳои гуногуни кайҳонӣ буданд, тавлид меёбанд. Аз Кронос – яке аз азимҷуссаҳо, насли нави худоён оғоз мешавад. Писари Кронос – Зевс дар мубориза барои ҳокимият узви мардинаи падарашро мебурад, ки он аз дурии баланди осмон ба баҳр меафтад ва мавҷи бениҳоят калони баҳрро бармехезонад ва аз кафки дар мавҷҳои баҳр бавуҷудомада Афродита – худои муҳаббат бо тамоми зебоии ба худ хоси худовандиаш пайдо мешавад. Олиҳаи таҷассумгари адолат - Дике ва Зарурат, ибтидои ҳама гуна таваллудшавиҳои заминӣ ва издивоҷҳо гардида, занонро ба мардон ва мардонро ба занон барои издивоҷ мефиристад ва худаш Амурро ҳамчун худои нахустин ба дунё меоварад.

Пас аз ин, силсилаи "таърихии" нақлҳои устуравӣ оғоз мегардад ва Гесиод, тавассути онҳо, хонандаро ба насли охирини худоён, авлоди Зевс мерасонад, ки аз онҳо таърихи ишқварзии худоён бо занҳои заминӣ ва таваллудёбии қаҳрамонҳои афсонавӣ сар мешавад. Қиссаҳои аҷоибу ғароиби ишқварзии худоён бо занҳои заминӣ дар достонҳои Гомер "Илиада" ва "Одиссея" суруда шудаанд.

**91. Кадом ҳолати парвози тафаккурро ҳолати гузариш аз устура ба фалсафа маънидод кардан мумкин аст?**

Чунон ки, аз гуфтаҳои боло дарк кардем, муҳтавои устураҳо аз ривоятҳои афсонавӣ иборат буда, натиҷаи парвози хаёли инсонҳои бостонӣ маҳсуб меёфтанд, вале муҳим он аст, ки онҳо минбаъд, заминаи ташаккули тафаккури ақлонӣ гардиданд. Акнун парвози тафаккури инсон тадриҷан бо ифодаҳои бошууронаи ақлонӣ ғанӣ гардида, заминаҳои тафаккури таҷридкунанда (умумиятдиҳанда, абстраксиякунанда) ва таҳлилӣ рушд мекард, нахустин донишҳои тафаккурӣ

сурат мегирифтанд, ки онҳо бо мафҳумҳо ифода мегардиданд. Ҳамаи ин ба он далолат мекард, ки гузариш аз устура, аз ривоятҳои афсонавӣ ба мантиқ, ба тафаккури ақлонӣ шурӯъ гардида истодааст. Албатта, он чи дар боло ифода гардид раванди тӯлонии таърих буд, ки инсон бояд ҳамаи онро аз сар мегузаронид. Бинобар ин дар ҳама манотиқи фарҳанги инсонӣ аввал парвози тафаккур дар шакли устура ташаккул ёфта, тадриҷан ба тафаккури ақлонӣ гузаштааст.

Вақте гузариш аз устура ба мантиқ мегӯем, ҳамин чизро дар назар дорем, ки акнун саволҳо ва ҷавобҳо дар бораи оламу одам хусусияти бошууронаи мантиқӣ пайдо мекунад, ки он раванди ташаккули фалсафаро ибтидо мебахшад.

Сабаби дигар аз он иборат аст, ки ривоятҳои устуравӣ қонеъкунандаи талаботи маънавии одамони ҷомеаи ибтидоӣ буданд, вале вақте дар ҷомеа тақсимоти меҳнат ҳамчун раванди воқеии инкишоф ба вуҷуд омад ва ҷомеа ба табақаҳои гуногун бо манфиатҳои аз ҳамдигар фарқкунанда дар онҳо тақсим гардид, инсон аз ҷомеаи авлодӣ озод шуд, устура дигар ба талаботи ҷомеаи ташаккулёфтаи нав ҷавобгӯ буда наметавонист. Дигар он ки вай ҳамчун омили ба низом овардани ҷомеаи нав низ хидмат карданаш имконнопазир буд. Акнун зарурати ба миён омадани соҳаи ҷавобгӯ ба талаботи бавуҷудомада тақозо карда мешуд, ки вай тавонад, аз як тараф, ҷаҳонбинии мувофиқи дархости аъзои ҷомеаро ташаккул дода тавонад, аз тарафи дигар, дар асоси на устура, балки кадом як донишхо ташаккул ёфта бошад. Албатта, донишҳои соҳаҳои муайян ин вазифаро иҷро карда наметавонистанд. Бинобар ин соҳаи маънавие лозим буд, ки дар асоси донишҳои муайян тавонад оламро маънидод намояд ва ҷаҳонбинии аъзои ҷомеаро, дар ҳамин асос раҳнамоӣ кунад. Ҳамин гуна соҳаи маънавӣ танҳо фалсафа шуданаш мумкин буд, ки ин унвонро, ба маънии имрӯзааш, бъдтар соҳиб гардид.

Ғайр аз ин, дар ин давра зарурате ба вуҷуд омад, то муайян карда шавад, ки миёни инсони бошуур, боақл, соҳибирода ва олами муҳит чӣ айният ва чӣ тафовут вуҷуд дорад? Дар ҷавоб ба ин савол инсон ба дарки ҳақиқате расид, ки вай ҳамчун падидаи соҳибақлу соҳибтафаккур метавонад кӯшиш ба харҷ диҳад, то олами муҳиташро дониста гирад ва маънидод намояд. Хулоса, дар тафаккури пешофалсафаи инсон, тадриҷан майлу

хоҳиши дар асоси мантиқи оқилона маънидод кардани олами муҳит, чигунагии он, чӣ гуна пайдо шудан ва аз чӣ иборат будани олам ба миён омад.

Бори дигар таъкид мекунем, ки дар устура, дар шакли афсонавӣ бошад ҳам, масъалаи пайдоиши олам матраҳ гардида буд. Фалсафа бошад, кори худро аз ҷустуҷӯйи ҷавоб ба масъалаи мазкур оғоз кард ва ҳамчун заминаи баррасии мавзуъ ақидаи нахустасоси оламро чун ибтидои омӯзиши масъала қарор дод.

**92. Тафаккури устуравӣ кадом хусусиятҳоро дошт?**

Хусусиятҳои асосии тафаккури устуравӣ аз муносибатҳои зерин иборат буданд:

– маънидоди тамоми ҳодисаҳои олам дар асоси фаъолияти қувваҳои фавқуттабиӣ;

– набудани ҳадди муайян миёни воқеиятҳо ва тахайюл (хаёлот);

– баҳо додан ба ҳама гуна ҳодиса аз назари фоидаоварӣ ё зарароварии онҳо, муносибати дӯстона ё душманона доштани онҳо;

– набудани майли баррасии назариявӣ нисбат ба ашё ва ҳодисаҳои олами воқеӣ, яъне ашё ва ҳодисаҳои олам чӣ гуна ҳастанд ва аз чиҳо иборатанд ва ғайра [нигар ба Философия: учебник для вузов/ под ред. В. Н. Лавриненко, В. П. Ратников. – С. 62].

**93. Оё дар устура барои ифодаи моҳияти масъала мафҳумҳо истифода мешуданд ё не?**

Дар устура барои ифода кардани моҳияти масъалаҳо мафҳумҳо истифода намешуданд, зеро тафаккури мантиқӣ ҳоло ташаккул наёфта буд.

**94. Моҳият дар устура тавассути истифодаи кадом усул анҷом мепазируфт?**

Дар устура ифодаи моҳият тавассути рамзҳо, нақшҳо (образҳо) анҷом мепазируфт, ки онҳо таҷассумгари қувваҳои ҳам иҷтимоӣ ва ҳам табиӣ буданд.

**95. Дар устура сурати олам, яъне тасаввурот дар бораи олам, чӣ гуна шакл мегирифт?**

Тасаввурот дар бораи олам дар асоси такрор ба такрор тавлид ёфтани он (тавлиди таҷдидӣ) ташаккул меёфт, ки чунин шаклгирии тасаввуротро дар фалсафаи муосир генетизм – тавлидёбии таҷдидӣ меноманд.

**96. Мафҳуми нахустасос чиро ифода мекунад ва дар илми аврупоӣ ба кадом вожа таъбир карда мешавад?**

*Нахустасос* мафҳумест, ки ба он пайдоиш ва инкишофи олами муҳит алоқаманд карда мешавад. Нахустасос, мувофиқи таълимоти равияҳои гуногуни фалсафӣ, метавонад аз заминаҳои моддӣ ё заминаҳои рухӣ, идеалӣ иборат бошад. Нахустасосро дар фалсафаи аврупоӣ ба вожаи *"субстансия"* ифода мекунанд, ки вай, дар айни ҳол, нахустсабаби ба вуҷуд омадани ҳама чиз низ мебошад.

**97. Андешаи нахустасосро барои таҳлили фалсафии олами муҳит файласуфони кадом мактаб аввалин маротиба пешниҳод карда буданд ва дар ҳамин асос оламро тафсир мекарданд?**

Андешаи нахустасосро аввалин маротиба файласуфони юнонии мактаби милетӣ (Милет номи шаҳр) Фалес (охири асри VII - нимаи якуми асри VI то милодӣ) Анаксимен (асри VI то милодӣ), Анаксимандр (асри VI то милодӣ) ва Гераклити эфесӣ (Эфес номи шаҳр – зодгоҳи файласуф) пешниҳод ва дар таҳлили олами муҳит истифода карда буданд.

**98. Пешниҳод кардани андешаи нахустасос чӣ маънӣ дошт?**

Пешниҳод кардани андешаи нахустасос маънии муайян кардани асоси умумии олами муҳитро дошт, вале на дар шакли мафҳуми умумӣ, балки дар шакли ашёи мушаххаси моддӣ. Чунончи, Фалес обро, Анаксимен ҳаворо, Гераклит бошад, оташро нахустасоси олами муҳит меҳисобид.

**99. Пешниҳод кардани андешаи нахустасос ва нахустсабабият чӣ аҳамият дорад?**

Аҳамияти пешниҳод кардани ин андешаҳо дар он аст, ки тавассути онҳо ҳам ба ривоятҳои устуравӣ хотима дода шуд ва

ҳам тафаккури устуравӣ ба мантиқ, ба тафаккури мантиқӣ, ба мафҳумҳои ивазкунандаи рамз табдил ёфтанд.

**100. Магар бар асоси нахустасосҳои пешниҳод кардан мутафаккирони юнонӣ таркиби олами муҳит ва арзи вуҷуду инкишофи онро маънидод кардан мумкин аст?**

Дар ҷавоб ба ин савол лозим аст таъкид кунем, ки андешаҳои мазкур андешаҳои нахустини кӯшиш ба тафсири пайдоиш ва инкишофи олам буданд. Албатта, чунин маънидод кардани натурфалсафа (табиатро аз худии худ тафсир кардан) тазодҳои зиёди дохилии худро дошт, зеро саволҳое ба вуҷуд меомаданд, ки чаро ба ин ё он модда ва ё ба маҷмуи унсурҳои моддӣ ҳатман бояд афзалият дода шавад? Магар дар асоси онҳо олами мураккаби муҳит имкони маънидод карданаш ҳаст ва ғайра. Ба ин ва саволҳои дигар дар маънидоди минбаъдаи мавзуъҳои фалсафӣ ҷавобҳо пайдо мекунем. Ҳоло бо он иктифо мекунем, ки андешаи нахустасоси олам аз аввалин андешаҳои мантиқии ҷустуҷӯйи ҷавоб ба теъдоди зиёди масъалаҳо дар хусуси олами атроф буд.

**101. Боз кадом навовариҳо дар андешаҳои мутафаккирони фалсафаи давраи оғозини Юнон ба вуҷуд омада буданд?**

Дар андешаҳои мутафаккирони мазкур ибтидои дарки робитаҳои диалектикиро низ пайдо кардан мумкин аст. Чунончи, Гераклит тавассути оташе, ки ба ҳайси нахустасос пазируфта буд, онро чунин маънидод мекард, ки ҳама равандҳои дар олам ба вуқуъ меомада аз пайваста ва дар ҳамоҳангии муайян даргирандагӣ ва ба хомӯшӣ расидани оташ анҷом мепазиранд. Пайдоиш ва нестшавии ашё аз ягонагии мутазоди онҳо шаҳодат медиҳад. Гераклит дар бораи кайҳон муҳокимаронӣ карда, ҳама мавҷудоти онро танҳо дар ягонагии оддӣ, ҳамоҳангии мутазодҳо маънидод намекунад, балки дар мубориза ҳамешагии онҳо тафсир менамояд. Муборизаи байниҳамдигарии ҳодисоти оламро ҳамчун заминаи созандаи ҳам ҳаёт ва ҳам тамоми ҳастӣ ба қалам медиҳад. Гераклит чунин муҳокимаронӣ мекард, ки ҳодисоти дар олам бавуқуъпайвандаида бар асоси муборизаи баҳамзидҳо анҷом ёфта, хусусияти доимӣ доранд ва шабеҳи ҷараёни беохири об дар наҳрҳо мебошанд. Вай дар ин хусус мегуфт, ки “ҳама чиз

дар ҷараён аст", "ба як ҷараёни об ду маротиба дохил шудан имконнопазир аст", зеро то он ки маротибаи дувум даромадан мехоҳед, оби макони муайяни наҳр ҷорӣ шуда меравад ва шумо ба оби дигар медароед. Хулоса, андешаҳои мазкур аз пай бурдани мавҷудияти муборизаи баҳамзидҳо, дар ягонагӣ мавҷудияти худро нигоҳ доштани онҳо, ба ҳаракат овардан ва ҳамеша дар ҳаракат будани олам шаҳодат медиҳад, ки он ба пайдоиши аввалин андешаҳои дарки робитаҳои куллӣ ва диалектикаи инкишофро дар назар дорад.

**102. Оё дар байни мутафаккирони мактаби милетии Юнон нафароне низ буданд, ки андешаи фарккунанда аз нахустасосҳои моддӣ доштанд?**

Бале, буданд. Чунончи, барои бартараф кардани тазодҳои мавҷуда дар андешаи муаллифони нахустасоси моддии мушаххас, мутафаккири мактаби милетӣ Анаксимандр ба чунин андеша расида буд, ки нахустасоси оламро кадом як асоси моддӣ ташкил карда наметавонад. Бинобар ин ӯ нахустасоси таҷридии (абстрактии) умумигардонидашудаеро бо номи апейрон – моҳияти беҳудуд, бекарона пешниҳод карда буд.

**103. Боз кадом мутафаккир нахустасоси таҷридӣ (абстрактиро) пешниҳод ва баррасӣ карда буд?**

Мутафаккири дигаре, ки ақидаи боз ҳам бештари таҷридиро пешниҳод карда буд, риёзиётшинос ва файласуфи Юнони Бостон Пифаҳор ва пайравонаш буданд. Пифаҳор ва пайравонаш нахустзаминаи умумии оламро дар асоси адад, шумора маънидод мекарданд.

**104. Чунон ки маълум аст, адад гуфта рамзи шумораро мегӯянд. Магар адад ҳам нахустзаминаи олам шуда метавонад?**

Бале, адад рамзи ифодакунандаи шумораи ашё ва ҳодисаҳо мебошад. Аммо, бояд аз хотир набарорем, ки мо дар атрофи ҷустуҷӯйи нахустасоси олам дар даврони Бостон сухан мекунем ва ҳар андешае, ки доир ба ин масъала дар ҳамон давра ба миён омада буд, баррасӣ менамоем, то дониста бошем, ки илм бо кадом душвориҳо ба ҳақиқат мерасидааст?

**105. Магар чунин мутафаккир ба мисли Пифаҳор ва ҳамақидагонаш наметавонистанд дарк кунанд, ки олам аз адад таркиб ёфта наметавонад?**

Дигарбора таъкид мекунем, ки ҳоло мо таърихи ибтидои ташаккули афкори фалсафиро баррасӣ карда истодаем, ки зиёда аз дувуним ҳазор сол муқаддам рӯйи кор омада буданд. Албатта, аз мутафаккирони он давра ҷавоби комилан дурусти ба саволҳои ба миён мондаи фалсафиро тақозо кардан начандон дуруст аст, зеро сухан дар бораи аввалин афкори дар ин ҷода ба вуҷуд омада меравад. Барои сатҳи имрӯзаи илм муҳимаш аз он иборат аст, ки хоҳ дуруст бошад, хоҳ нодуруст, вале гузориши масъала, ки нахустасоси оламро чӣ ташкил медиҳад ва кӯшиши он, ки ба ин савол бошуурона муносибат карда, ақидаҳои муайян пешниҳод шудааст, ҷолиби диққат аст.

**106. Пифаҳор ва ҳамақидагонаш ададро нахустасос эълом дошта, чӣ тавр аз адад таркиб ёфтани оламро маънидод мекарданд?**

Қабл аз ҳама, онҳо ба робитаи байни ададҳо ва таносуби байниҳамдигарии онҳо аҳамият медоданд ва ин таносубро созмондиҳандаи моҳияти асосии табиат маънидод мекарданд. Чунончи, ҳар як чиз ва ҳодисаҳои олам дар мавҷудият, ҳаракат ва тағйирёбиҳову инкишофаш бо ададҳо ифода карда мешаванд. Бинобар ин пифаҳориҳо муносибатҳои ададиро ҳамчун моҳияти асосии олам тафсир мекарданд ва "ҳама чиз адад аст" мегуфтанд.

**107. Маърифати оламро Пифаҳориҳо чӣ тавр маънидод мекарданд?**

Азбаски нахустасос аз адад ва муносибатҳои ададӣ иборат шуморида мешуд, маърифат ҳам ба ҳамин ақида такя мекард ва бар асоси дарки адад ва муносибатҳои ададӣ тафсир карда мешуд.

**108. Магар бо ақидаи дар асоси аввалин нахустасосҳои моддӣ ва таҷридӣ (абстрактӣ) маънидод кардани олам интиқол аз устура ба фалсафа куллан ба охир мерасад?**

Азбаски ба ин даврони инкишофи тафаккур низ бисёр унсурҳои устуравӣ алоқамандӣ дошт, ҳоло истилоҳоти

ифодакунандаи моҳияти ҷаҳонфаҳмии фалсафа муайян нагардида буд, ҳамчунин ҳоло барои исботи афкори ҳақиқатан фалсафӣ заминаи чунин афкорро бо далелҳои муътамад исбот кардан вуҷуд надошт, ақидаҳои мутафаккирони ин давраро ба пуррагӣ фалсафа гуфтан хусусияти нисбӣ дорад, зеро ақидаҳои мазкур бо олоишҳои устуравӣ ва омилҳои дигари дар боло номбаршуда омехтагӣ дошт. Фалсафаи ин давраро низ пешофалсафа - протофалсафа (протофалсафа аз юнонӣ протос - аввал) яъне аввалин афкори фалсафӣ маънидод кардан ба ҳақиқат дуруст мебуд.

**109. Пас, аз кадом давра гузариш аз пешофалсафа, ки дар истилоҳоти илмӣ протофалсафа мегӯянд, ба фалсафа шуруъ мешавад?**

Дар ҷавоб ба саволҳое, ки доир ба ин масъала дар боло гузоштем, ба саволи матраҳшуда ҷавоб ҳаст, вале, азбаски раванди зеҳнӣ муттасилияти ногусастании рушди худро дорад, онро ба кадом як лаҳзаи таърихӣ ва замонӣ муайян кардан амрест муҳол. Бинобар ин ба саволҳои гузошта мо кӯшиш карда истодаем, ки раванди мазкур ҳамаҷониба тафсир карда шавад. Чунончи, қадами дигари нисбатан боэътимодтарро дар ин бора мо дар инкишофи минбаъдаи афкори фалсафии мутафаккирони мактаби Элея (номи макон – шаҳр), ки асосгузораш Ксенофан (тахминан дар соли 570-и то милодӣ таваллуд ёфтааст) ба шумор меравад. Намояндагони барҷастаи ин мактаб Парменид (тахминан соли 540-и то милодӣ таваллуд ёфтааст) ва Зенони элеӣ (480-430 то милодӣ) ба раванди гузариш аз донишҳои пешофалсафӣ (протофалсафӣ) ба донишҳои фалсафӣ боз як қадами ҷиддӣ гузоштанд. Онҳо кӯшиш карданд, ки аз мафҳумҳои ҳоло ба дурустӣ муайян нашуда, ба мафҳумҳои мантиқии тафаккурии тасаввуроти фалсафӣ гузаранд ва мафҳумҳои нав ба вуҷуд оваранд. Чунончи, Парменид барои ифода кардани олами вуҷуд аввалин маротиба мафҳуми “ҳастӣ”-ро истифода кард.

**110. Бо истифодаи мафҳуми "ҳастӣ" Парменид чиро тафсир кардан мехост?**

Бо мафҳуми "ҳастӣ", ки Парменид онро аввалин маротиба истифода кард ва, гуфтан мумкин аст, ба муҳокимаронихои фалсафӣ дохил намуд, тамоми олами вуҷудро дар ягонагии бисёршаклааш ифода кардан мехост.

**111. Парменид мафҳуми "ҳастӣ"-ро дохил карда, чунин муҳокимаро пеша кард, ки таносуби ҳастӣ ва нестӣ аз чӣ иборат бошад?**

Дар ҷавоб ба ин савол Парменид чунин мегуфт, ки: ҳастӣ ҳамаи он чи ҳаст, аммо нестӣ ҳеҷ чиз нест. Яъне, ҳастӣ хаст, аммо нестӣ нест.

**112. Оё Парменид кӯшиш кардааст, ки ҳастӣ ва нестиро бо далелҳо исбот намояд?**

Бале, Парменид роҷеъ ба ин масъала низ кӯшиш ба харҷ додааст. Чунончи, ӯ мегӯяд, ки ҳастиро метавон бо фикр ифода кард, вале ифодаи нестӣ тавассути фикр номумкин аст. Нобудӣ (нестӣ) бо тафаккур ифоданашаванда, донистанашаванда, ба тафаккур дастнорас аст. Бинобар ин онро нестӣ, нобудӣ меноманд.

**113. Аз саволи боло чунин бармеояд, ки ҳастӣ ва тафаккур дар ваҳдоният (ягонагӣ) мебошанд?**

Бале, тибқи маънидоди Парменид, "ҳамон чизе, ки ҳаст, ҳам тафаккур ва ҳам ҳастӣ мебошад"[Антология мировой философии. Т.1.Ч.1. – М.: Мысль, 1969. – С. 295].

**114. Ба аломатҳои ҳастӣ Парменид чиҳоро дохил мекард?**

Ба аломатҳои ҳастӣ Парменид чунин хусусиятҳо, ба монанди: ягонагӣ ва абадиятро дохил мекард. Абадияти ҳастӣ ва ягонагӣ, ба ақидаи Парменид, бо ҳамдигар алоқамандии зич доранд. Ҳастӣ на гузашта дорад ва на оянда, ки он ифодакунандаи ягонагии дар ваҳдоният вуҷуддошта мебошад.

**115. Ҳастӣ, ба андешаи Парменид, дар ҳаракат аст ё беҳаракат?**

Дар ҷавоб ба ин савол бояд гуфт, ки ҳастӣ, аз назари Парменид, ҳастии ягона, тақсимнашаванда ва абадӣ буда, беҳаракат аст, зеро вай тағйирнаёбанда мебошад. Ҳастие, ки тағйир намеёбад, ҳаракат ҳам намекунад, яъне ҳаракат вуҷуд надорад. Ҳар он чизе, ки вуҷуд надорад, дар борааш фикр кардан ҳам мумкин нест.

**116. Ақидаи фалсафии Зенони элеӣ аз чӣ иборат аст?**

Мутафаккири номбурда дар атрофи масъалаи ҳаракат муҳокимаронӣ карда ҳаракатро инкор мекард. Вай ақида дошт, ки ҳаракатро дар фикр тасаввур кардан мумкин нест, зеро фикр дар бораи имконияти ҳаракат ба зиддият оварда мерасонад. Ҳар он чизе, ки дар бораи вай фикр кардан мумкин нест, вуҷуд дошта наметавонад. Зенон исботи беҳаракатиро дар мисоли апорияҳои (аз юнонӣ душворӣ) худ "Дихотомия", "Ахиллес ва сангпушт", "Найза" ва ғайра исбот кардани мешуд.

**117. Апорияҳои Зенонро чӣ гуна маънидод кардан мумкин аст?**

Пеш аз муайян кардани ҷавоби апорияҳо зарур аст маънидод кунем, ки Зенон ҳаракатро дар доираи диалектикаи таносубаш бо фазо ва вақт масъалагузорӣ кардааст, дар доираи зиддиятнокии он дар мафҳумҳо баррасӣ кардааст. Масалан, найзаро мегирем, ки он дар вақти аз камон баромаданаш дар ҳар як лаҳзаи муайяни вақт ҷойи муайянеро дар фазо ишғол мекунад. Чун ҳар як лаҳза тақсимнашаванда мебошад, пас, вай ҳамеша дар лаҳзаҳои вақт, макони муайянро дар фазо ишғол менамояд ва вазъи ҷойгиршавии худро иваз карда наметавонад. Агар найза дар ҳар як лаҳзаи муайяни вақт беҳаракат бошад, пас, умуман беҳаракат аст. Азбаски вақт аз маҷмуи лаҳзаҳои алоҳида иборат аст, пас, ҳаракати найза бояд аз маҷмуи ҳолатҳои оромӣ ташаккул ёбад. Агар ҳаракат гуфта маҷмуи ҳолатҳои оромиро мегуфта бошем, дар он сурат вай ҳаракат набуда, балки оромии доимӣ мебошад, яъне ҳаракат ҳаргиз оғоз намеёбад. Албатта, ҳамаи ин тафсирот маънии воқеӣ надорад. Чунин муҳокимаронӣ танҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки Зенон маҳорати калони муҳокимаронӣ ва ҷадал

карданро доштааст ва тавассути дар муҳокимаронихои мухолифаш пайдо кардани зиддиятхо ғолиб меомадааст. Дар ҳамаи ин гуна ҳунари муҳокимаронӣ муҳим он аст, ки Зенон, ба гуфти Арасту, ихтироъкунандаи *диалекта* будааст. Диалектика низ, албатта, ба маънии ҳунари гирифта бурдани ҷадал, муҳокимаро дорад. Апорияи дигар, ки "Ахиллес ва сангпушт" номида мешавад, низ барои исботи беҳаракатӣ бахшида шудааст, яъне Ахиллеси тезгард ҳаргиз ба сангпушти сустгард расида наметавонад ва ғайра.

**118. Кадом мутафаккирони Юнони Қадим нахустасоси мутааддидаро пешниҳод кардаанд?**

Нахустасоси мутааддидаро (бисёрасосаро) дар таълимоти атомистии Левкипп (асри V то милод) ва Демокрит (460-370 то милод) пайдо кардан мумкин аст.

**119. Левкипп ва Демокрит асоси мутааддидаро чӣ гуна маънидод мекарданд?**

Пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки асосгузори ақидаи атомистӣ Левкипп ба шумор меравад. Мувофиқи таълимоти ӯ асоси ҳастиро атомҳо – заррачаҳои хурди тақсимнопазир ташкил мекунанд ва онҳо бешуморанд. Атомҳоро Левкипп ҳамчун заррачаҳои тақсимнопазир, тағйирнопазир ва бесифат маънидод мекард, ки онҳо аз ҳамдигар танҳо бо бузургӣ ва шакл фарқ мекарданд. Атомҳо, мувофиқи ақидаи Левкипп, дар ҳолати абадии ҳаракат вуҷуд дошта, дар натиҷаи бархурди ҳамдигарӣ ва омезишёбиашон ашёи гуногуни оламро ба вуҷуд меоваранд.

Дар бораи ҳаёти шахсии Левкип маълумоте вуҷуд надорад. Бостониёни давр гуфтаанд, ки вай дӯст ва устоди Демокрит будааст. Тахмин зада мешавад, ки зодгоҳи мутафаккир шояд ё шаҳри Милет, ё Элей ва ё Абдер бошад.

Сарфи назар аз нобудии маълумот ва камбуди он, эътироф шудааст, ки Левкипп асосгузори ақидаи атомистӣ мебошад ва ин ақидаро минбаъд шогирдаш Демокрит ривоҷ додааст.

Асоси мутааддидаи оламро Демокрит низ аз атомҳо иборат медонист. Вай чунин таълим медод, ки аз омезиши атомҳои гуногун ашёи мухталиф ба вуҷуд меояд. Ҳастиро Демокрит аз ҳастии атомҳо иборат медонист. Дар муқобили ҳастӣ, нестӣ

буд, ки онро Демокрит ҳамчун холо, яъне ҷойи холӣ маънидод мекард.

**120. Ҳастии Демокрит низ беҳаракат буд ё дар ҳаракат?**

Азбаски Демокрит асоси ҳастиро аз атомҳои мутааддида маънидод мекард ва атомҳо ҳамеша дар ҳаракат буданд, пас, ҳастӣ дар ҳаракат буд, пайдо мешуд ва ба нестӣ меомад. Демокрит атомҳоро на танҳо ҳамчун сабаби пайдоиши ашё медонист, балки моҳияти онҳо низ тафсир карда мешуданд, ки танҳо тавассути тафаккур онро фаҳмидан мумкин аст. Бинобар ин аз атомҳо унсурҳои гуногуни олами ҳастӣ ба вуҷуд меоянд ва ба нобудӣ мерасанд, аммо моҳият, ки тағйирнопазир мебошад, хусусияти ҳамешагӣ дорад ва нест намешавад. Пас, олам ягона ва нестнашаванда мебошад. Хулоса, мувофиқи таълимоти Демокрит атомҳо абадӣ ҳастанд, вале омезишёбиашон муваққатӣ.

Муҳаққиқони соҳа, таълимоти атомистии Левкипп ва Демокритро ҳамчун қуллаи материализми Антиқа маънидод мекунанд, ки он ба чунин баҳогузорӣ мувофиқат мекунад. Дар ҷамъбасти гуфтаҳои боло бояд таъкид кард, ки ақидаи атомистии Левкипп ва Демокрит дар рушди минбаъдаи афкори фалсафӣ аҳамияти калон дошт.

**121. Софистҳо гуфта кадом мутафаккиронро мегӯянд?**

Пеш аз ҳама, қайд мекунем, ки дар нимаи дувуми асри V то милодӣ демократияи ғуломдории даврони Антиқа ба сатҳи муайяни рушди худ мерасад. Бисёр корҳои ҷомеавӣ дар мурофиаҳои судии ошкоро, маҷлисҳои алоқаманд ба ҳалли масъалаҳои ҷомеа ҳаллу фасл карда мешуданд, ки иштироки фаъолона дар онҳо тафаккури бамаънӣ, сухани равон ва мантиқӣ ва рафтору муносибати мувофиқро тақозо мекард. Яъне, риторика (санъати сухан) ба яке аз унсурҳои аввалиндараҷаи соҳаи ҳаёти маънавӣ табдил меёфт. Ҳамин гуна вазъияти дар ҷомеа ба вуҷуд омада заминае буд, ки мударрисонро талаб мекард. Мударрисоне, ки одамони хоҳишмандро ба санъати сухан, ба ҳунари баҳс, боваркунонӣ меомӯзониданд. Чунин мударрисон пайдо шуданд, ки онҳоро дар ҳамон давра ба калимаи забони юнонии қадим "софистэс", яъне соҳибмаърифат, устоди калом, эҷодкор, соҳибхирад

мегуфтанд. Дар он вакт адвокатҳо (муҳомиён) набуданд. Дар мурофиаи судӣ, ба қавли Афлотун, касеро баҳри дарёфти ҳақиқат коре набуд ва муҳим он буд, ки ҷонибе аз ҷонибҳо, бо истифода аз ҳунари дар боло зикргардида, ҷонибҳои иштироккунандаро, махсусан судяҳоро, қонеъ карда тавонад. Софистҳо бошанд, одамонро меомӯхтанд, то онҳо тавонанд дар мунокишаҳо ғолиб бароянд.

**122. Софистҳо дар рушди афкори фалсафӣ накше бозидаанд?**

Бале, онҳо дар рушди афкори фалсафӣ, дар инкишофи ҳаёти маънавӣ накши мусбат бозидаанд. Онҳо заминагузорони назарияи санъати сухан ва суханварӣ буданд. Бинобар ин хидмати онҳо дар рушди мантиқ хеле калон мебошад.

**123. Софистҳо боз дар кадом масъалаҳои фалсафӣ бештар накш бозидаанд?**

Софистҳо боз ба масъалаҳои инсон, ҷомеа ва маърифат таваҷҷуҳ кардаанд, ки бе иштироки масъалаҳои мазкур фалсафаи Антиқа мукаммалӣ пайдо намекард. Чунончи, онҳо дар масъалаи маърифат (гносеология) саволҳоро ба монанди: ақл ба олами муҳит чӣ гуна муносибат дорад? Оё тафаккури инсон метавонад оламро дониста гирад барин саволҳоро мегузоштанд ва кӯшиш мекарданд, ки ба онҳо ҷавоб диҳанд. Масалан, дар масъалаи маърифати олам, софистҳо донистани оламро инкор мекарданд. Бинобар ин мумкин аст, ки онҳоро ба аввалин намояндаҳои ҷараёни агностикӣ дохил намоем. Вале агноститсизми онҳо хусусияти релятивӣ (нисбӣ будани дониширо) дошт, зеро инкори маърифат танҳо маърифати олами воқеиро дар назар дошт. Аммо онҳо ҳақиқати субъективиро эътироф мекарданд, яъне ҳар кас ҳақиқати худаширо дошт ва касе ё тарафе касе ё тарафи дигареро дар ҷараёни баҳс мағлуб мекард, ҳақиқат дар ҷониби ҳамон кас ё тараф мешуд. Чунин муносибат аз он шаҳодат медиҳад, ки тавассути истифодаи санъати сухан шири сафедро низ ба сиёҳӣ баровардан мумкин буд. Ин гуна муносибат ба меъёрҳои ахлоқӣ низ таъсири манфӣ мерасонид, зеро баду нек меъёре надошт.

**124. Софистҳоро ба чанд гурӯҳ тақсим мекунанд ва намояндаи гурӯҳҳои мазкур киҳо буданд?**

Онҳоро ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд: калонсолон ва хурдсолон. Ба мутафаккирони софисти калонсол Протогор, Горгий, Гиппий, Продик, Антифонт ва ғайра дохил мешуданд. Ба софистони хурдсол Алкидам, Трасимах, Критий ва Калликро дохил кардан мумкин аст.

**125. Мунаққидони машҳури софистҳо киҳо буданд?**

Машҳуртарин мунаққидони софистҳо Афлотун, Арасту, Суқрот буданд. Чунончи, Афлотун софистҳоро инсонҳои дурӯғгӯй, фиребгар ва инсонҳое, ки баҳри ба даст овардани манфиат ҳақиқатро мефурӯшанд ва мардумро низ ба ҳамин чиз меомӯзонанд, мегуфт. Афлотун аввалин шахсе буд, ки ба калимаи "софистэс", яъне "хирадманд" маънии ношоям, мазамматкунанда дода буд ва онҳоро риторҳо (шахсоне, ки суханпардози бемаънӣ буданд, сухандонии шаклӣ мекарданд дар Юнон ва Рими Бостон риторҳо мегуфтанд) меномид. Бинобар ин ба риторика низ ҳамчун санъати сухан муносибати манфӣ дошт. Ифодаҳои Суқротро иқтибос оварда Афлотун қайд мекард, ки ба риторика шарт нест, ки ҳақиқати ҳолро донад. Ба риторика муҳим он аст бовар кунонад, ки нодонон аз доноҳо бештар медонанд.

Мутафаккири дигаре, ки софистҳоро танқид карда буд, Арасту мебошад. Арасту доир ба танқиди софистҳо асаре бо номи "Доир ба рад кардани софистҳо" навишта буд ва дар он ба софистҳо чунин таъриф низ дода буд, ки софистҳо – онҳое ҳастанд, ки хирадтарошони дурӯғин, на хирадмандони воқеӣ мебошанд ва софист шахсест, ки аз дурӯғбофӣ манфиат меҷӯяд, на аз хиради воқеӣ [нигар ба Аристотель. Соч., т. 2. - С. 536].

Арасту дар асари номбаршуда усулҳое, ки аз он софистҳо истифода мебурданд, ошкор мекунад. Ӯ менависад, ки софистҳо бисёр тез сухан мекарданд, то мухолифонашон мазмуни сухани онҳоро фаҳмида натавонанд, суханро, қасдан дароз мекарданд, то мухолифонашон мантиқи муҳокимаронии онҳоро дуруст дарк карда натавонанд, дидаву дониста мухолифонашонро асабонӣ мекарданд, то онҳо ба ғазаб биёянд. Ба ғазаб ки омаданд, дар суханронии ҷавобӣ ба эҳсос дода мешаванд ва мантиқи суханашон гум мешавад. Чунин ҳол ба софистон

имкон медиҳад, то ғолиб бароянд ва ғайра. Ҳамаи ин ва дигар рафтору кирдори софистон усулҳои зоҳирии истифодаи онҳо буданд.

Суқрот бошад, ҳамеша бо софистҳо дар баҳс буд, ҳақиқати воқеиро ҳимоят менамуд ва таълим медод, ки накӯкорӣ ва бадкорӣ ҳақиқатҳои воқеӣ мебошанд. Суқрот ҳимоятгари накӯкорӣ буд ва бар зидди дурӯғ, поймол кардани ҳақиқат, ки пешаи софистҳо буд, мубориза мебурд.

**126. Суқрот кӣ буд?**

Суқрот яке аз ҳамасрони Демокрит буд. Ӯ ҳеҷ чиз нанавиштааст. Ҳама он чизе, ки дар бораи Суқрот менависанд, аз забони ҳамасронаш мебошад. Суқрот навиштанро бад медид ва мегуфт, ки навиштан донишро рӯякӣ мегардонад, ба бардоштани дониши амиқ халал мерасонад. Бинобар ин ӯ бештар ба мусоҳибаи зинда аҳамият медод ва хотираашро мустаҳкам мекард. Эътимодаш ба хотира буд.

**127. Чаро Суқротро намояндаи методи диалектикаи субъективии маърифат меноманд?**

Барои он ки вай мусоҳиби ҳунарманд, устоди мусоҳиба буд, дар ҷараёни мусоҳиба маърифати ҳақиқиро пайдо кардан мехост ва методи диалектикаи субъективии маърифати Суқрот низ ба ҳамин алоқамандӣ дорад. Дигар он ки Суқрот дар ҷараёни пайдо кардани ҳақиқат ба таври мунтазам мафҳумҳоро истифода мекард. Чунин истифодабарии мафҳумҳо, яъне мунтазам истифодабарии мафҳумҳо, то Суқрот мушоҳида намешавад. Суқрот ба он эътибор медод, ки агар мафҳумҳо набошанд, дониш ҳам намешавад.

**128. Дар маркази таваҷҷуҳи фалсафаи Суқрот чӣ меистад?**

Дар маркази таваҷҷуҳи фалсафаи Суқрот инсон ва худшиносии вай меистад. Дар зери худшиносии инсон, ки он бо ифодаи "худро бишинос" дар пештоқи даромадгоҳи ибодатхонаи Апполон дар Делфа ҳамчун шиор навишта шуда буд, шиори Суқрот низ буд. Шиори дигари Суқрот "Ман медонам, ки Ман ҳеҷ чизро намедонам" буд. Худшиносӣ, дар фалсафаи Суқрот, маънии худшиносӣ ҳамчун ҳастии ҷомеавӣ

ва ахлоқӣ ба шумор мерафт. Хулоса, муҳтавои асосии фалсафаи ӯ масъалаҳои ахлоқӣ буданд.

**129. Инсонро Суқрот чӣ гуна баррасӣ мекард?**

Инсонро Суқрот ҳамчун ҳастии ахлоқӣ баррасӣ мекард. Бинобар ин фалсафаи ӯ инсоншиносии (антропологизми) ахлоқӣ мебошад.

**130. Суқротро ба кадом ҷараёни идеализм дохил кардан мумкин аст?**

Вақте ӯро дар асоси методи истифодаи мафҳумҳо таҳқиқ мекунем, ба назар мерасад, ки вай намояндаи идеализми субъективӣ мебошад, аммо вақте ӯ мегӯяд, ки дар олам ғайр аз чизҳои эҳсосшаванда боз моҳиятҳои доимо вуҷуддошта низ ҳастанд, Суқрот ба идеализми объективӣ алоқаманд мешавад. Суқрот ҳамчунин оламро донистанашаванда эълон мекунад, ки ин ақида низ ӯро ба идеализм мекашад. Азбаски дар фалсафаи идеалистии Суқрот муносибатҳои субъективона бештар ба назар мерасанд, ӯро ба ҷараёни идеализми субъективӣ дохил кардан мумкин аст.

**131. Суқрот чӣ гуна шахсияти таърихӣ буд?**

Суқрот таҷассумгари ҳақиқат ва ахлоқ буд. Ӯ дар асоси туҳмати яке аз ҳамасронаш, ки Мелет ном дошт ва дар мусоҳиба аз ҷониби Суқрот мағлуб гардида буд, бо ҷурми он ки гӯё Суқрот худоёни полисро пазиро нест, муттаҳам карда мешавад ва ҳукми қатл мегирад. Баъди 30 рӯзи дар маҳкама нишастан ва интизори марг будан ба наздаш хешовандон, ҳамсараш ва се нафар писаронаш меоянд. Суқрот бо онҳо худоҳофизӣ мекунад ва дар ҳузури шогирдонаш заҳр меошомад ва ба абадият меравад. Қатли Суқротро дар таърих марги инсон не, балки кушта шудани ҳақиқат маънидод менамоянд.

**132. Афлотун кӣ буд?**

Донистани рӯзгори Афлотун аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Бинобар ин лозим донистем чанд сатр дар бораи рӯзгораш низ нависем. Афлотун (427-347) яке аз машҳуртарин файласуфони даврони Антиқа ба шумор меравад. Вай аз авлодони ашрофзодаи Афина буда, номи аслиаш Аристокл мебошад.

Афлотун бошад, лақаби ӯ, ки аз калимаи "платюс" – "васеъ", "китфҳои васеъ дошта" тарҷума мешавад. Аристокл ҷавони ҳамаҷониба истеъдоднок будааст. Устодонаш Кратил ва Суқрот буданд. Баъди кушта шудани Суқрот хеле мутаассир мешавад ва Афинро тарк мекунад. Давоми зиёда аз даҳ сол дар кишварҳои гуногун сафар мекунад ва ниҳоят ба дарбори Дионисии Калонӣ меғалтад. Дионисӣ баъди чанд вақт ӯро ба ғуломӣ мефурӯшад ва ба дасти харидори румӣ меафтад, ки вай ӯро боз ба Афина меоварад. Дар Афина мактаби худро мекушояд, ки бо номи Академия машҳур аст. Мактаби Афлотун дар боғе ҷойгир шуда буд, ки номи қаҳрамони даврони бостон Академро дошт. Бинобар ин мактаби Афлотунро минбаъд *Академия* мегуфтагӣ шуданд. Ин Академия 915 сол мавҷудияти худро нигоҳ дошт. Афлотун дар Академия ба фанни математика (риёзиёт) аҳамияти калон медод. Бинобар ин дар даромадгоҳи Академия навишта шуда буд, ки: "Ҳар ки геометрияро надонад, ба Академия нахоҳад дохил шуд!" Афлотун дар синни 80-солагӣ дар рӯзи таваллудаш дар шабнишинии издивоҷӣ вафот кардааст.

Афлотун теъдоди зиёди асарҳоро эҷод кардааст, ки ҳамаи онҳо то ба имрӯз расидаанд. Асарҳои Афлотун дар шакли мусоҳибаҳои бадеӣ навишта шудаанд.

**133. Афлотун намояндаи кадом равияи фалсафӣ мебошад?**

Афлотун фалсафаи муназзами хосӣ худро дорад. Ӯро ба таври умумӣ намояндаи барҷастаи идеализми объективии даврони Антиқа мешуморанд. Фалсафаи Афлотун ҷонибҳои гуногунро соҳиб мебошад, ки онҳо дар рушди минбаъдаи афкори фалсафӣ аҳамияти калон доштанд. Таркиби фалсафаи Афлотун аз онтология (таълимот дар бораи ҳастӣ), теология (таълимот дар бораи Худо – илоҳиёт), космология (таълимот дар бораи олам), космогония (таълимот дар бораи пайдоиши олам), психология (таълимот дар бораи руҳ, ҷон, маънавият, равон), гносеология (таълимот дар бораи маърифат), этика (таълимот дар бораи ахлоқ) ва сотсиология (таълимот дар бораи ҷомеа) иборат аст. Таҳқиқи ғояҳои асарҳои Афлотун аз он шаҳодат медиҳанд, ки онҳо, дар ниҳояти амр, таълимот дар бораи идеяҳо, нақшҳо мебошанд.

**134. Чаро фалсафаи Афлотун танҳо дар доираи идеализм сурат гирифт?**

Маълум аст, ки ба ҳар як инсон дар ибтидои ташаккули тафаккур чизе ё ҳодисае таъсир мегузорад. Афлотун, вақте Суқроти ҳаким дар Рум ҳамчун яке аз шахсиятҳои абарқудрати давр дар соҳаи зеҳн маъруфият дошт, 28-сола буд ва яке аз шогирдони Суқрот ба шумор мерафт. Ба устодаш Суқрот эҳтироми фоиқа дошт. Ноодилона ба қатл маҳкум кардани Суқрот ва ба дунёи охират рафтани ӯ барои Афлотун фоҷиаи мудҳиш буд. Баъди ин фоҷиа Афлотун ба худ савол медиҳад: “Оё оламе, ки ба муътабартарин инсон ҳукми қатлро раво дида, тавассути он андешаи адолат ва ҳақиқатро поймол кард, олами ҳақиқӣ буда метавонад?” Ба ин савол Афлотун ҷавоби манфӣ медиҳад ва мегӯяд: “На, ҳаргиз”. Бо ин саволу ҷавоби худ ба худ Афлотун олами муҳитро ҳамчун олами ҳастии ғайриҳақиқӣ, ноҳақ маънидод мекунад ва минбаъд дар ҷустуҷӯйи олами ҳақ мешавад ва чунин оламро на дар ҳастии моддӣ, балки дар ҳастии маънавӣ пайдо мекунад. Яке аз сабабҳои умдатарини дар доираи идеализм мондани фалсафаи Афлотун ҳам дар ҳамин аст.

**135. Олами Афлотун чӣ гуна олам аст?**

Ба ин савол Афлотун чунин ҷавоб мегӯяд, ки ғайр аз олами оддии мавҷуди ноҳақ, яъне олами маҳсусшавандаи мавҷуди ғайриҳақиқӣ боз олами моҳиятҳои мусаффо вуҷуд дорад. Олами моҳиятҳои мусаффои худро Афлотун ба мафҳуми *“идея” (эйдос)* ифода кард. Олами Афлотун олами фавқуттабиӣ буда, на ранг дорад, на бӯй, на ягон аломате дорад, на моҳияти эҳсосшаванда, балки моҳиятест эҳсоснашаванда, ҳастии дар ҳақиқат мавҷуд, ки танҳо тавассути тафаккур онро дарк кардан мумкин аст.

**136. Олами фавқуттабиии Афлотун чӣ гуна хосиятҳоро дорост?**

Олами Афлотун олами идеяҳо, ки на танҳо аз салганати моҳиятҳо, балки аз салтанати моҳиятҳои накӯкор иборат аст, яъне олами идеалии Афлотун на танҳо олами муқобил ба олами маҳсусшаванда, балки олами накӯ, олами хайр бар муқобили олами зулм, олами шар мебошад. Дар ниҳояти амр, дар болои

ҳама идеяҳо, ба андешаи Афлотун, идеяи Хайр меистад, ки вай сарчашмаи ҳақиқат, манбаи мувозинат, ҳамоҳангӣ ва зебоии қонеъкунандаи ҳама гуна тақозои накӯкориҳои воло мебошад. Идеяи Хайр ба Офтоб шабоҳат дорад. Аммо Офтоб, дар олами маҳсусшаванда, Офтоби маҳсусшаванда буда, дар олами идеалӣ идеяи Хайр мебошад. Хулоса, олами идеяҳо, мувофиқи таълимоти Афлотун, ҳастии олами ҳақиқӣ, яъне олами абадӣ ва тағйирнопазир ба шумор меравад.

**137. Идеализми объективии Афлотун чиро ифода мекунад?**

Маълум аст, ки идеализми объективӣ воқеона, новобаста ба шуури инсон вуҷуд доштани руҳ, тафаккур, идеяро таълим медиҳад ва онҳо нисбат ба олами моддӣ аввалин маҳсуб меёбанд. Дар эҷодиёти Афлотун мо метавонем ду шакли мавҷудиятро пайдо кунем: якум, идеализми объективии мушаххасгардонидашуда, ки онро Афлотун худои холиқи кайҳон меномад, яъне мавҷудиятро ба худо вобаста мекунад; дувум, идеализми объективии номушаххас, ки он аз идеяҳо иборат аст ва дар мақоми волотарини идеяҳо идеяи Хайр меистад. Хусусияти дигари идеализми Афлотун аз он иборат аст, ки вай идеализми ҳазмшуда, бошуурона ба шумор меравад.

**138. Мафҳуми "идея" дар фалсафаи Афлотун чиро ифода мекунад?**

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки Афлотун ба олами маҳсусшавандаи ғайри воқеӣ, олами ҳақиқӣ ва воқеии идеалиро муқобил мегузорад. Олами идеалии Афлотун абадӣ ва тағйирнаёбанда буда, ҳамеша ҳаст, нест намешавад ва тавлид намеёбад. Ҳастӣ, яъне олами идеалии мавҷуд, аз маҷмуи баҳамомадаи заминаҳои маънавӣ иборат аст, ки унсурҳои созмондиҳандаашро идеяҳо ташкил мекунанд. Маънии луғавии калимаи "идея" – зоҳир, намуди берунӣ, намудор, сифат, нақш, шакл, намуд, навъ мебошад. Ҳамчун унсури созмондиҳандаи маҷмуи баҳамомадаи олами идеалиро бештар Афлотун бо калимаи "эйдос" низ ифода мекунад. Шояд байни онҳо кадом як тафовуте ҷой дошта бошад, аммо дар забони ҳамондавраина ҳар ду вожа ба як маънӣ истифода мешуд. Мо низ ҳар ду ин вожаро ба як маънӣ истифода мебарем. Хулоса, идея ё эйдоси Афлотун ҳамон калима ё мафҳуме, ки тафаккури инсон эҷод

кардааст ва Афлотун онро ба маънии ифодакунандаи унсурҳои маҷмӯи олами маънавии баҳамомада истифода мекунад, ки онҳо, мувофиқи таълимоти Афлотун, ҳамчун воқеиятҳои объективӣ вуҷуд доранд. Идеализми Афлотун, чун дар боло зикр кардем, идеализми ахлоқӣ мебошад ва дар муқобили олами маҳсусшаванда ва ғайриҳақиқӣ меистад. Бинобар ин идеяи ҳама идеяҳо идеяи Хайр мебошад, ки он таҷассумгари сарчашмаи ҳақиқат, муназзам, ҳамоҳанг, зебо буда, қонеъкунандаи талаботи накӯкориҳои воло мебошад.

Идеяҳои Афлотун дар пароканданагӣ набуда, балки дар тобеиятӣ ва тобеияти тобеият вуҷуд доранд. Идеяҳо метавонанд дар шакли умумияти бештар ё умумияти камтар вуҷуд дошта бошанд. Масалан, гӯсфанд ва гов ба ҳамдигар тобеият дошта, дар маҷмуъ ба идеяи чорпо тобеъ мешаванд ва байни ҳамдигариашон тобеияти тобеият пайдо мекунанд. Аммо, азбаски олами идеяҳо хеле бисёр мебошад, Афлотун онҳоро дар шакли пирамида ифода карда наметавонад.

**139. Оё дар фалсафаи Афлотун олами моддӣ умуман инъикос наёфтааст?**

Дар фалсафаи Афлотун дар муқобили олами ҳастӣ, ки олами идеяҳо мебошад, олами ғайриҳастӣ (нобудӣ) меистад. Дар зери мафҳуми олами ғайриҳастӣ Афлотун олами моддиро, ки "хора" низ мегӯяд, ифода мекунад. "Хора" кадом як фазо, "кадом як намуди диданашаванда, бешакл, ламснашаванда" буда, вай дар ягонагии худии худ вуҷуд дорад ва дар айни замон мурунат дошта, метавонад шаклҳои гуногунро гирад. Хулоса, материяи Афлотун беҷон, донистанашаванда ва тақрибан ғайриҳастӣ мебошад. Сарфи назар аз он ки материяро Афлотун чунин маънидод кардааст, вале вай манбаи тавлиди бисёрӣ, фардӣ, ашёӣ, тағйирёбандагӣ, фавтиданӣ ва тавлидёбӣ, зарурати табиӣ, зулм ва ба нестӣ оварандаи озодӣ маҳсуб меёбад. Материя – хора - "модар", "ғизодиҳанда", "сабабияти мусоидаткунанда" маънидод карда мешавад, яъне Афлотун ғайр аз идеяҳо боз мавҷудияти ибтидои мустақили дигарро – материяро пазируфтааст. Бинобар ин Афлотунро *идеалисти шакли дуалистӣ* низ гуфтан мумкин аст. Аммо олами Афлотун оламест, ки тавлид мешавад, як муддат худро нигоҳ медорад, доимо таҳаввул мекунад ва доимо нест мешавад, яъне оламе, ки

мувакқатан ба вуҷуд меояд, дар нестшавӣ абадият дорад, абадӣ нест мешавад.

Барои он ки ходисоти дар олами ғайриҳастӣ бавуҷудояндаро маънидод кунад, Афлотун мавҷудияти рӯҳи кайҳониро дохил мекунад, ки вай ҳамчун қувваи эҷодкор, манбаи ҳаракат, ҳаёт ва зиндагӣ маънидод карда мешавад. Вай ҳам олами идеяҳо ва ҳам олами ашёро дар худ ҷой медиҳад ва ашёро маҷбур мекунад, ки ба идеяҳо тақлид кунанд ва иштироки идеяҳоро дар ашё таҷассум мекунонад. Ҷисм миранда, рӯҳ абадист. Рӯҳ аз ҷисми мурда ба ҷисми дигар мегузарад. Чунин гузаришро метемпсихоз мегӯянд.

**140. Афлотун дар бораи давлат чӣ гуна ақидаҳо дорад?**

Мувофиқи таълимоти Афлотун, давлат ба сабаб ва баҳри қонеъ кардани талаботи одамон ба вуҷуд меояд. Дар давлат ҳар як инсон ба меҳнати муайян машғул мешавад. Дар натиҷа имконияти бештар истеҳсол кардани неъматҳои барои зиндагӣ зарур ба вуҷуд меояд, ки он талаботи ҳамаро қонеъ мегардонад. Афлотун лоиҳаи давлати идеалиро низ тартиб медиҳад, ки дар чунин давлат вазифаи олӣ ғамхорӣ дар бораи одамон маҳсуб мёбад. Дар ин давлат ҳама умури он дар асоси адолат ва ақл ба роҳ монда шудааст. Чунин давлатро одамони хирадманд – файласуфон идора мекунанд. Дар чунин давлат одамони аз ҷиҳати ҳам ҷисмонӣ ва ҳам маънавӣ тарбияёфта зиндагӣ мекунанд. Ин ақидаҳоро Афлотун пешниход карда, сохти дар ҳамон давра мавҷудаи давлатро зери танқид мегирад.

**141. Оё дар бораи Арасту чизе медонем?**

Арасту (384-322 то милод) низ яке аз симоҳои барҷастаи фалсафаи Антиқа ва шогирди шоистаи Афлотун ба шумор меравад. Ватани Арасту шаҳр-давлати (полиси) Стагира буда, падараш Никомаҳ - дар даргоҳи подшоҳи мақдунӣ Аминита табибӣ мекард. Дар синни 17-солагӣ ба Афина меояд ва ба “Академия”-и Афлотун дохил мешавад. Дар Академия 20 сол - то вафоти Афлотун, таҳсил мекунад. Баъди вафоти Афлотун Арасту чандин сол дар мусофират дар шаҳрҳои гуногун умр ба сар мебарад ва соли 338 боз ба Афина бармегардад. Давраи дувуми ҳаёти Арасту дар Афина оғоз мёбад. Дар ин ҷо вай мактаби худро мекушояд, ки Ликей ном дошт. Барои он Ликей

ном гирифт, ки дар наздикии кохи Апполони Ликейӣ ҷойгир шуда буд. Мактаб дар боғи сабзи сердарахти сояаафкан мавзеъ дошт, ки дар он роҳравҳои болопӯшидаи махсус барои сайругашт бино гардида буданд ва шогирдон дар он гардиш мекарданд. Бинобар ин ҳам Арасту ва ҳам шогирдони ӯро "перипатетикҳо" (сайругашткунандагон) меномиданд. Арасту дар Ликей 12-сол омӯзгорӣ кардааст ва теъдоди хеле зиёди шогирдон низ доштааст. Давраи дувуми зиндагии Арасту дар Афина ба давронн нашъунамои салтанати Искандари Мақдунӣ рост меояд. Баъди вафоти ногаҳонии Искандар дар Афина шӯриши зиддимақдунӣ сар мешавад ва Арастуро низ ба кофирӣ гунаҳкор мекунанд. Хулоса, Арасту Афинаро падруд мегӯяд ва дар хонаи модараш дар шаҳри Эвбей вафот мекунад.

Мутафаккир пеш аз вафоташ васият мекунад, ки турбати зани аввалаашро дар назди қабраш аз нав гӯронанд, барои таъмини зиндагии зани дувумаш Ҳерпилле – модари писараш - Никомаҳ, воситаҳои зарурӣ таъин мекунад. Ба ҳар ду писараш – Пифиада, ки аз зани аввалааш буд ва Никомаҳ - аз зани дувумаш, таъинот медиҳад, баъзе ғуломони худро озод мекунад. Хулоса, кори бандагии қабл аз нафаси вопасинашро низ ҳамчун инсони оқил ба анҷом мерасонад ва дунёи фониро падруд мегӯяд.

Арасту эҷодиёти пурғановати фалсафӣ дорад, ки он аз мусоҳибаҳо сар карда то рисолаву китобҳои калонҳаҷми соҳаҳои гуногун ба шумор меравand ва шогирдони хоҳишманд метавонанд онҳоро мавзуи мавриди баррасии махсус қарор диҳанд. Овардан ва тавсиф кардани онҳо дар ин саволу ҷавоб имконнопазир аст. Танҳо ишора бар он мекунем, ки Арасту соҳиби низоми фалсафии худ буда, мавзуъҳои гуногуни фалсафиро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Пеш аз он ки ба саволҳои дигари муайянкунандаи афкори фалсафии мутафаккир гузарем, як чизро таъкид мекунем, ки Арасту дар байни материализм ва идеализм мекалавид ва ин калавиш аз ӯ файласуфи дуалист ташаккул додааст.

**142. Чаро Арасту ифодаи зеринро нисбат ба Афлотун муносиб донистааст?**

"Ҳарчанд Афлотун ва ҳақиқат бароям азизанд, вале қарзи виҷдон фармуда истодааст, ки афзалиятро ба ҷониби ҳақиқат

диҳам". Ифодаи мазкурро Арасту барои он гуфтааст, ки вай бо фалсафаи идеализми Афлотун мувофиқ набуд ва мавзуи танқиди Арасту гардида буд. Арасту эълом дошт, ки Афлотун идеяҳоро мавҷуди мустақил гуфта ба ғалати усулӣ ҷой додааст ва дарк накардааст, ки идеяҳо мустақилона вуҷуд дошта наметавонанд.

**143. Низоми фалсафии Арасту кадом ақидаҳоро дар бар мегирад?**

Арасту аз байни мутафаккирони Антиқа аввалин шуда донишҳои фалсафиро аз донишҳои мушаххаси соҳаҳо ҷудо мекунад ва фалсафаро ба фалсафаи аввал, ки мавзуи омӯзишаш ҳастии аввал ё ибтидо ва сабабияти аввал мебошад, ва фалсафаи дувум, ки мавзуи омӯзишаш табиат мебошад, тақсимбандӣ менамояд. Мавзуи фалсафаи аввал, ки таърихан унвони "метафизика"-ро гирифта буд, на дар бораи табиат, балки дар бораи он чи берун аз табиат вуҷуд дорад, баҳс мекунад. Ин мавзуъро моҳиятҳои фавқулҳиссии доимӣ, ки танҳо тавассути тафаккур дарк кардан мумкин аст, меномид ва ҳамин фалсафаи аввал аз диди Арасту фалсафа ба маънии том ба шумор меравад, аммо физика ё таълимот дар бораи табиат низ фалсафа буд, вале фалсафаи дувум маҳсуб мееёфт.

**144. Фалсафаи якуми Арасту таърихан ба унвони "метафизика" маъруф аст. Ин мафҳум чиро ифода мекунад ва ҳамчун фалсафаи якум чиро ғунҷоиш медиҳад?**

Дуруст аст, ки фалсафаи якуми Арастуро "метафизика" (баъди физика, баъди табиат, фавқуттабиӣ) унвон кардаанд. Маънии забонии мафҳуми "метафизика"-ро дохили қавс овардем. Аммо маънии фалсафиаш ҳамчун фалсафаи якум аз он иборат аст, ки вай ифодакунандаи ҳастии абадии фавқуттабиӣ, ҳастии абадии фавқулҳиссӣ, ки танҳо тавассути тафаккур дарк карда мешавад, мебошад. Роҷеъ ба ин масъала Арасту савол мегузорад, ки оё ғайр аз материя боз ягон чиз, ки сабаби мустақил бошад ҳаст ё на? Оё ғайр аз моҳиятҳои маҳсусшаванда боз кадом як мавҷуди беҳаракат ва абадӣ вуҷуд дорад ё на ва агар вуҷуд дошта бошад, пас, чӣ аст вай? Ба ин саволҳо худи Арасту ҷавоби мусбат дода мегӯяд, ки: бале, сабабҳои ғайримоддии мустақил вуҷуд доранд, ҳамчунин

моҳиятҳои беҳаракати абадии фавқулҳиссӣ вуҷуд доранд. Мавзуи омӯзиши фалсафаи якум ҳам аз ҳаминҳо иборат аст ва ин масъалаҳо нисбат ба омӯзиши табиат муқаддамтар мебошанд. Бинобар ин онро Арасту фалсафаи якум меномад.

**145. Дар маркази таваҷҷуҳи фалсафаи якум чи меистад?**

Дар маркази таваҷҷуҳи фалсафаи якум масъалаҳои ҳастӣ меистад. Доир ба ҳалли ин масъалаҳо Арасту таълимотеро дар бораи чаҳор нахустасос, чаҳор ибтидо ё нахустсабаби ҳама гуна ҳастиро ба вуҷуд овардааст, ки онҳо аз:

1) нахустасоси шаклӣ, ки онро Арасту тавассути вожаи “эйдос” ифода кардааст. Аммо эйдос дар таълимоти Арасту идея, эйдоси чиз буда, бо худи чиз вуҷуд дорад. Тавассути эйдос “моҳияти ҳастӣ” ифода карда мешавад. Бе эйдос чиз ифода карда намешавад, яъне эйдос сабаби шаклии чиз мебошад.

2) нахустсабаби моддӣ, ки Арасту онро тавассути вожаи юнонии “ҳюле” (яъне, ба маънии маъмулии забонӣ - ҷангал, дарахтон, чӯбу тахтаи бинокорӣ ва дувум, асосе, ки ҳама ашё аз он ибтидо мегирад), ифода кардааст. Ҳюлеро Арасту ҳамчун нахустмоддаи бешакл, номуайян, ки метавонад ҳама гуна шаклро бигирад, ба муайяние табдил ёбад, маънидод кардааст. Ҳама гуна шакл ва муайянӣ тавассути сабабияти шаклӣ ба вуҷуд меояд. Сабабияти шаклӣ ба сифати фаъол маънидод карда мешавад. Умуман, модда ва шакл ду ибтидои доимӣ буда, шакл ифодакунандаи моҳият мебошад. Модда ҳамчун мавод вуҷуд дошта, танҳо тавассути шакл ифодакунандаи моҳият мегардад.

3) нахустсабаби баҳаракатоваранда. Дар тафсири ин масъала саволе ба миён меояд, ки ҳаракат чӣ тавр имконпазир мегардад? Чун маълум аст, модда дар таълимоти Арасту заиф, беҳаракат буда, онро танҳо шакл ба ҳаракат меоварад. Шакл ва модда дар якҷоягӣ ба фаъолият даромада метавонанд, яъне шакл омили баҳаракатоваранда маҳсуб меёбад. Пас, нахустсабаби баҳаракатоваранда шакл мебошад, ки онро шакли дигар ба ҳаракат меоварад. Ин шакли дигар нахустсабаби баҳаракатоваранда, шакли олӣ – Худо ба шумор меравад. Шакли олӣ худ беҳаракат мебошад. Агар вай дар ҳаракат мебуд, пас, барои вай низ баҳаракатоваранда лозим

меомад. Бинобар ин Худо ҳамчун мавҷуди фавқулҳиссӣ беҳаракат буда, ҳамаи дигар мавҷудотро ба ҳаракат меоварад.

4) нахустсабаби мақсаднокӣ, ки ҳама гуна ҳаракатро ба ҳадафи муайян равона мекунад. На мавҷудияти ашё ва на мавҷудияти ҳаракат бемақсад буда наметавонад. Тибқи ақидаи Арасту, ҳама гуна раванд дар олам тавассути ҳадафи муайян самти муайяни ботинии худро ва тавассути ҳадаф сабабиятро пайдо менамояд. Арасту таъкид мекунад, ки ҳама гуна имконият ба татбиқшавӣ саъй мекунад, ба он саъй мекунад, ки муайянии мукаммале шавад. Бинобар ин мақсад, ҳадаф – саъй кардан баҳри расидан ба ҳадафи худ мебошад.

**146. Дар фалсафаи Арасту чаҳор нахустсабаб бо маънидоди таълимот дар бораи Тафаккур, Ақли мутлақ ба охир мерасад. Пас, Ақли мутлақ чист?**

Ақли мутлақ дар фалсафаи Арасту ҳамчун зинаи олии ҳастӣ маънидод карда мешавад, ки вай ҳеҷ гуна сабабияти бавуҷудоваранда надорад ва ба худии худ мавуҷудияташро нигоҳ медорад. Дар ин хусус Арасту менависад, ки "... моҳияти доимӣ, беҳаракат ва ҷудо аз ашёи маҳсусшаванда вуҷуд дорад". Ин мавҷуди олӣ, албатта, Худо мебошад. Худо Ақли бешахс, Ақли худовандӣ мебошад, ки мудом дар фаъолият буда, офаридгори ҳама мавҷудот мебошад. Ақли худовандӣ ҳамчун мавҷуди олӣ ба сифати сабаби шакливу ҳаракату мақсаднокӣ баромад мекунад. Чунончи, ҳамчун сабаби шаклии Ақл "Шакли шаклҳо", мафҳуми ниҳоии ифодакунандаи ҳастӣ, ҳамчун ҳаракатдиҳанда – ба сифати такондиҳандаи аввалин, ки ҳама чизро ба ҳаракат меоварад, вале худаш беҳаракат мебошад. Ҳамчун ҳадаф ифодакунандаи тамоми мақсадҳо, ки барои расидан ба неъмат, ҳадафи воло равона карда мешавад. Ҳадафи воло – расидан ба Худашро дар назар дорад. Гуфтаҳои мазкурро теология – таълимот дар бораи Худо меноманд.

**147. Агар теология таълимот дар бораи Ҳастии Олӣ – Худо бошад, пас, телеология чист?**

*Телеология ба теология* алоқамандӣ дорад ва гуфтан мумкин аст, ки аз он бармеояд. Чунон ки дар боло гуфтем, теология таълимот дар бораи Ҳастии Олӣ – Худо мебошад. Мувофиқи ин таълимот, бавуҷудоварандаи ҳама ашё ва

ҳодисоти олам Худо ба шумор меравад ва ҳама чиз аз ибтидо мақсаднок офарида мешавад ва дар ниҳояти амр ба як мақсад равона мешавад, яъне ба Худо. Дар телеологияи Арасту низ ҳама ашёву ҳодисоти олам аз ҷониби Ҳастии Олӣ, яъне Худованд, мақсаднок офарида мешавад. Ақли ягонаи худовандӣ на танҳо манбаъ ва сабаби ҳаракат мебошад, балки, дар айни замон, сабаби мақсаднокии раванди олам буда, вайро ба мақсади ягона, яъне ба Худо ҳамчун неъмати воло равона мекунад. Хулоса, мақсаднок офаридан ва минбаъд расидан ба неъмати волоро, ки мақсади олӣ маҳсуб меёбад, телеология ё таълимот дар бораи мақсаднокии офариниш мегӯянд.

**148. Оё Арасту дар бораи руҳ андешаҳо дорад?**

Дар ҷавоб ба ин савол бояд гуфт, ки масъалаи руҳ (ҷон, мафҳуми муосираш – маънавият) яке аз масъалаҳои бениҳоят муҳокимашавандаи ҳам афкори давраҳои пешофалсафӣ ва ҳам тамоми давраҳои минбаъдаи рушди ҷомеаи инсон ба шумор меравад ва дар замони муосир низ мубрамияти хешро гум накардааст ва густурда баррасӣ мегардад. Ин масъала Арасту барин мутафаккирро берун аз доираи баррасиаш монда наметавонист. Бинобар ин зарур аст гуфта бошем, ки Арасту ин масъаларо низ ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор додааст ва андешаҳои ҷолиб низ дорад. Масалан, Арасту руҳро ҳамчун ҷузъи ҷудонопазир ва мабдаи ташаккулдиҳандаи ҷисм, манбаъ, тарзи идора ва ба танзимоварандаи он, энтелехияи (нерӯи ба ҳадаф расонанда, қувваи ҳаракатдиҳанда, мубаддалкунандаи имконият ба воқеият) ҷисм номидааст. Арасту таъкид мекунад, ки танҳо руҳ ба ҷисм маънӣ ва мақсади ҳаёт мебахшад. Мутафаккир унсурҳои созмондиҳандаи руҳро хеле муфассал таҳлил кардааст ва нишон додааст, ки руҳ аз хотира, эҳсосҳо, гузариш аз эҳсосҳо ба тасаввурот ва ғайра иборат аст, ки то расидан ба дарки моҳиятро ҳидоят мекунад. Руҳ абадист, ҷисм миранда аст ва ба нестӣ омадани ҷисм маънии абадӣ озод гардонидани руҳро дорад.

**149. Оё мумкин аст, ки Арастуро намояндаи ҷараёни фалсафии дуализм эътироф намоем?**

Бале, аз баррасии афкори фалсафии Арасту чунин бармеояд, ки вай ду нахустасосро мавриди омӯзиш қарор

додааст ва ҳар дуро, яъне, ҳам асоси моддӣ (ҳюле) ва ҳам руҳиро (эйдос) эътироф кардааст. Бинобар ин Арастуро метавон намояндаи ҷараёни фалсафии дуализм маънидод кард.

**150. Дар масъалаи таълимот дар бораи маърифати олам (гносеология) Арастуро ба кадом гурӯҳи мутафаккирон дохил кардан мумкин аст?** – Вақте афкори Арастуро дар ин соҳа таҳқиқ мекунем, маълумамон мешавад, ки вай доир ба ин масъала тадқиқоти махсус накардааст ва навиштаи махсус низ надорад. Аммо дар афкори фалсафиаш гуфтаҳоеро пайдо мекунем, ки аз итминони мутафаккир ба дониш шаҳодат медиҳанд. Чунончи, асари Аристу "Метафизика" бо ифодаи: "Ҳама инсонҳо аз ибтидо ба дониш саъй мекунанд" оғоз меёбад. Итминони файласуф ба донисташавандагии олам ба он такя мекунад, ки олами инсон ва олами кайҳон дар сиришти худ асоси ягона доранд, шаклҳои ҳастӣ ва тафаккур ҳаммонанди якдигаранд. Дувум он, ки Арасту дар китоби фавқуззикраш "Метафизика" онҳоеро зери танқид мегирад, ки ҳеҷ чизро ҳамчун ҳақиқат намепазиранд. Бинобар ин Арастуро, сарфи назар аз камбудиҳояш, дар ин соҳаи муҳими фалсафӣ ба гурӯҳи хушбинҳо (муносибати мусбатдоштагон ба донисташавандагии олам) дохил кардан мумкин аст.

**151. Маълум аст, ки барои анҷом додани тадқиқоти илмӣ категорияҳо, мафҳумҳои умумии ифодакунандаи равандҳои муайян лозим мебошанд. Оё Арасту дар ин ҷода кореро анҷом додааст?**

Бале, анҷом додани корҳои тадқиқоти илмӣ истифодаи категорияҳоро (мафҳумҳои умумиятдодашударо) тақозо мекунад. Ҳарчанд дар замони зиндагии Арасту илм дар зинаҳои поёнии инкишоф буд, вале мутафаккир пай бурдааст, ки бе мафҳумҳои умумии ифодакунандаи равандҳои муайяни ҳодисоти олам, тадқиқ кардани онҳо имконнопазир аст. Бинобар ин Арасту як қатор категорияҳоро кашф кардааст, ки аҳамияти худро то ба имрӯз гум накардаанд. Чунончи, категорияҳо ба мисли: тавон ва фаъолият, сабаб ва натиҷа, имконият ва воқеият, фазо ва вақт, модда (ҳюле) ва шакл (эйдос), моҳият ва зуҳур ва ғайраро истифода кардааст.

**152. Арастуро асосгузори мантиқи шаклӣ мегӯянд. Чаро?**

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки мантиқи шаклӣ илмест дар бораи шаклҳои аҳамияти умумидоштаи тафаккур ва воситаҳои он, ки барои тадқиқи дурусти ҳама соҳаҳои илм зарур аст, ба шумор меравад. Ба шаклҳои аҳамияти умумидоштаи тафаккур ифодаҳо ба монанди: мафҳумҳо, муҳокимаҳо ва хулосабарориҳо дохил мешаванд. Аввалин шаклҳо ва воситаҳои муҳокима ҳоло дар марказҳои бисёр қадима ба мисли Чин ва Ҳиндустон ба вуҷуд омада буданд, вале онҳоро аввалин маротиба ба низоми муайян Арасту даровaрда буд ва асоси илми мантиқи дар замони муосир ташаккулёфта низ ҳамон мантиқе, ки Арасту ба вуҷуд оварда буд, маҳсуб меёбад. Арасту аввалин мутафаккире буд, ки шаклҳои мантиқии нутқро аз мазмун ҷудо карда буд. Бинобар ин Арастуро асосгузори мантиқи шаклӣ меноманд.

**153. Ахлоқ дар фалсафаи Арасту кадом мақомро ишғол мекунад?**

Аз таърихи рушди афкори фалсафӣ маълум аст, ки аксарияти мутафаккирони гузашта ба масъалаҳои ахлоқ аҳамияти махсус зоҳир мекардаанд. Арасту низ аз ин ҷумла истисно нест ва масъалаҳои ахлоқ дар фалсафаи ӯ ҷойи намоёнро ишғол мекунад, зеро мутафаккир ба ин масъала натанҳо аҳамият додааст, балки паҳлӯҳои гуногуни онро муфассал тадқиқ карда, чӣ гуна аҳамият доштани онро барои ҷомеа нишон додааст.

Чун медонем, ҷомеа ва давлатро Арасту дар ваҳдоният (ягонагӣ) тадқиқ кардааст. Бинобар ин вақте Арасту ба масъалаи ахлоқ таваҷҷуҳ мекунад, кӯшиш мекунад, ки ахлоқ, қабл аз ҳама, ҷавобгӯйи тақозои ҷомеа ва давлат бошад. Назари мутафаккир бар он аст, ки шаҳрвандон бояд ҷавобгӯйи накӯкориҳои муайян бошанд, ки онҳоро аз бошандагон давлат талаб мекунад. Шаҳрвандон танҳо дар доираи ҳамин накӯкориҳои муайян метавонанд ҳам ҳуқуқҳои худро воқеӣ гардонанд ва ҳам ба ҷомеа судманд, муфид бошанд. Накӯкориро Арасту дар он мебинад, ки вай ба манфиати ҷомеа буда, назму тартиби ҷомеаро таъмин карда тавонад. Накӯкориро ба ду навъ тақсим мекард: накӯкории зеҳнӣ ва иродатӣ. Накӯкории зеҳнӣ аҳамияти ҳалкунанда дошта,

тавассути аз бар кардани донишу таҷрибаи таърихи гузаштагон ташаккул меёбад ва дар корҳои оқилонаи муосирон татбиқи худро меёбад. Ба чунин накӯкориҳо, фаъолиятҳо ба монанди: хирадмандона рафтор кардан, оқилонагии фаъолият, оқилонагии муносибат ва ғайра, ки тавассути онҳо инсон худро ҳамчун мавҷуди боақл муаррифӣ мекунад, дохил мешаванд. Инсони оқил инсони озод аст. Инсонеро, ки "тафаккури ғуломӣ" дорад, инсони саодатманд гуфтан мумкин нест. Ғайр аз ин мутафаккир арзишро, ба мисли адолати иҷтимоӣ, дар маркази таваҷҷӯҳи меъёрҳои ахлоқии ҷомеа мегузорад.

**154. Роҷеъ ба масъалаи ҷомеа ва давлат Арасту чӣ ақидаҳо дорад?**

Дар ҷавоб ба ин савол бояд гуфт, ки файласуф таҷрибаи ҳаёти сиёсии ҷомеаи юнониёнро хеле муфассал таҳлил карда, таълимоти истисноии иҷтимоиву фалсафии худро ба вуҷуд овардааст. Дар ҳалли ин масъала вай диққати асосиро ба ибтидои мавҷудияти ҳар як воқеа медиҳад ва чунин андеша мекунад, ки ибтидои масъалаи ташаккули ҷомеа (давлат), қабл аз ҳама, ба таваҷҷуҳи ҳар як инсон баҳри бо ҳамдигар якҷоя шудан, якҷоя зиндагӣ кардан, бо ҳамдигар муошират кардан алоқамандӣ дорад.

Арасту инсонро аз ибтидо мавҷуди сиёсӣ, яъне мавҷуди иҷтимоӣ маънидод мекунад ва қайд менамояд, ки инсон аз ибтидо инстинкти (хоҳиши равонии) ба зиндагии якҷоя бо одамони дигарро дорад. Аввалин натиҷаи ҳаёти якҷояи одамонро Арасту дар ташаккулёбии оила мебинад. Минбаъд, мегӯяд Арасту, андешаҳояшро идома дода, зарурати байни ҳамдигар мубодила кардан ба вуҷуд меояд, ки он, дар навбати худ, ба муошурати байниҳамдигарии оилаҳо ва деҳаҳои аҳолинишин меоварад. Ҳамин тариқ, ҷомеа – давлат арзи вуҷуд мекунад. Чун мебинем, ҷомеа ва давлатро Арасту дар ваҳдоният (ягонагӣ) маънидод мекунад, зеро ҳар ду падидаи мазкур дар фаҳмиши мутафаккир воқеияти ваҳдонӣ дорад.

Давлат, андеша дошт Арасту, на баҳри он таъсис дода мешавад, ки одамон якҷоя зиндагӣ кунанд, балки барои он сохта мешавад, ки онҳо хушбахтона умр ба сар баранд. Давлат дар сурате арзи вуҷуд мекунад, ки миёни оилаҳо, авлод ва қабилаҳои муошираткунанда шароити мусоид баҳри ҳаёти

муносиб ва мукаммали инсон ба вуҷуд омада бошад. Инсони мукаммал дар чунин давлат шаҳрванди мукаммалро дар назар дорад, ки давлати камолёфта ба чунин шаҳрвандон асос меёбад.

**155. Асоси нобаробарии аъзои ҷомеаро Арасту дар чӣ мебинад?**

Дар ҷавоб ба ин савол бояд қайд кард, ки Арасту ба таҳлили ҳаёти иқтисодӣ низ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда, нақши пулро дар муносибатҳои иқтисодӣ хеле рӯшан маънидод кардааст. Сабаби ҳама гуна моҷароҳо ва ноҷӯриҳои ҷомеаро дар нобаробарии молумулкӣ маънидод намудааст.

**156. Арасту кадом шаклҳои идораи давлатиро муайян кардааст?**

Ӯ чунин шаклҳои идораи давлатӣ, ба монанди: мутлақият, ашрофия ва политияро баррасӣ кардааст. Шаклҳои мазкурро сохти дурусти идораи давлатӣ номида, қайд мекунад, ки баромадан аз меъёрҳои идораи давлатии шакли мутлақият ба мазлумият (шакли истибдодӣ) оварда мерасонад, баромадан аз шакли идораи ашрофия ба шакли олигархии идора меоварад ва баромадан аз политияи ба демократия меоварад. Ҳар се шакли номбаршударо Арасту шаклҳои нодурусти идораи давлатӣ маънидод мекунад, яъне Арасту шаклҳои идораи давлатии мутлақият, ашрофия ва политияро шаклҳои дурусти идораи давлатӣ номида, шаклҳои истибдодӣ, олигархӣ (идора аз ҷониби гурӯҳи боёни калон) ва демократиро ба шаклҳои идораи нодурусти давлатӣ дохил менамояд.

**157. Кадом давлатро Арасту давлати беҳтарин маҳсуб медонад?**

Чунин ҷомеа-давлатро Арасту беҳтарин маҳсуб медонад, ки вай бар заминаи унсури миёна (яъне тавозуни байни ғуломдор ва ғулом) таъсис ёфта бошад, зеро дар он ҷомеае, ки ин тавозун вайрон бошад, имконияти ба вуҷуд омадани ҳама гуна моҷаро ва ихтилофот вуҷуд дорад.

**158. Дар хусуси меъёри маъмурияти давлатӣ Арасту чӣ андеша дорад?**

Дар ин бора Арасту чунин андеша дорад, ки набояд ба касе аз маъмурон имконияти сӯиистеъмол аз вазифа дода шавад. Файласуф маслиҳат медод, ки бояд аз болои маъмурон назорати қатъӣ бурда шавад, то онҳо мансаби худро ба манбаи сарватғундорӣ табдил надиҳанд. Воқеият нишон медиҳад, ки ин маслиҳати мутафаккири даврони Антиқа, ки дувуним ҳазор сол муқаддам гуфта шудаанд, ҳоло низ яке аз масъалаҳои доғи рӯз ба шумор меравад.

**159. Агар фалсафаи Арастуро ҷамъбаст кунем, ба ӯ чӣ гуна баҳо додан мумкин аст?**

Арасту баҳрест бекарон. Мутафаккир тамоми мавзуъҳои фалсафиро баррасӣ кардааст ва роҷеъ ба ҳамаи онҳо афкори мустақили худро дорад, ки онҳо ба рушди минбаъдаи илмҳои соҳаҳои гуногун, махсусан илми фалсафа, аҳамияти хеле калон доранд ва дар зери таъсири фалсафаи ӯ минбаъд файласуфони манотиқи мухталифи ҷаҳон афкори фалсафии худро сайқал додаанд. Бинобар ин дар шакли ҷамъбастӣ доир ба фалсафаи ин абармард чизе гуфтан душвор аст. Сарфи назар аз чунин душворӣ, мумкин аст бигӯем, ки Арасту, аввалан, тамоми донишҳои фалсафии Юнони Бостонро таҳлил карда, онҳоро ба як тартиби муайян даровард. Дувум, муҳтавои асарҳои ӯ заминаи самтҳои гуногуни донишҳои илмӣ гардиданд, ки аз байни онҳо илми физика (табиатшиносӣ) ва мантиқи шаклиро номбар кардан мумкин аст. Хулоса, месазад, ки Арасту ҳамчун мутафаккири мавсуавӣ арзёбӣ гардад.

**160. Оё бо баррасии фалсафаи Арасту даврони Антиқа ба охир мерасад?**

Бо баррасии фалсафаи Арасту даврони классикии фалсафаи Антиқа як навъ ҷамъбаст мешавад, вале боз баъзе мактабҳое боқӣ мемонанд, ки баррасии онҳо фалсафаи Антиқаро такмил мебахшанд. Ин мактабҳо фалсафаи ибтидои эллинизмро дар бар мегиранд. Ба шумори онҳо мактаби киникиҳо, киренаиҳо, мегариҳо, эпикурия, стояҳо, скептикҳо ва ниҳоят навафлотуниҳо дохил мешаванд, ки баррасии ҳар яки онҳо аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

**161. Мактаби киникиҳо чӣ гуна мактаб буд?**

Қабл аз ҷавоб додан ба саволи гузошташуда лозим аст ишора кунем, ки шогирдони Суқроти ҳаким Антисфен, Аристипп, Эвклид ва гайра шунавандагони зиёдро гирд оварда, мактабҳо кушоданд ва ба номи устодашон Суқрот унвон карда буданд ва он мактабҳоро мактабҳои суқротӣ меномиданд. Мактабҳои мазкур саъй мекарданд, то ба чунин масъалаҳои усулӣ, ба мисли: фард ва кулл, расидан ба ҳаёти озодона ва саодатмандона ҷавоб гӯянд. Дар ҷавоб ба масъалаҳои мазкур андешаҳояшон натанҳо аз ҳамдигар фарқ мекарданд, балки ҷавобҳои куллан муқобил низ буданд. Чунончи, агар киникиҳо ва киренаикиҳо мавҷудияти танҳо фардро эътироф кунанд, мегарияиҳо танҳо куллро эътироф мекарданд. Агар киникиҳо роҳи расидан ба ҳаёти хушбахтонаро дар бениҳоят маҳдуд кардани талаботашон бинанд, пас, киренаикиҳо хушбахтиро дар кайфу сафои зиндагӣ медиданд ва ғайра. Аз байни мактабҳои мазкур танҳо мактаби киникиҳо мавҷудияти худро тӯлонитар нигоҳ дошта будааст.

Дар бораи баромади истилоҳи "киникия" чизи дақиқ гуфтан берун аз имкон аст, зеро дар хусуси он ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд. Чунончи, мактабе, ки Антисфен таъсис дода буд, ҳимнасия мегуфтанд, ки онро "киносарг" – "саги ҳушёр" унвон карда буданд. Ҳимнасия гуфта толори варзиширо мегуфтанд, ки дар он ҳамчунин мусоҳибаҳои фалсафӣ баргузор мегардиданд. Дигарон бошанд, баромади истилоҳи "киникия"-ро аз вожаи "кюникос" – "сагвора" маънидод мекунанд. Фалсафаи киникияро "фалсафаи кюнике" – "фалсафаи сагвораҳо" мегуфтанд. Агар ба зиндагии намояндагони киникия аҳамият диҳем, ба хубӣ мебинем, ки онҳо то дараҷае талаботи ҳаёти худро маҳдуд карда будаанд, ки ҳаёташон ба мисли ҳаёти сагон мегузаштааст. Хулоса, ҳар ду ақидаи мазкур ҳам дар таркибаш вожаи "саг" дорад. Бинобар ин эҳтимол дорад, ки, дар ҳақиқат, баромади истилоҳи "киникия" аз вожаҳои номбаршуда бошад.

**162. Машҳуртарин намояндагони мактаби киникия киҳо буданд?**

Машҳуртарин намояндагони мактаби киникия Антисфен ва Диоген буданд.

**163. Антисфен чӣ гуна ақидаҳои фалсафӣ дошт?**

Антисфен (444-368- то милод) шогирди Горгий ва минбаъд Суқрот буда, аз масофаи 8 км барои шунидани Суқрот ҳамарӯза меомад ва ҳамеша ҳамроҳи Суқрот мегашт ва вақти реҳлати устодаш ба дунёи охират низ дар паҳлӯяш буд. Антисфен асарҳои зиёд эҷод кардааст, вале ба ҷуз номи онҳо то ба мо чизе омада нарасидааст. Дар бораи Антисфен баъзе ақидаҳоро аз гуфта ва навиштаҳои шогирдаш Диоген ҳамчунин "Метафизика"-и Арасту гирифтан мумкин аст. Агар ҳама он маълумоте, ки дар бораи Антисфен пайдо мекунем, таҳлил намоем, чунин мешавад, ки онҳо андешаҳои гуногуни мантиқан номуназзами дорои тазодҳо мебошанд. Аз байни ин андешаҳо баъзе фикрҳои ҷолиб низ пайдо кардан мумкин аст. Чунончи, Антисфен дар бораи дониш муҳокимаронӣ карда, ба хулоса омадааст, ки дониш танҳо ҳамон чиз шуда метавонад, ки бо мафҳум ифода ёбад. Ва аввалин шуда дар таърих мафҳумро чунин таъриф кардааст: "Мафҳум ҳамон чизе аст, ки чигунагии ҳастии предметро ва имкони чӣ гуна шудани онро кушода медиҳад". Дар ҷойи дигар Арасту аз номи Диоген иқтибос карда мегӯяд, ки гӯё Антисфен имконияти таъриф кардани мафҳумро рад ҳам кардааст. Дар ақидаҳои Антисфен бештар андешаҳои ахлоқӣ дучор мешаванд, ки онҳо низ хусусияти хоси мутафаккир мебошанд. Масалан, хушбахтиро ӯ дар бениҳоят маҳдуд кардани талаботи зиндагӣ маънидод мекард, даъват мекард, ки инсон бештар ба табиат наздик шавад, дар ҷомеа на ҳукумат бошад, на моликияти хусусӣ ва на издивоҷ, сарват ва кӯшиш ба кайфу сафоро зери танқид мегирифт. Ҳама ин меъёрҳоро накӯкорӣ меномид. Хулоса, мувофиқи таълимоти Антисфен инсон дар сурате хушбахт мешавад, ки вай озод бошад, талаботи маҳдуди зиндагӣ дошта бошад ва ғайра.

**164. Диоген чӣ гуна намояндаи мактаби киникия буд?**

Таърихи ба дунё омадани Диоген маълум нест. Вафоташ наздикиҳои солҳои 330-320-и то милод мебошад. Мутафаккири Юнони Бостон буда, бо ақидаҳои ахлоқии хоси худ машҳур аст. Ақидаҳои ахлоқии Диоген дар зери таъсири ақидаҳои Антисфен ташаккул ёфтаанд ва ӯ ақидаҳои мазкурро дар ҳаёти шахсиаш татбиқ кардааст. Душманонаш ӯро саг меномиданд ва пайравонаш бошанд, намояндаи киникия мегуфтанд. Диоген

ҳама гуна донише, ки ба ахлоқ равона нашуда бошад эътироф намекард. Ӯ дар хуми аз гил сохташудаи махсуси барои зиндагӣ тайёр карда, ки "пифос" меномиданд, зиндагӣ мекард ва талаботи зиндагиашро ба ҳадди ақал расонида буд. Зиндагии гадоёна дошт. Бо ҳамин роҳ гӯё ӯ ба мустақилият ва озодӣ аз таъсири муҳити ҷомеавӣ мерасид, ки онро хушбахтии олӣ маҳсуб медонист. Чунин мустақилият ва озодӣ гӯё киникиҳоро ба худованд наздик мекард. Вай ҳамаи онҳое, ки шакли зиндагии анъанавӣ доштанд зери танқид қарор медод, ватанро парастиш намекард, қонуни табиатро барои худ ягона қонун маҳсуб медонист ва худро "шаҳрванди ҷаҳон", ки бо истилоҳи муосир космополит мегӯянд, меномид. Издивоҷро рад мекард, занҳо, - мегуфт ӯ, - бояд умумӣ бошанд. Зиндагии ҳайвонот ва ҷомеаи ибтидоӣ барои Диоген зиндагии беҳтарин маҳсуб меёфт. Ақл ва тарбия бояд кӯмак кунанд, ки инсон ба табиат баргардад, зиндагии табиӣ дошта бошад, - мегуф Диоген.

Фалсафаро Диоген унсури олитарини фарҳанг мешуморид. Худи ӯ мантиқи оҳанин дошт ва касе ба мантиқи ӯ чизеро муқобил гузошта наметавонист. Аммо дар фалсафа ӯ танҳо ҷиҳатҳои ахлоқии зарурӣ дар зиндагиро эътироф мекард. Маҳрумияти худро аз ҳама гуна талаботи зиёдатӣ фалсафаи беҳтарин медонист, ки тавассути он инсон мустақил ва озод мегардад.

Диққати Диогенро баъзе масъалаҳои назариявӣ низ ба худ мекашиданд. Ӯ ба ақидаҳои идеалистии Афлотун ва метафизикаи Зенон муқобил меистод. Чунончи, вақте нафаре мегӯяд, ки ҳаракат вуҷуд надорад, Диоген аз ҷояш бармехезад ва дар пеши ӯ ба ин ва он сӯ мегардад, то бифаҳмонад, ки вай гашта истодааст, яъне, ҳаракат карда истодааст. Вақте Афлотун чизҳои моддиро не, балки идеяи чизҳои моддиро бо мафҳумҳо ифода мекард, Диоген ба муқобили Афлотун баромада мегуфт, ки ман чизҳои аслан моддиро мебинам, на мафҳумҳои идеалиро, яъне идеализми Афлотунро зери танқид қарор медод. Хулоса, Диоген Афлотунро мазоҳ мекард ва мантиқи Афлотунро ифодаҳои пуч маънидод мекард. Афлотун дар навбати худ Диогенро ба саг баробар мекард ва саг меномид. Хулоса, фалсафаи ахлоқии Диоген татаррруфӣ, зоҳидӣ буда, аз тазодҳои ҳаёти давр ташаккул ёфтаанд ва омӯхтани онҳо танҳо аз диди танқидӣ ҷолиб хоҳад буд.

**165. Мактаби Кирена (номи шаҳр-давлати юнонӣ дар соҳили шимоли Африко дар Либияи имрӯза) чӣ гуна мактаб буд?**

Мактаби Кирена аз ҷониби мутафаккир Аристип (435-360) дар шаҳри Кирена таъсис дода шудааст ва муддати тӯлонӣ фаъолият доштааст. Фалсафаи намояндагони ин мактаб маънии зиндагиро дар гедонизм – кайфияти зиндагӣ медиданд. Чун маълум аст, гедонизм як шохаи эвдемонизм-хушбахтӣ ба шумор меравад. Дар фалсафаи мактаби Кирена гедонизм ҳамчун таълимоти ахлоқӣ арзиши олии зиндагиро дар кайфияти зиндагӣ мебинад. Ба ақидаи намояндагони мактаби Кирена, хушбахтии инсон дар кайфияти зиндагӣ мебошад.

Дар масъалаи маърифат намояндагони ин мактаб ҷонибдори сенсуализм буданд. Аз ҷумла, Аристип таълим медод, ки эҳсос ягона манбаи дониш мебошад. Бо ин ақида онҳо ба идеализми субъективӣ, ки барои фалсафаи Антиқа хос набуд, расида буданд. Чунончи, Аристип таълим медод, ки ягона манбаи дониши инсон эҳсосҳои худи ӯ мебошад, ки сабаби пайдоиши онҳо маълум нестанд. Ин ақида то асри XX ҳам идома ёфта буд, ки онро дар фалсафаи намояндагони идеализми субъектии махистон мушоҳида кардан мумкин аст. Аммо тафовут дар он аст, ки намояндагони мактаби Кирена, бар хилофи махистон, воқеияти олами моддиро инкор намекарданд.

Албатта, гедонизми намояндагони мактаби Кирена тақозои кайфияти меъёриро, оқилонаро дошт ва таълим медод, ки набояд инсон ғуломи кайфият бошад ва набояд ғуломи онҳое, ки ин кайфият ба онҳо алоқамандӣ дорад, бошад.

Бояд қайд кард, ки гедонизм ва тарғиби он дар ниҳояти кор ба зиндагии ғайриахлоқӣ оварда мерасонад, зеро барои ба даст овардани неъматҳои зарурӣ барои кайфият инсонро ба ҳар роҳ бурданаш мумкин аст. Таргиби гедонизм ба он оварда мерасонад, ки меъёри ҳам некӣ ва ҳам бадӣ кайфият мегардад. Бадии кор боз дар он аст, ки инсон неъматҳои таъминкунандаи кайфияташро на ҳамеша ба даст оварда метавонад ва ба ноумедиҳо мерасад, ки он дар навбати худ ба худкушиҳои инсон оварда мерасонад. Чунончи, яке аз мутафаккирони Искандария Ҳеҳеси дар лексияҳояш дар бораи расида натавонистани инсон ба неъматҳои зарурии таъминкунандаи кайфият чунон ин масъаларо маънидод мекард, ки баъди

шунидани лексияҳои ӯ бисёриҳо худкушӣ мекарданд. Худкуширо, масалан, Феодор-Атеист, ҳамчун рафтори оқилонатарин ва хирадмандонатарин маънидод мекард.

Дар байни намояндагони ин мактаб атеистон низ буданд. Чунончи, Феодор-Атеист ҳама гуна ақидаро дар бораи мавҷудияти худоён рад мекард. Эвҳемер – муаллифи "Таърихи муқаддас" (охири асри IV – ибтидои асри III) чунин таълим медод, ки гӯё Худоён одамони машҳуре, ки дар замонҳои қадим зиндагӣ карда будаанд ва ба мақоми худовандӣ бардошта шудаанд, маънидод мекард. Чунин ақидаҳо дар таърихи фалсафа бо номи эвҳемеризм машҳур мебошад.

Дар фалсафаи мавҷудият киникиҳо ва киренаияиҳо мавҷудияти ашёи фардиро эътироф мекарданд ва кулро рад менамуданд.

**166. Мактаби мегариҳо чӣ гуна мактаб буд?**

Асосгузори мактаби Мегарӣ (шаҳре воқеъ дар масофаи 40 км аз Афина) Эвклид ба шумор меравад. Эвклид шогирди Суқрот буд ва барои шунидани ӯ масофаи 40 км-ро тай мекард. Вақти қатли Суқрот низ ҳузур дошт. Дар маркази таваҷҷуҳи мактаби фалсафии Мегариҳо масъалаи фард ва кулл меистод. Дар тафовут бо киникиҳо ва киренаиҳо, ки фардро эътироф мекарданд, мегариҳо мавҷудияти танҳо куллро мепазируфтанд. Таълим медоданд, ки дар ниҳояти кор ҳама ба ҳама омезиш меёбад ва куллро ташкил мекунад. Чунончи, ақл, накӯкорӣ, Худо бо ҳамдигар омезиш ёфта ягонаи кулли абадӣ, беҳаракатро ба вуҷуд меоваранд. Ҳақиқат танҳо дар кулл зоҳир мешавад ва ҳамин кулл ягона чизи мавҷуд мебошад. Агар чизе гуфтан лозим шавад, танҳо дар бораи кулл гуфтан мумкин аст. Ҳамин тариқ, мегариҳо куллро бо фард муқобилгузорӣ мекарданд, ки маънии мавҷудияти идеяро дошт. Аммо идеяи онҳо хусусияти куллӣ дошта, аз чизҳои фардӣ канда тасаввур карда мешуданд. Мактаби мегарӣ муддати тӯлонӣ мавҷудияти худро нигоҳ медорад, ки дар доираи он теъдоди зиёди мутафаккирони замон ба воя расидаанд.

**167. Яке аз ҷараёнҳои фалсафии ибтидои эллинизмро скептитсизм меноманд. Дар зери мафҳуми мазкур дар ҳамон давра чиро мефаҳмиданд?**

*Скептитсизми ибтидоӣ* дар асоси ақидаҳо дар бораи гузарандагии воқеоти олам, тазодҳо миёни тасаввуроти ҳиссӣ ва тафаккур, усули нисбияти ҳама гуна воқеот ташаккул ёфтааст. Дар зери ин мафҳум дар ибтидо чунин маъниро ифода мекарданд, ки гӯё ҳама чиз ва воқеот шубҳанок аст. Чунончи, тибқи ақидаҳои асосгузори ин ҷараён Пиррон (360-270 то милод) бояд чунин усулеро пеш гирифт, ки мувофиқи он аз ҳама гуна муҳокима дар бораи чизе ё воқеае даст кашид. Масалан, агар чизе талх ё ширин бошад, лозим аст гуфта шавад, ки ин чиз, ба фикри ман, талх барин менамояд ё ширин барин менамояд, яъне бояд аз ифодаҳои мутлақи маънидод кардани чиз ё воқеият худдорӣ карда шавад. Худдорӣ аз ифодаҳои қотеонаи муҳокима дар бораи чигунагии ҳақиқии чизҳо ва воқеаҳо дар инсон ҳисси оромӣ, фориғболиро тавлид мекунад, ки намояндагони ин ҷараён хушбахтии ҳақиқиро дар ҳамин мебинанд.

**168. Эпикур кӣ буд?**

Эпикур (341-270 то милод) файласуфи Юнони Бостон, зодгоҳаш ш. Афина мебошад. Ӯ дар соли 306-и то милод мактаби фалсафиеро таъсис дод, ки он дар таърихи фалсафа бо номи “Боғи Эпикур” машҳур аст ва онро мактаби эпикурия меноманд. Намояндагони ин мактаб дар Афина дар боғи Эпикур ҷамъ меомаданд. Бинобар ин онро “Боғ” ё “Боғи Эпикур” мегуфтанд.

**169. Мутафаккир таълимоташро ба се қисмат ҷудо карда буд. Онҳо кадомҳоянд?**

Дар ҳақиқат, Эпикур таълимоташро ба се қисмат тақсим кардааст, ки аввалиро “канонику”, яъне, назарияи маърифат, дувумиро “физика”, яъне, таълимот дар бораи табиат ва севумиро “этика”, яъне, таълимот дар бораи ахлоқ номида будааст.

**170. Мақсади асосии фалсафаро Эпикур дар чӣ медид?**

Эпикур мақсади асосии фалсафаро дар таъмини ташаккули озодии рӯҳи инсон, озодӣ аз тарси марг ва ҳодисоти олами муҳит, озодӣ аз азиятҳои инсонӣ ва, умуман, таъминкунандаи зиндагии озод ва хушбахтона медид. Дар асоси гуфтаҳои боло,

таълимоти ахлоқии Эпикурро таълимоти ахлоқии озодкунанда маънидод кардан мумкин аст.

**171. Магар Эпикур пайрави Демокрит набуд?**

Бале, Эпикур пайрави Демокрит буд. Вай назарияи атомияи Демокритро мавриди таҷдиди назар қарор медиҳад ва дар натиҷа изҳор мекунад, ки атомҳо қобилияти худ аз худ аз ҷараёни ҳаракат баромаданро доранд. Худ аз худ аз ҷараёни ҳаракат баромадани атомҳоро Эпикур ҳамчун ҳадди ақали озодӣ дар табиат меномид, ки бе он озодии рафтори инсон имконнопазир мегардид. Ин ва масъалаҳои дигари табиатшиносии Эпикур дар қисмати таълимот дар бораи "физика" омадаанд.

**172. Таълимоти ахлоқии Эпикурро мухтасаран ифода кунем, чиҳо гуфта метавонем?**

Мувофиқи таълимоти ахлоқии Эпикур, инсон дар натиҷаи бартараф кардани монеаҳои ҳаёт, ба монанди бартараф кардани тарс аз дахолат кардани худоён ба ҳаёти инсон, тарс аз зиндагии ухравӣ, тарс аз марг метавонад озод гардад. Яке аз вазифаҳои асосии фалсафа, - мегуфт Эпикур, - иборат аст аз мусоидати феълӣ ба инсон аз тарси марг ба шумор меравад. Марг, - мегӯяд Эпикур, - ба мо ҳеҷ алоқамандие надорад, зеро "вақте мо ҳастем, ҳоло марг нест, вале вақте марг меояд, мо аллакай нестем" (иқтибос аз Философия: учебник для вузов/ под ред. В. Н. Лавриненко, В. П. Ратников. – С. 78). Яъне Эпикур мехост кӯмак кунад, ки инсон бидонад чӣ гуна зиндагӣ ба сар барад. Ӯ ҳаёти хушбахтонаи инсонро дар оромии руҳӣ, ки онро дар илми муосир атараксия мегӯянд, медид. Озодии Эпикур озодӣ аз ҳама шавқу ҳавас, озодӣ аз ҳузну фараҳи аз меъёр зиёд маҳсуб меёбад.

**173. Дар масъалаи маърифат Эпикур чӣ ақида дорад?**

Ба андешаи Эпикур, дониш аз таҷрибаи ҳиссӣ оғоз меёбад, аммо илм дар бораи дониш аз таҳлили вожаҳо ва муқаррар кардани истилоҳоти ифодакунандаи дониш сар мешавад. Тасаввуроти ҳиссӣ, агар то ба сатҳи тафаккур бароварда нашавад, худ ба худ дониши ҳақиқӣ шуда наметавонад.

**174. Оё таълимоти эпикурия ба ҷойи дигаре низ интиқол гардидааст?**

Бале, эпикурия дар асри I то милод ба сарзамини Рум интиқол меёбад. Дар интишори ақидаҳо ва, умуман, фалсафаи эпикурия достони дар нимаи асри I то милод ба забони лотинӣ эҷод кардаи мутафаккири румӣ Тит Лукретсий Кар таҳти унвони "Дар бораи хусусиятҳои ашё" нақши калон бозидааст. Чун муаллифони адабиёти бахшида ба фалсафаи Антиқа қайд мекунанд, ба сабаби набудани истилоҳоти лозима дар забони лотинии давр, Лукретсий ақидаҳои фалсафии Эпикурро тавассути образҳои шеърӣ баён кардааст. Бояд ҳаминро низ қайд кард, ки тавассути достони мазкур минбаъд дар даврони Эҳё шиносоӣ бо ақидаҳои атомияи Эпикур сурат гирифтааст.

**175. Фалсафаи стоя (дар русӣ - стоитсизм) чӣ гуна таълимотро дар бар мегирад?**

Дар бораи марҳилаи мавҷудияти ин таълимот ақидаҳои мутафовит (фарқкунанда) вуҷуд доранд. Чунончи, А. Г. Спиркин– муаллифи китоби дарсии фалсафа онро аз асри III пеш аз милод то асри Ш милодӣ муаррифӣ кардааст, аммо дар китоби дарсии фалсафа, ки зери таҳрири В. Н. Лавриненко ва В. П. Ратников чоп шудааст (чопҳои русии Москва) аз асри Ш пеш аз милод то асри II милодӣ муаррифӣ гардидааст. Сарфи назар аз тафовути мавҷуда, таъкид бояд кард, ки чунин мактаби фалсафӣ вуҷуд доштааст, муддати тӯлонӣ мавҷудияти худро нигоҳ дошта тавонистааст ва теъдоди зиёди пайравони хешро низ гирд овардааст.

**176. Асосгузори фалсафаи стоя кӣ буд?**

Асосгузори мактаби фалсафии стоя Зенони Китеонӣ (336-265 то милод) буд. Маънии стоя айвони болопӯши ду тарафаш кушода мебошад. Номи мактаб аз маконе, яъне айвоне гирифта шудааст, ки дар он Зенон таълимоти худро иброз дошта будааст. Айвони мазкур дар Афина буда бо номи "Айвони сернақш" машҳур аст.

**177. Моҳияти асосии фалсафаи стоя аз чиҳо иборат аст?**

Намояндагони мактаби стоя, ба мисли мактаби эпикурия, мақсади олии инсонро дар расидан ба ҳаёти хушбахтона

мебинанд. Хушбахтии олии инсонӣ, - мегуфтанд онҳо, - ҳаётест мутобиқ ва мувофиқ ба хусусияти хоси инсон ҳамчун мавҷуди маънавӣ, оқил ва қодир ба анҷом додани интихоби тарзи зиндагии худ. Дар ин роҳ стояҳо, пеш аз ҳама, озодии ахлоқиро ҷустуҷӯ мекарданд, ки моҳияти он дар озодӣ аз ҳама гуна шавқу ҳавас – манбаи ҳама гуна гуноҳ ва фоҷиаи инсон мебошад. Ба ақидаи стояҳо, роҳи расидан ба хушбахтӣ тавассути апатия (бешавқӣ, беҳавову ҳавасӣ) сурат мегирад.

Дар таълимоти стояҳо нисбат ба таълимоти эпикурия як падидаи тамоман нав вомехӯрад: онҳо ба таълимоти фалсафии худ мафҳуми фатума (сарнавишт)-ро дохил карданд, ки тибқи он ҳама воқеоти ҳаёти инсон на ба иродаи озоди инсон, балки ба зарурати пешакӣ муайянгардида вобастагӣ дорад. Инсон сарнавишти худро тағйир дода наметавонад, аммо вай қодир аст ба сарнавишташ ба таври дилхоҳ муносибат намояд. Нақши волои ахлоқиро стояҳо дар накӯкорӣ медиданд ва ақида доштанд, ки накӯкорӣ ягона неъмати воло буда, агар дар анҷоми он имконият набошад, беҳтар аст, то зиндагӣ тарк карда шавад.

**178. Навафлотуния ё афлотунияи нав чӣ гуна мактаб аст?**

Навафлотуния равияи фалсафаи антиқаи эллинизми охири асрҳои III – IV милодӣ маҳсуб меёбад. Ин мактаб ақидаҳои асосии таълимоти Афлотунро бо дарназардошти андешаҳои Арасту ба низоми муайян даровардааст. Асосгузори ин мактаби фалсафӣ Афлотин (наздикии 205 – наздикии 270-и милодӣ) мебошад.

**179. Фалсафаи навафлотуния дорои кадом ақидаҳо мебошад?**

Азбаски ин таълимот инъикоси ҳаёти ҷомеаи империяи Рум низ мебошад, ҳаёти сиёсии пур аз тазодҳои давр дар ин таълимот инъикос гардидаанд. Чун аз таърих маълум аст, дар ин давра империяи номбурда тадриҷан рӯ ба завол меовард, мардум ҳаёти кашшоқона мегузарониданд, ғуломон шӯриш мекарданд, дар ҷангҳо империя шикаст болои шикаст мехӯрд. Ҳамаи ин ва тазодҳои дигари зиндагӣ ба тафаккури файласуфон низ таъсир нарасонида наметавонист. Дар чунин шароит яке аз масъалаҳои мубрами замон маҳфуз нигоҳ

доштани оромӣ ва осоиши ботинии инсон маҳсуб меёфт ва таълимоти навафлотуния ба ҳамин самт бахшида шуда буд.

Фалсафаи меҳварии навафлотуния бошад, аз баррасии диалектикаи сегонаи Афлотун – воҳид – ақл – руҳ ва расонидани он ба сатҳи кайҳонӣ иборат буд.

**180. Афлотин ҳамчун асосгузори мактаби навафлотуния чӣ гуна ақидаҳо дошт?**

Дар маркази диққати Афлотин руҳ, ҷон меистод, ки вай ҷисм набуд, балки дар доираи ҷисм амал мекард. Ҷисм каронаи руҳ маънидод мегардид. Ақл низ ҷисм нест, вале бе ақл низ ҳеҷ гуна ҷисми муташаккил шуданаш мумкин нест. Материя низ дар доираи ақл вуҷуд дошта метавонад, зеро ақл ташкилкунанда мебошад ва ҳама гуна ташкилкунанда барои худ мавод мехоҳад, вагарна чизеро ташкил кардан номумкин мегардид. “Ақл, - мегуфт Афлотин, - як навъ ҷисм мебошад, ҷисми маънидор”. Афлотин ҳамчунин ақидаи дар кайҳон интишорёбии “руҳи ҷаҳонӣ”-ро низ баррасӣ ва инкишоф медод.

Қисмати истисноии низоми ақидаҳои Афлотинро таълимот дар бораи симои (бар асоси мънии ифодакунанда симоро мақом ҳам гуфтан мумкин аст) аввалин, ки Воҳид меноманд, ҳамчун ибтидои транстсендентӣ (фавқуттабиӣ), ки дар мақоми аз ҳама боло меистад, ташкил мекунад (дар юнонӣ симоро ҳипостас мегӯянд). Ақидаи болоравии руҳ аз ҳолати ҳиссӣ ба ҳолати фавқулҳиссӣ низ ба ақидаи мазкур алоқамандӣ дорад, ки онро ваҷд (экстаз) мегӯянд. Нур, - мегӯяд Афлотин, - хосияти асосӣ ва фарққунонандаи симоҳои сегона мебошад. Чунончи, “Воҳид – нури мутлақ, соф ва оддӣ буда, ифодакунандаи қудрат мебошад. Ақл – офтоб, ки нури махсуси худро дорад. Руҳ – моҳтоб, ки нурро аз офтоб мегирад. Материя бошад, зулумот аст” (нигар ба Спиркин А. Г. Философия: учебник.- М., 2008. – С. 77-78). Хулосаи фалсафаи навафлотуния дар ақидаҳои мутафаккир Афлотин аз он иборат аст, ки сатҳи олии ҳастӣ, яъне субстансияи он, идея набуда, (дар Афлотун идея мебошад) балки Воҳид ё мавҷуди Ягонаи худовандӣ, ки онро танҳо ҳамчун нахустибтидои зотан мустақили орӣ аз ҳамагуна хосиятҳо муайян кардан мумкин аст, маҳсуб меёбад.

Ҳастии куллии Воҳид қудрати тавонои офариниширо соҳиб аст, ки ҳама чизро меофарад, аммо худ бетағйир мемонад ва ҳастии куллии хешро ҳамеша нигоҳ медорад. Он чизе, ки дар мартабаи аввал аз Воҳид ба вуҷуд меояд, Ақл (Нус) мебошад, ки мувофиқи сатҳи мукаммалии ҳастиаш ба Воҳид наздик мебошад. Вале, азбаски Ақлро Воҳид ба вуҷуд меоварад, вай наметавонад болотар аз Офаридгораш бошад. Ақл, ки дар мақоми поёнтар аз Воҳид меистад, бисёрҳолатиро дар назар дорад. Ҳолати якуми Ақл – чиз мебошад. Аммо чизи Афлотин моддаи эҳсосшаванда набуда, балки моҳият мебошад. Ҳолати дувуми Ақл – ҳастии имконпазир ё мавҷудият маҳсуб меёбад. Ҳолати севуми Ақл бошад, тафаккур аст. Ҳамин тариқ, Ақл дар худ моҳият, мавҷудият ва тафаккурро муттаҳид менамояд.

Аз паси Воҳид ва Ақл Руҳ бармеояд, ки вай нисбат ба Ақл чунон муносибате дорад, ки Ақл бо Воҳид дорад. Руҳ ду хосият дорад. Яке аз он хосиятҳо ба ботини Руҳ ҳаракат мекунад ва дигарӣ ба берун мутаваҷҷеҳ аст. Олами маҳсусшаванда, табиат ҷилои ҳамин қисмати Руҳ маҳсуб меёбад.

Агар гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намоем, чунин бармеояд, ки фалсафаи Афлотин се ақидаи арзишмандро дар назар дорад. Якум, муносибат ба ҳастӣ дар асоси ба сатҳҳои зинавӣ тақсим кардан, дувум, ҳастии олиро ҳамчун ибтидои эҷод ва ҳамагуна офариниш ва севум, ақидаи аз ҷониби ҳастии олӣ офариниши ҳастиҳои поёнӣ, ки онҳоро ҳамчун ҷилои ҳастии олӣ фаҳмидан лозим аст.

Ақидаҳои мазкурро минбаъд мавҷудияти таърихии тӯлонӣ интизор буд ва онҳо як навъ ҷамъбасти фалсафаи Антиқа ва ибтидои теологияи масеҳият буданд, ки то даврони мо низ омада расиданд ва зимни дини масеҳӣ ва баъзе аз ақидаҳояш ҳамчунин дар дини ислом низ мавҷудияти хешро нигоҳ медорад. Мо низ бо баррасии фалсафаи навафлотуния фалсафаи Антиқаро ҳусни хотима бахшида, ба саволу ҷавоби фалсафаи асримиёнагӣ мегузарем.

## БОБИ IV. ФАЛСАФАИ АСРҲОИ МИЁНА

**181. Кадом давронро дар таърихи башарият марҳилаи асримиёнагӣ меноманд?**

Ба ин марҳила асрҳои аз V то XV-ро дохил мекунанд, ки он аз заволи империяи Рум оғоз ёфта, дар даврони Эҳё хотима меёбад ва ҳазор солро дар бар мегирад.

**183. Марҳилаи асримиёнагӣ бо кадом хусусиятҳояш аз марҳилаҳои дигар фарқ мекунад?**

Ин марҳила якчанд хусусиятҳоро дар бар мегирад:

1) ибтидои ин марҳиларо барқарории минбаъдаи масеҳият ва усгувору интишор ёфтани он, ташаккули давлатҳои аврупоӣ дар натиҷаи завол ёфтани империяи Рум дар бар мегирад;

2) марҳилаи миёнагии даврони асрҳои миёнаро (оғоз аз асри XI) ташаккул ва барқарории феодализм, ки ба сифати ҷаҳонбинии худ идеологияи масеҳияти то ин давр ба сатҳи боло ташаккул ва тараққиёфтаро пазируфта буд, дар бар мегирад;

3) салтанати идеологияи дини масеҳӣ дар манотиқи интишори масеҳият ва идеологияи ислом дар манотиқи интишори ислом;

4) дар зери фишори идеологияи динӣ ва маҳдудиятҳои эҷод кардаи он ба як навъ карахтӣ мувоҷеҳ гардидани рушди минбаъдаи илмҳои соҳаҳои мухталиф ва махсусан илмҳои табиатшиносӣ;

5) мутаваҷҷеҳии низоми фалсафӣ ба қолабҳои динӣ, ки бештар ба баррасии мавзуи исботи мавҷудияти ҳастии илоҳӣ равона гардида буд.

**184. Чун аз саволу ҷавоби дар боло омада маълум гардид, дар даврони Бостон фалсафа бештар дар Юнон рушд карда будааст. Акнун, ки ба марҳилаи асримиёнагӣ мегузарем, лозим аст донем, ки дар ин марҳила фалсафа дар кадом марказҳо ё**

**кишварҳо бештар таҳқиқи амиқ ва ҳамаҷонибаи хешро пайдо карда буд?**

Дар ҷавоб ба ин савол бояд қайд кард, ки азбаски дар ин давра мавзуи меҳварии баррасии илми фалсафа бештар ба динҳои ташаккулёфта ва интишорёфта алоқамандӣ дошт, фалсафа баррасии амиқ ва таҳқиқоти бештари хешро дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ, дар он ҷое, ки равияи католикии масеҳият интишор ёфта буд, ба монанди Италиё, Испониё, Фаронса ва Британиёи Кабир пайдо кард.

**185. Боз дар кадом минтақа фалсафаи асримиёнагӣ рушди минбаъдаи худро пайдо карда буд?**

Фалсафа дар ин давра ҳамчунин дар манотиқи интишори дини ислом низ пайваста рушд кардааст. Файласуфони асримиёнагии ин манотиқ низ ба хазинаи фалсафа ақидаҳои ҷолиби диққатро дохил кардаанд ва дар таърихи рушди афкори фалсафӣ мақоми хоси худро доранд.

**186. Фалсафа ва, умуман, фарҳанги манотиқи интишори дини исломро дар илми русиву аврупоӣ чӣ унвон мекунанд?**

Фалсафа ва фарҳанги ин манотиқро дар илми русиву аврупоӣ фарҳанги арабу мусалмонӣ унвон мекунанд.

**187. Магар фалсафа ва фарҳанги манотиқи интишори дини исломро фарҳанг ва фалсафаи арабу мусалмонӣ унвон кардан дуруст аст ва агар дуруст бошад то чӣ андоза?**

Чунин унвон кардани фалсафа ва фарҳанги манотиқи мавриди назар, ба ақидаи муаллиф, начандон дуруст аст, зеро, аввалан, мардуми араб низ мусалмонанд, дувум, ифодаи арабу мусалмонӣ мардумони манотиқи интишори исломро ҷудо мекунад ва ба арабҳо як навъ авлавият медиҳад, ҳол он ки фалсафа ва фарҳанги мардумони аҷам (махсусан порсизабонҳо) нисбат ба фалсафа ва умуман фарҳанги мардумони араб қадимтар буда, то пайдоиш ва ташаккулу интишор гардидани дини ислом ба сатҳи нисбатан болои рушди худ расида буд ва арабҳо, баъди истилои манотиқи маскуни аҷамиҳо, аз он густурда истифода карда буданд ва дар заминаи он фарҳанги исломӣ минбаъд рушд кард. Бинобар ин фалсафа ва, умуман,

фарҳанги ин давронро фалсафа ва фарҳанги манотиқи интишори дини ислом унвон кардан беҳтар мебуд.

**188. Оё мумкин аст мутафаккирони машҳури асримиёнагии Аврупои Ғарбиро номбар кунем?**

Ба қатори мутафаккирони машҳури асримиёнагии Аврупои Ғарбӣ файласуфон, ба монанди Августини Аврелӣ, Иоҳан Скот, Анселми Кентерберӣ, Пиери Абеляр, Фомаи Аквинӣ, Иоҳан Ростселин, Иоҳан Дунс Скот, Вилям Оккам ва дигарон дохил мешаванд.

**189. Ба файласуфони манотиқи интишори дини ислом киҳоро дохил кардан мумкин аст?**

Ба доираи ин файласуфон Муҳаммад Алғаззолӣ, Абу Наср Алфоробӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд ва дигар мутафаккиронро дохил кардан мумкин аст, ки ақидаҳои арзишманди баъзеи онҳоро минбаъд мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

**190. Оё мумкин аст, ки фалсафаи асримиёнагиро таърифи мухтасар диҳем?**

Дар ҷавоб ба ин савол бояд қайд кард, ки фалсафаи як марҳилаи тӯлонии ҷомеаи башариро, албатта, таърифи мухтасар додан амрест муҳол. Аммо дар шакли умумӣ мумкин аст бигӯем, ки фалсафаи ин даврон хусусияти духӯрагӣ ва мутазод дошт, ки онро бо ифодаи нури "худовандӣ" ва нури "табиӣ" таъбир кардан мумкин аст. Чунин хусусият ба он алоқамандӣ дошт, ки файласуфон дар доираи салтанати куллии дин ва калисо умр ба сар мебурданд. Дин ва калисо тарзи зиндагии одамонро муайян мекард, ҳама гуна пажӯҳиш тавассути забон ва истилоҳоти махсуси динӣ ба тавсифи воқеияти фавқуттабиии берун аз доираи ақли инсон, ки, пеш аз ҳама, мавҷудияти Худоро тасдиқ кардан мехост, бахшида мешуд. Меъёрҳои ахлоқии бавуҷудоварандаи тарс ва боварӣ ба Худо дастгирӣ мегардид. Сарфи назар аз гуфтаҳои боло, дар ин давра маҷмуи ақидаҳои оқилона низ дар бораи олам, мақоми инсон дар он бавуҷудомада рушд мекарданд, ки онҳо рамз – пояи имонро ташаккул медоданд.

Фалсафа, ки дар доираи ҷомеаи тамоми соҳаҳои созмондиҳандааш олудаи ақидаҳои динӣ ба сар мебурд,

наметавонист духӯрагӣ ва мутазодӣ пайдо накунад. Бинобар ин қисмати асосии онро, махсусан дар марҳилаи ибтидоии асримиёнагӣ, ки онро патрисия (аз юнонӣ *патрос* ё лотинӣ *патрис* – падар) меноманд, илоҳиёт ташкил мекард ва дар ҳамин асос фалсафа ба як навъ "хидматгори илоҳиёт" табдил ёфта буд.

Минбаъд махсусан, дар марҳилаи дувуми инкишофи худ, ки онро зинаи схоластика (аз юнонӣ схоластикос-мактабӣ) мегӯянд, фалсафаи масеҳият на танҳо ба имон такя мекунад, балки боз ба масъалаи имкониятҳои ақлии инсон низ рӯ меоварад ва масъалаи таносуби ақл ва имон, фард ва кулл, моҳият ва мавҷудият ва мавзуъҳои дигарро фаъолона таҳқиқ менамояд. Ин давра (асри XIII) марҳилаи рушди намоёни афкори фалсафӣ буд, ки дар доираи он мантиқ, онтология, фалсафаи забон, фалсафаи инсон барин соҳаҳо рушди бояду шояди хешро соҳиб гардид.

**191. Кадом масъала мавзуи меҳварӣ дар давраи асримиёнагӣ маҳсуб меёфт?**

Масъалаи асосии ин давра аз онтологияи Худо ва инсон иборат буд. Дар маркази диққати пажӯҳишҳои онтологӣ масъалаи Худо ҳамчун воқеияти асосии имони масеҳият меистод. Бинобар ин мавҷудияти Худо тавассути муҳокимарониҳои ақлонӣ, далелҳои ақлонӣ исбот карда мешуд, вале чунин исботкуниҳо ҳаргиз мукаммал намегардиданд, зеро сухан дар бораи воқеияти ба ақли инсон "дастнорас" мерафт.

Онтологияи масеҳият ҳам ба имон такя мекард ва ҳам ба ақл, бо истифода ҳам аз тарзи тафаккури оқилона ва ҳам ғайриоқилонаи исботи ақидаҳои худ талош бар он мекард, ки офарандаи ҳам олам ва ҳам инсон Худо мебошад. Худо мавҷуди ба ҳама кору пайкор қодир ва тавонои идораи ҳаёти инсон аз рӯзи ба дунё омадан ва то нафаси вопасин мебошад. Дар ин хусус Августини Аврелӣ чунин менигорад ва мегӯяд, ки "то офаридани Ту ҳеҷ чиз ба ҷуз Ту набуд ва... ҳама мавҷудот алоқаманд ба ҳастии Ту аст". Ҳамин тариқ, нахустасоси оламро дар фалсафаи масеҳият Худо ташкил мекунад. Фалсафае, ки нахустасоси оламро ба ҳамин шакл пешниҳод мекунад, фалсафаи монистии теосентризм мегӯянд.

Фалсафаи асримиёнагӣ антропологияи худро, яъне таълимот дар бораи инсонро низ дошт. Мувофиқи ин таълимот, инсон ҳамчун як қисмати фаъолияти ташкилии Худованд, ҳамчун олами як навъ батартибовардаи Худованд маънидод карда мешавад. Инсон на танҳо офаридаи Худованд, балки ҳаммонанди Он низ мебошад. Вале инсон аз ду унсур таркиб ёфтааст, ки яке руҳ – унсури худовандӣ ва дигаре ҷисм – манбаи гуноҳ, ки онро ба руҳи худовандӣ дев ҷойгир кардааст. Ҷисм миранда ва руҳ абадист.

**192. Оё фалсафаи асримиёнагӣ ба масъалаҳои ташаккули ҷомеа низ дахл кардааст?**

Бале фалсафаи асримиёнагӣ дар ин масъала низ назарияи хоси худро дорад. Муҳтавои мухтасари ин назария аз он иборат аст, ки вай барои созмон додани ҷомеаи мутлақияти табақавии мутамарказонидашудаи қудратманд, ки моҳияташ томравоӣ мебошад, талош мекард. Чунин сохти давлатӣ ба муқарраротӣ Библия, ки як Худо дар осмон ва як подшоҳ дар замин гуфта таълим медиҳад, такя мекард. Албатта, идораи ҷомеа, ки дар асоси таълимоти динии мазкур созмон дода мешавад, ба ҳокимони мутлақ имконият медиҳад, то мардумро ба тарз ва хости худ идора кунанд, мардумро ҳар қадаре, ки тавонанд, истисмор кунанд, сарват ҷамъ кунанд ва бештар ба қонеъ гардонидани манофеи худ кор кунанд. Дар амалия чунин ҳам буд. Сарфи назар аз он, дин, ки дар ин давра идеологияи ҳукмрон ба шумор мерафт, наметавонист баъзе таълимоти ба дарди аъзои дигари ҷомеа хӯрандаро низ дар муҳтавои худ надошта бошад. Бинобар ин баробари таълимоти як Худо дар осмон ва як подшоҳ дар замин таълимоти дигар ба монанди муҳаббат ба наздикон, зарурати баробарии ҳамагонро низ тарғиб мекард, ки онҳо низ, мутаассифона, бештар ба манфиати табақаҳои болоӣ хидмат мекарданд. Таълимоте низ буданд, ки қадри имкон ҳокимият ва нафси ҳокимони мутлақро маҳдуд мекарданд. Чунончи, Исои Масеҳ барои беҳад ба сарват дода нашудани ҳокимон таълим медод, ки сарватманди беинсоф ба биҳишт ҳаргиз роҳ намеёбад. Маънии мазкурро ӯ чунин ифода карда буд: “Барои дохил шудан ба салтанати худовандӣ уштур аз сӯрохии сӯзан нисбат ба сарватманд зудтар мегузарад”.

Бартараф кардани тазодҳои ҳаёт тақозо мекарданд, ки масъалаи тағйири ҷомеа, рушди он, такмили сохти ҷомеа ва давлат мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода шавад. Яке аз мутафаккирони машҳури асримиёнагӣ Августини Аврелӣ, ки бо лақаби Августини Муқаддас машҳур аст, ба бисёр масъалаҳои на танҳо илоҳиёт ва умумифалсафӣ, балки масъалаҳои методологияи илмӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ва ҷомеашиносӣ дахл кардааст.

**193. Августини Аврелӣ чӣ гуна шахсият буд?**

Августини Аврелӣ (354-430-и милодӣ), зодгоҳаш ш. Тагаст дар Шимоли Африқо мебошад. Дар шаҳрҳои Нумидия ва Гиппон ба сар бурдааст. Аз соли 395 Усқуфи ш. Гиппон (сарвари руҳоният) будааст.

**194. Муҳтавои таълимоти Августини Аврелӣ аз чиҳо иборат аст?**

Августин ба бисёр масъалаҳо дахл кардааст, ки онҳо тақозои баррасии густурдатар мехоҳанд. Бинобар ин дуруст мебуд, то ҳар як масъалаи мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор додаи Августин дар доираи саволу ҷавоби муфассал муайян карда шавад. Мо ҳоло чунин хоҳем кард.

**195. Августин дар бораи ҳастӣ чӣ ақидаҳо дорад?**

Дар ин масъала ақидаҳои Августин ба ақидаҳои навафлотуния наздиканд. Мувофиқи андешаҳои Августин, ҳама моҳиятҳо ба сабаби он ки вуҷуд доранд, неъмат маҳсуб меёбанд. Неъмат нахустасос – субстансия, “шакл” бо тамоми унсурҳояш ба мисли намуд, андоза, шумора, тартиб ва ғайра маҳсуб меёбад. Худо сарчашмаи ҳастӣ, шакли соф, зебоии волотарин, манбаи ҳама гуна неъмат ба шумор меравад. Мавҷудияти ҳастии олам ба офариниши ҳамешагии Худованд ва таҷдидан офаридани Он вобастагӣ дорад. Агар чунин фарз кардан мумкин бошад, ки қудрати офарандагии Худованд ба охир мерасад, дарҳол олам ба нобудӣ табдил меёбад. Олами Августин ягона аст. Оламҳои дигар вуҷуд надоранд ва ақидаи оламҳои дигар сафсатаи пуч мебошад. Дар олами ягона ҳама

чиз мақом ва ҷойгоҳи худро дорад. Материя низ ҷойгоҳи худро дорост.

Масъалаи асосии таълимот дар бораи ҳастии Августин мавҷудияти Худо ва рӯҳ ба шумор меравад. Ҳастии Худовандро танҳо бо роҳи худшиносӣ муайян кардан мумкин аст, яъне тавассути ақл. Аммо дарки ҳастии ашё тавассути таҷриди таҷриба сурат мегирад.

Руҳ, мувофиқи андешаҳои Августин, нахустасос, субстансияи ғайримоддӣ мебошад, вай хосияти ҷисм нест, намиранда, офариниши Худовандист.

Хулоса, ҷаҳонбинии Августин ҷаҳонбинии илоҳиётмарказӣ буда, Худо ҳам ибтидо ва ҳам интиҳои ҳама гуна моҳият маънидод карда мешавад. Худо мавҷуди ғайримоддӣ, фавқуттабиӣ мебошад. Олам, табиат ва инсон натиҷаи офаридаи Худованд маҳсуб меёбад. Агар навафлотуния Худоро ҳамчун мавҷуди бешахс, ҳамчун ягонагии ҳама мавҷудот таълим дода бошад, Августин ҳамчун мушаххаси офарандаи ҳама мавҷудот таълим медиҳад. Аз ҳастии ғайримоддӣ маънидод гардидани Худо бекаронии Он бароварда мешавад.

**196. Дар яке аз саволҳои болотар мафҳуми патристӣ истифода гардид. Мафҳуми мазкур чиро ифода мекунад?**

Мафҳуми патристӣ истилоҳест, ки маҷмуи ақидаҳои илоҳиётшиносӣ, фалсафӣ ва сиёсиву иҷтимоии мутафаккирони масеҳияти асрҳои II-VIII-ро дар маҷмуъ ифода менамояд. Мутафаккирони мазкурро ҳамчунин падарони калисои масеҳият низ меноманд. Патристия се даврai ташаккул ва рушди худро дорад. Даврai аввал асрҳои II-III-ро дар бар мегирад, ки дар доираи он ситоишгарони дини масеҳӣ фаъолият мекунанд. Машҳуртарини онҳо Ориҳен буд, ки вай кӯшиш кардааст, то дар асоси муқаррароти дини масеҳӣ низоми мукаммали фалсафӣ созмон диҳад. Аммо ӯ то ба охир ба ин ният муваффақ намешавад, зеро ин низом аз ҷониби калисои дини масеҳӣ пазируфта намешавад. Сарфи назар аз ин, кӯшишҳои даврони аввали патристӣ заминаи хубе барои ташаккули фалсафаи даврони дувум мегардад, ки он асрҳои IV-V-ро дар бар мегирад. Дар ин давра, дар асоси муҳокимаронихои парокандаи даврai аввали патристӣ, фаъолияти бар заминаи фалсафаи идеалистӣ (чунончи,

Афлотун) асосёфтаи ба низом даровардани фалсафаи дини масеҳӣ шуруъ мешавад ва дар фаъолияти мутафаккирони мактаби Каппадокӣ (яке аз вилоятҳои Осиёи Хурд), ки асосгузораш Василии Кабир ва аъзои фаъол ва машҳураш мутафаккирон, ба монанди Григори Богосло, Григори Нисски ва Амфилохи Икониягӣ мебошанд, такмил меёбад. Ниҳоят давраи севуми патристия асрҳои VI-VIII-ро дар бар мегирад, ки дар ин давра догмаҳои дини масеҳӣ устувор мешаванд, диалектикаи идеалистӣ барҳам мехӯрад ва илоҳиёти патристӣ мавқеи ҳукмронро мегирад. Ҳамин тариқ, заминаи ба вуҷуд омадани даврони минбаъдаи ба ном схоластикӣ фаро мерасад.

**197. Мафҳуми схоластика чиро ифода мекунад?**

Мафҳуми схоластика аз юнонӣ буда, тарҷумаи ҳарфиаш мактабӣ, олим мешавад. Схоластика зинаи дувуми рушди фалсафаи дини масеҳӣ ба шумор меравад ва асрҳои IX-XV-ро дар бар мегирад. Дар ин давра таҳқиқи ҳамаҷониба ва ба низом даровардани мафҳумҳо ва самтҳои асосии фалсафаи дини масеҳӣ сурат мегирад. Ин раванд дар зери таъсири махсуси мероси фалсафии Арасту анҷом мепазируфт ва догмаҳои илоҳиёт ба як навъ шакли оқилонаи тафаккур даровარда мешуд. Намояндаи машҳури схоластика Фомаи Аквинӣ ба шумор меравад.

**198. Дар бораи ҳаёти Фомаи Аквинӣ чӣ гуфтан мумкин аст?**

Фомаи Аквинӣ (1225-1274) дар мавзеи Аквинои Итолиё, дар оилаи ашроф ба дунё омада, маълумоти ибтидоиро дар дайри мардонаи масеҳӣ гирифтааст. Баъд ба донишгоҳи ш. Париси Фаронсо дохил гардида, онро бо муваффақият анҷом додааст. Баъди хатми донишгоҳ, дар ҳамон ҷо, дар мавзӯи илоҳиёт дар фалсафа таълим медодааст. Хидматҳои Фомаро дар ҷодаи ба поя гузоштани идеологияи дини масеҳӣ калисо баланд арзёбӣ намуда, ӯро баъди вафоташ, ба шумори валиҳо дохил менамояд. Калисо тавсия мекунад, ки фалсафаи Фомаи Аквинӣ, дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ, ҳамчун ягона фалсафаи дуруст таълим дода шавад.

**199. Ақида ва муҳтавои фалсафаи Фомаи Аквиниро чиҳо ташкил мекунанд?**

Муҳтавои фалсафаи Фомаи Аквиниро мавсуаи (энсиклопедияи) идеологияи расмии дини католикӣ ташкил мекунад, ки муқаррароти асосии он имрӯз низ ҳамчун асоси фалсафаи масеҳии католикӣ дар шакли неотомизм – томизми нав (номи Фома дар лотинӣ Томас мешавад, бинобар ин шакли нави фалсафаи муосири Фомаи Аквиниро неотомизм ё томизми нав мегӯянд) амал мекунад.

Масъалаи марказии тамоми фалсафаи асримиёнагӣ, ки аз таносуби дин ва илм, имон ва ақл дар маърифат маҳсуб меёфт ва онро Фома ҳамаҷониба баррасӣ ва таҳқиқ кардааст, ба шумор мерафт. Мувофиқи фалсафаи мазкур Фома нишон додааст, ки ба кадом ҳақиқатҳо инсон имон бояд биёварад ва кадом ҳақиқатҳоро метавонад бар асоси далелҳои ақлонӣ бипазирад. Ин масъала ҳоло дар замони патристия низ мутафаккиронро ба андеша водор мекард, вале онҳо чунин мешумориданд, ки барои маърифати Худо ва олами офаридаи Ӯ танҳо боварӣ кифоя аст, яъне имон овардӣ, ки Худо ҳаст ва оламро низ Худо офаридааст, кифоят мекунад. Онҳо таълим медоданд, ки чун Библия ва мутуни дигари муқаддас офарида шудааст, лозим аст, то ба муқаррароти онҳо бовар кунӣ. Дар ин бора дар таърихи фалсафа ифодаи машҳури файласуф Тертуллиан вуҷуд дорад, ки мегӯяд: ҳатто ба он бовар мекунам, ки барои ақл бемаънигии холис аст.

Минбаъд дар натиҷаи рӯ ба рушд овардани соҳаҳои гуногуни илм калисои дини масеҳӣ маҷбур мешавад, ки ҳақиқатҳои ҳам дар асоси имон ба даст омада ва ҳам дар асоси ақлро пазиро бошад, ки ин масъаларо фалсафаи Фомаи Аквинӣ анҷом дода тавонист. Чунончи, Фомаи Аквинӣ таълим медод, ки:

Аввалан, байни тарзи маърифат тавассути имон ва тавассути ақл умумиятҳо зиёданд ва онҳо ба ҳамдигар монанданд. Масалан:

– ҳам мавзуи маърифати имон ва ҳам ақл ҳамон як чиз аст, ки вай Худо ва олами офаридаи Ӯ мебошад;

– ҳар ду тарзи маърифат ҳамдигарро истисно намекунанд, балки такмил медиҳанд;

– ҳар ду манбаи маърифати моро Худованд офаридааст ва дар ҳамин асос ҳар ду ҳам ҳуқуқи баробари мавҷудиятро дорад.

Дувум, монандии тарзҳои мазкури маърифат маънии баробарӣ, баробарҳуқуқии онҳоро надорад, зеро байни онҳо тафовутҳои зерин вуҷуд доранд. Масалан:

– имон ҳақиқатро, пеш аз ҳама ҳақиқат дар бораи ҳастии Худованди холиқро, дар асоси хоҳиш, ирода, ваҷди эҳсос қабул мекунад;

– ақл бошад, ҳамеша дар калавиш, дар шубҳаи ҳақиқати бадастовардааш буда, далелҳои иловагӣ ҷустуҷӯ мекунад. Ҳатто дар бораи чунин ҳақиқат ба мисли ҳақиқати Худовандӣ, ки имон ба он боварии мутлақ дорад.

Бинобар ин имон болотар аз ақл меистад. Имон "нури фавқуттабиии худовандӣ" мебошад, ки тавассути мутуни Худованд (Библия) ба инсон расонида мешавад.

Ақл бошад, олати маърифатии инсон мебошад, хосияте, ки ба инсон дода шудааст, яке аз ҳолатҳои равонии ӯст ва хеле дур аз мукаммалӣ буда, танҳо "нури табииро" ташкил мекунад, ки он аз "нури худовандӣ" хеле заиф мебошад. Бинобар ин фалсафаи "нури табиӣ" метавонад танҳо "хидматгори илоҳиёт", ки дар худ "нури худовандӣ" дорад, маҳсуб ёбад.

**200. Кадом далелҳоро Фомаи Аквинӣ барои исботи мавҷудияти Худованд овардааст?**

Фомаи Аквинӣ бисёр кӯшишҳо ба харҷ додааст, ки мавҷудияти ақлонии Худовандро исбот намояд. Ба ҳамин хотир вай панҷ далели мавҷудияти Худовандро муқаррар кардааст, ки аз далелҳои зерин иборат мебошанд:

1. Худованд сарчашмаи ҳама гуна ҳаракат ё сабаби худҳаракатдиҳанда ва ҳаракаткунанда ба шумор меравад.

2. Ҳама гуна сабаб ба натиҷа меоварад. Яъне, Худованд сабаби ҳама гуна бавуҷудоварандагӣ мебошад.

3. Ҳама гуна амри зарурат ва тасодуф ба Худованд алоқамандӣ доранд.

4. Такмили олам бо амри худовандӣ сурат мегирад.

5. Инсон мавҷуди мукаммали офарида, ки онро Худованд руҳ бахшидааст.

Албатта, мувофиқи фалсафаи илмии муосир ҳеҷ як аз далелҳои Фома ба ҳақиқат дуруст нестанд. Далелҳои мазкур

ҳеҷ гуна асоси илмӣ надоранд. Онҳо танҳо далелҳои мантиқии таҷридӣ ва алоқаманд ба фаъолияти мантиқӣ буда, ба амали тафаккур такя мекунанд.

Аз нуқтаи назари илми муосир мавҷудияти Худованд на тасдиқ карда мешавад ва на рад, зеро ин мафҳум ба тасаввуроти фавқуттабиӣ тааллуқ дошта, на ба инсон ва на ба ҳеҷ як амалияи он дастрас намебошад.

**201. Дар фалсафаи асримиёнагӣ мунокиша дар атрофи универсалияҳо (мафҳумҳои умумӣ) мерафт. Муҳтавои ин мунокишаҳо аз чӣ иборат аст?**

Фаъолона муҳокима кардани мафҳуми ҳадди охир, умумитарин ҳамчун ҳастии Худованд ба як масъалаи хеле муҳими назарияи маърифат оварда расонид, ки онро дар ҳақиқат универсалияҳо (мафҳумҳои умумӣ) меноманд. Баҳс дар атрофи он мерафт, ки оё мафҳумҳои умумӣ ба чизе ишора мекунанд ё ҳеҷ чизро ифода карда наметавонанд? Аз ҷавоб ба ҳамин масъала ду ҷараёни фалсафӣ ба вуҷуд меояд, ки онҳоро номинализм ва реализм мегӯянд.

**202. Номинализми асримиёнагӣ чист?**

Намояндагони ин ҷараён таълим медоданд, ки танҳо номи мушаххаси ашёи фардӣ маънӣ дорад, зеро онҳоро инсон мебинад ва эҳсос мекунад. Аммо универсалияҳо берун аз тафаккур ба маъние соҳиб нестанд. Бинобар ин онҳо танҳо шакли тафаккур мебошанд. Масалан, - мегуфтанд номиналистон, - инсон себ, зардолу, шафтолу барин анвои меваҳои мушаххасро мебинад, хосиятҳои онҳоро эҳсос мекунад, вале мафҳуми мева ва хосиятҳои онро, ҳамчун мафҳуми умумӣ, эҳсос намекунад. Яъне, - мегуфтанд, махсусан номиналистони мутатарриф (канорагӣ), - мафҳумҳои умумӣ танҳо шакли тафаккур, маҷмӯи овозҳои бемаънӣ мебошанд ва ҳеҷ як чизи мушаххасро ифода карда наметавонанд. Хулоса, номиналистон мафҳумҳоро ҳамчун номи ашёи фардӣ эътироф мекарданд, зеро моҳияти эътирофи онҳо аз чизҳои фардӣ иборат буда, кулл инкор карда мешуд. Чунончи, инсони фардӣ, на инсоният, себ, зардолуи мушаххас, на умуман мева ва ғайра.

**203. Ба намояндагони ҷараёни номинализм кадом мутафаккирон дохил мешуданд?**

Аввалин мутафаккире, ки ақидаҳои номиналистиро ифода карда буд, файласуфи фаронсавӣ Иоҳан Ростселин (1050-1123) буд. Аммо ин масъаларо бештар файласуфи англис Уилям Оккам (1285-1349) баррасӣ ва таҳқиқ кардааст. Азбаски ӯ маҳорати хеле калони баҳс карданро дошт, ба вай лақаби "устоди мағлубнашаванда" дода буданд.

**204. Реализми асримиёнагӣ чӣ гуна ҷараён аст?**

Бояд дарҳол таъкид кард, ки дар муҷодала (баҳс) дар атрофи универсалияҳо (мафҳумҳои умумӣ) намояндагони реализми асримёнагӣ тамоман мавқеи муқобилро ишғол мекарданд. Онҳо таълим медоданд, ки ба моҳияти бештар на мафҳумҳои ифодакунандаи ашёи фардӣ, балки мафҳумҳои ифодакунандаи ашёи куллӣ, яъне универсалияҳо соҳиб мебошанд. Далели реалистон бар он буд, ки мафҳумҳои умумӣ, яъне универсалияҳо, ифодакунандагони шакл, навъ, табақа, ки ба онҳо ин ва ё он ашё ё воқеияти фардӣ алоқамандӣ дорад ва мафҳумҳои умумӣ моҳият ва хусусиятҳои асосии онҳоро ифода карда метавонанд. Бинобар ин, - мегуфтанд онҳо, - кулл ҳастии ҳақиқӣ, воқеӣ мебошад, аммо ашёи фардӣ ҳастии ҳақиқӣ танҳо дар он сурат эътироф карда мешавад, ки онҳо ҷузъи кулл – шакл, навъ, табақа ва ғайра мебошанд ва онҳо, яъне ашё ва воқеоти фардӣ танҳо зимни кулл, универсиум дониста мешаванд.

Ғайр аз ин, - мегуфтанд онҳо, - мафҳумҳои умумӣ то ашёи фардӣ вуҷуд доранд, онҳо нақшҳои идеалии ашё ва воқеоти муқаддаман, пештар аз онҳо арзи вуҷуд карда буда, тавлиди худовандӣ мебошанд. Ақидаҳои мазкур, қабл аз ҳама, ба Фомаи Аквинӣ тааллук дорад. Чун аз саволу ҷавобҳои қаблӣ ба мо маълум аст, Фомаи Аквинӣ мутафаккири машҳури фалсафаи дини масеҳӣ маҳсуб меёбад, ки дар он кулл, универсалия, мафҳуми ҳадди ахир, Худо мебошад ва ҳама воқеияти дигар офаридаи танҳо Худованд аст.

**205. Дар ҷараёни муҷодалаи номинализм ва реализми асримиёнагӣ ягон ҷараёни нав низ ба вуҷуд омада буд?**

Бале, ба хотири ба як навъ мусолиҳа овардани мавқеъҳои номинализм ва реализм ҷараёни нави севум ташаккул ёфта буд, ки он минбаъд унвони консептуализм (аз лот. пайвасткунанда, хулосакунанда)-ро гирифт. Намояндаи машҳури ин ҷараён файласуфи шотландӣ Иохан Дунс Скот (1266-1308) ба шумор меравад.

Назари Дунс Скот бар он аст, ки ҳар як чиз ифодакунандаи ҳам ҷузъ ва ҳам кулл мебошад, яъне ифодакунандаи ягонагии ҷузъ ва кулл, моҳият ва воқеият маҳсуб меёбад. Кулл моҳияти ашёро инъикос мекунад, аммо ҷузъ, яъне чизи фардии мушаххас бошад, зуҳури кулл, яъне зуҳури моҳияти ниҳон дар кулл мебшад. Дунс Скот дар муқобили фалсафаи Фомаи Аквинӣ, ки ҳастии қаблии куллро таълим медод, таъкид мекунад, ки ҳастии куллии мустақил аз ашёи фардӣ вуҷуд надорад. Ин ақида, яъне ақидаи робитаи байниҳамдигарии ҷузъу кулл ба таълимоти фалсафаи муосир бештар наздик мебошад.

**206. Оё ақидаҳои номинализм ва реализми асримиёнагӣ барои рушди минбаъдаи илм аҳамияте дошт?**

Муаллиф ҷонибдори он аст, ки дар ҳама гуна муҷодала (мубоҳиса) ҳатман ягон назари аҳамиятноке барои рушди минбаъдаи илм ҳаст. Аҳамияти таърихии муҷодалаи номинализм ва реализми асримиёнагӣ дар он аст, ки, аввалан, бар заминаи он, чун дар боло зикр кардем, як ҷараёни дигари фалсафӣ – консептуализм ташаккул ёфт. Дигар он, ки арзи вуҷуд кардани номинализм, сарфи назар аз моҳияти диниву идеалистӣ доштанаш, асоси муқаддамотие барои дар оянда ба вуҷуд омадани баҳсҳои густурда миёни фалсафаи динӣ ва илмӣ, идеализм ва материализм, эмпиризм ва ратсионализм гардид. Хулоса, номинализм яке аз унсурҳои пешофалсафаи даврони Эҳё ва Нав дар таърихи фалсафа низ гардид, ки он ҳамчун хидмати арзанда дар рушди афкори фалсафӣ арзёбӣ мешавад. Севум он, ки ворид кардани мафҳумҳои умумӣ, таносуби байни ашёи фардиву куллӣ, муайян кардани робитаи байни ҷузъу кулл барои рушди минбаъдаи афкори фалсафӣ, махсусан, назарияи маърифат (гносеология) аҳамияти калон дошт.

**207. Дар рушди фалсафаи асримиёнагӣ мутафаккирони манотиқи интишори дини ислом низ саҳме доштанд?**

Доир ба ҷавоби ин савол, қабл аз ҳама, бояд қайд кард, ки минтақаҳои интишори дини ислом дорои якчанд марказҳои тамаддуни бостонии инсоният, ба мисли: Мисри Бостон, Эрони Бостон, Бобулистони Бостон ба шумор меравaнд. Дар ин марказҳо низ афкори пешофалсафӣ, чун дар боло баррасӣ карда будем, ба вуҷуд омадаву хеле густурда интишор ёфта буданд. Ин тазаккур аз он шаҳодат медиҳад, ки манотиқи мавриди баррасӣ таърихан бо марказҳои дигари тамаддуни аҳди Бостон, махсусан, даврони Антиқа робитаҳои густурда доштааст, фарҳанги Антиқа дар илми муттаҳидкунандаи даврони Бостон – фалсафа, аз ҷониби намояндагони маърифат дар манотиқи интишори дини ислом, ҳамаҷониба омӯхтаву ҳазм гардида, мувофиқи муҳити маънавии худ як навъ ҷилои нав низ пайдо карда буданд, ки онро дар баррасии афкори фалсафии намояндагони ин манотиқ хоҳем дид.

**208. Кадом мутафаккиронро ба қатори файласуфони машҳури манотиқи интишори дини ислом дохил кардан мумкин аст?**

Дар ин давра мутафаккирони зиёд умр ба сар бурдаанд ва афкори арзишманде низ аз худ боқӣ гузоштаанд. Ба машҳуртарини онҳо Ибни Сино, Ибни Рушд, Алфоробӣ, Алғаззолӣ ва ғайра дохил мешаванд.

**209. Ибни Сино кӣ буд?**

Абӯалӣ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Сино ба қатори мутафаккирони бузурги асримиёнагӣ дохил мешавад, ки соҳаҳои гуногуни илми замонаш – мантиқ, фалсафа, илоҳиёт, табииёт, риёзиёт ва тибро рушду ҷилои нав бахшидааст. Давраи зиндагии Ибни Сино ба замони суқути давлати Сомониён ва шикасти комили он мувофиқ омадааст. Баъди шикасти давлати Сомониён дар Мовароуннаҳр ва Хуросон сулолаҳои туркии Ғазнавиён, Қарохониён ва Салҷуқиён салтанат мекарданд ва байни ҳамдигар ҳамеша дар мубориза буданд. Чунин аҳвол на танҳо ба иқтисодиёт, балки ба рушди фарҳанг ва мардуми эҷоди он низ бетаъсир набуд. Ибни Сино

донандаи ду забони илму фарҳанги замонаш – форсӣ ва арабӣ буд ва бо ин забонҳо тамоми осори илмиву фарҳангиашро эҷод кардааст. Машҳуртарин асари ба забони форсии тоҷикӣ эҷод кардаи Ибни Сино "Донишнома" мебошад, ки дар он мутафаккир масъалаҳои мантиқ, фалсафа, илоҳиёт, табииёт ва риёзиётро баррасӣ кардааст. Умуман, ба забони форсии тоҷикӣ Ибни Сино зиёда аз сӣ асар офаридааст, ки масъалаҳои гуногунро дар бар мегиранд.

Машҳуртарин асари Ибни Сино "Китоб-уш-Шифо" мебошад, ки иборат аз 18 муҷаллад буда, масъалаҳои мантиқ, фалсафа, табииёт, риёзиёт ва ғайраро дар бар мегирад. Хулоса, Ибни Сино яке аз машҳуртарин олимони мавсуавии (энсиклопедии) асримиёнагии натанҳо Шарқ, балки олам маҳсуб меёбад ва омӯхтани осори арзишманди ӯ ба ҳар шахси зиёӣ ва меҳандӯсти тоҷик аҳамияти калони илмиву фарҳангӣ дорад.

**210. Муҳтавои фалсафаи Ибни Синоро чиҳо ташкил мекунанд?**

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки фалсафаи Ибн Сино хусусияти теосентрӣ (худомарказӣ) дорад. Вале Ибни Сино масъалаҳои онтологиро нисбат ба фалсафаи дини масеҳӣ дигархелтар маънидод мекунад. Чунончи, Ибни Сино таълим медиҳад, ки олам аз материя офарида шудааст, на аз ҳеҷ, ки фалсафаи дини масеҳӣ таълим медод. Материя абадист. Худовандро ҳамчун баҳаракатоварандаи аввалини беҳаракат, шакли ҳама шаклҳо маънидод мекунад, ки он ба фалсафаи Арасту шабоҳат дорад.

Ибни Сино роҷеъ ба мафҳумҳои умумӣ (универсалияҳо) ва фардӣ низ баррасиҳо кардааст. Чунончи, доир ба мафҳумҳои умумӣ сухан карда, Ибни Сино менависад, ки роҷеъ ба универсалияҳо дар се маънӣ гуфтан мумкин аст:

– универсалияҳо то мавҷудияти ашёи фардӣ дар ақли худовандӣ ҳастӣ доранд. Масалан, идеяи "гурба", ки дар тафаккури худовандӣ пайдо мешавад, аз гурбаҳои фардии мушаххас муқаддам аст;

– универсалияҳо дар ашёи фардӣ ҳамчун таҷассуми онҳо вуҷуд доранд. Чунончи, идеяи "умуман гурба" дар ҳар як гурбаи фардии мушаххас вуҷуд дорад;

– универсалияҳо баъди ашё дар майнаи одамон ҳамчун натиҷаи тафаккури онҳо низ вуҷуд доранд. Масалан, бо дид ва баррасии гурбаҳои гуногуни зиёд мо мулоҳиза мекунем, ки онҳо ба ҳамдигар монанданд ва аз ин мулоҳиза ба хулосаи идеяи умумии "гурба" меоем, яъне ба ақидаи Ибни Сино, "тафаккур мафҳуми умумиро аз чизҳои фардӣ ба вуҷуд меоварад". Чун мебинем, масъалаҳое, ки минбаъд ҷараёнҳои номинализм ва реализми асримиёнагиро ба вуҷуд овард, ҳоло дар ақидаҳои Ибни Сино низ мушоҳида мешаванд.

Хулоса, дар ақидаҳои Ибни Сино ҳам майлҳои моддагароӣ ва ҳам ратсионалистии идеалистӣ мушоҳида мешаванд, ки ба баррасиҳои илмиву табиатшиносии ӯ мувофиқат мекунанд.

**211. Ибни Рушд чӣ гуна мутафаккир буд?**

Абулвалид Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Рушд, ки бо номи лотинии Аверроэс (1126-1198) дар Аврупо машҳур аст, зодаи ш. Кордова – Марокаш дар шимоли Африқо мебошад. Файласуфи асримиёнагии араб, намояндаи маъруфи пайравони фалсафаи Арасту, ки ба унвони фалсафаи машшоъ (перипатетӣ) машҳур аст. Муаллифи асари мавсуавии (энсиклопедии) тиббӣ мебошад, ки ҳафт китобро дар бар мегирад. Аксари рисолаҳои фалсафии Ибни Рушд ба тафсири масъалаҳои гуногуни фалсафаи Арасту бахшида шудаанд, ки дар натиҷа Ибни Рушдро ба лақаби ифтихории "Муфассир" ноил гардониданд. Яке аз асарҳои барҷастаи фалсафии Ибни Рушд ба унвони "Таҳофут-ут-Таҳофут" машҳур аст, ки дар он ӯ ҳуҷуми беасоси файласуфи машҳури ислом Алғаззолӣ ва дигар руҳониёни ислом ба фалсафаро рад мекунад ва ҳуқуқи ақлро баҳри аз бар кардани дониш ҷонибдорӣ менамояд.

**212. Муҳтавои мухтасари фалсафаи Ибни Рушд аз чиҳо иборат аст?**

Ибни Рушд файласуфи серсоҳа мебошад ва дар бисёр соҳаҳои илм таҳқиқот гузаронидааст. Яке аз муҳимтарини онҳо гузоштани тафовут миёни ҳақиқати ақлонӣ ва ҳақиқати динӣ буд, ки бо номи тафовути дини ақлонӣ, ки ба теъдоди ками мардумони маърифатпеша хос аст ва дини рамзӣ, ки хоси омма мебошад, ба шумор меравад. Ин ақида минбаъд яке аз манбаъҳои ташаккул ёфтани назарияи дуҳақиқатӣ мегардад.

Дар зери ифодаи "дуҳақиқатӣ" таълимоте фаҳмида мешавад, ки мутобиқи он як ҳақиқат барои илм вуҷуд дорад ва ҳақиқати дигар барои дин. Ба миён гузоштани чунин тафовут барои ҳукми маънӣ пайдо кардани ҳақиқати илмӣ таъсири мусбат расонид. Агар маънии мазкурро ба ифодаи дигар таъбир кунем, чунин мешавад, ки тавассути он ду самти мустақил – фалсафа ва дин асоснок карда шавад. Чунин назария дар он асос арзи вуҷуд карда буд, ки ҳама гуна ҳақиқат метавонад бо роҳҳои гуногун исбот карда шавад. Чунончи, тавассути нақшҳои муассире, ки ба эҳсоси одамони оддӣ таъсир мерасонанд ва тавассути ақл, ки далелҳои он танҳо ба одамони маърифатнок заминаи исботи ҳақиқат шуда метавонад. Аввалиро дин ва дувумиро фалсафа истифода менамояд.

Ақидаи фалсафии дигари Ибни Рушд аз он иборат аст, ки вай абадияти олам ва беибтидоии нахустматерияро эътироф мекард. Эътирофи аз ҷониби Худо офарида шудани оламро чунин маънидод мекард, ки Худо бо олам "ҳамрадиф" мебошад ва танҳо шаклҳои тавонии нахустматерияро ба воқеият табдил медиҳад. Хулоса, Ибни Рушд дар чунин дарке буд, ки нахустматерия офарида намешавад ва ҳаргиз нест ҳам намешавад. Мавҷудияти Худоро эътироф кардани Ибни Рушд чунин маъниро дорад, ки Худо ва материя ба ҳамдигар ҳамрадиф мебошанд ва нақши Худо танҳо дар он аст, ки шаклҳои ботинан ба худ хоси нахустматерияро ба воқеият табдил медиҳад. Ҳаракат ба мисли материя абадист. Ҳаракат ҳамчун пайдошавӣ, тағйирёбӣ ва вайроншавӣ ҳамчун имконият дар материя мебошад.

**213. Алғаззолӣ кӣ буд?**

Абуҳамид Муҳаммад ибни Муҳаммад Алғаззолӣ (1058-1111) зодаи Хуросони Эрон буда, маълумоташро дар Нишопур ва Бағдод гирифтааст. Илоҳиётшинос ва файласуфи асримиёнагии Шарқи исломӣ ба шумор меравад. Асари илмии асосиаш ба унвони "Китобу эҳёи улумид-дин" маъруф аст. Дар ин асар вай ақидаи имконнопазир будани баománavri оқилона донистани Худоро (азбаски Худо ҳақиқати олии мутлақ мебошад) исбот кардани мешавад. Ба ақидаи Алғаззолӣ, Худоро танҳо дар ҳолатҳои ботинии ваҷд донистан мумкин аст. Дар асари дигараш "Таҳофут-ул-Фалосифа" Алғаззолӣ

ақидаҳои фалсафии Алфоробӣ, Ибни Сино ва дигар пайравони Арастуро зери танқиди шадид қарор медиҳад.

**214. Алфоробӣ чӣ гуна мутафаккир буд?**

Абунаср Муҳаммад ибни Тархон Алфоробӣ (870-950), зодгоҳаш ш. Фороб (Қазоқистони имрӯза) файласуф ва олими мавсуавӣ (энсиклопедӣ), намояндаи бузургтарини фалсафаи машшои Шарқ, муфассири ақидаҳои фалсафии Арасту ва Афлотун будааст. Бинобар ин ба ӯ унвони ифтихории "Муаллими дувум" дода будаанд. Фалсафа ва илмҳои табиатшиносиро дар шаҳрҳои Ҳалаб ва Бағдод омӯхтааст. Фалсафаи Алфоробӣ ба Ибни Сино, Ибни Боҷа, Ибни Туфайл, Ибни Рушд ва ҳамчунин ба фалсафа ва илми асримиёнагии Аврупои Ғарбӣ низ таъсири судманд расонидааст.

**215. Муҳтавои мухтасари фалсафаи Алфоробӣ аз чиҳо иборат аст?**

Дар маркази таваҷҷуҳи фалсафаи Алфоробӣ масъалаи пайвастани ақидаҳои фалсафии мактаби Арасту бо таълимот дар бораи эманатсияи (шоридани ҷилои худовандии) навафлотуния меистад. Мувофиқи ин таълимот, худованд ҳастии худ ба худи зарурӣ маҳсуб меёбад, ки вай ҳастии доимии оламро меофарад, ки он ҳастии зарурии тавассути ҳастии дигар, яъне тавассути қатори пай дар пай шоридани (эманатсияи) аз ҷониби "ақлҳои кайҳонӣ" бавуҷудоянда, ки ҳар як ба соҳаи муайяни самовӣ мувофиқат мекунад, иборат аст. Силсилаи "ақлҳои" мазкур бо "ақли фаъол" ба охир мерасад, ки он аз болои равандҳои олами ҳақиқии пайдошавӣ ва нестшавӣ ҳукм мекунад. Бинобар ин пайвастан ба "ақли фаъол" мақсади ниҳоии дониши инсон ба шумор меравад.

Дар масъалаҳои иҷтимоиву ахлоқӣ бошад, Алфоробӣ ақидаи "шаҳри накӯкор"-ро инкишоф медиҳад, ки чунин шаҳрро ҳокимон - файласуфони хирадманд идора мекунанд. Онҳо дар айни замон масъулияти имоматии ҷомеаро ба уҳда доранд ва ҳақиқати аз "ақли фаъол" ба онҳо расандаро ба ҷомеа мерасонанд.

Дар муқобили "шаҳри накӯкор" "шаҳрҳои мардумашон ҷоҳил" меистанд, ки онҳо дорои сифатҳои манфии ҷомеаи

инсонӣ мебошанд. Чунинанд масъалаҳои меҳварии фалсафаи Алфоробӣ.

**216. Дар саволу ҷавобҳои боло ифодаи фалсафаи машшоъ хотирнишон гардид. Кадом ҷараёни фалсафиро фалсафаи машшоъ мегӯянд?**

Вақте ифодаи фалсафаи машшоъ истифода мешавад, фалсафаи мактаби ифтитоҳ кардаи Арасту, ки дар он теъдоди зиёди мутафаккирон ҳам таълим гирифтаанд ва ҳам эҷод кардаанд, дар назар дошта мешавад. Мафҳуми машшоъ арабиасос буда, маъниаш гашт, сайр мешавад. Дар фалсафаи Шарқ дар зери ин мафҳум мутафаккироне, ки пайрави таълимоти Арасту буданд, чунин меноманд. Файласуфони машшоъ масъалаҳои мураккаб ва баҳсталабро дар ҷараёни гаштугузор дар айвон ва боғи литсей муҳокима мекардаанд. Бинобар ин онҳоро файласуфони машшоъ – гарданда, гаштугузоркунанда, сайругашткунанда мегӯянд.

**217. Бунёдгузор ва намояндагони машҳури фалсафаи машшоъ киҳо буданд?**

Бунёдгузори ин фалсафа дар Шарқ Абуюсуф Яъқуб ибни Исҳоқ Алкиндӣ буда, намояндагони машҳураш Алфоробӣ, Ибни Сино, Ибни Мискавайҳ, Умари Хайём, Ибни Рушд, Ибни Боҷа, Ибни Туфайл, Насируддини Тусӣ, Ҷалолуддини Давонӣ, Қутбуддини Шерозӣ, Афзалуддини Кошонӣ ва ғайра мебошанд.

**218. Дар асрҳои миёна як ҷараёни дигари диниву фалсафӣ ба вуҷуд омада буд, ки онро “Калом” мегӯянд. Ин ҷараён чӣ гуна афкори фалсафӣ дорад?**

Калом дар асри VIII ба вуҷуд омадааст. Муҳтавои ин фалсафаро илоҳиёти ислом, ки ба тавсифи зоту сифатҳои Худо, офариниши инсон, аҳкоми нубувват (паёмбарӣ), ҷазову марҳамате, ки дар олами боқӣ инсонро мунтазир аст, дар бар мегирад.

**219. Ба кадом сабабҳо Калом арзи вуҷуд кард?**

Чун маълум аст, тамоми соҳаҳои илм, аз ҷумла фалсафа дар Юнони Бостон ташаккул ва рушди минбаъдаи худро ёфт. Дар

ин давра Юнонзамин бисёрхудоиро аз сар мегузаронид. Мактаб ва ҷараёнҳои гуногуни мазҳабӣ ва фалсафӣ ба вуҷуд омадаву рушд мекарданд. Дар соҳаи фалсафа бошад, ҳам мактабҳои моддагароӣ ва ҳам рӯҳгароӣ пайдо шуда буданд. Вақте фалсафа ва, умуман, фарҳанги эллинӣ ба манотиқи дигар интиқол меёфт, бе таъсир намемонд. Раванди интишори афкори фалсафии Юнон то марҳилаҳои минбаъдаи пайдоиш, ташаккул ва рушди дини ислом низ идома меёфт ва ба идеологияи ислом ва ҳам ба тафаккури эътиқодмандони он таъсир мерасонид ва эътиқоди бисёриҳоро шубҳаовар мегардонид. Дигар он, ки то даврai пайдоиши дини ислом огоз аз асри як дини масеҳӣ пайдо, ташаккул ва такмили худро ёфта, бо ғояҳои фалсафии юнонӣ мусаллаҳ гардида буд. Дини исломи навтаъсис дар раванди интишор бо муқовимати дини масеҳии дар бисёр манотиқи Шарқи Наздик ва Миёна интишоргардида дучор мешуд. Байни онҳо низ муборизаҳои шадиди ғоявӣ мерафт. Ҳамаи ин ва сабабҳои дигар заминаи мусоид барои ба вуҷуд омадани мазҳабҳои гуногун мешуданд. Зарурат ба вуҷуд омада буд, ки исломро аз дохилшавии бидъатҳои бегона ба он ва ҳамлаҳои дини масеҳӣ ҳимоя карда шавад. Дар асоси ҳамин зарурат Калом ба вуҷуд омад.

**220. Калом дар чанд марҳила ташаккул ва такмил ёфтааст?**

Калом дар се марҳила ташаккул ва такмил ёфтааст.

Дар даврai аввал калом ба унвони муътазилия маъруфият дошт ва дар рушди минбаъдаи худ ба каломи мазҳаби шиа (ташайуъ) табдил гардид.

Даврai дувуми такмили каломро каломи ашъарӣ ва мотуридӣ ташкил мекунад, ки ташаккули онҳо ба асри X мувофиқ омадааст. Асосгузоронаш Абулҳасан Алӣ ибни Исмоили Ашъарӣ ва Абумансур Муҳаммад ибни Маҳмуди Мотуридии Самарқандӣ мебошанд. Ҳар ду каломи мазкур каломи аҳли суннат, яъне тасаннунӣ буданд. Намояндагони машҳури каломи аҳли тасаннун Абубакри Боқилонӣ, Абдулмалики Ҷувайнӣ ва Муҳаммад Алғаззоливу Ибни Халдун буданд. Онҳое, ки аз калом истифода мекарданд, мутакаллим меномиданд. Аслан, вожаи "калом" ба тоҷикӣ гуфтугӯ ва "мутакаллим" гӯянда, суҳбаткунанда мешавад. Мутакаллимон кӯшиш мекарданд, ки ғояҳои тасаннуниро аз

бидъатҳо тоза нигоҳ доранд, нагузоранд, ки ба ғояҳои мазкур бидъатҳои бегона дохил шаванд.

Дар давраи севум, Калом на танҳо масъалаҳои анъанавӣ, ки дар хусуси онҳо дар боло гуфтем, балки боз ба масъалаҳои фалсафӣ, ба монанди ҳастишиносӣ, маърифат ва ғайра рӯ овард. Дар натиҷа як навъ фалсафаи динии илоҳиётшиносӣ ташаккул ёфт, ки дар ибтидо ин муҳимматро алломаи ислом Муҳаммад Алғаззолӣ оғоз бахшид. Минбаъд ин ҷараён ҷонибдорони бисёр пайдо кард, ки ба қатори онҳо Муҳаммади Шаҳристонӣ, Фаридуддини Балхӣ, Фахруддини Розӣ ва дигаронро дохил кардан мумкин аст.

**221. Муҳтавои мухтасари фалсафаи калом аз чиҳо иборат аст?**

Қабл аз ҳама бояд таъкид кард, ки калом моҳиятан мухолифи фалсафаи машшоия мебошад. Масъалаи меҳварии онтологии (ҳастишиносии) каломро офариниши олам ташкил мекунад. Олам, аз диди мутакаллимин, қадим нест, худ вуҷуд надорад, ҳаракат, тағйирёбиҳо дар асоси сабабҳои ботинии табиӣ имконнопазиранд, ҳеҷ гуна қонунияти табиӣ вуҷуд надорад. Олам аз тарафи Худованд офарида шудааст. Танҳо қудрат ва иродаи Худованд метавонад ҳама чизро ба вуҷуд оварад, тағйир диҳад ва ба нобудӣ оварад. Инсон ҳам офаридаи худовандист. Бинобар ин вай низ дар фаъолияти худ мустақил нест ва танҳо иҷрокунандаи амри илоҳӣ мебошад. Ақли инсон қудрати мукаммал ва дуруст донистани ҳастиро надорад. Чун мебинем, ҳама ин гуфтаҳо мухолифи ақидаҳои фалсафаи машшоия мебошанд. Машшоия, чун маълум аст, ба маърифати ҳастӣ эътимод дорад, қудрати ақлониро (ратсионалиро) тарғиб мекунад, қадимияти оламро эътироф мекунад ва ғайра.

Агар вазифаи таърихии машшоияро дар замина ва такони минбаъдаи рушди фалсафаи илмӣ арзёбӣ намоем, вазифаи таърихии фалсафаи каломро ҳамчун фалсафаи илоҳиётшиносӣ як навъ фалсафаи хидматгори дин гуфтан мумкин аст.

Ақидаҳои фалсафаи калом дар илоҳиётшиносии муосир низ кор фармуда мешаванд ва ба неотомизми аврупоӣ тавъамӣ доранд. Мақсади моҳиятиашон аз он иборат аст, ки илмро тобеи дин, фалсафаи илмиро ба фалсафаи динӣ тобеъ

гардонанд. Хулоса, илм ва фалсафаи илмӣ, аз назари онҳо, бояд хидматгори илоҳиётшиносӣ ва дин бошанд.

**222. Дар саволу ҷавобҳои боло сухан дар бораи мафҳуми муътазилия рафт. Ин чӣ мафҳум аст ва чиро ифода мекунад?**

Мафҳуми муътазилия арабиасос буда, маъниаш аз решаи азала – дуршавӣ, ҷудошавӣ, маҳрумшавӣ мебошад. Илоҳиётшиносони асримиёнагии ислом роҷеъ ба маънии мафҳуми муътазилия чунин маълумот додаанд, ки Восил ибни Ато ном доништалаб аз ш. Мадина ба ш. Басра барои таҳсили илм меояд ва ба мактаби Ҳасани Басрӣ дохил мешавад. Дар яке аз баҳсҳо доир ба гуноҳи кабираи зоҳир кардаи инсон байни шогирду устод ихтилофи назар ба вуҷуд меояд ва Восил ибни Ато мактаби Ҳасани Басриро тарк мекунад ва минбаъд маҳфили худро таъсис медиҳад. Ҳамин тариқ, онҳое, ки мактаби Ҳасани Басриро тарк мекунанд, аҳли эътизол, яъне ҷудошудагон ё муътазилия номида шуданд. Вожаи муътазил бошад, дуршуда, ҷудошуда тарҷума мешавад. Ҳамчун мафҳуми илмӣ ба маънии мактаби илоҳиётшиносии ислом ба шумор меравад, ки минбаъд яке аз заминаҳои рушди фалсафаи ислом гардидааст.

**223. Муҳтавои мухтасари фалсафаи муътазилия аз чиҳо иборат аст?**

Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки намояндагони муътазилия аз афкори фалсафии Юнони Бостон ва илоҳиёти масеҳият, ҳамчунин муқаррароти дини зардуштӣ огаҳӣ доштанд, ки онҳо дар ташаккули фалсафаи муътазилия таъсири муайян гузоштанд. Муътазилия яке аз аввалин ҷараёнҳои хеле шӯҳратёфтаи калом ба шумор меравад, ки минбаъд ба фалсафаи илоҳиётшиносӣ табдил ёфтааст.

Намояндагони муътазилия панҷ усули илоҳиётшиносиро баррасӣ ва таҳқиқ мекарданд, ки ба онҳо: 1) тавҳид (эътирофи ваҳдати худо), 2) адл (дар ин мафҳум сухан дар бораи озодии ба инсон ато кардаи худо меравад, ки дар ҳама неку бад худи инсон сабабгор аст), 3) ваъду ваъийд – тарҷумааш ваъдаву таҳдид мебошад. Маъниаш бар он аст, ки Худованд ҳарчи ваъда кард ба ваъдааш вафо мекунад ва ҳар касе дар наздаш гунаҳкор дониста шуд, ҷазо мегирад. Аҳли муътазила ин

маъниро бар асоси оятҳои қуръонӣ тасдиқ мекунанд. Масалан, аз сураи Алинфитор далел меоваранд, ки гуфтааст: "Ва инналфуҷҷора ла фий ҷаҳиймин" (ояти 14) – (Ба тасдиқ аст, ки ҷойи гуноҳкардагон ҳамоно дар дӯзах аст. Тарҷумаи муаллиф). Дар сураи Аззалзала омадааст, ки: "Фаман йаъмал мисқола зарратин хайран йраҳ(у) ва ман йаъмал мисқола зарратин шарран йраҳ(у)(ояти 7 ва 8) -... ҳар кас заррае накӯ кунад (савобашро) бубинад ва ҳар кас заррае бадӣ кунад (азобашро) бубинад (тарҷумаи муаллиф), 4) манзал байна манзалатайн, тарҷумааш - дар байни обу оташ парешон мондан аст (тарҷумаи муаллиф). Маънии фалсафаи илоҳиётшиносиаш аз он иборат аст, ки ҳар ки фосиқу бадкору гунаҳпеша бошад, на кофир ва на мӯъмин бошад, балки парешон бошад миёни обу оташ. 5) амри маъруф ва наҳйи мункар – маънии ифодаи қисми аввал, ки амри маъруф ном дорад, аз он иборат аст, ки одамон дар кору пайкори шахсии худ озоданд ва бо ақлу идроки худ онро амалӣ мегардонанд, кору пайкори инсон бояд ба накӯкорӣ нигаронида шуда бошад, аммо агар гап дар бораи кору пайкори ҷомеа равад, онро бояд имом ё зимомдор анҷом диҳад. Ифодаи наҳйи мункар чунин маъниро дар назар дорад, ки муъминон дар баробари анҷоми кори хайр бояд ҳама гуна кори бади гуноҳоварро рад кунанд, истисно намоянд. Ҳар ду ин фармуда ба ҳар як муъмин воҷиб, яъне вазифа маҳсуб меёбад, ки дар зиндагии олами фонӣ кӯшиш ба харҷ диҳанд, то онро пайваста анҷом бидиҳанд.

Ихтилофи дигари байни аҳли муътазилия ва тасаннун дар он аст, ки аҳли суннат Қуръонро, ки аз нури илоҳӣ бархурдор аст, ба мисли Худо азалӣ эътироф мекунад, аммо аҳли эътизол чунин намешуморад ва танҳо азалияти Худоро эътироф мекунад. Қуръонро бошад, натиҷаи ваҳйи худовандӣ эътироф мекунад, ки чунин таълимот азалӣ будани Қуръонро рад мекунад.

Таълимоти муътазилия то асрҳои XIV густариш дошт ва баъд рӯ ба завол овард. Сарфи назар аз камбудҳои зиёди назарӣ, муътазилия дар рушди минбаъдаи таълимоти диниву фалсафӣ ва тафаккуру мантиқи озодандешӣ нақши сазовор бозидааст.

**224. Калом боз кадом равияҳоро дорад?**

Равияи дигари машҳури каломро Ашъария меноманд. Асосгузори ин равия Абулҳасан Алӣ ибни Исмоили Ашъарӣ (873-941) мебошад.

**225. Муҳтавои мухтасари равияи ашъария чиҳоро дар бар мегирад?**

Таълимоти динию фалсафии ашъария яке аз заминаҳои назариявии мазҳаби тасаннун ба шумор меравад.

Ба хайру шар чӣ гуна муносибат кардани инсон ва ба кӣ алоқамандӣ доштани ҳамин муносибат аз ақидаҳои марказии ашъария буда, ҳеҷ гуна фаъолиятро фаъолияти мустақили худи инсон эътироф намекунад, балки ҳама он чи аз инсон содир карда мешавад, ба қудрати илоҳӣ алоқаманд маънидод мегардад. Чунончи, дар мӯътазилия корҳои нақӯ аз Худованд ва корҳои зишт аз худи бандагон маънидод мегардида бошад, дар ашъария ҳамаи корҳо ба қудрати худовандӣ марбут донаиста мешавад. Агар муътазилия эътироф кунад, ки ақли инсон ба ҷудо кардани хайру шар мерасад, ашъария эътироф мекунад, ки танҳо Худованд соҳиби илм ва қудрат мебошад, тавассути ақл донистани ашёро инкор мекунад. Ашъария бар он ақида аст, ки ақл боиси нестии дин мегардад.

Роҷеъ ба каломи Худо – Қуръон, ки муътазилия азалӣ будани онро рад мекунад, ашъария азалияти Қуръонро низ эътироф мекунад. Далели ашъария бар он аст, ки Худо азалист ва каломаш низ мисли худаш азалӣ мебошад. Доир ба масъалаи мукофоту ҷазо низ ашъария бар он ақида аст, ки танҳо Худованд ин мушкилиҳоро ҳал мекунад. Додани ҳам мукофот ва ҳам ҷазо ба Худаш алоқамандӣ дорад. Фиристодан ба биҳишт ё ба дӯзах кори худовандист. Хулоса, азалан Худо ва каломи Худо вуҷуд дорад ва ҳама корзори дигари ҳастӣ ба қудрат ва иродаи Худо алоқамандӣ дорад.

**226. Оё таълимоти ашъария минбаъд пайравони худро пайдо кардааст?**

Бале, ашъария пайравони хеле зиёд пайдо кардааст, ки рушди минбаъдаи он ба осори онҳо алоқамандӣ дорад. Намоёнтарини пайравони ин равия Абубакри Боқилонӣ (ваф.1013), Ибни Фуроқ (ваф. 1015), Абуисҳоқи Асфаронӣ

(ваф.1027), Абдулмалики Ҷувайнӣ (ваф.1085), Муҳаммад Алғаззолӣ (ваф.1111), Абдулқодири Бағдодӣ (ваф. 1037), Фахруддин Розӣ (ваф. 1209), Муҳаммади Шаҳристонӣ (ваф.1143) ва ғайра ба шумор мераванд, ки маҳсули эҷоди ҳар яки онҳо мавзуи омӯзиши таърихи фалсафа маҳсуб меёбад.

**227. Оё таълимоти ашъария заминаи назариявии ягон мазҳаби ислом қарор гирифтааст?**

Бале, таълимоти ашъария дар асри X асоси мазҳаби шофеӣ гардид. Чун маълум аст, ин мазҳаб яке аз чаҳор мазҳабҳои таърихан бавуҷудомада ва машҳури ислом ба шумор мервад.

**228. Исмоилия чӣ гуна равия аст?**

Исмоилия яке аз дигар равияҳои динии фалсафӣ буда, дар асри VIII ба вуҷуд омадааст. Асосгузори ин равия Исмоил ибни Ҷаъфари Содиқ, ки ҳафтумин имоми мазҳаби ташайуъ мебошад, ба шумор меравад.

**229. Муҳтавои ақидаҳои исмоилия аз чӣ иборат аст?**

Пеш аз ҳама, бояд таъкид кард, ки дар ташаккули ин ҷараён ақидаҳои навафлотунияи аврупоӣ ва динию фалсафии интишорёфтаи давр, махсусан, мардумони ориёӣ, нақши муайян доранд.

Мувофиқи таълимоти исмоилия, мабдаи ягонаи ҳама ҳодисоти олам Худои Таоло мебошад. Худо ҳеҷ гуна сифатҳоро доро набуда, барои инсон номуайян ва шинохтанашаванда аст. Бинобар ин ба ӯ ибодат кардан лозим нест. Худо ҳамчун Зоти Кулл дар ҳолати оромии абадист. Зоти Кулл ба вуҷудоварандаи ҷавҳари созанда – Ақли Кулл мебошад. Ақли Кулл дорои сифатҳои гуногуни илоҳист, ки яке аз он сифатҳо илм аст ва инсон бояд ба илм эътиқод кунад. Ақли Кулл, дар навбати дигари худ, зинаи поёнии фаязон (эманатсия), яъне Нафси Куллро меофарад. Нафси Кулл, дар навбати худ, фаязони нав, яъне, моддаи аввал – ҳаюлоро меофарад. Нафси Кулл дар ҳаракат ба сӯйи камолот инсонро ба вуҷуд меоварад.

Хулоса, исмоилия ҳафт зинаи фаязон (эманатсияро) ба монанди: Зоти Кулл, Ақли Кулл, Нафси Кулл, Ҳаюло, Макон, Замон ва Инсони комилро муайян кардааст, ки ҳар як ба офаринише иртибот дорад.

**230. Намояндагони машҳури исмоилия киҳо буданд?**

Машҳуртарин намояндагони исмоилия Қозӣ Нуъмон (ваф.974), Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Насафӣ (ваф. 942), Носири Хусрави Қубодиёнӣ (ваф. 1089) ва теъдоди зиёди дигарон буданд.

**231. Ихвонуссафо чӣ гуна ҷараён аст?**

Ихвонуссафо, ки ба тоҷикӣ бародарони пок тарҷума мешавад, дар ибтидои асри XI ба вуҷуд омадааст ва мактаби динию фалсафӣ ба шумор меравад. Дар Эрону Ироқ рушд ва густариш ёфтааст.

Намояндагони машҳури ин анҷуман Абусулаймон Муҳаммад ибни Маъшари Бастии Алмуқаддасӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Ҳоруни Зинҷонӣ, Абуҳамиди Мухрҷонӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Ромиси Авфӣ, Зайнуддини Рифоа ва ғайра буданд.

**232. Муҳтавои фалсафаи Ихвонуссафо аз чиҳо иборат аст?**

Мувофиқи ақидаи намояндагони ин анҷуман олам ҳақиқати ягона ва бутун аст. Ҳама ашёи фардӣ аъзои ҳамон як олами ягона ва бутун маҳсуб меёбанд. Онҳо пайрави таълимоти Пифаҳор будаанд, ки калиди асрори оламро дар адад медиданд ва донистани онро тавассути адад маънидод мекарданд.

Дар масъалаҳои ҷомеашиносӣ бошад, онҳо дар заминаи маърифатпарварӣ меистоданд ва тавассути ташаккул додани маърифати аъзои ҷомеа ва ба сари қудрати идораи ҷомеа нишондани инсонҳои фозилу хирадманд мушкилиҳои ҷомеаро ҳал карданӣ мешуданд.

**233. Тасаввуф чист?**

Тасаввуф яке аз машҳуртарин ҷараёнҳои диниву фалсафии миёни мардумони форсу тоҷик пайдо ва ташаккулу рушдкарда ба шумор меравад. Анвоъ ё ақидаҳои наздик ба таълимоти тасаввуфӣ дар фарҳанги мардумони марказҳои тамаддуни бостонии дигар, масалан, Ҳиндустон, низ во мехӯранд.

**234. Муҳтавои мухтасари тасаввуф аз чиҳо иборатанд?**

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки тасаввуф дар тарҷумаи тоҷикӣ либоси пашмипӯш мешавад. Намояндагонашро суфӣ мегӯянд. Баъдтар ин ҷараёнро ҷараёни ирфонӣ ва намояндагонашро

ориф мегуфтагӣ шуданд. Ҳар ду мафҳуми номбурда ба як маънӣ истифода карда мешавад, ки онҳо истилоҳоти ифодакунандаи ҷараёни диниву фалсафӣ ба шумор мераванд.

Муҳаққиқони ин ҷараён ба чунин назаре омадаанд, ки намояндагони тасаввуф барои шинохти ҳақ тарки дунё мекунанд, аз ҳама кайфияти дунё даст мекашанд, зоҳидиро пеша мекунанд ва тавассути чунин муносибат қалбашонро тоза мекунанд, то расида бошанд ба дарки ҳақиқати мутлақ – Худованд. Чунин шинохт, амри паси сар кардани се зинаро тақозо мекунад: шариат, тариқат ва ҳақиқат. Шариат аз маҷмуи қоидаву қонунҳои динӣ, ахлоқӣ ва сиёсии ба ҳамаи муслимин воҷиб буда, онҳоро аз корҳои бад ва гумроҳӣ дар амонат нигоҳ медорад. Тавассути шариат, яъне, риоя кардани қоидаву қонунҳои динӣ, инсон ба дараҷаи тариқат мерасад. Тариқат ба забони тоҷикӣ роҳ, равиш тарҷума мешавад. Ҳамчун истилоҳи тасаввуфӣ ба маънии пок, тоза кардани қалб ва такмили нафс (то андозаи имконпазир маҳдуд кардани он) дар назар дошта мешавад. Соликони тариқат, яъне равандагон ба ин роҳ, талош меварзанд, то худро комилан такмил дода, ба сатҳе бирасанд, ки дар он ҳақиқатро дарк кунанд ва ба мурод бирасанд. Дар роҳи расидан ба Ҳақ – Худо, онҳо зинаҳои махсуси такмилдиҳандаи соликонро (равандагонро) мегузаранд, ки онҳоро "мақомот" мегӯянд. Маънии мақомот иборат аст аз тарки дунё, зикри доимии Худованду тавба овардан ба Мабдаъ (Офаранда), гӯшанишинӣ, нишон додани садоқат ва имони ихлосмандона ва монанди инҳоро дар бар мегирад.

**235. Намояндагони машҳури тасаввуф киҳо буданд?**

Ба намояндагони машҳури тасаввуфи аҳди аввал Мӯсо Ансории Марвӣ, Абуҳошими Куфӣ, Ҳасани Басрӣ ва ғайра дохил мешаванд. Онҳо дар талаби наҷоти шахсии худ аз беадолатиҳои иҷтимоӣ роҳи узлатро - ҷудоиро интихоб карда буданд.

Дар марҳилаи минбаъдаи инкишофи тасаввуф масъалаи ишқи худовандӣ, роҳи (тариқи) ишқ ва донистани (ирфони) ҳақ аз масъалаҳои мавриди баҳси сӯфиён гардид. Ба намояндагони ин марҳила Робияи Адвия, Боязиди Бистомӣ, Мансури Ҳаллоҷ,

Саноӣ, Шайх Аттор, Ҷалолуддини Балхӣ ва ғайра дохил мешаванд.

**236. Ишроқ чӣ гуна ҷараён аст?**

Ишроқ, ки маъноаш дурахшидан, равшан шудан, тулуи офтоб мебошад, истилоҳи ифодакунандаи яке аз дигар ҷараёни диниву фалсафии асримиёнагии форсу тоҷик ба шумор меравад. Ин ҷараён ҳоло аз даврони Антиқа ба ташаккулёбӣ оғоз карда буд, ки ғояҳои онро дар фалсафаи Суқрот ва Афлотун пайдо кардан мумкин аст. Намояндаи машҳури ин ҷараён дар Шарқи исломӣ Шаҳобуддини Суҳравардӣ мулаққаб ба "Шайхи Мақтул" (1155-1191) мебошад. Пайравони ин ҷараёнро дар форсии тоҷикӣ "ишроқиён" ва дар арабӣ "ишроқиюн" мегӯянд. Фалсафаи Ишроқ ғояҳои ҳикмати хусравонӣ-паҳлавии Эрони Бостон, фалсафаи ирфонии Антиқа ва исломро дар заминаи худ муттаҳид кардааст. Ишроқ ҳама файласуфони гузаштаро ҳамчун тафсиргарони ҳақиқати маънавӣ маънидод мекунад. Қуръонро ҳамчун манбаи ҳама гуна рӯшангарӣ эътироф менамояд.

**237. Муҳтавои мухтасари ақидатии ҷараёни Ишроқро чиҳо ташкил мекунад?**

Муҳтавои ақидатии ин ҷараёнро рӯшангарӣ, яъне тафсиргарии ҳақиқати маънавӣ ташкил мекунад. Барои ин корро анҷом додан ду усул лозим мешавад, ки якеро завқ ва дигареро истидлол (далеловарӣ) меноманд. Завқ ба шинохти фитрӣ ва покизагии маънавии инсон равона карда шудааст. Истидлол бошад, исботкунӣ ва хулосабарориҳои дедуктивиро (хулосабарориҳои мантиқӣ бар асоси ҳаракат аз кулл ба фард, аз муҳокимаҳои умумӣ ба муҳокимаҳои мушаххаси конкретро) дар назар дорад. Фалсафаи Ишроқ баҳси дарки ҳақиқати ҳастиро дар назар дорад, ки мувофиқи он, ҳамаи дарёфтҳои ақлӣ ботинан низ дарёфт мегардад.

**238. Нақшбандия чӣ гуна ҷараён аст?**

Нақшбандия яке аз дигар ҷараёнҳои динию фалсафии тасаввуфӣ ба шумор меравад, ки дар ибтидои асри XIV арзи вуҷуд кардааст. Асосгузори ҷараёни мазкур Баҳоуддин Муҳаммад ибни Муҳаммади Бухороӣ мулаққаб ба Нақшбанд

(1318-1389) мебошад. Шайх Баҳоуддин бо лақабҳои "Хоҷаи бузург" ва "Шоҳи Нақшбанд" низ маъруф аст. Дар ҷавонӣ касби падараш, ки нақшбандӣ будааст, аз бар мекунад ва ба ин касб машғул мешавад. Бинобар ин ӯро бо ин касб мулаққаб кардаанд.

Тариқати Нақшбандия аз ёздаҳ мақоми зинаҳои расидан ба Ҳақро дар бар мегирад, ки ба онҳо: ҳуш дар дам, назар бар қадам, сафар дар ватан, хилват дар анҷуман, ёдкард, бозгашт, ёддошт, нигаҳдошт, вуқуфи замонӣ, вуқуфи ададӣ ва вуқуфи қалбӣ дохил мешаванд. Аз ин ёздаҳ мақоми тариқати Нақшбандия ҳашт мақом ба яке аз фаъолтарин намояндаи ин ҷараён Абдулхолиқи Ғиждувонӣ (ваф. 1220) тааллуқ дорад.

**239. Намояндагони машҳури Нақшбандия киҳо буданд?**

Ба намояндагони ин ҷараён ба иловаи дар боло номбурдагон боз Орифи Ревгарӣ (ваф. 1251 ё 1259), Хоҷа Маҳмуди Анҷири Фағнавӣ (ваф.1272), Шайхи Азизон Алии Ромитанӣ (ваф. 1321), Муҳаммад Бобои Самосӣ (ваф. 1354) ва Сайид Амири Кулол (ваф. 1371) дохил мешаванд.

**240. Муҳтавои мухтасари ақидатии Нақшбандия аз чиҳо иборат аст?**

Нақшбандия худопарастии зоҳирӣ, одатҳои зиёдатӣ, гӯшанишинӣ ва маҳдудиятҳои дигарро маҳкум намуда, зиндагии озодонаи хоксоронаро талқин менамояд. Тақозо мекунад, ки ҳамаи пайравонаш мувофиқи қоидаву қонунҳои шариати ислом ва ҳадисҳои Пайғамбар рафтор кунанд. Пайравони худро ташвиқ мекунад, ки бештар миёни мардум бошанд, гарқи доимии гӯшанишинӣ ва тақводорӣ накарда ба меҳнати ҳалол машғул шаванд ва зиндагӣ ороста намоянд. Ҳамеша дар зикри Ҳақ бошанд, яъне "даст ба кору дил ба Ёр" бошанд.

Ёздаҳ мақоми тариқати Нақшбандия, ки дар боло зикрашон кардем, тафсиркунандаи роҳҳои расидан ба Ҳақро дар назар дорад. Чунончи, мақоми "ҳуш дар дам" бар он маънӣ аст, ки солик (ҷӯяндаи Ҳақ) барои расидан ба Ҳақ, барои маърифат, яъне донистани Ҳақ, ҳамеша ва ҳар дам дар зикри Худованд бошад ва нагузорад, ки дар ин роҳ ғофил монда бошад. Мақоми "назар дар қадам" бар ин маънӣ аст, ки солик

дар андешаи чигунагии ҳар қадами ба зиндагӣ мондаи худ бошад ва ҳар қадами мондааш ӯро наздиктар ба маърифати Ҳақ гардонад. Мақоми "сафар дар ватан" маънии онро дорад, ки инсон ҳамеша бо худ бошад, бо маънавияти ботинии худ, вуҷуди хеш бошад, ҳамеша омодаи корҳои накӯ бошад, бидонад, ки ягона иштиёқи ӯ бозгашт ба салтанати Офаридгор аст. Бинобар ин ҳамеша машғули ҳам ҷисман ва ҳам руҳан поксозии худ бошад. Мақоми "хилват дар анҷуман" ҳамеша дар байни мардум будани пайрави нақшбандияро тақозо мекунад, вале бо мардум будан маънии зоҳириро ифода мекунад, аммо пайрав ботинан бояд ҳамеша бо Ҳақ бошад. Мақоми мазкур даст кашидан аз гӯшанишиниро тарғиб мекунад, то пайрави нақшбандия ба меҳнат машғул бошад ва луқмаи нони ҳалоли хешро бо меҳнати ҳалол пайдо кунад. Мақоми "ёдкард" бошад, маънии ҳамеша дар зикри Худо, ҳамеша дар хотир нигоҳ доштани Ҳақро тақозо мекунад. Пайрав, яъне солики нақшбандияро водор мекунад, то дар зикри ҳамешагии Худо бошад. Мақоми "бозгашт" маънии дар асоси зикри ҳамешагӣ наздик шудан, бозгаштан ба Ҳақ – Худовандро дорад. Маънии мақоми "ёддошт" ба маънии мақоми "ёдкард" наздикӣ дорад, вале ёдкард ҷараён аст, аммо ёддошт маҳсули ёдкардро ҳифз карданро ифода менамояд. Мақоми "нигаҳдошт" маънии ноил гардидан ба зикри ҳамешагии Худовандро дар назар дорад ва ғофил мондан аз зикри Худовандро истисно мекунад. Ин ҳашт мақом ё усули нақшбандияро Абдухолиқи Ғиждувонӣ созмон додааст, аммо се мақом ё усули дигар ба эҷоди Худи Баҳоуддини Нақшбанд тааллуқ дорад, ки онҳо аз "вуқуфҳо" иборат мебошанд. Маънии "вуқуф" истодан, огоҳ буданро дар назар дорад. Масалан, "вуқуфи замонӣ" пайрав, соликро ба он водор мекунад, ки вақтро бишиносад, вақтро қадр кунад, онро беҳуда сарф накунад ва ҳамеша дар зикри Худованд бошад. Мақоми "вуқуфи ададӣ" маънии ҳамеша ва пайваста зиёд кардани шумори зикри Худовандро дорад. Мақоми "вуқуфи қалбӣ" бошад, маънии онро дорад, ки солик дар натиҷаи зикри ҳамешагӣ ва пайваста зиёд кардани шумораи он ба нури худовандӣ мушарраф мегардад. Ҳамин тариқ, солик ба мақсади ниҳоиаш мерасад.

Ғайр аз гуфтаҳои боло, Нақшбандия ба нақши устоду шогирд, ки онро муршид ва мурид мегуфтанд, низ аҳамияти калон медиҳад. Масалан, ҳама фармудаҳои устод (муршид) барои шогирд (мурид) ҳатмият дорад ва хидмат ба устод барои шогирд ҳамчун шараф ва ифтихор арзёбӣ мегардад. Чунин аст мухтасари ақидаҳои ҷараёни Нақшбандия.

**241. Оё Нақшбандия минбаъд низ пайравони худро пайдо карда буд?**

Бале, аввалан, нақшбандияро шогирдони Баҳоуддини Нақшбанд Алоуддини Аттор (ваф. 1400) ва, махсусан, Хоҷа Муҳаммади Порсо ҳусни идома бахшиданд ва таълимоти ин ҷараён дар манотиқи зиёд интишор гардид. Дар ҳаёти сиёсии замони Хоҷа Убайдуллоҳ ибни Маҳмуди Шошӣ, ки бо номи Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор ё Хоҷа Аҳрори Валӣ (1414-1490) машҳур аст, нақшбандия аҳамияти калон пайдо кард ва дар манотиқи мухталиф густариш ёфт. Ба ҷумлаи тарғибгарони пурҳарорати таълимоти нақшбандия дар ин давра, Мавлоно Яъқуби Чархиро (ваф. 1447) дохил кардан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки таълимоти мазкур то андозае интишор ва нуфуз пайдо кард, ки баъзе аз шахсиятҳои олами эҷоду фарҳанг ба мисли Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва Алишери Навоӣ низ ба тариқати мазкур пайвастанд.

**242. Фалсафаи мутаолия гуфта кадом фалсафаро меноманд?**

Ин фалсафа низ яке аз ҷараёнҳои фалсафии тоҷик ба шумор меравад, ки асосгузораш Садруддин Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Яҳёи Шерозӣ мулаққаб ба Мулло Садро мебошад. Мулло Садро дар фалсафааш кӯшиш кардааст, то ихтилофоти миёни мактаби машшоия ва ишроқия мавҷудбударо аз байн бурда, онҳоро ба ваҳдат биоварад. Дар ҳамин гуна муносибат ӯ бартарии фалсафаашро медид ва ҳамин бартариро бо мафҳуми “ҳикмати мутаолия” унвон кардааст. Маънии ифодаи “ҳикмати мутаолия” дар тарҷумаи тоҷикӣ - фалсафаи боло мешавад. Чунончи, вақте мо ифодаи “Худованди мутаол” мегӯем, маъниеро дар назар дорем, ки болотар аз Худованд ҳастии дигаре нест.

**243. Муҳтавои мухтасари таълимоти “ҳикмати мутаолия” аз чиҳо иборат аст?**

Ин фалсафа масъалаҳои гуногунро мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор додааст, ки ба қатори онҳо ҳастишиносӣ, шинохти ҳастии фавқуттабиӣ, илоҳиёт, илми ахлоқ, мантиқ ва ғайра дохил мешаванд. Яке аз хусусиятҳои фарққунанда ва хуби баррасиҳои “ҳикмати мутаолия” дар он буд, ки вай дар таҳқиқи мавзуоти гуногун ба заминаҳои бурҳонӣ (далелӣ) такя мекард ва ҳама он аҳкоме, ки далел надошта бошад, эътироф намекард.

Асосгузори “ҳикмати мутаолия” ҳастиро ҳамчун ҳастии ягона эътироф мекунад. Ҳастии ягона зотан тақсимнопазир, вале вай метавонад мантиқан тақсимпазир гардад.

Мутафаккир ҳама гуна тағйирро ба шаклҳои гуногуни ҳаракат алоқаманд мекард. Чунин таълим медод, ки олам ҳамеша дар ҳаракат ва тағйирёбӣ буда, ба мисли оби наҳр дар ҷоришавӣ мебошад. Ҳаракат сабаби ҳама гуна навофаринихо ба шумор меравад. Таълим медод, ки на танҳо воқеоти фардӣ (аъроз) дар ҳаракат мебошанд, балки ҷавҳар, моҳият низ дар ҳаракат мебошад. Ғайр аз ин, - таълим медод мутаолия, - воқеоти олам ҳамеша дар бавуҷудоӣ, ташаккулёбӣ ва расидан ба такомули худро доранд.

“Ҳикмати мутаолия” дар асоси ақидаҳои марбут ба ҳаракати моҳиятӣ-ҷавҳарӣ, мавзуоти гуногунро, ба мисли дар доираи замонӣ ба вуҷуд омадани олам, ҷисмонӣ будани руҳ ҳангоми офариниш ва минбаъд дар анҷоми такомули худ руҳонӣ гардидани он, робитаи байни истиқрор (оромӣ) ва тағйир (ҳаракат) ва ғайраро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Хидмати дигари Мулло Садро дар он аст, ки ӯ ба масъалаи бисёр муҳими тасниф, яъне ба мураттабӣ даровардани илмҳои гуногун машғул шуда, ин корро низ ба таври худ анҷом додааст.

Ниҳоят, мавриди қайд аст, ки асосгузори “Ҳикмати мутаолия” Мулло Садро машғулият ба ҳикматро арзиши волотарин эътироф карда, фалсафаи илмро ба мақоми аввал гузоштааст.

**244. Аз саволу ҷавоб дар атрофи фалсафаи асримиёнагии Шарқи исломӣ ба чӣ хулоса омадан мумкин аст?**

Аз муҳтавои он чи дар саволу ҷавоб оварда шуд, ба хулоса омадан мумкин аст, ки таърихи ташаккул ва рушди афкори фалсафии даврони мазкур хеле пурғановат буда, омӯзиши он мундариҷаи фарҳанги маънавии инсонро бо асосҳои фалсафаи гуногунҷанбаи исломӣ боз ҳам ғанитар мегардонад ва ба омӯзишу таҳқиқи унсурҳои дигари фарҳанги маънавӣ мусоидат мекунад.

Пеш аз ба охир расонидани саволу ҷавоб роҷеъ ба фалсафаи асримиёнагӣ, лозим медонем афкори баъзе намояндагони фалсафаи Аврупоро, ки ақидаҳои фарққунанда ва муҳим дар рушди минбаъдаи фалсафа доранд, мавриди баррасӣ қарор диҳем, то тавонем ба фалсафаи даврахои минбаъда гузарем. Ба қатори чунин файласуфон мутафаккирон П. Абеляр, Р. Бэкон, Д. Скот, У. Оккам дохил мешаванд.

**245. Пиер Абеляр чӣ гуна мутафаккир ва ақидаҳои фалсафиаш аз чиҳо иборат буданд?**

Пиер Абеляр (1079-1142) яке аз намояндагони машҳури ҳаёти маънавии асримиёнагии Аврупо ба шумор меравад. Дар наттоқӣ ҳунари воло дошт, ҳамеша дар мубоҳисаҳои ошкоро дар мавзуъҳои фалсафӣ ва илоҳиёт, тавассути истифода аз мантиқи диалектикӣ бар ҳарифони худ ғолиб меомад. Ҳамзамононаш ӯро “Сукроти Палле” (шаҳрак дар Фаронса), “Афлотуни Ғарб”, “Арастуи даврон”-и зидагиаш меномиданд. Ӯ мактаби фалсафии худро дошт, ки дар он шогирдони зиёд таълим гирифтаанд.

Пиер Абеляр ба муқобили ҳам реализми канорагии (татарруфии) Гилём аз Шампо ва ҳам номинализми канорагии Ростселин баромада, онҳоро зери танқид гирифта буд. Дар натиҷа таълимоти фарққунандаи худро ба вуҷуд овард, ки он баъзе ҷиҳатҳои назарияи арастуиро эҳё мекард ва унвони консептуализмро гирифт.

Мувофиқи ақидаҳои Абеляр, ашёи фардӣ воқеият доранд, мафҳумҳои умумӣ бошанд, холӣ аз маънӣ набуда, балки ифодакунандагони он чи тафаккури мо ба вуҷуд меоварад, мебошанд. Мафҳумҳои умумӣ ба фаъолияти тафаккур алоқамандӣ дошта, натиҷаи умумиятбахшии (таҷридии)

фаъолияти тафаккур маҳсуб меёбанд, ки хусусиятҳои ашёро ҷудо менамояд. Азбаски мувофиқи таълимоти калисои масеҳият мафҳумҳои умумӣ дар шакли идеяҳо танҳо ба тафаккури худовандӣ алоқамандӣ доранд, Абелярро лозим буд маънидод кунад, ки ақли инсон низ тавони анҷом додани фаъолияти умумиятбахшӣ (таҷридӣ) дорад. Дар заминаи ҳамин ақидааш, ӯ дар муқобили Анселми Кентерберӣ, ки тафаккурро дар асоси имон маънидод мекард ва мегуфт, ки "имон меоварам, то дониста бошам", ақида изҳор кард, ки мувофиқи он, аввал бояд тафаккур бифаҳмад, дарк кунад, ки имон чӣ аст ва баъд имон оварад. Барои ин ақидаро таъбир кардан ифодаи "мефаҳмам, то имон оварда бошам"-ро истифода намуд. Абеляр даъват мекард, ки барои фаҳмидани дин ақл бояд иштирок дошта бошад ва мегуфт, ки "имоне, ки ақл ӯро рӯшан накардааст, муносиби инсон нест". Инсонро лозим аст, ки на кӯр-кӯрона, балки бо ҷаҳди ақли худ имонашро ба даст оварад. Барои ин ақидаҳо Абелярро калисои масеҳият ду маротиба ба маҳкама кашида буд.

**246. Роҷер Бэкон кӣ буд?**

Роҷер Бэкон (1214-1292) файласуф ва табиатшиноси асримиёнагии англис буда, дар рушди ҳам афкори фалсафӣ ва ҳам илмҳои табиатшиносӣ саҳми босазо дорад.

**247. Муҳтавои афкори фалсафии Р. Бэкон аз чиҳо иборатанд?**

Роҷер Бэкон ҳама гуна ақидаҳои схоластикиро рад карда, ба гузаронидани тадқиқоти таҷрибавии табиат, ба машғулияти тадқиқи механика ва астрономия даъват менамуд. Ҳадафи ҳама гуна илмро дар афзудани салтанати инсон бар болои табиат медид. Ба методи дедуктивии схоластикӣ методи маърифатро, ки ба таҷриба ва математика асос ёфта бошад, муқобил мегузошт. Таҷрибаро ҳамчун асоси маърифат эътироф мекард. Таълим медод, ки таҷриба ду навъ мешавад: таҷрибаи ботинӣ, ки мавзуи омӯзишаш Худо мебошад ва таҷрибаи зоҳирӣ – маърифати ҳиссӣ, ки асрори табиатро мекушояд. Бэкон баъзе фарзияҳоеро ба мисли телескоп ва механизмҳои парвозкунанда, ки баъдтар ихтироъ гардиданд, пешгӯйӣ кардааст.

Барои ақидаҳои илмӣ ва танқиди догмаҳои динӣ ӯро аз устодии донишгоҳи Оксфорд маҳрум карданд ва ба маҳкамаи монастир кашиданд. Дар маҳкама Бэкон 14 соли умрашро гузаронид.

Р. Бэкон таълим медод, ки барои дарёфт кардани ҳақиқат ва дониш одамон бояд чаҳор монеаи дар тафаккурашон бударо бартараф намоянд. Ба ин чаҳор монеа ӯ монеаҳои зеринро дохил мекард: обрӯи бепоя, одатҳои касбшудаи сутуданашаванда, раъйи атрофиёни ҷоҳил ва, ниҳоят, ҷаҳолати шахсӣ, ки тавассути хираднамоии зоҳирӣ рупӯш карда мешавад. "Бадии кор дар он аст, - мегуфт Р. Бэкон, - ки одамон дар торикии раҳгумӣ буда, гумон мекунанд, ки онҳо дорои маърифати ҳақиқӣ мебошанд. Мавҷудияти чунин шуур дар тафаккури одамон намегузорад, ки онҳо ба омӯзиши илмҳо машғул шаванд ва маърифати ҳақиқиро аз бар намоянд".

**248. Иоанн Дунс Скот кӣ буд?**

Дунс Скот (1265-1308), зодаи Шотландия, устоди донишгоҳҳои Оксфорд ва Париж будааст.

**249. Моҳияти фалсафаи Дунс Скот аз чиҳо иборат аст?**

Қабл аз ҳама бояд гуфт, ки Д. Скот таълимоти Фомаи Аквинӣ, баъзе ақидаҳои Р. Бэкон, пайравони Ибни Рушд ва мутафаккирони асримиёнагиро зери танқид қарор медиҳад.

Масъалаи асосие, ки ӯро ба худ мекашид, масъалаи муайян кардани муносибати илоҳиёт ба фалсафа, имон ба илм буд. Дунс Скот таълим медод, ки масъалаи илоҳиёт бояд аз омӯзиши Худо иборат бошад, аммо масъалаи фалсафа бояд аз омӯзиши ҳастӣ иборат бошад. Фалсафа, - мегуфт Д. Скот, - Худоро на ҳамчун Худо мешиносад, балки, танҳо ба сифати ҳастӣ мешиносад. Вале, - мегуфт Скот, - ҳатто дар ҳамин маънӣ низ маърифати фалсафии Худо бисёр маҳдуд аст, зеро тафаккури инсон танҳо ҳамон чизҳои ҳастиро дониста метавонад, ки онҳоро дар натиҷаи эҳсос ҷудо карда бошад. Бинобар ин дар инсон мафҳумҳо дар бораи нахустасосҳои ғайримоддӣ, ба монанди "худо", "фариштаҳо" ва ғайра шуданашон мумкин нест. Чунин идеяҳо барои он равона карда шудаанд, ки оқилона донистани Худоро нагузоранд.

Дар хусуси материя Д. Скот чунин таълим медод, ки материя дар ашёи ҷисмонӣ дар вазъи номуайянӣ мебошад. Ин номуайянии материя танҳо тавассути ба шакл омезиш ёфтанаш метавонад шакли мушаххасро, модусро соҳиб шавад.

Роҷеъ ба таълимот дар бораи маърифат, Скот фаъол будани ҷараёни маърифатиро таъкид мекард ва мегуфт, ки дониш на эҳсоси соф ва на фаъолияти соф, балки вай аз ҳар дуи унсурҳои номбаршуда ташаккул меёбад, яъне дониш ҳам ба предмети омӯзиш ва ҳам ба омӯзанда тааллуқ дорад.

**250. Уилям (Вилям) Оккам чӣ гуна мутафаккир буд?**

Оккам (1300-1349) файласуфи асримиёнагии англис, устоди донишгоҳи Оксфорд, сиёсатмадор ва публитсисти фаъол буд. Барои шаккокӣ ва ақидаҳои зиддидиниаш ба ҳабс кашида шуда буд ва чаҳор соли умри кӯтоҳашро дар ҳабс гузаронидааст.

**251. Оккам чӣ гуна ақидаҳо дошт?**

Пеш аз ҳама, вай ба муқобили ҳокимияти калисо аз болои умури давлат баромада, даъват мекард, то доираи вазифаҳои давлатӣ ва калисо муайян карда шаванд, умури давлат аз таъсири калисо озод карда шавад. Оккам ҳамчунин реализми схоластикиро зери танқид мегирифт, ки чунин муносибати ӯ ба ифодаи "алмоси Оккам" машҳур аст. Дар танқиди реализми схоластикӣ Оккам боз ифодаҳои "усули сарфакорӣ", "моҳиятҳо наметавонанд бештар аз заруратащон боло бардошта шаванд", "ҳама он чиро, ки бо камтарин талош иҷро кардан мумкин аст, зарур нест, ки талоши бисёр сарф карда шавад"-ро истифода мекард. Бо ин ифодаҳо Оккам гуфтан мехост, ки барои донистани ин ва ё он масъала лозим нест, ки гапфурӯшии зиёд истифода карда шавад. Ин ифодаҳо ба муқобили реализми схоластикӣ равона мегардиданд. Хулоса, фалсафаи Оккамро заминаи муайяне барои кушодани роҳ ба даврони Эҳё номидан мумкин аст.

## БОБИ V. ФАЛСАФАИ ДАВРАИ ЭҲЁ

**252. Мафҳуми эҳё чӣ маънӣ дорад?**

Мафҳуми эҳё арабиасос буда, маъниаш азнавбарқароркунӣ, зиндагардонӣ, навсозии ақидаҳои муайян бо дохил кардани баъзе унсурҳои нав ва ғайра ба шумор меравад. Таърихан одат шудааст, ки дар зери ин мафҳум азнавбарқароркунии фарҳанг ва афкори фалсафии даврони Антиқа фаҳмида шавад. Чун дар саволу ҷавобҳои боло маълумамон гашт, давраи Антиқа аз сермаҳсултарин марҳилаи рушди фарҳанги маънавӣ, аз ҷумла афкори фалсафӣ буд. Баъди гузариш ба даврони асримиёнагӣ, давоми ҳазор сол дар ҷомеа идеологияи динӣ ҳукмфармо гардид ва анъанаҳои алоқаманд ба рушди ҳамаҷонибаи фарҳанги инсонӣ рӯ ба карахтӣ овард. Бинобар ин дар натиҷаи тадриҷан омода гардидани заминаҳои мусоид бахри инкишофи соҳаҳои гуногуни донишҳои инсонӣ, махсусан, он соҳаҳое, ки барои озодии инсон зарур буданд, даврони Эҳё фаро расид ва марҳилаи ҳазорсолаи асримиёнагии салтанати мутлақи идеологияи динӣ рӯ ба заволи муайян овард ва даврони нави оғозгардидаро даврони Эҳё унвон карданд, ки ҳама хусусиятҳояшро дар саволу ҷавобҳои минбаъда баррасӣ хоҳем кард.

**253. Кадом марҳилаи таърихиро даврони Эҳё мегӯянд?**

Ба даврони Эҳё марҳилаи дарбаргирандаи охирҳои асри XIVва то аввали асри XVII-ро дохил мекунанд, ки он, албатта, хусусияти нисбӣ дорад, зеро раванди таърихиро мутлақан дар доираи даҳсолаҳо ё садсолаҳои мушаххас муайян кардан чандон дуруст нест. Маълум аст, ки заминаҳои ҳар як давра чандин муддат қаблан ба ташаккулёбӣ оғоз мекунанд ва баъди як навъ ба охир расидани ин ва ё он марҳилаи таърихӣ, ҳама унсурҳои созмондиҳандаи он низ, дарҳол аз байн намераванд, балки ҳамчун унсурҳои васлкунандаи як марҳилаи таърихӣ бо марҳилаи дигари бавуҷудоянда идомаи хидмат мекунанд. Чунончи, аҳди Бостон марҳилаи ташаккули нахустин заминаи

ҳаёти маънавии инсон дар шакли устура буд, аммо устура хидматашро бо даврони Бостон ба анҷом нарасонидааст ва то имрӯз низ расидааст ва хидмати худро, масалан, дар ташаккули образҳои бадеӣ дар асарҳои бадеии иншошаванда адо карда истодааст, яъне раванди таърихӣ ҷараёни мунфасил набуда, балки муттасил мебошад, бинобар ин ҳама гуна пайвасти давраву марҳилаҳо хусусияти нисбӣ доранд.

**254. Хусусиятҳои фарққунандаи даврони Эҳё кадомҳо буданд?**

Аз гуфтаҳои боло маълум гардид, ки Эҳё як навъ навсозӣ будааст. Пас, ба ин гуна навсозиҳо унсурҳои нави созмондиҳандаи ҳаёти маънавии инсоният дохил мешаванд. Таърихан анъана шудааст, ки дар зери ин мафҳум, чун дар боло низ қайд кардем, азнавбарқароркунии фарҳанг ва афкори фалсафии даврони Антиқа фаҳмида шавад. Аз саволу ҷавобҳои боло маълумамон гашт, ки давраи Антиқа аз сермаҳсултарин марҳилаи рушди фарҳанги маънавӣ ба шумор мерафтааст, ки аз он фалсафа истисно набуд. Баъди гузариш ба даврони асримиёнагӣ, давоми ҳазор сол дар ҷомеа идеологияи динӣ ҳукмфармо гардид ва анъанаҳои алоқаманд ба рушди ҳамаҷонибаи фарҳанги инсонӣ рӯ ба карахтӣ овард. Бинобар ин дар натиҷаи тадриҷан омода гардидани заминаҳои мусоид, баҳри инкишофи соҳаҳои гуногуни донишҳои инсонӣ, махсусан, он соҳаҳое, ки барои озодии инсон зарур буданд, даврони Эҳё фаро расид ва марҳилаи ҳазорсолаи асримиёнагии салтанати мутлақи идеологияи динӣ рӯ ба заволи муайян овард. Масъалаи меҳварии давраи нави ташаккулёфта масъалаи таваҷҷуҳи хоса ба инсон буд.

Зиёда аз ин, дар давраи Эҳё саноат, тиҷорат, баҳрнавардӣ, умури ҳарбӣ ва, умуман, истеҳсоли неъматҳои моддии мабнӣ ба техника, табиатшиносӣ, илми механика ва риёзиёт рӯ ба тараққӣ ниҳода буд. Бинобар ин тақозо мешуд, ки тафаккури инсон аз схоластикаи бемаънии асримиёнагӣ озод карда шавад, то он ҷавобгӯи зарауратҳои ба вуҷуд омадаи рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсиву фарҳангӣ гардад. Ин ва дигар вазифаҳои тақозои замони навро даврони Эҳё анҷом додааст.

**255. Оё ягон мафҳуми дигари ифодакунандаи Эҳё вуҷуд дорад?**

Бале, ин мафҳумро ҳамчунин бо истифода аз вожаи ренессанс ифода мекунанд, ки он калимаи фаронсавӣ мебошад ва мазмунан ҳамон маънии эҳёро дорад. Яъне, мафҳуми ренессанс муродиф (синоним) ба мафҳуми эҳё мебошад.

Аммо баъзан ба ҳамин маънӣ вожаи реформатсияро низ истифода мекунанд, ки он, албатта, истифодаи ғалат мебошад.

**256. Пас, мафҳуми реформатсия чиро ифода мекунад?**

Реформатсия лотиниасос буда, маъниаш гузаронидани ислоҳот мебошад. Дар зери ин мафҳум дар таърих ҳаракатеро меноманд, ки он барои гузаронидани ислоҳот дар масъалаи имони масеҳият ба вуҷуд омада, ҳаракати зидди калисои Папаи Рум гардидааст. Дар ин бора поёнтар муфассал саволу ҷавоб хоҳем кард.

**257. Даврони Эҳё дар кадом кишвари Аврупо оғоз гардид?**

Даврони Эҳё, ҳамчун ҳаракати ҷомеавию сиёсӣ ва фарҳангӣ, дар Италиё дар асри XIV ба ташаккулёбӣ оғоз карда, дар кишварҳои дигари Аврупои Ғарбӣ дар асрҳои XV-XVI ташаккул ва анҷом пазируфт.

**258. Даврони Эҳё чӣ гуна ҷаҳонбиниро созмон дод?**

Дар даврони Эҳё, ки заминаҳояшро дар боло қайд кардем, ҷаҳонбинии созанда, ҷаҳонбинии заминавӣ ба эҷодкориҳои инсон ташаккул ёфт, ки он такони хеле қудратманд барои инкишофи минбаъдаи тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ гардид. Дар натиҷа, дар ин давра теъдоди зиёди кашфиётҳои илмиву техникӣ ба вуқуъ пайвастанд.

**259. Бузургтарин ходимони илму адабиёт ва ҳунари давраи Эҳё киҳо буданд?**

Ба қатори ходимон ва мутафаккирони номбаршуда Франческо Петрарка, Ҷованни Боккаччо, Николай Коперник, Галилео Галилей, Ҷордано Бруно, Микеланҷело, Рафаел, Леонардо да Винчи, Албрехт Дюрер, Николо Макиавелли,

Уилям (Вилям) Шекспир, Мишел Монтен, Пико делла Мирандола, Николаи Кузанӣ, Якоб Биёме ва теъдоди зиёди дигар олимон, ҳунармандон, муҳандисон ва мутафаккирон дохил мешаванд, ки маҳсули эҷоди баъзеи онҳоро дар саволу ҷавобҳои минбаъда баррасӣ хоҳем кард.

**260. Хусусиятҳои хоси фарҳанги маънавии Ренессанс аз чиҳо иборат мебошанд?**

Дар муқоиса бо марҳилаи асримиёнагӣ, давраи Ренессанс (Эҳё) марҳилаи ба вуқуъ пайвастани даврони нав, фарҳанги нав ва заминаҳои маърифатии нав ба шумор мерафт, ки онро ба омилҳои фарқкунандаи зерин тақсим кардан мумкин аст:

1) давраи Эҳё давраи табаддулот дар низоми арзишҳо, дар баҳогузорӣ ба ҳама воқеияти мавҷуда ва тағйири муносибати инсон ба онҳо;

2) ба вуҷуд омадан ва ташакул ёфтани итминон ба он, ки инсон арзиши олии ҳастӣ ба шумор меравад. Ҳамин гуна муносибат ба масъалаи инсон заминаи арзи вуҷуд кардан ва инкишоф ёфтани фарҳанги Эҳё гардид, ки вай то як андоза ба парастиши фардият дар ҷаҳонбинӣ оварда расонид ва дар ҷомеа аҳамияти муайянро соҳиб гардид;

3) яке аз хусусиятҳои ин даврон боз аз он иборат буд, ки дар ҷомеа муҳити маънавии дунявият ташаккул меёфт. Дунявияти ташаккулёбанда ба чунин як падидаи хеле рӯшани фарҳанги Эҳё – гуманизм зич алоқамандӣ дошт ва идеяи ҳама гуна неъмат барои инсонро ҳамчун асоси меҳварии он маҳсуб медонист. Гуфтан мумкин аст, ки гуманизм ҳамчун низоми яклухти ақидаҳо ва як ҷараёни бисёр муҳими раванди инкишофи ҷомеа дар давраи Эҳё ба вуҷуд омад;

4) дар ташаккули тафаккури даврони Эҳё мурочиат ба мероси фарҳангии Антиқа нақши бузургро бозид. Таҷдиди назар ба ин мерос номи марҳиларо муайян кард, ки он маънии эҳёи соҳаҳои гуногуни фарҳангу фалсафаи даврони Антиқаро дар назар дорад;

5) муҳимтарин хусусияти фалсафаи даврони Эҳёро ақидаҳои зиддисхоластикии асарҳои мутафаккирони даврон муайян мекарданд, ки дар натиҷа, ҷаҳонбинии нави пантеистии Худо ва табиатро баҳамомезишдиҳанда ташаккул меёфт;

б) чун маълум аст, фалсафаи асримиёнагӣ теосентристӣ (худомарказӣ) буд, аммо фалсафаи Эҳё антропосентристӣ (инсонмарказӣ) ба шумор мерафт. Ин буд фарқи асосии даврони Эҳё аз марҳилаи асримиёнагӣ.

**261. Мафҳуми гуманизм кай пайдо шудааст ва аввалин маротиба аз тарафи кадом мутафаккир истифода гардидааст?**

Истилоҳи *"гуманизм"* лотиниасос буда, маъниаш одамият, парастиши инсон мебошад. Аввалин маротиба ин мафҳумро дар асри I то милод мутафаккир ва наттоқи хушсалиқаи Рум Ситсерон (106-43 то милод) истифода карда будааст.

**262. Дар зери мафҳуми *"гуманизм"* чиро мефаҳмиданд ва роҳи расидан ба дараҷаи одамиятро дар чӣ медиданд?**

Дар зери ин мафҳум сатҳи волои фарҳанги маънавии инсонро мефаҳмиданд ва роҳи расидан ба ин сатҳро дар омӯзиши сарфу наҳви забон, ҳунари суханварӣ, шеър, таърих ва ахлоқ медиданд. Соҳаҳои мазкур заминаи назариявии фарҳанги Эҳёро ташкил медоданд. Бинобар ин онҳо минбаъд унвони фанҳои гуманитариро гирифтанд.

**263. Кадом мутафаккир аз аввалин инсонпарварон – гуманистон буд?**

Аввалин гуманист, асосгузори гуманизм, шоир ва файласуфи даврони Эҳё Франческо Петрарка (1304- 1374) ба шумор меравад.

**264. Муҳтавои мухтасари ақидаҳои Ф. Петрарка аз чиҳо иборатанд?**

Ф. Петрарка дар рисолаи худ ба унвони "Роҷеъ ба ҷаҳолати шахсӣ ва бисёрии дигарон" олимтарошии схоластикии асримиёнагиро зери танқид мегирад ва дар муносибат ба он изҳор мекунад, ки дар ҳамин ҷода худи вай ҳам ҷоҳил буда, олимтароширо барои инсон мутлақо нолозим мешуморад. Ф. Петрарка борҳо таъкид мекард, ки барои расидан ба шукуфоии адабиёт, ҳунар, илм ва ғайра лозим аст, то ба мероси гузаштагон кӯр-кӯрона тақлид нашавад, балки ба зинаҳои баландтарини мероси Антиқа баромада, мероси мазкур аз нав баррасӣ гардад ва ба зинаҳои нави эҷодӣ бароварда шавад.

Ҳамин тавсияи Ф. Петрарка минбаъд нақши ҳалкунандаро дар муносибати гуманизм ба мероси Антиқа бозид.

Нахустин гуманист муҳтавои асосии фалсафаро дар маънидоди илмии моҳияти инсон медид ва ҳамеша даъват мекард, то фалсафа ба ҳамин масъала рӯ оварад. Дар натиҷаи ташаккули ҷаҳонбинии инсонпарварӣ, инсони даврони Эҳё аз муқаррароти схоластикии асримиёнагӣ тадриҷан даст кашида, ба хусусиятҳои алоқаманд ба ҳар як шахс, ба фард, ба фаъолият ва эҷоди он рӯ меовардагӣ мешавад.

**265. Кадом мутафаккирони ин давраро дар ҷодаи ташаккули шахсият тақозои давр ва унсурҳои созмондиҳандаи он номбар кардан мумкин аст?**

Дар ин масъалаҳо теъдоди зиёди гуманистон кор кардаанд. Чунончи, гуманисти машҳур Леон Баттиста Алберти (1404-1472) таълим медод, ки дар арзёбии инсон, пеш аз ҳама, бояд ба фаъолияти шахсии вай аҳамият дода шавад. Ин муносибат аз он шаҳодат медиҳад, ки *арзиши инсон дар мансубияташ ба кадом як табақи ҷомеа алоқаманд набуда, балки ба фаъолияти вай, ба тавони эҷодии вай алоқамандӣ дорад.*

Мутафаккири дигар Ҷованни Пико делла Мирандола (1463-1494) ба масъалаи шарафи инсон, мавқеи сазоворро ишғол кардани вай таваҷҷуҳ зоҳир карда, таълим медод, ки Худо инсонро ба мисл ва шакли худ насохтааст, балки ба вай имконият додааст, ки худашро созад. Қайд мекард, ки шарафи инсон ба озодии ӯ алоқамандӣ дорад ва ӯ метавонад ҳар он чиро, ки лоиқи худ медонад, бисозад ва ғайра.

**266. Таваҷҷуҳи фавқулода ба инсон мутафаккиронро минбаъд ба чиҳо оварда расонид?**

Чунин таваҷҷуҳ ба инсон мутафаккиронро ба он оварда расонид, ки *онҳо инсонро акнун ба Худо наздик мекарданд*. Аммо ин ҳаргиз маънии онро надошт, ки мутафаккирони даврони Эҳё бидъатгаро ё атеист шуда бошанд, балки аксарияти онҳо эътиқод доштанд ва баъзеашон ҳатто то дараҷаи Бобо (Папа) расиданд. Фарқи онҳо аз он иборат буд, ки агар ҷаҳонбинии масеҳият дар мақоми аввал Худо ва дар мақоми дувум инсонро тасдиқ мекарда бошад, *гуманистон аввал дар бораи инсон ва сипас дар бораи Худо суҳбат мекарданд.*

Ғайр аз ин, ҷаҳонбинии гуманистӣ, сарфи назар аз чигунагии муносибаташ ба Худо, нисбат ба калисо муносибати танқидӣ дошт. Бинобар ин гуфтан мумкин аст, ки ҷаҳонбинии гуманистӣ дорои ақидаҳои зиддидинӣ, зидди калисоӣ мебошад. Сарфи назар аз мавҷудияти чунин ақидаҳо, аксари мутафаккирони даврони Эҳё эътиқодманди сатҳи болои дини масеҳиашон буданд ва аз ҷониби калисо таъқиб намешуданд. Таъқиби онҳо дар даврони реформатсия оғоз гардида буд.

**267. Акнун, ки сухан дар бораи реформатсия рафт, бояд маънидод кунем, ки Реформатсия чист?**

Бояд донист, ки дар ибтидои асри XVI калисои дини католикии Рум аз ҷиҳати ахлоқӣ обрӯяшро рехта буд. Бар замми ин калисо дар ин давра санадеро ба унвони “санади шустани гуноҳҳо” (дар забонҳои аврупоӣ индулгенсия меноманд) ба чоп расонид ва ба фурӯхтани он сар кард. Чунин рафтори калисо аз он шаҳодат медод, ки ҳар касе имконияти харидани санади мазкурро дошта бошад, метавонад ҳама гуноҳҳои худро тавассути харидани санади мазкур бишӯяд ва барои содир кардани гуноҳҳои минбаъда низ омодагӣ гирад. Чунин муносибати калисо мутафаккиронро маҷбур кард, ки ба муқобили калисои католикӣ бароянд. Яке аз чунин мутафаккирон Мартин Лютер (1483-1546) ба шумор мерафт, ки вай соли 1517 “95 ифода ба муқобили индулгенсия” ном гузориши танқидӣ навишта, онро ба болои дарҳои калисо овезон кард. “Ифодаҳои” М. Лютер сару садои зиёд ба муқобили калисо ба бор овард ва дар натиҷа ҳамчун оғози ҳаракати Реформатсия гардид. Чун дар боло қайд карда будем, реформатсия ҳаракат барои таҷдиди эътиқод ва ба муқобили калисои дини католикӣ буд. Хулоса, реформатсия ба тақсимшавии дини католикии масеҳӣ оварда расонид, ки дар натиҷаи он мазҳаби нави дини масеҳӣ ба унвони протестантизм ба вуҷуд омад ва дар бисёр кишварҳо интишор гардид. Ақидаҳои пешниҳодкардаи М. Лютер на танҳо хусусиятҳои динӣ, балки муҳтавои сиёсиву иҷтимоӣ ва фалсафиро низ фаро мегирифтанд.

**268. Муносибати Реформатсия ба Эҳё (Ренессанс) чӣ гуна буд?**

Реформатсия ба Ҳаракати Эҳё хусусияти зиддиятнок дошт. Чунончи, агар намояндагони ҳар ду ҷараёнро муносибати амиқи бадбинии схоластика, хоҳиши азнавсозӣ, яъне таҷдиди эътиқодоти динӣ, ақидаи бозгашт ба сарчашмаи тамаддун (аз як ҷиҳат ба Антиқа ва аз ҷиҳати дигар ба таълимоти аслии Инҷил) ба ҳамдигар наздик мекарда бошад, аз тарафи дигар, Реформатсия ҷараёне буд, ки мухолифи ба мақоми бисёр боло бардоштани инсон аз ҷониби ҳаракати Эҳё (Ренессанс) ба шумор мерафт.

**269. Тазодҳои миёни Реформатсия ва Эҳё (Ренессансро) дар муқоисаи ақидаҳои кадом мутафаккирон рӯшан кардан мумкин аст?**

Ин масъаларо дар муқоисаи ақидаҳои асосгузори Реформатсия М. Лютер ва гуманисти ҳоландӣ Эразми Роттердамӣ анҷом додан мумкин аст. Масалан, Мартин Лютер таълим медод, ки дар назди Худо инсон на ирода дорад ва на шараф, балки ягона роҳи халосии вай танҳо имон овардан ба шумор меравад. Барои Эразми Роттердамӣ озодии инсон арзишест на камтар аз арзиши худовандӣ. Ӯ таъкид мекард, ки Китоби Муқаддас даъватест, ки ба инсон равона карда шудааст, вале инсон дар масъалаи қабул кардан ё накардани даъват озод аст.

**270. Реформатсия чӣ гуна ақидаҳои фарқкунанда аз эътиқодоти анъанавии масеҳиятро дорад?**

Дар ин хусус бояд қайд кард, ки натиҷаи фарҳангӣ ва иҷтимоию таърихии раванди ташаккули ҳаракати Реформатсия бо арзи вуҷуд кардани протестантизм ва навсозии (модернизатсияи) калисои католикӣ ба охир намерасад. Масалан, агар эътиқодоти анъанавии масеҳият ба амалияи бартараф кардани гуноҳҳо бо роҳи иҷрои дастурҳои аз ҷониби калисо муайянкарда, ба монанди рӯзадории қатъии муқарраршуда, харидории индулгенсия, қурбонӣ кардан ба манфиати калисо такя мекарда бошад, идеяи асосии ифодаҳои (тезисҳои) Мартин Лютер аз он иборат буд, ки тамоми зиндагии инсон бояд аз тавба овардан иборат бошад ва дар ин

ҷода ба кадом як муносибатҳои махсуси аз зиндагӣ ҷудои наҷот зарурат набояд бошад. Инсонро лозим нест, ки ба мисли роҳибон (монаҳҳо) аз зиндагӣ роҳи гурез ҷӯяд, балки, баръакс, вай бояд вазифаҳои зиндагиашро ба таври бояду шояд иҷро намояд. "Ҳар як машғулият, - мегуфт М. Лютер, - агар судмандии он шубҳаовар набошад, бояд ҳамчун амали муқаддас баррасӣ гардад". Чунин таҷдиди назари тавба овардани инсон яке аз омилҳое низ ба шумор мерафт, ки ба ташаккули ахлоқи нави соҳибкорӣ оварда расонид. Минбаъд меъёрҳои чунин ахлоқ, ба он мусоидат карданд, ки акнун ба даст овардани фоидаи аз ҳад зиёд ва судхӯрона ҳамчун кори хайр маҳсуб меёфт. Сарфи назар аз ин ба вуҷуд омадани арзишҳои маънавии мазкур яке аз сабабҳои ташаккулёбии низоми сармоядорӣ гардиданд, ки он дар навбати худ заминаи арзи вуҷуд кардани афкори иҷтимоию фалсафии даврони Эҳёро ба вуҷуд овард.

**271. Муҳимтарин афкори иҷтимоию фалсафии даврони Эҳё кадомҳо буданд?**

Афкори мазкур ба масъалаҳои давлат ва умури давлатӣ алоқамандӣ доштанд. Дар ин ҷода метавон назарияи сиёсии Николо Макиавелли, ҷомеаи иҷтимоии хаёлии Томас Мор ва Томмазо Кампанелла ва ғайраҳоро ёдовар шуд.

**272. Никколо Макиавелли кӣ буд?**

Номбурда бузургтарин мутафаккир, таърихшинос, ходими сиёсиву давлатӣ, шахсияти ақидаҳои истисноӣ дошта ба шумор мерафт. Мутафаккири итолиёвӣ Никколо Макиавелли (1469-1527) муаллифи рисолаҳои "Подшоҳ" ва "Муҳокимаҳо дар бораи даҳаи аввали Тити Ливий" мебошад.

**273. Никколо Макиавелли чӣ гуна ақидаҳо дошт?**

Мутафаккири номбурда, қабл аз ҳама, назарияи асримиёнагии аз ҷониби Худованд муайян гардидани ҳамагуна фаъолияти инсонро ба идеяи "толеъ" иваз карда буд ва эътироф мекард, ки инсонро сабабҳои шароити ба вуқуъпайваста маҷбур месозанд, то ба зарурати бамиёномада итоат кунад. Аммо сарнавишт танҳо як қисмати салтанат аз болои инсон аст. Бинобар ин инсонро лозим аст, то худаш низ барои амалӣ

гардонидани мақсадҳояш мубориза барад. Дар асоси ақидаи мазкур Н. Макиавелли таълим медод, ки дар қатори толеъ қувваи ҳаракатдиҳандаи таърих бояд таҷассуми нерӯи инсон, истеъдод ва маҳорат низ бошад.

**274. Николо Макиавелли ба сиёсат чӣ гуна муносибат дошт?**

Мутафаккир сиёсатро ҳамчун таҷассуми мукаммали озодии иродаи инсон, ки дар он "ҳам сабабҳои табиӣ" ва ҳам "қоидаҳои судманд" вуҷуд доранд, маънидод мекард. Тавассути омилҳои номбаршуда имконпазир мегардад, то инсон раванди ҳодисотро пешгӯйӣ намояд ва роҷеъ ба онҳо тадбирҳои зарурӣ андешад.

**275. Вазифаи илми сиёсатро Н. Макиавелли дар чӣ медид?**

Ӯ вазифаи сиёсатшиносиро дар он медид, ки вай хусусиятҳои хоси инсон, таносуби қувваҳои байни ҳамдигар муборизабаранда, манфиатҳо ва мақсадҳоро ҳамаҷониба таҳқиқ намуда, вазъи ҳақиқии дар ҷомеа бавуҷудомадаро муайян намояд, дар асоси ҳама гуна орзуву ниятҳо ва тахайюлот қарор набарорад, балки вобаста ба вазъи дар ҷомеа бавуҷудомада тавсияи зарурӣ дода тавонад.

**276. Роҷеъ ба масъалаи алоқаманд кардани масъалаҳои сиёсӣ ба ахлоқ Н. Макиавелли чӣ гуна муносибатро раво медонист?**

Макиавелли ҳамчун сиёсатмадор ва ходими давлатӣ риштае, ки садсолаҳо масъалаҳои сиёсиро ба ахлоқ пайваст мекард, канда гардонид ва баррасии назариявии сиёсатро аз омезиши таҷридӣ ба ахлоқ озод намуд.

Доир ба чунин муносибати Н. Макиавелли дар муносибат ба сиёсат ва ахлоқ минбаъд дар асри XVII файласуфи англис Френсис Бэкон қайд карда буд, ки мо асос дорем, то ба Макиавелли ва муллифони ҳамқадами ӯ арзи сипос кунем, зеро онҳо дар вазъи бавуҷудомада, чӣ кор кардани одамонро кушоду равшан мефаҳмониданд.

**277. Дар масъалаи ташкили шакли давлат Н. Макиавелли чӣ гуна ақида дошт?**

Чун маълум аст, Н. Макиавелли дар ин масъала низ муносибати воқеъбинона дошт. Аз ҷумла, дар шароити ҳамондавраинаи Итолиё, Макиавелли шакли давлатдории мутлақиятро тавсия медод. Бояд гуфт, ки Макиавелли тарафдори шакли ҷумҳуриявӣ буд, вале омӯзиши марҳилаи ҳамондавраинаи кишвараш, ки дар он ҳоло унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ инкишоф наёфта буданд, ӯро водор карда буд, то шакли мутлақиятро тавсия намояд.

**278. Дар масъалаи шахсияти роҳбарикунандаи давлат Н. Макиавелли чӣ ақида дошт?**

Дар ин масъала ӯ ақидаи подшоҳи навро эҷод кард, ки мувофиқи он подшоҳи мутлақ бояд дар худ ҳам хусусиятҳои шер ва ҳам рӯбоҳро дошта бошад, яъне вақти зарурат вай бояд ҳам аз ҳилаву найранг истифода кунад ва ҳам аз қудрат. Подшоҳ, мегуфт Макиавелли, бояд усули ҳокимияти қавииродаро дошта бошад ва дар ҳолатҳои зарурӣ аз бераҳмонагӣ низ даст накашад. Ин ақидаҳои Макиавелли ба он оварданд, ки ӯро таълимдиҳандаи подшоҳони золим ва муаллифи ифодаи "ҳадаф воситаҳоро сафед мекунад" меномиданд. Номи мутафаккирро ҳамчун муродифи тарғибкунандаи зулми сиёсӣ ва зӯроварӣ маънидод мекарданд, ки ба унвони "макиавеллизм" машҳур аст. Бояд қайд кард, ки Макиавелли тарғибгари зулм ва бераҳмӣ набуд. Аммо шароити мавҷудаи кишвараш ҳамин гуна сифатҳои подшоҳро тақозо мекарданд, ки ин воқеиятро мутафаккир кушоду равшан изҳор кардааст.

**279. Хидмати Макиавелли дар инкишофи фалсафаи сиёсат дар чӣ аст?**

Аз саволу ҷавобҳои боло маълум шуд, ки ақидаҳои Макиавелли аз тазодҳо холӣ нестанд. Аммо хидмати асоси вай дар он аст, ки ӯ сиёсатро аз ҳама гуна риёкорӣ озод карда ба пояи воқеият ва таҳлили беғаразона устувор кардан мехост. Чунин муносибат сиёсатро, аз як тараф ба дараҷаи илм мебардошт ва, аз тарафи дигар, онро ба ҳунари истифодаи имконият табдил медод. Дар ин давра дар қатори ақидаҳои

воқеъбинонаи Макиавелли афкоре низ пайдо ва ташаккул ёфтанд, ки онҳо ба унвони назарияи ҷомеаи иҷтимоии хаёлӣ машҳур мебошанд.

**280. Ҷомеаи иҷтимоии хаёлӣ чӣ гуна назария мебошад?**

Агар ба ин савол мухтасар ҷавоб диҳем чунин мешавад, ки ин назария дар бораи кадом як ҷомеаҳои иҷтимоии афсонавӣ баҳс мекунад. Вақте мо поёнтар намояндагони ин назария ва афкори онҳоро баррасӣ мекунем, боз пурратар ба мо маълум мешавад, ки назарияи хаёлӣ аз чиҳо иборат будааст.

**281. Намояндагони машҳури назарияи хаёлӣ киҳо буданд?**

Ба қатори чунин намояндагон Томас Мор, Томмазо Кампанелла ва ғайра дохил мешаванд.

**282. Томас Мор кӣ буд ва ақидаҳояш аз чиҳо иборат мебошанд?**

Томас Мор (1478-1535) намояндаи гуманизми Англия, ходими давлатӣ, руҳонии калисои католикӣ ва яке аз мутафаккирони назарияи ҷомеаи иҷтимоии хаёлӣ ба шумор меравад.

Маъруфияти Томас Мор дар таърихи ҳаёти маънавии инсоният, ба асари ӯ "Утопия" алоқамандӣ дорад. Дар ин асар Т. Мор дар бораи ҳаёти хушбахтонаи ҷазираи номаълуми кадом як Олами Нав нақл мекунад, ки дар он давлати намунавӣ сохта шудааст ва ҳама бошандагонаш дар шароити мусоиди зиндагӣ умр ба сар мебаранд, ҳама хушбахтанд. Чун маълум аст, давраи зиндагии Т. Мор замони кишваркушоиҳо буд ва чунин асар бо чунин мазмун ба ҳама кишварҳо паҳн нашуда ва муваффақият пайдо накарда наметавонист. Вожаи "утопия" юнониасос буда, тарҷумаи таҳтуллафзиаш "макone, ки вуҷуд надорад" мешавад. Минбаъд бо ин унвон як жанри муайяни адабӣ ба вуҷуд омад ва теъдоди зиёди нависандагон асарҳои худро дар чаҳорчӯбаи ҳамин жанр навиштанд. Ба қатори чунин асарҳо "Шаҳри Офтоб"-и Т. Кампанелла, "Атлантидаи Нав"-и Ф. Бэкон ва ғайра низ дохил мешаванд.

**283. Мазмуни асосии асари Т. Мор "Утопия" аз чиҳо иборат аст?**

Асар аз танқиди тезутунди ҳолати ҷомеавии дар Англия мавҷуда оғоз мешавад. Т. Мор сарчашма ва сабаби ҳамаи ноҷӯриҳои ҷомеаро дар моликияти хусусӣ мебинад. Ба ақидаи ӯ, дар он ҷое, ки моликияти хусусӣ ҳукмфармост, ҷомеаи адолати иҷтимоӣ таъсис додан мумкин нест. Муносибатҳои буржуазии ташаккулёфтаистодаи ҳамон давраро танқид карда, Т. Мор лоиҳаи давлати барои ҳама бошандагонаш накӯҳолонаро пешниҳод мекунад ва ақида изҳор мекунад, ки созмон додани чунин давлат дар оянда имконпазир мебошад.

Минбаъд назарияи ҷомеаи иҷтимоии Т. Мор яке аз сарчашмаҳои назарияи ҷомеаи коммунизм гардид, ки дар асоси он ҷомеаи сотсиалистӣ низ сохта шуд. Дар ин бора баъдтар, вақти омӯхтани марксизм, боз суҳбат хоҳем кард, вале лозим аст таъкид кунем, ки то пайдоиши марксизм дар охири асри XIX ин идея тарафдорони зиёди худро пайдо намуда, хеле рушд ҳам кард. Чунончи, ҳамин ақидаҳо баъди зиёда аз сад соли вафоти Т. Мор дар асари "Шаҳри Офтоби"-и Томмазо Кампанелла (1568-1639) инкишофи минбаъдаи худро пайдо карданд.

**284. Томмазо Кампанелла кӣ буд?**

Томмазо Кампанелла (1568-1639) фарзанди мӯзадӯз, файласуф, шоир, марди сиёсат, созмондиҳандаи утопияи коммунистӣ, аз соли 1582 роҳиби доминиканӣ буд. Соли 1591 асари "Фалсафаи бо эҳсосҳо тасдиқшуда"-ро аз чоп баровард. Дар ин асар ӯ фалсафаи табиати Телезиоро ҳимоя мекунад, ки он ба муқобили ақидаҳои схоластикии баъзе аз пайравони Арасту равона карда шуда буд. Чандин маротиба ба гуноҳи риоя накардани қоидаҳои маъмулии динӣ, яъне бидъатгарой ба маҳкама кашида шуда буд. Соли 1599 дар Калабрия ба муқобили сардори давлат сӯиқасд ташкил намуда, онро роҳбарӣ кард ва ба ҳабси якумра кашида шуд. Соли 1629 сафед карда мешавад ва ба Париж меравад. Соли 1639 вафот мекунад.

**285. Муҳтавои мухтасари ақидаҳои Т. Кампанелла аз чиҳо иборатанд?**

Дар фалсафаи маърифат ҷонибдори донишҳои таҷрибавӣ буд. Ақидаҳои Галилейро ҳимоя мекард, вале таълимоти бекаронии Кайҳонро эътироф намекард. Мавҷудияти оламҳои гуногунро исбот карданӣ мешуд.

Тавассути асари "Шаҳри Офтобӣ" Т. Кампанелла дар таърих машҳур гардид, зеро ин асар ҳамчун барномаи азнавсозии ҷомеа бар асоси моликияти ҷомеавӣ ба шумор мерафт. Дар "Шаҳри Офтоби"-и Кампанелла ҳама машғули кор буда, рӯзи корӣ аз чаҳор соат иборат аст, дар сари ҳокимият Метафизик, ки онро Офтоб ҳам мегӯяд, меистад. Ин вазифаро танҳо инсонҳои дараҷаи баланди салоҳият, ки ҳама соҳаҳоро хуб медонанд, ишғол карда метавонанд.

Вазифаҳои маъмурии давлат дар ҷаласаҳои "Мушовараи Бузург", ки ба он шаҳрвандон аз синни 20-солагӣ шомил мешаванд, таъин мегарданд ё сабукдӯш карда мешаванд.

Аз ин қоида сардори давлат ва се нафар муовинони он истисно мебошанд ва онҳо вазифаашонро мустақилона ба нафароне медиҳанд, ки дар салоҳият аз онҳо боло рафта бошанд.

Сарфи назар аз хусусияти хаёлӣ доштани ақидаҳои мазкур дар онҳо ғояҳои хуби созмон додани давлатҳо бар асоси адолати иҷтимоӣ вуҷуд доранд, ки онҳо масъалаҳои доғи ҳама давру замон ва даврони муосир низ мебошанд.

**286. Дар даврони Эҳё боз кадом масъалаҳо рӯйи кор омаданд?**

Дар ин давра фалсафаи табиат (натурфалсафа) низ қадри муайян ташаккул ёфт ва рушд кард. Қайд кардан лозим аст, ки дар асри XVI табиатшиносӣ ба муваффақиятҳои назаррас соҳиб мегардад, ки он низ ба ҷаҳонбинии схоластикӣ, дар қатори афкори башардӯстӣ (гуманистӣ), ислоҳгарой (реформизм) ва ғайра, зарбаи заволовар мезанад. Дар ин давра барои ҳамаҷониба ва дақиқ омӯхтани табиат як қатор донишмандон, ба мисли Леонардо да Винчи, Николай Коперник, Галилео Галилей ва теъдоди диғари олимони давр машғул шуда буданд. Ақидаҳои онҳо дар тафаккури ҷомеа таҳаввулоти нав ба вуҷуд наоварда наметавонистанд. Дар

саволу ҷавобҳои минбаъда хидмати мутафаккирони номбурдаро метавонем муайян кунем.

**287. Леонардо да Винчи кӣ буд?**

Леонардо да Винчи (1452-1519) рассоми машҳур, олими бузург, ихтироъкори истеъдоднок (лоиҳаи идеяи танк, парашют, дарвозаҳои калонҳаҷм ба ӯ тааллуқ доранд), шахсияти мавсуавӣ (энсиклопедӣ) ба шумор меравад. Расми "Ҷоконда"- Мона Лиза аз машҳуртарин дастоварди ҳунари рассомӣ то ба ҳол ба шумор меравад.

**288. Дар фалсафа Леонардо да Винчи чӣ ақидаҳо дорад?**

Хидмати ӯ дар фалсафаи маърифат назаррас буда, дар ин ҷода вай таълим медод, ки ҳама гуна маърифат аз таҷриба бармеояд ва бо таҷриба ба охир мерасад. Аммо ҳама гуна таҷриба танҳо тавассути назария ба ҳақиқати комил табдил ёфтанаш имконпазир аст. Хулоса, дар назарияи маърифат пайвастани таҷрибаро бо назария шарти асосии ба даст овардани дониш маҳсуб медонист. Дар ин хусус худи Леонардо қайд карда буд, ки ҳамеша амалия бояд ба назарияи хуб пайвастагӣ дошта бошад, зеро илм афсар, аммо амалия аскар мебошад.

**289. Николай Коперник чӣ гуна шахсияти таърихӣ буд?**

Николай Коперник (1473-1543) мунаҷҷим ва мутафаккири машҳури полякӣ ба шумор меравад. Кашфи низоми гелиосентрикии (аз вожаи юнонии "ҳелио" – Офтоб) ӯ, яъне офтобмарказии ӯ ба қатори кашфиёти назарраси давр дохил мешавад ва як навъ табаддулоти инқилобӣ низ буд, зеро тавассути он харитаи олами дар асоси низоми геосентрикии (аз вожаи юнонии "ҳео" – Замин, яъне заминмарказӣ) Арасту ва Птоломей ташаккулёфта ва зиёда аз ҳазор сол мавқеъдоштаро инкор мекард. Мувофиқи ақидаи гелиосентрикии Н. Коперник, Замин маркази беҳаракати олам нест. Вай дар гирди меҳвари худ ва дар айни замон дар атрофи Офтоб, ки дар маркази олам мавқеъ дорад, давр мезанад.

Ин ва кашфиёти дигари табиатшиносӣ дар ин давра ба фалсафа низ бетаъсир набуданд. Бинобар ин дар асри XVI самти асосии афкори фалсафӣ аз фалсафаи табиат иборат

мегардад ва яке аз масъалаҳои асосии ҳалли фалсафа масъалаи бекаронии олам ба шумор мерафт. Аҳамияти чунин муайян кардани мавзуи фалсафа ба он вобастагӣ дошт, ки интиқол аз доираи сарбастаи олам ба назарияи бекаронии Кайҳон маънии ба таври куллӣ таҷдиди назар кардани тамоми низоми ақидаҳои онтологиро дошт ва барои рушди минбаъдаи афкори фалсафӣ як навъ такони муҳим гардид. Соҳаи кайҳон мавзуи тадқиқоти мутафаккирони дигар, аз ҷумла Николайи Кузанӣ низ буд.

**290. Ақидаҳои Николайи Кузанӣ аз чиҳо иборат аст?**

Николайи Кузанӣ (1401-1464) таълим медод, ки олам бекарон аст. Худо, дар таълимоти Н. Кузанӣ, ба унвони имконияти ҳадди аксари мутлақ ё мутлақро соҳиб гардид. Мувофиқи таълимоти Н. Кузанӣ, Худо кадом як воқеияти хориҷ аз олам набуда, балки дар ягонагӣ бо он мебошад. Чунин маънидод кардани таносуби Худо ва оламро пантеизм (аз юнонӣ пан-ҳама ва теос – худо) меноманд.

Хусусияти асосии пантеизм дар он аст, ки вай мустақилияти Худоро инкор мекунад ва ягонагии вайро ба табиат эътироф менамояд. Ҳамин тариқ, тасаввуроти анъанавиро дар бораи олам ба ҷунбиш оварда, Н. Кузанӣ роҳро барои космологияи инкоркунандаи ақидаҳои динӣ кушода дод.

**291. Ҷордано Бруно чӣ гуна мутафаккир буд?**

Ҷордано Бруно (1548-1600) яке аз намояндаҳои машҳури фалсафаи табиат (натурфалсафа) ба шумор меравад, ки бо номи ӯ таҳаввулоти нав дар космология иртибот дорад. Масъалаи асосии космологияи Ҷордано Бруноро ақидаи беинтиҳоии Кайҳон ташкил мекунад. Ҷордано таълим медод, ки Кайҳонро ҳаргиз иҳота карда намешавад, чунки вай беҳудуд, беохир ва билониҳоя мебошад.

Кайҳон офарида нашудааст, вай ҳамеша ва азалӣ вуҷуд дорад ва ҳаргиз нест намешавад. Вай дар беҳудудии худ беҳаракат мебошад, зеро имконияти ба ҷойи дигар интиқол ёфтан надорад. Аммо дар доираи вай ҳамеша тағйирот ба вуҷуд омада меистад. Манбаи ҳаракат дар худи материя вуҷуд дорад. Ҳеҷ гуна такондиҳандаи аввал вуҷуди ҳастӣ надорад.

Ақидаи беҳудудии олам Бруноро ба он меоварад, ки вай афкори ҳам геосентристӣ ва ҳам гелиосентристиро рад кунад. Таълим медиҳад, ки азбаски олам беҳудуд аст ва дар он оламҳои беҳисоб вуҷуд доранд, на Замин ва на Офтоб маркази Кайҳон шуда наметавонанд. Ҳар як олам дорои маркази худ мебошад.

Бруно, албатта, дар бораи Худо низ фикр мекард. Ақидаҳои натурфалсафӣ ӯро ба он оварданд, ки вай Худоро дар табиат медид. Таълим медод, ки табиат "Худо дар ашё" аст. Худо на ҳамчун офаридгор дар беруни табиат, балки вай дар дохили табиат дар сифати ибтидои фаъоли он мебошад. Бинобар ин Худоро бе табиати моддӣ тасаввур карда намешавад. Агар дар Н. Кузанӣ табиат ба Худо омезиш меёфта бошад (дар ин ҳол Худо мустақилияташро нигоҳ дошта метавонад) дар Ҷ. Бруно Худо ва табиат дар ягонагӣ вуҷуд доранд. Бинобар ин пантеизми Н. Кузанӣ хусусияти динӣ дорад, аммо пантеизми Бруно натурфалсафӣ мебошад.

Барои ақидаҳои дар боло оварда, ки ба муқаррароти дини масеҳӣ зарбаи сахт мезад, Ҷ. Бруноро 17 феврали соли 1600 дар майдони Гулҳо дар ш. Рим дар асоси ҳукми суди динӣ зинда дар оташ сӯзонида мешавад. Асарҳои ӯро низ месӯзонанд. Ҳатто гирифтани номи мутафаккирро манъ мекунанд. Бо ҳаёт ва эҷодиёти Ҷ. Бруно давраи Эҳё ба охир мерасад.

Ҷ. Бруно ҳамчун мутафаккир ва шахсият инсонро ба ваҷд наоварда наметавонад. Вақте (суди динии ҳамондавра) инквизитсия ба таъқиб кардани Бруно сар мекунад, ӯ бо ифодаи таърихан машҳури худ "Таваҷҷуҳи маро чунин ҳолате, ки ақидаҳои ман метавонанд муқобили ақидаҳои бисёр шахсони дигар бошанд, кам ба худ мекашад, зеро онҳо ба ақл ва таҷриба мувофиқат доранд", муносибати худро муайян менамояд.

Дар маҷлиси суд Бруно ҳамеша ором, бе ҳеҷ гуна тарсу ваҳм менишаст. Танҳо вақти ҳукмро хонда ба охир расонидан як маротиба ҳолати оромиро вайрон мекунад ва мегӯяд: "Ман гумон мекунам, ки шумо ҳукмро бисёр ба тарс мехонед, нисбат ба ман, ки онро мешунавам". Инквизитсия, ба хотири он ки Бруно аз ҳукм тарсад ва аз ақидаҳояш гардад, то рӯзи қатл як ҳафта вақт медиҳад, вале ӯ дар андешаҳояш устувор мемонад.

Натурфалсафа дар мавҷудияти табиат на танҳо халлоқияти мукаммали худовандиро медид, балки, пеш аз ҳама, қонуниятҳои мансуб ба худи табиат, ки аз ҳама гуна дахолат истисно мебошад, муайян мекард. Ҳамин тариқ, натурфалсафаи даврони Эҳё роҳро барои инкишофи минбаъдаи табиатшиносии таҷрибавӣ, пайдоиши механикаи классикии Ниютон, ташаккули назарияҳои фалсафии асрҳои XVII-XVIII тоза кард.

**292. Дар ҷамъбасти фалсафаи даврони Эҳё ба он чӣ гуна баҳо додан мумкин аст?**

Пеш аз ҳама, бояд дар назар дошт, ки даврони Эҳё марҳилаи гузариш аз тафаккури муқарраргардида дар давоми ҳазорсолаи асримиёнагӣ ба шумор меравад ва аз ин давра ҳама хостаҳоро тақозо кардан имконнопазир мебошад. Дувум, дар асоси далели мазкур ин давра аз тазодҳо холӣ набуд ва ба ҳамин сабаб ҳар гуна арзёбӣ мегардад. Севум, ҳарчанд ин давра дар таърихи инсоният як давраи фарҳанги истисноӣ буд, дар инкишофи соҳаи фалсафа муддати тӯлонӣ ба таври истисноӣ пазируфта намешуд, ки он имрӯз ғалат хонда мешавад. Чаҳорум, набояд ақидаҳои дорои зиддиятҳо аҳамияти калони ин марҳиларо дар паси сар кардани схоластикаи асримиёнагӣ ва ба вуҷуд овардани заминаи мусоид барои рушди минбаъдаи афкори фалсафии давраи Нав зери шубҳа гузорад. Ниҳоят, панҷум, марҳилаи мавриди баррасӣ идомаи раванди муттасили таърихӣ ба шумор меравад, ки вазифаи худро шуҷоатмандона ва сермаҳсул адо кардааст.

## БОБИ VI. ФАЛСАФАИ ДАВРОНИ НАВ

**293. Дар боло ифодаи фалсафаи марҳилаи Навро ишора кардем. Ин марҳала кадом асрҳоро дар бар мегирад ва хусусиятҳои асосиаш аз чиҳо иборат мебошанд?**

Қайд мекунем, ки хусусияти нисбӣ доштани тақсимбандиҳои марҳилаҳои таърихиро дар боло таъкид карда будем. Бо дарназардошти ҳамин нисбият, давраи Нав нимаи дувуми асри XVI ва асри XVII-ро дар бар мегирад ва ба ибтидои асри минбаъда низ мегузарад.

Хусусиятҳои фарққунандаи ин марҳила аз ташаккулёбии ҷомеаи сармоядорӣ бо тамоми унсурҳои алоқаманд ба он, ки ҳама соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар бар мегирад, иборатанд.

Дувум, низоми мазкур тақозо мекунад, ки соҳаҳои барои рушди заминаи иқтисодии ҷомеа зарури илм тараққӣ кунад. Бинобар ин илм, махсусан, илми таҷрибавии табиатшиносӣ, дар ин давра инкишофи бояду шояди худро меёбад, ки ба табаддулоти илмӣ унвон карда мешавад. Дар натиҷа баррасиҳои масъалаҳои алоқаманд ба олам бар асоси илми механика, риёзиёт ва ғайра сурат мегиранд.

Севум, дар асоси рушди илмҳои табиатшиносӣ самти нави афкори фалсафӣ ба амал омад, ки он бояд асосҳо ва усули тадқиқоти илмиро ба вуҷуд меовард. Дар роҳи ҳалли ҳамин масъалаҳо ду ҷараёни асосии афкори фалсафии Аврупои Ғарбӣ дар асри XVII – эмпиризм (таҷрибагароӣ) ва ратсионализм (ақлгароӣ, хирадгароӣ) ташаккул ёфтанд, ки баррасии онҳоро аз фалсафаи эмпирикии Френсис Бэкон сар мекунем.

**294. Френсис Бэкон кӣ буд?**

Ф. Бэкон (1561-1626) файласуфи англис, ходими сиёсӣ ва асосгузори фалсафаи эмпирикӣ буд.

**295. Фалсафаи эмпирикӣ чӣ маънӣ дорад?**

Мафҳуми эмпиризм юнониасос буда, маъниаш таҷриба мебошад. Ҳамчун ҷараёни фалсафӣ дар назарияи маърифат истифода карда мешавад. Ҳамаи он мутафаккироне, ки сарчашмаи маърифатро дар таҷриба мебинанд ва ақида доранд, ки мазмуни дониш аз ифодаи таҷриба иборат мебошад, эмпирикҳо (таҷрибагароҳо) номида мешаванд.

**296. Мутафаккирони машҳури давраи Нав киҳо буданд?**

Теъдоди мутафаккирон дар ин давра хеле зиёданд, вале мо онҳоеро баррасӣ хоҳем кард, ки дар рушди афкори фалсафӣ саҳми сазовореро соҳиб мебошанд. Доираи онҳо аз чунин мутафаккирон, ба монанди: Френсис Бэкон, Рене Декарт, Бенедикт Спиноза, Готфрид Вилгелм Лейбнис, Ҷон Локк, Ҷорҷ Беркли, Давид Юм, Томас Гоббс ва ғайра иборат мебошанд, ки муҳтавои мухтасари афкори ҳар як аз онҳоро дар саволу ҷавобҳои минбаъда баррасӣ хоҳем кард.

**297. Ақидаҳои Ф. Бэкон аз чиҳо иборатанд?**

Аввалан, чун дар боло гуфтем, Ф. Бэкон файласуфи эмпирикӣ, асосгузори назарияи эмпирикӣ дар маърифат мебошад. Дувум, ӯ итминон дошт, ки фалсафа бояд ба илм табдил ёбад ва ба ин бовар ҳам дошт. Дар асараш "Барқароргардонии бузурги илм" даъват ба амал меовард, ки илм барқарор карда шавад. Бо ин ифода ӯ барқарор кардани на танҳо донишҳои қадимиёнро дар назар дошт, балки руҳияи ҷустуҷӯйи илмиро тақозо мекард, то натиҷаҳои илм ҷавобгӯйи даврони инқилоби ҳам илмӣ ва ҳам саноатии сармоядорӣ бошад. Севум, илму донишро, ки самараи амалӣ дорад, ҳамчун арзиши волотарин эътироф мекард. "Дониш қувва, тавон, ҳокимият аст", - мегуфт, ӯ. Дӯст медошт ҳамеша такрор кунад, ки мо на зиёда аз ҳаҷми донишамон кореро анҷом дода метавонем. Ифодаи ӯ "Қудратманд ҳамон аст, ки метавонад, метавонад ҳамоне, ки медонад" таъбиркунандаи муносибати Ф. Бэкон ба дониш мебошад. Чаҳорум, Ф. Бэкон дар асоси имкониятҳои маърифатии инсон, ки хотира, тахайюл ва тафаккурро соҳиб аст, таснифи илмҳоро ба вуҷуд овард. Мувофиқи ин таснифот, хотира асоси тавсифи таърих, тахайюл асоси шеър, адабиёт ва ҳунар мебошад. Аммо, тафаккур асоси

илмҳои назариявӣ – фалсафӣ ба шумор меравад. Панҷум, Ф. Бэкон аз фалсафа "фалсафаи аввал"-ро ҷудо мекунад, ки ба он фалсафаро ҳамчун илми фалсафӣ дохил мекунад. Мавзуи омӯзиши ин фалсафаро аз "илоҳиёти табиӣ" (фаҳмиши Худо тавассути далелҳои табиӣ), "антропология" (таълимоти фалсафӣ дар бораи инсон) ва "фалсафаи табиат" иборат мешуморад.

**298. Дар масъалаи маърифат Ф. Бэкон чӣ ақидаҳо дорад?**

Барои маърифат ва рушди бояду шояди илм, - таълим медиҳад Ф. Бэкон, - сабабҳои ақибмондагиро пайдо кардан лозим аст. "Ба сифати ҳамин ғуна сабабҳо, - мегӯяд, - ӯ идолҳо (лотиниасос буда, маънии тоҷикиаш бут, шабаҳ, нақшҳои галат, яъне ҳама он олудагиҳое, ки ба донишандӯзии инсон монеа мешаванд) баромад мекунанд". Идолҳоро Ф. Бэкон ба ифодаи "раҳгумии тафаккур" низ ифода мекунад, ки онҳо донишро таҳриф мекунанд. Дар байни идолҳо ҳам идолҳои мансуб ба шахсони алоҳида вуҷуд доранд ва ҳам идолҳои ба раҳгумӣ оварандаи маърифати умумиинсонӣ вуҷуд доранд. Бинобар ин ва барои дуруст ба кор мондани раванди маърифат лозим аст, то идолҳои мазкурро сараввал аз тафаккури инсон биронем.

**299. Ба идолҳо чиҳо дохил мешудаанд?**

Ба идолҳо чаҳор навъи раҳгумии тафаккурро Бэкон дохил кардааст, ки аз раҳгумиҳои зерин иборат мебошанд:

– раҳгумии аввал - "идолҳои меросӣ" – ин идолҳо ба номукаммалии аъзои эҳсоси инсон мансуб мебошанд, ки онҳо сабаби ғалат аз бар кардани дониш мегарданд, вале худи онҳо имкон доранд, ки ба ғалати содир кардаи худ ишора кунанд.

– раҳгумии дувум - "идолҳои ғор" – онҳо табиатан вуҷуд надоранд, вале дар ҷараёни муошрати миёни одамон ва тарбия ба вуҷуд меоянд. Ҳар як инсон ба олам аз ғораки худ, аз диди дохилии субъективонаи шахсиаш нигоҳ мекунад, ки он дар донишазбаркунӣ бе таъсир намебошад.

– раҳгумии севум – "идолҳои майдон ё бозор" – аз ҳаёти иҷтимоии инсон ба вуҷуд меоянд. Онҳо аз нишон додани хирадмандии таҳрифшуда, аз истифодаи тасаввуроти ба ҳам монанд дар бораи олам ба вуҷуд меоянд. Онҳо нисбат ба дигар

идолҳо хатарноктар мебошанд, зеро дар тафаккур ҷойгир шудаанд ва сутудани онҳо аз тафаккур душвортар аст. Онҳо ба догмаҳо табдил ёфтаанд.

– раҳгумии чаҳорум – "идолҳои театр ё намоишӣ" буда, ба кӯр-кӯрона бовар кардан ба шахсиятҳои макомдор, назарияҳо ва таълимоти фалсафии дурӯғин алоқамандӣ доранд. Онҳо чашми одамро пардапӯш мекунанд, аз роҳи пайдо кардани ҳақиқат бозмедоранд ва ғайра. Онҳо минбаъд ҳам мешаванд, ҳамеша мешаванд, ки аз онҳо дурӣ ҷӯстан лозим аст. Бояд дар назар дошт, ки "ҳақиқат самараи вақт аст, на мақомдорӣ".

Хулоса, ба ақидаи Ф. Бэкон, барои пайдо кардани роҳи дурусти аз бар кардани маърифат инсон бояд аз ин идолҳо халос шавад. Барои халос шудан бояд усули нави донишро пайдо кунад. Усул, яъне метод, дар эҷодиёти Ф. Бэкон дар мақоми аввал меистад. Ӯ таълим медод, ки методи дуруст, роҳи кӯтоҳтарини аз бар кардани илм, кашфиёт ва ҳақиқат мебошад.

Метод ҳамчун қувваи навовариҳо маҳсуб меёбад, зеро вай барои инсон ҳам раҳнамои фаъолияти амалӣ ва ҳам назарии илмӣ мебошад ва салтанати инсонро бар болои табиат зиёдтар мекунад. "Метод чароғест, ки дар торикӣ роҳи инсонро рӯшан менамояд". Хулоса, Ф. Бэкон асосгузори методологияи эмпирикӣ низ маҳсуб меёбад.

**300. Дар бораи муайян кардани дурустии метод Ф. Бэкон кадом мисолҳоро меоварад?**

Ф. Бэкон хусусиятҳои методи маърифатро дар "роҳи", яъне кирдори тортанак, мӯрча ва занбӯри асал маънидод мекунад ва мегӯяд, ки: тортанак ҳақиқатро аз тафаккур бурун меорад, ки он ба сарфи назар кардани далелҳо меоварад. Мӯрча далелҳои парокандаро ҷамъоварӣ мекунад, вале ҷамъбасти назарӣ карда наметавонад. Занбӯри асал бошад, таҷрибаро ҷамъбасти назарӣ мекунад, далелҳои ҷамъоварӣ кардаро ба асал табдил медиҳад. Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки методи занбӯри асал хубтарин аст.

Ф. Бэкон барои маърифат методҳои индуктивӣ, дедуктивӣ ва таҳлилиро низ тавсия мекунад. Индуксия чунин методест, ки мавзуи омӯзишро аз чизҳои фардӣ сар карда, ба кулл мерасонад. Дедуксия бошад, ба мафҳумҳои умумӣ ифода гардидани чизҳои фардии омӯхташударо, яъне ба кулл

расиданро дар назар дорад. Дар миёни индуксия ва дедуксия таҳлил меистад, ки тавассути он ҳар як чизи мавриди баррасӣ ба ҷузъҳо тақсим гардида, дар алоҳидагӣ омӯхта мешавад ва баъд ҷамъбасти худро меёбад. Дар натиҷа, маърифати дархостӣ ба даст меояд.

Хулоса, фалсафаи эмпирикии Ф. Бэкон заминаи хеле мусоид барои ташаккули табиатшиносии таҷрибавии асри XVII гардид, ки он саҳми сазовори мутафаккир дар таърихи рушди минбаъдаи фалсафа буд.

**301. Инқилоби илмии дар асрҳои XVI-XVII бавуҷудомада ба фалсафаи ратсионалистӣ (ақлгароӣ) оварда расонид. Ин фалсафа чӣ гуна фалсафа буд ва намояндагони машҳураш киҳо буданд?**

Дар ҳақиқат, инқилоби мазкур ва ба таври мунтазам истифода гардидани методи математикӣ дар табиатшиносӣ ба ратсионализм (ақлгароӣ) оварда расонид. Намояндагони машҳури фалсафаи ратсионалистӣ Р. Декарт, Б. Спиноза ва Г. В. Лейбнис буданд. Ратсионалистҳо чунин таълим медоданд, ки азбаски донишҳои математикӣ аз тафаккур ва бо истифода аз методи дедуктивии ратсионалистӣ асоснок карда мешаванд, донишҳои фалсафӣ низ бояд тавассути тафаккур асоснок карда шаванд, зеро донишҳои ҳиссӣ-таҷрибавӣ ноустувор, тағйирёбанда, на чандон боэътимод ва боварибахш мебошанд.

**302. Рене Декарт чӣ гуна мутафаккир буд?**

Рене Декарт (1596-1650) файласуф ва олими соҳаҳои гуногуни илмҳои дақиқ ба шумор меравад. Ӯ намояндаи методи дедуктивию ратсионалистии маърифат мебошад. Мутафаккире буд, ки рушди тафаккури илмиро ба усулҳои умумии фалсафа алоқаманд мекард. Даъвои фалсафаеро дошт, ки дар ҳаёти амалии одамон кӯмак кунад. Фалсафаи ҳақиқӣ, - мегуфт Р. Декарт, - бояд, ҳам аз ҷиҳати назария ва ҳам метод ягона бошад. Дар ҷустуҷӯҳои илмӣ ӯ дар мавқеи скептитсизм меистод. Дар маънидоди асоси олам Декарт дуалист буд.

**303. Мо дар боло мафҳуми скептитсизмро истифода кардем. Ин чӣ гуна мафҳум аст?**

Дар ин бора дар саволи 167 низ ишора шуда буд. Аммо ин мафҳум тақозо мекунад, ки онро пурратар тафсир намоем. Скептитсизм юнониасос буда, маъноаш баррасикунанда, таҳқиқкунанда мебошад. Аммо ҳамчун мафҳуми илми фалсафа ифодакунандаи шубҳа доир ба ҳама гуна ҳақиқати дониш дар раванди маърифат фаҳмида мешавад. Шубҳа ду навъ мешавад: шубҳа ба хотири ба даст овардани дониши мукаммал ва шубҳаи канорагӣ (татарруфӣ), ки ба ҳама гуна дастовардҳои дониш мутлақо шубҳа мекунад, итминон надорад. Аввалӣ, хусусияти мусбат-эҷобӣ дорад, аммо дувумӣ хусусияти манфӣ дорад, зеро ба аз бар кардани маърифат кӯмак намекунад, ғайрисозанда мебошад, ҳама гуна дониши ҳақиқиро низ инкор мекунад ва дар ниҳояти кор ба агноститсизм оварда мерасонад.

Декарт скептитсизмро барои дастрас кардани дониши ҳақиқӣ мавриди истифода қарор медод. Таъкид мекард, ки дониши бешубҳа танҳо ҳамон аст, ки ифодаи зеринро дорад: "Фикр мекунам, пас, вуҷуд дорам" – "Cogito ergo sum". Дар ҳамин ифода оғози дуализми Декартро пай бурдан мумкин аст, зеро ин ифода аз ду қисмат иборат аст: "Ман фикр мекунам" ва "Ман вуҷуд дорам". "Ман" дар фаҳмиши Декарт воқеиятест, ки фикр мекунад. Ин воқеият воқеияти маънавӣ ё руҳ, ҷон ба шумор меравад. Руҳ воқеияти ифодакунандаи моҳияти имтидод надошта, як навъ субстансия-нахустасос мебошад. Мавзуи аввалини омӯзиши инсон руҳи худи вай ба шумор меравад, - таълим медод Р. Декарт.

**304. Дуализм чист?**

Дар ин бора низ дар саволу ҷавобҳои болоӣ суҳбат карда будем, вале ҳоло ки фалсафаи Р. Декартро баррасӣ карда истодаем, такроран бошад ҳам қайд мекунем, ки Декарт ҳастиро аз ду нахустасоси мустақил маънидод мекард. Бинобар ин ӯро файласуфи дуалист меноманд. Вожаи дуализм лотиниасос буда, маъниаш ду асос, дуасоса мешавад. Ҳастии Декарт ҳам аз нахустасоси (субстансияи) моддӣ, ки имтидод дорад, вале тафаккур надорад, яъне ҷисм аст, ҷисми бе тафаккур аст ва ҳам аз нахустасоси руҳӣ, яъне нахустасосе, ки моҳияти имтидодӣ надорад, ҷисм нест, вале қобилияти

тафаккур дорад, иборат мебошад. Ҳар ду нахустасосҳои мазкур мустақил буда, маҳсули офарандагии Худо мебошанд, ки дар ҷисми инсон ба ҳамдигар пайваст мешаванд ва ба воқеияте табдил мееёбанд, ки қобилияти донистани ҳам Худо ва ҳам олами офаридаи Ӯро доро мешавад.

**305. Дар саолу ҷавоби боло мафҳуми имтидод истифода гардид. Мафҳуми мазкур чӣ маънӣ дорад?** – Савол дуруст аст. Дар ҷавоб ба ин савол бояд бигӯем, ки рӯҳ нахустасоси маънавӣ мебошад, на вазн дорад, на баландӣ, на бар ва на дарозӣ, яъне рӯҳ андозаи муайян надорад, зеро вай аз ҷисм созмон дода нашудааст, маънавиасос аст. Аммо вақте ҷисм мегӯем, мо ашёи мушаххаси ҷисмониро дар назар дорем, ки ҳар яки он дар алоҳидагӣ андозаҳои дар боло қайд гардидаро дорад. Мафҳуми имтидод арабиасос буда, маъниаш тӯл, дарозӣ мебошад, яъне яке аз андозаҳои махсуси ҷисм мебошад. Бо ифодаи "моҳияти имтидод дошта" дар фалсафаи Р. Декарт нахустасоси ҷисмонӣ фаҳмида мешавад.

**306. Агар мавзуи аввалини омӯзиши инсон рӯҳ бошад, пас, рӯҳ чист ва Декарт онро чӣ гуна маънидод мекунад?**

Бори дигар такрор мекунем, ки рӯҳ, дар фалсафаи Р. Декарт, яке аз ду нахустасоси ташаккулдиҳандаи олам ба шумор меравад, ки онро дар созмон ёфтани инсон маънидод кардем. Инсон, ки мукаммалтарин ҷисми фардии олам махсуб мееёбад, мувофиқи фалсафаи Декарт, аз ду нахустасоси мустақили баҳампайваста ба вуҷуд омадааст, дурусттараш ташаккул ёфтааст. "Дар рӯҳ, - мегӯяд Декарт, - идеяҳо (нақшҳо) вуҷуд доранд, ки баъзеи онҳоро инсон дар раванди зиндагиаш дарёфт мекунад ва баъзеи дигари онҳо зотӣ, азалии пайваст ба рӯҳи инсон мебошанд". Ба қавли Декарт, идеяҳои асосии тафаккурии рӯҳ, ки асоситаринаш идеяи Худо ба шумор меравад, идеяи азалӣ мебошад. Чун ҳамин идеяро инсон дар тафаккури худ дорад, пас, идеяи омӯзиши он низ вуҷуд дорад. Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки нахустасоси рӯҳӣ дар мавҷудият шубҳа надорад.

**307. Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки Декарт ба назарияи маърифати ратсионалистӣ наздик шуда истодааст. Пас, назарияи ратсионалистии Декарт чӣ гуна аст?**

Дуруст аст, ки гуфтаҳои боло бештар ба нахустасоси маънавӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Хулосаи гуфтаҳо аз он иборат аст, ки тафаккур тавони аз худ идеяҳои боломақоми зарурӣ барои баррасии табиати муҳит ва дастури раҳнамо тавлид карданро дорост. Инсон ин идеяҳоро бо диди "ботинии" худ, яъне бо гувоҳии зеҳнии дили худ дарк мекунад, зеро онҳо идеяҳо ба инсон рӯшан ва намо мебошанд. Мантиқи Декарт ба он оварда истодааст, ки тафаккур тавони донистани ҳама воқеоти оламро дорост.

**308. Гуфтаҳои болоро Р. Декарт дар кадом рисолааш тафсир кардааст?**

Ин гуфтаҳоро мутафаккир дар рисолаи "Муҳокима доир ба метод" тафсир карда, қоидаҳои зарурии "идораи тафаккур дар роҳи дарёфтани маърифати ҳақиқӣ"-ро нишон додааст. Қоидаҳои мазкур аз нуқоти зерин иборат мебошанд:

– ҳамчун ҳақиқати раднопазир эътироф кардани воқеияти рӯшан, ки, бешубҳа, тасаввур карда мешавад (масалан, Худо).

– ҳар як чизи мураккабро ба созмондиҳандагони ҷузъӣ тақсим карда то ба ҳақиқати раднопазир расидан (қоидаи анализ-таҳлил).

– дар маърифат аз зинаҳои оддӣ ба зинаҳои баланд баромадан (қоидаи синтез-ҷамъбандӣ кардан).

– барои итминон пайдо кардан, ки ҳеҷ чиз фаромӯш нашудааст, зарур аст, то ҳам ҷузъҳои омӯхташуда ва ҳам омӯхтанашуда ба низоми муайян дароварда шаванд.

Нуқоти мазкур аз қоидаҳои методии маърифат иборат мебошанд, ки Декарт пешниҳод кардааст. Мувофиқи ин метод, маърифат аз донишҳои интуитивӣ, мутаассиршавӣ (гувоҳии зеҳнии дил) ва дедуктивӣ (ҷамъбастӣ) оғоз гардида, ба сӯйи донишҳои ҷузъӣ ва аз онҳо ба донишҳои мушаххаси (конкретӣ) меравад. Хулоса, дар раванди маърифат Декарт авлавиятро ба донишҳои тафаккурӣ, ки онҳоро донишҳои ақлии ратсионалӣ мегӯянд, медиҳад. Бинобар ин ӯро намояндаи ҷараёни ратсионализм (ақлгароӣ) дар назарияи маърифат медонанд.

**309. Бенедикт Спиноза чӣ гуна мутафаккир буд?**

Б. Спинозаи ҳоландӣ (1632-1677) мутафаккире буд, ки дар эҷодиёти ӯ назарияи маърифати Декарт таҷассуми такмили худро пайдо кардааст, ки дар ин бора баъдтар суҳбат хоҳем кард. Фалсафаи Спинозаро фалсафаи монистӣ мегӯянд, ки дар он вай таълимоти мушаххаси худро дар бораи нахустасоси олам пешниҳод кардааст.

**310. Фалсафаи монистии Б. Спиноза чиро ифода мекунад?**

Фалсафаи мазкур таълимот дар бораи як нахустасос, нахустасоси худовандӣ, нахустасос дар шакли табиати яклухт, ки вай ҳама чизро дар бар мегирад ва ҳама чиз аз вай бармеояд, мебошад. Нахустасос, яъне субстансияи Спиноза, воқеияти додашудаи бевосита, ки моҳияташ зарурати мавҷудиятро дорад, ба шумор меравад. Вай зарурагест, ки онро сабаби худии худ “causa sui” меноманд. Нахустасосро ҳамчун сабаби худии худ муайян карда, Спиноза хусусиятҳои дигари нахустасосро, ба мисли абадият дар вақту замон ва беинтиҳоӣ дар фазоро низ муайян мекунад. Хулоса, тибқи таълимоти Спиноза, нахустасос (субстансия) чизест, ки онро табиат ё Худо меноманд. Аз ҳамин ҷо пантеизми Спиноза оғоз мегардад, яъне худо ҳастии берун аз табиат нест. Вай ҳастии ботинии табиат, ҳастии мустақили фавқуттабиӣ нест, балки омехтаи табиат мебошад ва табиат ибтидои ҳама гуна офариниш маҳсуб меёбад. Танҳо табиати яклухт ё нахустасос ҳастии зарурӣ мебошад, ки он тавони мавҷудиятро дорост.

**311. Агар табиат яклухт бошад, пас, воқеоти фардии бешумори мавҷуда дар табиат аз чиҳо иборатанд?**

Дар ҷавоби ин савол бояд гуфт, ки сабаби ҳастии худ дар худ, яъне субстансия, дар шомил кардани хусусиятҳои ҷудонопазири бешумор (атрибутҳо) ё хусусиятҳои моҳиятии бешумори вай мебошад. Хулоса, нахустасос (субстансия) якто аст, аммо хусусиятҳои ҷудонопазири он, атрибутҳои он, ки моҳияти нахустасосро ҳамчун ҳастӣ ифода мекунанд, бешумор ва беҳудуд мебошанд. Олами ашёи инсонро иҳотакунанда, - мегӯяд Спиноза, - аз ҳолати муайяни нахустасоси ягона ё модусҳои вай иборат аст, яъне ашё ва воқеоти мушаххас худ ба

худ вуҷуд надоранд, балки дар доираи муносибатҳои байниҳамдигарии ба субстансия алоқамандбуда вуҷуд доранд.

Нахустасос аз табиати истеҳсолкунанда, ки онро “nature naturata” мегӯянд, иборат аст аммо модусҳоро табиати истеҳсолшуда, яъне “natura naturans” мегӯянд. Ҳамин тариқ, табиат ҳамзамон ҳам ба сифати нахустасос, ки вай асоси созанда мебошад ва ҳам ҳамчун модусҳо, ки онҳо аз воқеоти аз табиат баромада маҳсуб меёбанд, баромад мекунад, Дар зери мафҳуми нахустасос ягонагии олам ифода карда мешавад, аммо дар зери мафҳуми модусҳо, ҳамчун ҳолати муайяни нахустасос, бисёршаклии он фаҳмида мешавад. Ягонагӣ ва бисёршаклӣ ду тарафи ҳамон як табиатро ифода мекунад.

**312. Ақидаҳои Б. Спиноза дар масъалаи назарияи маърифат чӣ гунаанд?**

Аз фалсафаи Декарт маълумамон гардид, ки инсон ҳастии нахустасосро тавассути ду хосияти он – имтидод ва ақл дониста мегирад, дарк мекунад. Б. Спиноза бошад, таълим медиҳад, ки “Тартиб ва робитаи идеяҳо ҳамон тавранд, ки тартиб ва робитаи чизҳо ҳастанд”. Бар хилофи ақидаи идеяҳои зотии (азалии) мавҷуд дар тафаккури Р. Декарт, Б. Спиноза мавҷудияти зотии онҳоро тамоман рад мекунад. Баръакс, ӯ мавҷудияти истеъдоди донишандӯзии зотиро эътироф мекунад ва таъкид менамояд, ки инсон бояд ин истеъдодро барои донишандӯзӣ такмил диҳад. Ин вазифаи инсон аст, - мегӯяд ӯ.

**313. Б. Спиноза дар кадом асараш мавзуи назарияи маърифатро баррасӣ кардааст?**

Ин мавзуъро Спиноза дар “Рисола дар бораи тоза кардани зеҳн” тафсир кардааст, ки он аз чаҳор тарзи зерини аз бар кардани дониш иборат аст:

– аз бар кардани дониш тавассути шунидан. Ин методро Спиноза дарҳол ботил мекунад, зеро ин методи дин мебошад, ки вай ҳамеша ба муқарраротн китоби Муқаддас ва ривоятҳои Муқаддас такя менамояд.

– аз бар кардани дониш дар асоси таҷрибаҳои пароканда, яъне таҷрибае, ки тавассути тафаккур муайян карда намешавад ва чунин таҷриба ё муроқиба тасодуфӣ мебошад. Ин донишҳо дар атрофи масъалаҳои зиндагии ҳамарӯза маҳдуд мешаванд ва

барои донишҳои илмӣ ба кор намеоянд, зеро тавассути онҳо аломатҳои тасодуфии ашёву воқеот аз бар карда мешаванд, на моҳияти онҳо.

– аз бар кардани дониш бо роҳи дарёфти сабаб аз натиҷа ё муайян кардани моҳият аз кадом як мафҳуми умумӣ. Ин роҳи дониш усули илмӣ бошад ҳам, дониши ботинан мукаммал ва мувофиқ ба объект ё ҳақиқатан заруриро дода наметавонад, зеро хосиятҳои чиз бевосита тавассути моҳият ҳал намегардад, аз моҳият бароварда намешавад.

– аз бар кардани дониш тавассути моҳияти ашё ва воқеот. Танҳо ҳамин усули дониш, ки онро Спиноза дониши интуитивӣ (гувоҳии зеҳни дил) меномад, ба мо донишҳои зарурӣ ва мувофиқи моҳият бехаторо дода метавонанд.

**314. Интуитсия дар фалсафаи Спиноза чӣ маъниҳоро дорад?**

Интуитсия (гувоҳии дил ҳам гуфтан мумкин аст), дар фалсафаи Спиноза, ба маънии донишҳои ақлии (ратсионалии) маърифати моҳияти ашё бар асоси дарки моҳияти нахустасос (субстансия) эътироф карда мешавад. Спиноза таъкид мекунад, ки инсон танҳо бо роҳи мутаассиршавӣ (интуитивӣ) моҳияти ашёро бехато фаҳмида метавонад.

Дар назарияи маърифати Спиноза донистани моҳият аз донистани модусҳо усулан фарқ мекунад. Чунончи, агар дар донистани модусҳо таҷриба нақши калон дошта тавонад, дар донистани моҳияти нахустасос ва атрибутҳои вай таҷриба аҳамияти назаррас надорад.

Ҳамин тариқ, Спиноза имкониятҳои маърифатии таҷрибаро бо хусусиятҳои камаҳамияти ашё маҳдуд карда, маърифати моҳиятро комилан ба тафаккур алоқаманд мегардонад. Моҳияти маърифати ратсионалистии Спиноза низ дар ҳамин аст, ки нақши ақл, тафаккурро нибат ба нақши маърифати таҷрибавӣ авлавият мебахшад.

**315. Оё фалсафаи Б. Спиноза аҳамияти амалӣ низ дорад?**

Бале, дорад. Аз шиносоии аввалӣ чунин менамояд, ки назарияи маърифати Спиноза хусусияти зоҳирӣ ва умумиятёфтаи таҷридӣ (абстрактӣ) дорад, аммо вақте ба таълимоти ӯ дар бораи нахустасос, дар бораи инсон, чигунагии ахлоқи вай аҳамият медиҳед, ба хулоса меоед, ки вай ба таври

бояду шояд ва оқилона аз бар кардани зиндагии инсонро низ ҳамчун ҳадафи маърифат қарор додааст. Чунончи, вақте сухан дар бораи инсон ва роҳи расидани ӯ ба озодӣ меравад, Спиноза қайд мекунад, ки "Озодӣ зарурати донисташуда мебошад". Бинобар ин инсони озодихоҳ бояд, қабл аз ҳама, заруратро низ дар назар дошта бошад. Хулоса, чун мебинем, дар доираи фалсафаи ратсионалистӣ низ афкори гуногун ба вуҷуд меоянд, ки ҳар яки онҳо заминаи муайяне ба рушди минбаъдаи афкори фалсафӣ ба вуҷуд овардааст.

**316. Шахсияти дигаре, ки бо ақидаҳои нав баромад кардааст, кӣ буд?**

Ин шахсият файласуфи бузурги Олмон Готфрид Вилгелм Лейбнис (1646-1716) буд, ки ҳам фалсафаи дуалистии Р. Декартро ва ҳам фалсафаи монистии Б. Спинозаро рад карда, фалсафаи плюралистии худро пешкаши таърихи фалсафа гардонидааст, ки мувофиқи он ҳастӣ аз маҷмуи бешумори нахустасосҳо - монадаҳо иборат мебошад.

**317. Мафҳуми плюрализм чиро ифода мекунад?**

Вожаи "плюрализм" лотиниасос буда, маънии тоҷикиаш сершумор мебошад. Ҳамчун мафҳуми фалсафӣ, барои ифода кардани якчанд нахустасос ва ё нахустасосҳои сершумори мустақил ва ба ҳамдигар алоқамандӣ надошта истифода карда мешавад.

**318. Мафҳуми монизм чиро ифода мекунад?**

Калимаи монизм юнониасос буда, маънояш як, ягона мебошад, аммо ҳамчун мафҳуми илмии фалсафӣ барои ифода кардани асоси ягона доштани воқеоти сершумори олам истифода карда мешавад. Монизм, дуализм ва плюрализм аз ҳамдигар бо ифода кардани теъдоди нахустасоси олам тафовут доранд.

**319. Мафҳуми монада чиро ифода мекунад?**

Мафҳуми "монада" юнониасос буда, маънояш як, ягона, тақсимнопазир мебошад. Дар таърихи фалсафа тарзҳои гуногуни истифода дорад. Дар фалсафаи Лейбнис ифодакунандаи нахустасосҳои сершумор маҳсуб меёбад, ки ҳар

яки он тафсиркунандаи табақоти гуногуни инкишофро муайян менамояд. Монадаҳои Лейбнис ниҳоят хурдтарин нахустасосҳои тақсимнашаванда "атомҳои ҳақиқии табиат" мебошанд.

**320. Бо дохил кардани монадаҳо ба фалсафа Лейбнис чиро тақозо кардааст?**

Бо дохил кардани ин мафҳум Лейбнис таълим медиҳад, ки нахустасос ҳамчун оғози ибтидои ҳама мавҷудот бояд мутлақо сода ва тақсимнашаванда бошад. Вай мураккаб буда наметавонад, зеро нахустасоси мураккаб аз нахустасосҳои сода таркиб меёбад ва ба онҳо алоқаманд мегардад. Бинобар ин Лейбнис ба хулоса меояд, ки нахустасос бояд тақсимнашаванда бошад. Монадаҳо ифодакунандаи ҳамон нахустасосҳои сершумори тақсимнашаванда ба шумор мераванд. Бар хилофи назарияи атомистии фалсафаи Антиқа, монадаҳои Лейбнис асоси моддӣ надошта, балки хусусияти маънавӣ, руҳӣ доранд.

Монадаҳои Лейбнис тағйирнаёбанда буда, ҳар яки он доираи олами сарбастаеро мемонад. Онҳо абадӣ ва нестнашаванда мебошанд. Монадаҳо дар натиҷаи нурафшонии муттасили худовандӣ ба вуҷуд меоянд ва танҳо тавассути қудрати фавқуттабиӣ нест карда шуданашон мумкин аст.

Сарфи назар аз он, ки монадаҳо моҳиятҳои рӯҳонии дар ҳолати фаъолият қарордошта мебошанд, ҳар як аз онҳо муайянии худро дорад, ки тавассути он аз ҳамдигар фарқ мекунад. Дар фалсафаи Лейбнис се навъи монадаҳои зерин мушоҳида карда мешаванд:

– монадаҳои дараҷаи пасти инкишоф, ки онҳо танҳо ба фаъолияти суст, заифи истеъдоди тасаввуркунӣ соҳиб мебошанд. Онҳо ҷисмҳои физикиро, яъне ашёи олами ғайризиндаро ба вуҷуд меоваранд;

– монадаҳо, ки онҳоро Лейбнис рӯҳ, ҷон мегӯяд. Ин монадаҳо эҳсос ва тасаввурот доранд, ки аз онҳо олами ҳайвонот ва наботот ба вуҷуд меоянд;

– монадаҳо, ки онҳоро Лейбнис фариштаҳо меномад. Ин монадаҳо дорои шуур буда, дар зинаи болотарини инкишоф меистанд. Онҳо муайянкунандагони моҳияти инсон мебошанд.

**321. Монадаҳои Лейбнисро чӣ тавр аз бар кардан мумкин аст?**

Бояд гуфт, ки ратсионализми Лейбнис ҳамин чизро тақозо мекунад, ки монадаҳои ӯро, ки асоси моддӣ надоранд (асоси онҳо рӯҳонӣ мебошад), тавассути таҷриба донистан имконнопазир аст. Бинобар ин монадаҳо танҳо тавассути тавони ақл, тафаккур дониста шуданашон имкон дорад. Чунин маънидоди аз бар кардани дониш ба ақлгароӣ мебарад.

**322. Магар назарияи маърифати Лейбнис ба ақидаҳои дар боло омада алоқамандӣ дорад?**

Бале, дорад. Танҳо бояд таъкид кард, ки Лейбнис кӯшиш кардааст, ки ратсионализмро бо эмпиризм дар алоқамандӣ баррасӣ намояд ва авлавиятро ба ақл, тафаккур диҳад. Ҳамин амалро тавассути ба ду навъи ҳақиқат тақсим кардани он иҷро карданӣ шудааст, ки онҳоро бо ифодаҳои “ҳақиқати ақлонӣ” ва “ҳақиқати далелӣ” таъбир кардааст.

**323. “Ҳақиқати ақлонӣ” чиро ифода мекунад?**

“Ҳақиқати ақлонӣ” аз идеяҳои азалии дар тафаккур вуҷуддошта иборат буда, тадриҷан инкишоф меёбад ва то ба сатҳи худогоҳӣ мерасад. Ин “ҳақиқат” хусусияти мансубияти куллӣ ва зарурӣ дорад, ки ба донишҳои мантиқӣ ва математикӣ лозиманд.

**324. Ба “ҳақиқати далелӣ” чӣ дохил мешавад?**

Ин шакли ҳақиқат хусусияти кулли ва зарурӣ надорад. Чунин ҳақиқатҳо эмпирикӣ ва тасодуфӣ буда, тавассути методи дедуктивӣ бароварда намешаванд, балки тавассути методи индуктивӣ дарёфт карда мешаванд. Ба “ҳақиқати далелӣ” Лейбнис қонунҳои табиате, ки тавассути илмҳои табиатшиносӣ кашф карда мешаванд, дохил мекард. Сарфи назар аз эътироф кардани аҳамияти “ҳақиқати далелӣ”, Лейбнис ба “ҳақиқати ақлонӣ” авлавият медиҳад.

Бо низоми ратсионалистии Лейбнис ин ҷараёни фалсафии асри XVII ба охир мерасад, ки вай, минбаъд, яке аз заминаҳои фалсафаи классикии Олмон низ мегардад.

**325. Дар давраи Нав боз кадом ҷараёнҳои фалсафӣ инкишоф ёфтанд?**

Дар ин давра чунин ҷараёнҳои фалсафӣ ба монанди сенсуализм, назарияи субъектививу идеалистии маърифат, агноститсизм ва назарияҳои иҷтимоиву сиёсӣ низ рушд ёфтанд.

**326. Сенсуализм чист ва кадом мутафаккири даврaи Нав ин ҷараёнро пайваста инкишоф додааст?**

Сенсуализм аз калимаи лотинӣ - сенсус буда, маънояш ҳис мебошад. Дар фалсафа бо ин мафҳум ҷараёнеро дар назарияи маърифат ифода мекунанд, ки мувофиқи он, ҳис заминаи асосии дониши ҳақиқӣ маҳсуб меёбад. Намояндагони ин ҷараён дар ихтилоф бо намояндагони ратсионализм кӯшиш мекунанд, ки мӯҳтавои донишро тавассути фаъолияти узвҳои ҳис маънидод намоянд.

Сенсуализм ба эмпиризм, ки таҷрибаи ҳиссиро ягона манбаи дониш эътироф мекунад, наздикӣ дорад. Намояндагони ин ҷараёнро дар саволу ҷавобҳои поёнӣ номбар ва ақидаҳояшонро баррасӣ хоҳем кард.

**327. Сенсуализм танҳо ба равияи материалистӣ (моддагароӣ) тааллуқ дорад ё мӯҳтавои ин мафҳумро равияи идеалистӣ (руҳгароӣ) низ истифода мекунад?**

Сенсуализм ҳам дар равияи материалистӣ ва ҳам идеалистӣ истифода мешавад.

Сенсуализми материалистӣ таълим медиҳад, ки ҳис дар натиҷаи таъсири воқеоти олами беруна ба вуҷуд меояд, шуури инсонро ба ин олам мепайвандад ва инъикоси он маҳсуб меёбад. Аммо сенсуализми идеалистӣ дар ҳис кадом як соҳаи худмавҷуди шуурро мебинад. Намояндагони ин гуна маънидод гардидани дониши ҳиссӣ чунин таълим медиҳанд, ки ҳис манбаи дониш ба шумор меравад, аммо вай инъикоси воқеоти олами беруна набуда, балки хабардиҳандаи маълумот дар бораи ҳолати ҳиссии худи инсон мебошад, яъне дониши ҳиссӣ ба ҳолати муайяни худи инсон вобастагӣ дорад.

**328. Намояндагони сенсуализми материалистии давраи Нав киҳо буданд?**

Ба ин қатор мутафаккирон Гассенди, Гоббс ва Ҷон Локк дохил мешаванд.

**329. Ҷон Локк кӣ буд?**

Ҷон Локк (1632-1704) файласуф, олими сиёсатшинос ва маорифпарвари англис буд.

**340. Фалсафии Ҷон Локк кадом мавзуъҳоро дар бар мегирад?**

Ҷон Локк яке аз асосгузорони назарияи сенсуалистии (эҳсосгароии) маърифат ва таълимоти сиёсии либерализм ба шумор меравад ва фалсафаи ӯ, асосан, ба ҳамин мавзуъҳо бахшида шудааст.

**341. Асари "Таҷриба дар бораи тафаккури инсон" ба кадом мутафаккир тааллуқ дорад?**

Ба Ҷон Локк.

**342. Ҷон Локк дар асари "Таҷриба дар бораи тафаккури инсон" кадом масъалаҳои фалсафиро баррасӣ кардааст?**

Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки Ҷ. Локк дар ин асар тафаккур, истеъдод, вазифаҳо ва ҳудуди имконоти тафаккурро мавриди баррасӣ қарор додааст. Локк таъкид мекунад, ки омӯхтани ин мавзуъ ба он хотир аст, ки агар инсон истеъдоди маърифатии худро донад, аз скептитсизм ва бефаъолиятии тафаккур эмин мемонад.

Дар рисолаи мазкур Ҷон Локк "идеяҳои азалии" Декарт ва "усули азалии" Лейбнисро зери танқиди шадид қарор медиҳад ва таъкид мекунад, ки ҳеҷ гуна идея ва усулҳои азалӣ вуҷуд надоранд. Онҳоро Худо ба тафаккури инсон ҷо накардааст, балки онҳо тавассути саъю кӯшиши худи инсон ташаккул меёбанд. Ӯ қайд мекунад, ки ҳама гуна донишҳоро мо аз таҷриба, аз таъсири воқеоти олами беруна мегирем. Одамон бо идеяҳои зотӣ таваллуд намешаванд. Майнаи кӯдаки навзод ба мисли тахтачаи тоза, ки онро табула раса (tabula rasa) мегӯянд, мебошад ва зиндагӣ дар он нақшҳои худро мегузорад.

**343. Ҷон Локк ду манбаи идеяҳоро ишора мекунад. Ин манбаъҳо кадомҳоянд ва онҳо чиҳоро ифода мекунанд?**

Ба ду манбаи ишора кардаи Ҷ. Локк манбаи ҳиссӣ ва манбаи инъикосӣ (рефлексӣ) дохил мешаванд, ки онҳо дар навбати худ ҳамчун унсурҳои тафаккурии тавлидкунандаи идеяҳо маҳсуб меёбанд.

Эҳсос (ҳисҳо) дар натиҷаи ба узвҳои эҳсос таъсир кардани воқеоти ҷисмонии дар олами беруна вуҷуддошта ба вуҷуд меоянд ва дар натиҷаи таъсиррасонӣ акси ҷисмҳои беруна гирифта мешавад, ки он дар навбати худ идеяҳоро ба вуҷуд меоварад. Идеяҳои дар эҳсос ба вуҷуд омадаро Локк ба ду гурӯҳ тақсим мекунад, ки онҳоро сифатҳои аввалӣ ва дувумӣ меномад. Идеяҳои сифатҳои аввалӣ аз ҷисмҳо ҷудонопазир, дар худи онҳо вуҷуд доранд, яъне хусусияти воқеӣ доранд. Ба ин қабил идеяҳои сифатӣ хосиятҳои фазоии ҷисмҳо, ба монанди зичӣ, масса (азамат), ҳаракат ва анвои дигари хосиятҳо дохил мешаванд. Локк, дар пайравӣ бо И. Ниютон объективона, яъне дар воқеият ва якҷоя бо ҷисмҳо вуҷуд доштани хосиятҳои сифати аввалиро эътироф мекунад. Чун аз баррасии ақидаҳои Р. Декарт медонем, ӯ, яъне Р. Декарт, объективона вуҷуд доштани хосиятҳои сифати аввалиро эътироф намекард ва таълим медод, ки онҳо хосиятҳои сифати аввалии мансуб ба ақл, тафаккур мебошанд, хусусияти воқеӣ ва якҷоя ба ҷисмҳо вуҷуд доштанро надоранд.

Сифатҳои дувумӣ, ки ба онҳо ранг, мазза, овоз, гармӣ, дард ва ғайра дохил мешаванд, ба инсони (субъекти) маърифаткунанда алоқамандӣ доранд ва тавассути эҳсоси вай муайян карда мешаванд. Ба ифодаи дигар, онҳо, яъне сифатҳои дувумӣ ё идеяҳои сифатҳои дувумӣ дар натиҷаи бархӯрди объект бо субъект ба вуҷуд меоянд. Аммо дар ҷисмҳо танҳо имконияти ба вуҷуд овардани чунин эҳсос вуҷуд дорад. Чунончи, агар инсон узви шунавоӣ ё узви биноӣ (басарӣ) надошта бошад, пас, эҳсоси сифатҳои дувумӣ ба мисли овоз, ранг низ шуда наметавонанд ва дар имконияти воқеияти онҳоро тавлидкунанда боқӣ мемонанд. Ана ҳамин қисмати маънидоди охирии Ҷ. Локк яке аз заминаҳои ақидаи идеализми субъективӣ мегардад, ки онро дар саволу ҷавобҳои оянда баррасӣ хоҳем кард.

Манбаи дувум, ки манбаи инъикосӣ (рефлексӣ) номида мешавад, ба фаъолияти бевоситаи ақл, тафаккур тааллуқ дорад, ки он акнун на ба ашёи мушаххаси олами беруна сару кор дорад, балки бо эҳсоси инъикос гардида кор мекунад ва онро коркард менамояд. Коркард бо эҳсос бар асоси се истеъдоди рух, яъне тафаккур: пайвасткунӣ, муқоисакунӣ ва умумиятбахшӣ, таҷридкунӣ (абстраксиякунӣ) анҷом мепазирад. Дар натиҷа, идеяҳои умумӣ, мураккаб, ба мисли идеяи субстансия (нахустасос) арзи вуҷуд мекунанд.

**344. Оё идеяҳои Ҷ. Локк ҳақиқати воқеӣ мебошанд ва чаро ӯ се навъи донишро баррасӣ кардааст?**

Масъалаи идеяҳоро баррасӣ намуда, Локк дар назди худ саволи ҳақиқат будани онҳоро, арзишмандии онҳоро барои маърифат мегузорад, “зеро, - мегӯяд Локк, - маърифат ҳақиқатро тақозо мекунад ва дар сурате ҳақиқат мешавад, ки идея ба воқеияти инъикосшаванда мувофиқат кунад”. Ҳақиқатро Локк ҳамчун пайвастшавии идеяҳо ва мувофиқат кардан ё мувофиқат накардани онҳо бо ашёи инъикосшавандаашон маънидод мекард.

Барои тасдиқи дақиқият ва бешубҳа будани дониш, Ҷ. Локк се навъи донишро ҷудо кардааст: дониши интуитивӣ, мутаассиршавӣ (гувоҳии дил), дониши намоишӣ ё таҷрибавӣ ва дониши ҳиссӣ, ки онро сенситивӣ низ мегӯянд. Аз ҳама навъи дониш ӯ дониши интуитивиро, ки дар асоси таҷриди таҷрибаи ботинӣ ба амал меояд, эътироф мекунад. Дониши намоишӣ ё таҷрибавиро ба мақоми дувум мегузорад. Ин дониш дар натиҷаи таҷриди идеяҳое, ки аз таҷрибаи зоҳирии воқеият ба амал меоянд, ба даст меояд. Дар мақоми севум дониши сенситивӣ ё ҳиссӣ ҷой мегирад, ки он дар натиҷаи эҳсоси чизҳои фардии мушаххаси дар олами беруна буда ба амал меояд. Тавассути ин навъи дониш мо дар бораи вуҷуд доштани чизҳои дигар мутааккид мешавем.

Хулоса, қайд кардан лозим аст, ки фалсафаи Ҷон Локк назарияи сенсуалистии маърифатро ҳаматарафа баррасӣ намуда, аввалин маротиба танқиди ҳамаҷонибаи назарияи идеяҳои зотиро анҷом додааст. Ҳамчунин Локк масъалаи тарзи ташаккули мафҳумҳои таҷридиро мавриди таҳқиқ қарор дода, ба баррасии танқидии ақл, хатоҳои имконпазир ва

раҳгумшавиҳои он тавачҷуҳи хоса зоҳир кардааст. Дар соҳаи ҷомеашиносӣ бошад, Локк яке аз бузургтарин асосгузорони идеологияи либерализм ба шумор меравад. Ин ва хидматҳои дигари ӯ барои рушди минбаъдаи афкори фалсафӣ саҳми назаррас гузоштанд, ки хидмати арзандааш низ дар ҳамин аст.

**345. Ҷорҷ Беркли кӣ буд?**

Ҷорҷ Беркли (1685-1753) мутафаккир ва руҳонии англис, намояндаи назарияи идеализми субъективӣ ва сенсуализми идеалистӣ ба шумор меравад.

**346. Муҳтавои афкори фалсафии Ҷорҷ Беркли аз чиҳо иборатанд?**

Қабл аз ҳама, қайд мекунем, ки Беркли сенсуализми материалистии Ҷон Локк, махсусан, таълимоти ӯро дар бораи сифатҳои аввалӣ ва дувумӣ мавриди танқиди шадид қарор додааст. Беркли таълим медод, ки ҳама гуна сифатҳо сифатҳои дувумӣ мебошанд. Ҳеҷ гуна сифатҳои аввалӣ вуҷуд надоранд. Ҳамаи сифатҳоро танҳо дар рӯҳ (шуур, тафаккур) ҷустан мумкин аст. Мо ҳеҷ чизро дар бораи кадом як хосиятҳои фазоӣ, ба монанди зичӣ, масса, ҳаракат дониста наметавонем, зеро онҳоро мо эҳсос намекунем. Ҳатто чунин як хосияти оддӣ, ба монанди ҳаҷм низ маҳсули тасаввуроти шахсии мо мебошад, зеро он, вобаста ба масофаи ҷойгиршавиаш аз мо, ба мо ё калон ва ё хурд менамояд. Бинобар ин байни сифатҳои аввалин ва дувумин тафовут нест. Ҳам ин ва ҳам он аз эҳсосҳо иборат мебошанд. Хулоса, берун аз шуур эҳсос нест. Чунин маънидод аз он шаҳодат медиҳад, ки берун аз шуур ҳеҷ чиз нест, яъне ҳама ашё ғайр аз моҳияти маҷмуъ ё баҳамомаданҳои (комбинатсияҳои) устувору доимии эҳсос чизи дигаре нест.

Ҷ. Беркли дар масъалаи “мавҷудият” низ ҳамин ақидаашро ба кор мегирад ва таълим медиҳад, ки вуҷуд доштани ашё “маънии ҳатман эҳсосшавиро бояд дошта бошад”. Ниҳоят ӯ ба масъалаи меҳварии фалсафааш омада мерасад, ки онро тавассути ифодаи “вуҷуд доштан, яъне эҳсосшаванда буданро дар назар дорад”. Ин ақидаҳо, дар ниҳояти кор, Берклиро ба солипсизм меоваранд.

**347. Солипсизм чист?**

Солипсизм калимаи лотиниасос буда, маъниаш “танҳо худам” мебошад. Аммо, ҳамчун мафҳуми ифодакунандаи ҷараёни фалсафӣ таълимотест, ки мавҷудияти танҳо субъекти (шахси) эҳсоскунандаи муайянро мефаҳмонад. Агар ҳамин субъекти эҳсоскунанда набошад, пас, ҳеҷ чиз нест. Агар маънии мазкурро ба ифодаи дигар гӯем, чунин мешавад, ки сабаби ҳама мавҷудот ба “Ман” тааллуқ дорад. “Ман” нестам, ҳеҷ чиз нест. Агар саволе ба миён ояд, ки як субъект ҳама чизро фаро гирифта наметавонад, пас, онҳо дар куҷо ҳастанд? Дар ҷавоб ба ин савол Беркли мегӯяд, ки онҳо дар эҳсоси субъектҳои дигари мисли ман вуҷуд доранд. Агар ин ҷавоб ҳам, - мегӯяд, - Беркли шуморо қонеъ карда натавонад, пас ашёе, ки онҳоро ҳеҷ кас эҳсос намекунад, дар шакли “маҷмӯи идеяҳо” дар шуури худовандӣ, яъне дар ақли олӣ - Худо мавҷудияти худро идома медиҳанд. То ин нукта Беркли намояндаи идеализми субъективӣ буд, вале азбаски дар айни ҳол вуҷуд доштани ақли олӣ - Худоро эътироф карда истодааст, пас, вай ба тарафи идеализми объективӣ гузашта истодааст. Маънии ин гузариш аз он иборат аст, ки танҳо Худои мутлақ объективона вуҷуд дорад, арвоҳ бошад дар таносуб бо Худо вуҷуд доранд, эҳсос дар таносуб ба арвоҳ, вале воқеоти ҷисмонӣ танҳо дар таносуб ба эҳсос арзи ҳастӣ мекунанд. Хулоса, азбаски Беркли рӯҳонӣ буд ва ба Худо эътиқоди калон дошт, Вайро эътироф накарда наметавонист, ки дар натиҷа ба идеализми объективӣ гузашт. Дар охир бояд қайд кард, ки гносеологияи (назарияи маърифати) субъективии Ҷ. Беркли ба рушди минбаъдаи ҷараёни агноститсизм замина нашуда наметавонист.

**348. Агноститсизм чист?**

Дар ин бора дар саволу ҷавобҳои боло гуфта будем. Бори дигар такрор мекунем, ки агноститсизм аз ду калима таркиб ёфта *“а” – не, инкор* ва *“гносиз” – дониш, маърифат* мебошад. Ҳамчун ҷараёни фалсафӣ дар назарияи маърифат ба маънии инкори донисташавандагии олам истифода мешавад.

**349. Намояндагони ин ҷараён киҳо буданд ва мафҳуми агноститсизмро ҳамчун истилоҳ аввалин маротиба кадом мутафаккир истифода кардааст?**

Ин мафҳумро ҳамчун истилоҳ аввалин маротиба олими табиатшиноси англис Т. Гексли дар соли 1869 истифода карда буд. Намояндагони машҳури ин ҷараён Дэйвид Юм ва Иммануил Кант мебошанд, ки ҳоло мо танҳо ақидаҳои Д. Юмро баррасӣ менамоем.

**350. Дэйвид Юм чӣ гуна мутафаккир буд?**

Д. Юм (1711-1776) файласуф, муаррих, иқтисоддон, дипломат ва шахсияти сиёсиву ҷамъиятии англис буд, ки рушди фалсафаи идеализми субъективиро дар самти агноститсизм идома додааст. Яке аз пешгузаштагони ҷараёни позитивизм ба шумор меравад.

**351. Мухтавои мухтасари ақидаҳои фалсафии Д. Юм аз чиҳо иборат мебошад?**

Қабл аз ҳама, қайд мекунем, ки назарияи маърифати Д. Юм дар натиҷаи таҳлил ва таҳқиқи идеализми субъективии Ҷ. Беркли ташаккул ёфтааст, ки он самти агностикӣ дорад. Асари илмиаш ба унвони "Рисола дар бораи моҳияти инсон" машҳур аст, ки дар он ақидаҳои фалсафии мутафаккир ҷой дода шудаанд. Ба андешаи Д. Юм мавзӯи марказии фалсафа набояд аз он иборат бошад, ки чӣ тавр ашё ба узвҳои эҳсос таъсир мерасонанд ва эҳсосро ба вуҷуд меоварад, балки бояд аз масъалаи дарки эътимоднокии маърифат ва дониш иборат бошад, яъне масъалаи бо эътимод будани маърифат бояд ҳамчун мавзӯи омӯзиш қарор гирад, - мегуфт Д. Юм.

Барои гузаштан ба маънидоди ақидаҳои Юм доир ба масъалаҳои раванди маърифат лозим аст пурсон шавем, ки оё ӯ мавҷудияти олами моддиро эътироф мекард? Дар ҷавоб ба ин савол бояд гӯем, ки Юм ба ин савол ба ифодаи "намедонам" ҷавоб медод. Ӯ ақида дорад, ки инсон берун аз ҳудуди эҳсоси худ баромада, чизеро берун аз худ фаҳмида наметавонад. Дониши муътамад барои Юм танҳо донишҳои мантиқӣ ба шумор мераванд, аммо ашёи таҳқиқшаванда, ки далелҳоро дар назар дорад, наметавонанд мантиқан исбот карда шаванд, балки аз таҷриба баровarда мешаванд. "Таҷриба бошад,- таълим медод Юм,- ҷараёни "таассурот" мебошад, ки сабабҳои онҳо номаълум ва донистанашаванда мебошанд". Ба сабаби он ки таҷрибаро мантиқан исбот кардан мумкин нест, донишҳои

тачрибавӣ муътамад буда наметавонанд. Чун дар боло гуфтем, агар дониши тачрибавӣ чараёни “таассурот” бошад, пас, мо аввал як таассурот, баъд таассуроти дигар ва ғайра пайдо мекунем. Ифодаи он ки як ҳодиса пештар ба вучуд омада сабаби ҳодисаи дигар мешавад, исботнашаванда мебошад, яъне масъалаи он ки ҳодисаи аввал сабаби ба вучуд омадани ҳодисаи дувум мегардад, исботшаванда нест. Албатта, мо мурокиба мекунем, ки натича аз сабабе пайдо мешавад, вале чунин фаҳмиш ҳолати равонӣ аст, на исботшаванда. Сабабияти вокеиро Юм инкор карда ба хулосаи нодурусти имконнопазир будани маърифати сабабияти вокеӣ меояд. Ӯ бовар дорад, ки сабабият субъективӣ мебошад, ки вай дар шакли идеяҳо (накшҳои хотира) дар натичаи таассуроти ҳиссӣ ба вучуд меоянд. Ҳамин тарик, Юм ба хулоса меояд, ки манбаи маърифати инсон ба донишҳои назариявӣ такя накарда, балки ба боварӣ такя мекунад. Ба мисли он ки мо боварӣ дорем, ки ҳар рӯз офтоб мебарояд, шаб мешавад ва ғайра. Натичаи фалсафаи Юм скептитсизм мебошад. Ӯ таълим медод, ки ҳама гуна муҳокимаронихои фалсафӣ сарҳади донишҳои моро андаке васеътар мегардонад ва шуури итминон ба муътамад набудан ва маҳдуд будани доираи маърифати инсонро ташаккул медиҳад. Бинобар ин, “мо бояд скептитсизми худро дар ҳама ҳолатҳои ҳаёт нигоҳ дорем”.

Қабл аз ба охир расонидани рушди афкори фалсафии даврони Нав лозим аст доир ба назарияҳои ичтимоиву сиёсии фалсафаи асри XVII низ баъзе андешаҳоро баррасӣ намоем, ки дар ин чода фалсафаи Томас Гоббс ва Чон Локк аҳамияти калон дорад.

**352. Томас Гоббс кӣ буд?**

Томас Гоббс (1588-1679) файласуфи англис, хатмкунандаи донишгоҳи Оксфорд, донандаи забонҳои кадимаи классикӣ буд. Ба ташаккули фалсафаи Т. Гоббс муҳити илмиву ичтимоии даврони зиндагиаш, махсусан илми механика ва инкилоби буржуазия таъсир расонидааст.

**353. Муҳтавои мухтасари афкори фалсафии Т. Гоббс аз чиҳо иборатанд?**

Афкори фалсафии ӯ ба пояи механика такя мекунад, ки онҳо дар зери таъсири ақидаҳои Евклид ва Галилей ташаккул ёфтаанд. Тибқи фалсафаи механистии ӯ, танҳо ҷисмҳо хусусияти воқеӣ доранд, аммо хосиятҳои онҳо, ба монанди ҳаракат, ҳаҷм ва ғайра субъективӣ мебошанд.

Дар масъалаҳои назарияи маърифат Т. Гоббс дар мавқеи сенсуализм меистод. Масъалаи фалсафа ва маърифати Гоббс аз мавзуъҳои омӯзиши ҷисм, инсон, шаҳрванд иборат буданд.

Гоббс ҳама гуна эътиқодотро танқид мекард, вале мавҷудияти Худоро эътироф менамуд. Худоро ҳамчун сарчашмаи оғози "нерӯи ҷаҳонӣ", ҳамчун сабаби аввалини ҳама гуна ҳастӣ эътироф мекард. Худро Евклиди соҳаи ҷомеашиносӣ меҳисобид.

**354. Ақидаҳои иҷтимоиву сиёсии Т. Гоббс аз чиҳо иборатанд?**

Томас Гоббс дар ин соҳа афкори ҷолиби диққат дорад. Агар мавзӯъҳои баррасии Гоббсро таҳлил кунем, маълум мешавад, ки ӯ бештар дар атрофи масъалаи давлат, қонун ва қонуният, сулҳу истиқрор дар давлат ва низом дар ҷомеа муҳокимаронӣ кардааст. Ҳалли ин ва масъалаҳои дигари баррасикардаи Т. Гоббс дар асарҳояш "Доир ба шаҳрванд" ва "Левиафан" анҷом дода шудаанд.

Ҷомеа ва давлатро Гоббс ҳамчун як механизми мураккаб баррасӣ мекунад ва таълим медиҳад, ки онро метавон ба унсурҳои созмондиҳанда ҷудо карда, ҳар яки онро дар асоси қонунҳои табиат маънидод намуд. Дар алоқамандӣ ба ҳамин ақида Гоббс ду ҳолати ҷомеаро: ҳолати табиӣ ва ҳолати шаҳрвандӣ тақсим мекунад.

Одамон дар ҳолати табиӣ баробар мебошанд ва ҳар яки онҳо кӯшиш мекунад, ки аз болои дигарон ҳукмронӣ кунад ва манфиатҳои худро қонеъ намояд. Ҳамин ҳолат ба он меоварад, ки одамон ҳамеша дар ҳолати "ҷанги ҳама бо ҳама" ба сар мебаранд. Дар чунин ҷанг ғолиб ва мағлуб шуда наметавонад. Бинобар ин ва барои ҳифзи мавҷудият одамон бояд сулҳро ҷустуҷӯ намоянд, ки он тақозои ақли табиӣ мебошад. Ҳамин ақли табииро Гоббс қонуни табиат меномад. Қонуни табиат

бошад, дарёфти қоидаҳои умумӣ, ки ақли табиӣ онҳоро пайдо кардааст, ба шумор меравад.

Қонуни аввалини пайдо кардаи ақли табиӣ шиори "лозим аст сулҳро ҷустуҷӯ кард ва ба сулҳ руҷуъ намуд" ба шумор меравад, ки тавассути он ба "ҷанги ҳама бо ҳама" хотима додан мумкин аст. Хотимаи ҷанг бояд ба бастани паймон[3] биоварад. Дар натиҷа ҳама бошандагон қисме аз соҳибихтиёрии худро ба манфиати ҳама медиҳанд. Чунин паймон, дар сурати амалӣ кардани он, метавонад воситаи бартараф кардани ҷанги "ҳама бо ҳама" гардад. Аз ҳамин ҷост, ки қонуни дувуми табиат "одамон бояд паймони бастаи худро иҷро кунанд" маҳсуб меёбад.

Барои он ки паймони байни одамон "тӯлонимуддат ё доимӣ бошад, дар ҷомеа ҳокимияти умумӣ лозим аст, ки он одамонро дар зери тарс нигоҳ дошта, фаъолияташонро ба манфиати ҳама равона кунад". Чунин хокимиятро танҳо дар як ҳолат таъсис додан мумкин аст, ки он ҳам бошад тамоми ихтиёр бояд ба дасти як нафар супорида шавад. Ҳамин тариқ, давлат ба вуҷуд меояд, ки аз болои он ҳокимияти мутлақ раҳбарӣ мекунад. Хулоса, Гоббс тарафдори мутлақият буд. Давлати ба вуҷуд омадаро ба Левиафан (деви афсонавӣ дар Библия) баробар мекунад. Давлат дар навбати худ ба ҷойи қонунҳои табиӣ, қонунҳои ҷомеаро ба вуҷуд меоварад ва тавассути маҷбуркунӣ онҳоро иҷро мекунад. Шаклҳои давлатро ҳамчун мутлақият, аристократя ва демократия маънидод мекунад ва худ тарафдори ҳокимияти мутлақият ба шумор мерафт.

Таълимот дар бораи ҳуқуқи ҷомеа ва паймони ҷомеаро минбаъд Ҷон Локк рушд бахшидааст.

### 355. Муҳтавои мухтасари афкори Ҷ. Локк дар масъалаи ҳуқуқи ҷомеа ва паймони ҷомеа аз чиҳо иборат аст?

Дар бораи шахсият ва афкори фалсафии Ҷ. Локк дар саволу ҷавобҳои болоӣ муфассал гуфта будем. Ҳоло лозим аст бубинем, ки дар масъалаи ҳуқуқи ҷомеа ва паймон Локк чӣ

---

[33] Паймон – аҳднома аст, ки дар байни аъзои ҷомеа барои таъсиси давлат баста мешавад, яъне, аъзои ҷомеа байни ҳамдигар паймон мебанданд, то ҳокимияти сиёсии идоракунандаи худашонро ба вуҷуд оваранд.

ақидаҳои фарққунанда доштааст? Маълум аст, ки Локк яке аз асосгузорони назарияи идеологияи либерализм ба шумор меравад. Ин ва дигар масъалаҳои ҷомеашиносиро Ҷ. Локк дар асараш ба унвони "Ду рисола дар бораи ҳукумат" муфассал баррасӣ кардааст. Локк дар таълимоти ичтимоиву сиёсиаш ба мисли Т. Гоббс ҷонибдори ҳолати табиии ҷомеа меистод, вале дар ҷомеаи Ҷ. Локк "ҷанги ҳама бо ҳамаи" Гоббс бо ифодаи "салтанати озодӣ ва баробарӣ" таъбир карда мешавад, ки дар доираи он ҳама ҳуқуқи баробари озодӣ дорад. Ба ҳуқуқҳои табиии дахлнопазир Локк се ҳуқуқро: ҳуқуқ ба ҳаёт, ба озодӣ ва моликияти бо меҳнати ҳалол ба даст омадаро дохил карда буд. "Ҳеҷ кас, - мегуфт ӯ, - ҳақ надорад, ки "ба зиндагӣ, саломатӣ, озодӣ ва моликияти инсон зарар расонад".

Моҳияти асосии таъсис додани давлат дар он аст, ки ҳуқуқи дахлнопазири одамон ва моликияти онҳо ҳимоя карда шаванд. Локк ҷонибдори ҳокимияти мутлақият набуд, балки ҷонибдори тақсими ҳокимият ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва федералӣ буд. Дар миёни ҳокимиятҳои номбаршуда ҳокимияти қонунгузорро ба мақоми аввал мегузошт.

Ақидаҳои Локк минбаъд яке аз омилҳои асосии ба вуҷуд омадани мутлақияти парлумонии конститутсионӣ дар Англия гардид ва ба афкори иҷтимоию сиёсии маорифпарварии аврупоӣ низ таъсири калони эҷобӣ расонид.

# БОБИ VII. ФАЛСАФАИ МАОРИФПАРВАРӢ

**356. Кадом давраро фалсафаи Маорифпарварӣ дар бар мегирад?**

Оғози даврони Маорифпарвариро ба даҳаи дувуми асри XVIII мансуб медонанд. Фоҷиаи "Эдип"-и Ф. Волтер, ки соли 1718 дар Париж аввалин маротиба намоиш дода мешавад, ба ҳаракати мазкур ибтидо мебахшад. Дар ин давра ба муқаррароти дини католикии ҳукмрон ҳуқуқи тафаккури озод, руҳияи кунҷковии скептикӣ муқобил гузошта мешавад. Акнун давраи эҳтироми ақл, тафаккури озод ва маорифи мардум мақоми болоро ишғол мекардагӣ мешавад, ки дар он теъдоди зиёди мутафаккирон саҳми босазои таърихии худро гузоштанд. Истилоҳи Маорифпарварӣ аввалин маротиба аз ҷониби Ф. Волтер ва И. Гердер истифода карда шудааст. Ақидаҳои Маорифпарварӣ ҳоло дар асри XVII дар Англия (Ҷ. Локк) ба вуҷуд омада буд, вале интишори васеи худро дар Фаронса пайдо мекунад ва ҳамчун ҳаракати ҷомеавӣ ташаккул ёфта, фаъолият мекунад. Бинобар ин ба унвони фалсафаи Маорифпарварии Фаронсаи асри XVIII маъруфияти таърихӣ дорад. Маорифпарварӣ дар Олмон ва Россия низ минбаъд интишор ва рушд карда буд. Дар маркази диққати Маорифпарварӣ мӯҳтавои чунин шиорҳо, ба мисли "Ҳама чиз бояд мавриди муҳокимаи ақл қарор гирад", "Ҷуръат кунед, то мустақилона фикр карда тавонед", "Мардонагӣ нишон диҳед, то мустақилона фикр карда тавонед" ва ғайра меистоданд, ки онҳо даъват менамуданд барои рушди илм, ақли инсонӣ, пешрафти ҷомеа, ки барои татбиқи онҳо маорифи мардум лозим буд.

**357. Ба қатори мутафаккирони даврони Маорифпарварии Ғарб киҳо дохил мешаванд?**

Ба ин қатор Ф. М. А.Волтер, Ш. Монтескё, Ж- Ж. Руссо, Ж. Ламетри, Д. Дидро, К. Гелветсий, П. Голбах, Ж. Кондорсе, И. Г. Гердер ва ғайра дохил мешаванд.

**358. Саромадони маорифиарварии Фаронса киҳо буданд?**

Ба саромадони ҳаракати маорифпарварии Фаронса Франсуа Мари Аруэ Волтер (1694-1778) ва Шарл Монтескё (1689-1755) дохил мешаванд, ки онҳо барои озодии инсон ва рушди ҷомеа хидмати шоиста кардаанд.

**359. Ақидаҳои Волтер аз чиҳо иборат мебошанд?**

Волтер файласуф, нависанда ва публитсисти фаронсавӣ ва яке аз саромадони ҳаракати Маорифпарварӣ ба шумор меравад. Ӯ дар асарҳои фалсафӣ, бадеӣ ва публитсистии худ ҷаҳонбинии феодаливу дини католикӣ, шакли истибдодии идораи ҷомеа ва, умуман, муносибатҳои феодалии мавҷударо зери танқид мегирад. Ба фалсафаи Волтер ақидаҳои Ҷ. Локк ва назарияҳои илмиву табиатшиносии И. Нютон таъсири калон расонидаанд. Ӯ дар асарҳояш “Мактубҳои фалсафӣ”, “Рисола дар бораи физика” ва “Луғати фалсафӣ” ба назарияи абадият, бекаронии олам ва мавҷудияти воқеии он, ҳамчунин ҳаракати доимии олами моддӣ наздик омадааст. Волтер ба эътирофи сабабияти ба вуҷуд омадани воқеоти табиӣ ва ҷомеа моил буда, маънидоди динии ба вуҷуд омадани ҳодисаҳои мушаххаси табиӣ ва ҷомеаро истисно мекард.

Мувофиқи таълимоти Волтер, шуур хосияти ҷудонопазири материя буда ба сохти ҷисм алоқамандӣ дорад. Аммо сабаби ниҳоии ҳаракати олам ва ҳодисоти он, тафаккур ва фаъолиятҳои маънавии дигари инсонро дар алоқамандӣ ба қудрати офарандагии Худо маънидод мекард.

Дар масъалаҳои ҳаёти ҷомеавӣ низоми феодалиро ба зери танқид мегирифт, ҷонибдори аз тарафи қонун идора кардани ҷомеа буд ва шиоре пешниҳод карда буд, ки тибқи он “Беҳтарин ҳукумат ҳукумате маҳсуб меёбад, ки дар он ҳама ба қонун итоат мекунанд”. Волтер дар мақоми ҳоким (сардори давлат) шахсияти хирадмандро - файласуфро дидан мехост ва чунин ақида дошт, ки подшоҳ хирадманд бошад, дар ҷомеа адолати иҷтимоӣ ҳукмфармо мегардад.

Волтер калисои дини католикӣ ва сӯиистифодакуниҳои онро зери танқид мегирифт. Аммо ӯ имон ба Худоро ҳамчун аввалин ба ҳаракатоварандаи Кайҳон эътироф мекард. Сабаби ниҳоии ҳаракати мавҷудот, тафаккур ва ҳама гуна ҳолатҳои

руҳиро зуҳури қувваи худовандӣ меҳисобид, мавҷудияти ҷомеаро бе боварӣ ба Худо тасаввур карда наметавонист. Ақидаҳои файласуфи фаронсавӣ Пиер Бейлро[4], ки ҷомеаро аз афроди мутлақо атеист маънидод мекард, зери танқид мегирифт.

Ақидаи Волтер дар бораи озодии инсон бисёр ҷолиб аст, ки мегуфт: "... хайрияти ҷомеа тақозо мекунад, ки дар он инсон худро озод ҳис кунад... чаро тасаввур накунам, ки халлоқи олии маро истеъдоди ақл офарида, натавонад ба ман камтар бошад ҳам озодӣ ато кунад".

**360. Шарл Монтескё чӣ гуна мутафаккир буд?**

Шарл Луи Монтескё (1689-1755) яке аз машҳуртарин намояндагони давраи аввали ҳаракати маорифпарварии Фаронса, файласуф, нависанда ва муаррих ба шумор меравад.

**361. Ақидаҳои фалсафии Монтескё дар кадом асараш дарҷ ёфтаанд?**

Ақидаҳои фалсафии Монтескё дар асари "Дар бораи руҳияи қонунҳо" иншо шудаанд.

**362. Ақидаҳои фалсафии Монтескё аз чиҳо иборат мебошанд?**

Фалсафаи Монтескё хусусияти деистӣ дошта, ҳастиро ҳамчун офаридаи Худо, ки он дар асоси қонунҳои объективии олами моддӣ амал менамояд, маънидод мекунад.

Вазифаи фалсафаро Монтескё дар маърифати робитаҳои сабабии олами моддӣ медид, ки он дар асоси қонунҳои механика ҳаракат мекунад.

Дар масъалаи назарияи маърифат Монтескё ҷонибдори равияи материалистӣ буда, маърифатро маҳсули ҳосилшаванда дар раванди инъикос медонист, ки он тавассути тафаккур таҷрибаро коркард мекунад.

---

[4] Пиер Бейл (1647-1706), намояндаи давраи ибтидоии Маорифпарварӣ мебошад. Асари асосиаш "Луғати таърихӣ ва танқидӣ" ном дорад, ки дар ташаккули озодандешии Аврупо нақши муассир бозидааст. Асари мазкур ба ташаккули Волтер, аҳли мавсуа ва минбаъд ба Фейербах низ таъсири калон расонидааст.

Ба Ҷ. Локк пайравӣ карда рефлексияро (мутаассиршавӣ аз таъсири ҳодисоти берунаро) ҳамчун яке аз сарчашмаҳои мустақили ба вуҷуд омадани дониш эътироф мекард, ки он, албатта, ғалат аст. Ба тафсири теологии раванди таърихӣ Монтескё идеяҳои мактаби ҷуғрофиро дар ҷомеашиносӣ муқобил гузошт, ки худ асосгузори мактаби мазкур ба ҳисоб меравад. Мувофиқи идеяҳои ин мактаб ва, махсусан ақидаҳои Монтескё, иқлим, хок ва ҳолати қабати болоии замин руҳияи мардум ва хусусияти рушди ҷомеаро муайян мекунанд. Қонунҳои умумии таърих низ, мувофиқи Монтескё, тавассути маҷмуи омилҳои иҷтимоӣ, ба монанди истеҳсолот, моликият, усули идора, анъанаҳо ва динҳо муайян карда мешаванд. Дар масъалаи таносуби дин ва табиат маорифпарварон назарияи “дини табиӣ”-ро ба муқаррароти тағйирнопазири динию калисоӣ муқобил мегузоштанд.

**363. Назарияи “дини табиӣ” чиҳоро дар назар дорад?**

Ин назария ба морифпарварони фаронсавӣ тааллуқ дорад, ки мувофиқи он, дине дар назар дошта мешавад, ки вай ба инсон ва фаъолияти он муқобил наистода, балки дар худ усулҳои умумии ахлоқи инсониро дар бар гирад. “Табиат, - мегуфтанд онҳо, - маъбади Худованди ягона мебошад ва дар он ахлоқи ягонаи умумӣ бояд амал кунад, ки шиораш “Ту кореро барои дигарон анҷом бидеҳ, то дигарон низ барои ту онро анҷом бидиҳанд” бошад”.

Дар зери ин назария намояндагони ҳаракати Маорифпарварӣ дар назди худ вазифа гузошта буданд, то муқаррароти дини масеҳиро зери танқид гирифта, ақли инсонро аз ҷаҳолати динӣ озод намоянд. Онҳо таълим медоданд, ки танҳо бо роҳи озод кардани “ақли соҳибмаърифат” аз хурофот ва таассуби динӣ метавон ҷомеаро дар асоси ақли солим барпо кард.

**364. Космополитизми диниву ахлоқӣ чӣ маънӣ дорад?**

Пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки мафҳуми космополитизм юнониасос буда, маъниаш шаҳрванди олам мебошад. Дар масъалаи мавриди баррасии ҳаракати Маорифпарварӣ дар зери ифодаи мазкур чунин маънӣ фаҳмида мешавад, ки мувофиқи он мақулаҳои (категорияҳои) ахлоқии хайру шар мустақил аз Худованд буда, ба ҳама инсоният тааллуқ доранд. Пас, онҳо

хусусияти умумӣ, универсалӣ доранд. Аз ин ҷост, ки инсон низ хусусияти умумӣ, универсалӣ дошта, ба мавҷудияти тамоми олам алоқамандӣ дорад. Бинобар ин дини ҳақиқӣ бояд хусусияти космополитӣ дошта бошад, - мегуфтанд маорифпарварон.

**365. Оё маорифпарварон ба назарияи материалистии олам аҳамият медоданд?**

Бале, онҳо ба ин масъала аҳамияти калон медоданд. Чунончи, ин масъала яке аз мавзуъҳои маркази фалсафаи Пол Анри Голбах гардида буд.

**366. П. А. Голбах чӣ гуна шахсияти таърихӣ буд?**

Пол Анри Голбах (1723-1789) яке аз намояндагони маъруфи материализми механистии асри XVIII ба шумор меравад. Асари машҳури Голбах ба унвони "Низоми табиат" маълум аст, ки мутафаккир дар ҳамин асар фалсафаи материализми механистиашро мавриди баррасӣ қарор додааст.

**367. Афкори фалсафии П. А. Голбах аз чиҳо иборат мебошад?**

Пеш аз ҳама таъкид мекунем, ки Голбах материалист буд. Табиатро Голбах ҳамчун ягонагии бузурги моддӣ (материалӣ) маънидод намуда қайд карда буд, ки он дар натиҷаи ба ҳам пайваст шудани ашёи гуногун, пайвастагиҳои гуногун ва ҳаракатҳои гуногуне, ки мо онҳоро дар Кайҳон мушоҳида мекунем, ба вуҷуд омадааст. "Материя, - мегӯяд Голбах, - моҳият ва асоси ҳама гуна равандҳои табиӣ ба шумор меравад". Материя ҳамчун субстансия буда, ба ҳаракат робитаи ҷудонашаванда дорад. Сабаби ҳама гуна ҳаракатро Голбах дар худи материя, дар моҳияти он мебинад ва чунин ақида дорад, ки "ҳаракат – тарзи мавҷудияти материя" мебошад. Материя тавассути неруи дохилии худ, тавассути қувваҳои ба худ хоси дохилӣ ҳаракат мекунад. Навъҳои гуногуни ҳаракати материя ба сабаби хосиятҳои гуногуни худи материя ба вуҷуд меоянд. Ҳаракат хусусияти умумӣ-универсалӣ дорад, ба ҳама ашё ва воқеот тааллуқ дорад ва мавҷудияти онҳоро таъмин мекунад.

Дар фалсафаи Голбах масъалаи сабабият низ аҳамияти калон дорад. Сабабият хусусияти воқеӣ дорад ва ҳама гуна тағйироти дар Кайҳон бавуҷудоянда натиҷаи қонунӣ ва равобити байниҳамдигарии сабабу натиҷа ба шумор меравад. "Дар табиат, - мегӯяд Голбах, - ҳама чиз дар асоси зарурат ба вуҷуд меояд, ҳодисаҳои тасодуфӣ нестанд". Инкори мавҷудияти ҳодисоти тасодуфӣ ба фаҳмиши механистии олам иртибот дорад, ки, албатта, нодуруст аст.

Голбах мутафаккире буд, ки яке аз аввалин таърифи материяро дар шакли "материя ҳамаи он чизе аст, ки ба узвҳои ҳисси мо ба ин ва ё он тавр таъсир мерасонад" додааст. Таърифи "ҳаракат тарзи мавҷудияти материя" низ ба Голбах тааллуқ дорад. Яке аз масъалаҳои дигари ҳаракати Маорифпарварӣ масъалаи инсон мебошад, ки он низ аз ҷониби намояндагони ҳаракати мазкур густурда муҳокима гардидааст. Сарфи назар аз гуногунии ақидаҳо, инсон ҳамчун ҷисм, воқеияти табиӣ, ҳастии моддӣ баррасӣ гардидааст. "Инсон, - таъкид карда буд Голбах, - мавҷуди соф ҷисмонӣ мебошад... ҳама ақидаҳо, хоҳишҳо, амалҳо ва ғайра танҳо натиҷаи зарурӣ ва сифати ба мо додаи табиат мебошанд".

**368. Масъалаҳои ба равандҳои равонӣ алоқамандро кадом мутафаккирон бештар баррасӣ кардаанд?**

Равандҳои равонӣ ва истеъдоди фикрӣ ба ҷумлаи хусусиятҳои хоси инсон дохил мешаванд, ки онҳо дар асарҳои Клод Адриан Ҳелветсий (1715-1771) "Дар бораи инсон, истеъдоди фикрӣ ва тарбияи он", ва Жюлен Офре Ламетри (1709-1751) "Таърихи табиии руҳ" ё "Рисола дар бораи руҳ" ва "Инсон-мошина" мавриди баррасии бештар қарор дода шудаанд. Асарҳои номбурда ба сабаби хусусияти атеистӣ доштанашон сӯхта шуданд ва Ламетри ба Ҳоланд ҳиҷрат карда буд.

Мувофиқи Ламетри, мавҷуди ягона субстансияи моддӣ, материалӣ ба шумор меравад. Эҳсос хосияти ҷисми ба таври олӣ ташаккулёфта буда, дар натиҷаи таъсири воқеоти беруна ба амал меояд. Инсон аз ҳайвон бо талаботи бештар фарқ мекунад. Бинобар ин вай бештар ақл дорад, яъне дар Ламетри, талабот меъёри ақл эътироф карда мешавад. Созвораи

(организми) инсонро ҳамчун мошинаи худкоркунанда, ба мисли соат маънидод мекард.

Рушди ҷомеаро ба фаъолияти шахсони алоҳида ва муваффақиятҳои маорифи халқ алоқаманд карда, тарафдори мутлақияти соҳибмаърифат буд.

Ҳелветсий бошад, масъалаҳои ба ҷомеа дахлдорро аз омӯхтани хусусиятҳои фардҳои алоҳида оғоз карда, ба чунин хулоса омада буд, ки шуур ва ҳама гуна шавқу ҳавасҳои инсон қувваи асосии ҳаракатдиҳандаи ҷомеа ба шумор мераванд. Ақидаҳои азалӣ будани меъёрҳои ахлоқии инсонро танқид карда, тарбияро натиҷаи таъсири муҳити зист маънидод мекард.

Тибқи ақидаҳои Ҳелветсий, олам заминаи моддӣ (материалӣ) дорад, дар вақт ва фазо беохир мебошад, ҳамеша дар ҳаракат аст, тафаккур ва эҳсос хосиятҳои заминаи моддидошта (материя) буда, созмонёфтаҳои мураккабтарини он маҳсуб меёбанд. Эҳсос дар натиҷаи таъсири воқеоти беруна ба амал меоянд ва заминаи дониш мебошанд. Ақидаи донистанашавандагии оламро (агноститсизмро) зери танқид мегирифт. Андешаи мавҷудияти Худо, офарида шудани олам ва ҷовидонии рӯҳро инкор менамуд.

Дар масъалаи ҳаёти ҷомеа бошад, феодализмро пазиро набуд, зери танқид мегирифт, ҷонибдори низоми сармоядорӣ буд. Дар хусуси шакли идораи ҷомеа бошад, тарафдори мутлақияти соҳибмаърифат буда, шакли идораи ҷумҳуриявиро инкор мекард.

**369. Дени Дидро чӣ гуна мутафаккир буд?**

Д. Дидро (1713-1784) низ яке аз намояндагони фалсафаи материалистӣ ва ҳаракати Маорифпарварии асри XVIII Фаронса, нависанда, олими санъатшинос, муассис ва муҳаррири мавсуаи (энсиклопедияи) Фаронсаи асри номбаршуда ба шумор меравад. Дидро олими сермаҳсул буда, асарҳои зиёд ба мисли “Афкори фалсафӣ”, “Андешаҳо дар бораи тафсири табиат”, “Гуфтори Д Аламбер бо Дидро”, “Усулҳои фалсафии материя ва ҳаракат” ва ғайраро таълиф кардааст. Дар ин ва асарҳои дигараш Дидро сохти феодалӣ, мутлақияти истибдодӣ, калисо ва ҷаҳонбинии диниву феодалиро танқид мекард ва дар мавқеи материализм ва атеизм

меистод. Бинобар ин ӯ ба ҳабс гирифта шуд ва муддати тӯлонӣ маҳбус буд, вале пас аз ба озодӣ баромадан низ ақидаҳояшро дигар накард.

**370. Ақидаҳои фалсафии Д. Дидро аз чиҳо иборат буданд?**

Дидро таълим медод, ки олам ягона, офариданашаванда, заминаи моддӣ (материалӣ) дошта, абадӣ ва новобаста ба шуури инсон воқеан вуҷуддошта ба шумор меравад. Ҳодисоти сершумори оламро зуҳури мушаххаси олами моддӣ маънидод мекард. Дуализмро танқид менамуд ва таълим медод, ки материя нахустасоси (субстансияи) ягона ба шумор меравад ва сабаби мавҷудияти он ба худи материя тааллуқ дорад. Материя ва ҳаракат дар якҷоягӣ мавҷудияти худро нигоҳ медоранд, табиат дар ҳаракат ва рушди доимӣ мебошад, мавҷудот дар як шакл барҳам хӯрда, дар шакли дигар эҳё мегардад.

Дар масъалаи маърифат ҷонибдори Ҷ. Локк буд, агноститсизмро танқид мекард ва донисташавандагии оламро эътироф менамуд. Ягонагии материя ва шуурро низ маъқул медонист. Эҳсос ба ҳама гуна навъи материя хос аст, вале *шуур танҳо хосияти материяи олиташкил мебошад,* - мегуфт ӯ.

Дар масъалаи ҷомеа бошад, Дидро ҷонибдори "паймони ҷомеавӣ" буда, бар зидди мутлақияти истибдодӣ баромад мекард ва тарафдори мутлақияти конститутсионӣ буд, дар сари қудрати сиёсӣ мутлақияти соҳибмаърифатро дидан мехост.

**371. Оё мутафаккирони маорифпарвар роҷеъ ба ҳаёти ҷомеа низ афкоре доштанд?**

Бале, афкори фалсафаи иҷтимоии мутафаккирони ҳаракати Маорифпарварӣ яке аз бахшҳои хеле муҳим ба шумор меравад. Афкори мазкур, аз масъалаҳои антропология (инсоншиносӣ) сар карда, то мавзуъҳои ба подшоҳон алоқаманд, кадом сифатҳоро доро будани онҳо, сохти ҷомеа дар асоси "паймони ҳамагонӣ" сурат гирифтан, мавзуи мақоми ахлоқ дар хайрияти ҷомеа, ҷанбаи ҳуқуқи табиии инсон ва масъалаҳои дигари рушди ҷомеаро дар бар мегиранд, ки онҳоро файласуфони Маорифпарварӣ густурда баррасӣ кардаанд.

**372. Кадом мавзуъ, дар фалсафаи иҷтимоии маорифпарварон дар мақоми аввал меистод?**

Пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки мавзуи инсоншиносии маорифпарварон ба фалсафаи иҷтимоии онҳо робитаи ногусастанӣ дошт. Маорифпарварон тафсири теологии (илоҳиётии) равандҳои ҷомеаро зери танқид гирифта, қувваи бартаридоштаи ақли бамаърифати инсонро дар таърих ба мақоми аввал мегузоштанд. Ҳамин усул заминаи ташаккули ормони асосии онҳо, ки ба ифодаи "идораи соҳибмаърифатӣ" таъбир мекарданд, маҳсуб меёфт. Аз гуфтаҳои боло чунин маънӣ бармеояд, ки мавзӯи меҳварии мутафаккирони ҳаракати Маорифпарварӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа аз соҳибмаърифат кардани аъзои ҷомеа иборат буд. Дар саволу ҷавобҳои минбаъда мо афкори мутафаккирони гуногун, ба мисли Ламетри, Руссо, Голбах, Кондорсе, Лессинг, Гердер ва ғайраро баррасӣ хоҳем кард, ки ҳар яки онҳо дар мавзӯъҳои ҳаёти ҷомеа ақидаҳои шоёни таҳсин гуфтаанд.

**373. Оё мешавад, ки рӯшанӣ андохтан ба афкори мутафаккирони маорифпарварро аз Ламетрӣ оғоз куием?**

Бале, мешавад. Ламетри, дар асоси баррасиҳои масъалаҳои гуногуни раванди ҷомеа, шиори хеле пурмӯҳтаворо пешниҳод мекунад, ки чунин ифода ёфтааст: Танҳо ақли "бо нури фалсафӣ рӯшан гардида", яъне ақле, ки ба маърифати фалсафӣ худро такмил додааст, метавонад такягоҳи мустаҳками ба вуҷуд овардани ҷомеаи адолатпеша гардад. Ҷомеае, ки "адолатро аз беадолатӣ, ахлоқан хубро аз ахлоқан бад ҷудо карда метавонад".

Ламетрӣ мутлақияти истибдодиро зери танқиди шадид қарор медиҳад ва таълим медиҳад, ки бояд бунёди ҷомеа ба маърифат, "ба тарозуи хирад" асос ёфта бошад. Барои Ламетри дар раванди интишори маърифат фалсафа мақоми асосиро мебозад, зеро вай, ҳамчун нури ақл, нури қонунҳо буда инсондӯстиро дар худ таҷассум мекунад.

Ламетри ахлоқ ва динро ҳамчун унсурҳои зарурии робитаҳои миёни одамон дар ҷомеа маънидод мекард. Аммо арзи вуҷуд кардани ҷомеаи атеистиро (бединӣ ва бехудоиро) низ истисно намекард, зеро ба қавли Ламетри, "накӯкорӣ дар атеистон метавонад решаҳои чуқуртарин дошта бошад, ки

чунин решаҳо дар одамони тақводор... ба як риштаи борике бастагӣ дорад".

Манфиати ҷомеа барои Ламетри меъёри накӯкорӣ маҳсуб меёбад. Ҳамаи он чи ба ҷомеа судманд аст, ҳама он чи ба шукронаи ҷомеа сазовор аст ва ҳама он чи ба ҷомеа хушбахтӣ меоварад, хушбахтии шахсиро низ таъмин менамояд. Хулоса, ба ҷомеа хушбахтӣ ато карда "хушбахтии шахсии худро низ эҷод мекунӣ", - мегӯяд Ламетри.

Бояд қайд кард, ки Ламетри масъалаи инсонро баррасӣ карда, ба чунин ақидаҳо омада буд, ки мувофиқи он одамон гӯё табиатан аҳдшикан, маккору дасисабоз, мағзуб мебошанд. Бинобар ин дар ҷомеа одамони бад нисбат ба одамони хуб, ки барои ҷомеа ҳамеша кори хайр мекунанд, бештар мебошанд. Дар ҳамин асос ҷомеа ҳамеша дар доираи ихтилофоти бавуҷудояндаи миёни онҳо умр ба сар мебарад. Ин буд мухтасари ақидаҳои ҷомеашиносии Ламетрӣ.

**374. Жан Жак Руссо чӣ гуна мутафаккир буд?**

Ж. Ж. Руссо (1712-1778) низ яке аз маъруфтарин намояндаи фалсафаи маорифпарварии Фаронса ба шумор меравад.

**375. Муҳтавои мухтасари афкори фалсафии Руссо аз чиҳо иборат аст?**

Бар хилофи Ламетри Ж. Ж. Руссо таълим медод, ки "инсон табиатан мавҷуди хуб ва накӯкор мебошад. Танҳо муассисоте, ки худи одамон онҳоро таъсис медиҳанд, одамонро мағзуб ва аблаҳ мегардонанд". Дар рисолаи "Муҳокимаҳо роҷеъ ба илмҳо ва ҳунарҳо" Руссо хусусияти тазодии тамаддунро нишон дода, ба даврони зиндагии худ – даврони дорои имтиёзоти табақавӣ ва риёкорӣ, даврони сода ва накӯкоронаи ҷомеаи ибтидоиро муқобил мегузорад.

Доир ба масъалаи идораи ҷомеа Руссо васли ҳокимияти сиёсиро ба маърифат тавсия мекунад ва итминон дорад, ки танҳо чунин баҳампайвандкунӣ метавонад "дар ҳокимон анҷом додани кори хайрро баҳри ҷомеа бедор кунад".

Дар асари машҳури худ "Дар бораи паймони ҷомеавӣ, ё усули ҳуқуқи сиёсӣ", ки соли 1762 рӯйи чоп омада буд, Руссо назарияи озодии шаҳрвандиро пешниҳод менамояд ва менависад, ки: "Инсон озод зода шудааст, вале вай дар ҳама ҷо

ба занҷири асорат бастагӣ дорад". Баробарӣ низ аз диди Руссо ҳолати табиии ҷомеаи инсонист. Нобаробарӣ бошад, ба ақидаи Руссо, дар натиҷаи пайдо шудани моликияти хусусӣ ба вуҷуд омадааст. Дар ин хусус ифодаи машҳури Руссоро овардан бисёр бамаврид мешавад, ки мегӯяд: "аввалин шахсе, ки қитъаи заминро девор гирифта, эълом дошт, ки "ин аз они ман аст" ва одамони содалавҳро, ки ба ин эълом бовар карданд, пайдо кард, шахсияте буд асосгузори ҷомеаи шаҳрвандӣ".

Масъалаи баробарии Руссоро ифодаҳои зерини ӯ шарҳ медиҳанд, ки мегуфт: "мӯътадилии ҷиддӣ дар ҳама чиз, барҳам додани ҳама гуна зиёдатӣ, набудани сӯиистифода, маҳдуд кардани дороии зубдагон (элита) ва ағниё, ҷорӣ кардани андози мутаносиб, маҳдуд кардани интиқоли меросии дороӣ, озод кардани заминдороне, ки ҳосили ба даст меовардаашон танҳо барои нигаҳдории зиндагиашон мерасад аз андоз ва ғайра. Хулоса, Руссо идеяҳои утопиявии эгалитаризми иҷтимоиро таълим медод, ки тибқи он нобаробарии аъзои ҷомеа дар натиҷаи тақсими баробари моликияти хусусӣ ташаккул ёфтанаш мумкин аст.

Дар масъалаи шакли идора Руссо тарафдори ҳокимияти ҷумҳуриявӣ буд ва эътиқод дошт, ки танҳо дар сурати ба вуҷуд овардани чунин шакли идораи ҷомеа озодӣ ва баробарӣ татбиқ мегардад, зеро дар ин шакли идора эҷодгари ҳақиқии қонунҳо худи мардум ба шумор меравад.

Руссо ақидаи ба таври табиӣ ва дар асоси паймони байни аъзои ҷомеа ба вуҷуд омадани давлатро мавриди баррасӣ қарор дода, минбаъд ба олати беҳуқуқӣ ва нобаробарии шаҳрвандон, ба олати истибдоду зулм табдил ёфтани онро зери танқид қарор медиҳад.

**375. Дар саволу ҷавоби боло мафҳуми эгалитаризм истифода гардид. Эгалитаризм чист?**

Эгалитаризм аз забони фаронсавӣ буда, маънояш баробартақсимкунии дороӣ мебошад. Ин мафҳум дар илм ба маънии баробар тақсим кардани моликияти хусусӣ байни аъзои ҷомеаро дар назар дорад. Аслан, ин идеяи майдабуржуазии утопиявӣ мебошад, ки тибқи он, гӯё дар натиҷаи баробар тақсим кардани моликияти хусусӣ тазоди низоми сармоядорӣ аз байн рафъ карда мешуда бошад.

**376. Ақидаи пешрафти (прогресси) маънавӣ масъалаи меҳварии кадом мактаби маорифпарварӣ ба шумор меравад?**

Ақидаи прогресси маънавӣ масъалаи меҳварии маорифпарварии асри XVIII Олмон ба шумор меравад.

**377. Дар зери мафҳуми пешрафти (прогресси) маънавӣ чиҳо фаҳмида мешавад?**

Бояд қайд кард, ки бартараф кардани ҳама гуна маҳдудияти таъсиррасонанда ба озодии ақли инсон яке аз масъалаҳои марказии ҳаракати Маорифпарварӣ маҳсуб меёбад. Роҳи расидан ба чунин озодиро файласуфони ҳаракати Маорифпарварии Олмон дар прогресси маънавӣ медиданд, ки он баррасии бояду шояди худро дар асарҳои Готхолд Эфраим Лессинг (1729-1781) ва Иоҳан Ҳотфрид Ҳердер (1744-1803) пайдо карда буд.

**378. Афкори Г. Лессинг дар масъалаи пешрафти (прогресси) маънавӣ аз чиҳо иборат буданд?**

Мухтасари афкори Г. Лессинг аз он иборат аст, ки вай такмили ҷомеаро дар маорифи ҳамагонӣ ва бартараф кардани ҳама гуна шаклҳои зӯроварии динӣ медид. Барои ин масъаларо маънидод кардан, Лессинг инкишофи фард ва авлоди башарро ба се зина, ба се марҳилаи ҳаёти инсон тақсим мекунад. Ҳар як марҳилаи рушди инсонро ба марҳилаҳои ташаккул ва интишори китоби муқаддаси дини яҳудӣ ва масеҳӣ алоқаманд менамояд. Чунончи, ба даврони кӯдакӣ Аҳди Қадимро муносиб медонад, ба навҷавонӣ - Аҳди Ҷадидро ва ба давраи камолот – Инҷили нав ва абадиро" мувофиқ медонад. Бо чунин тақсимбандии умри инсон, Лессинг гуфтанӣ мешавад, ки танҳо дар даврони камолот авлоди башар ба тозагии маънавӣ мерасанд. Дар доираи он ахлоқи инсонӣ мустақиман ба имондорӣ ба Худо алоқаманд намешавад ва ба ягона усул ва рафтори ҳамагонии одамони созандаи корҳои хайр баҳри хайрияти умум табдил меёбад. Талаботи инсон барои зӯроварии динӣ ба мисли дигар зӯровариҳо бартараф мегардад. Ин ва дигар масъалаҳои пешрафти (прогресси) маънавӣ дар ифодаҳои мухтасари асари Лессинг "Тарбияи авлоди башар" дарҷ ёфтаанд. Агар фикри мазкурро фаҳмотар карда ифода

кунем, чунин мешавад, ки барои ақли камолёфта зарурати маҷбуран бор кардани меъёрҳои ҳам динӣ ва ҳам ахлоқӣ аҳамияте надорад.

**376. Ақидаи такмили маънавии муттасили ҷомеа ба кадом мутафаккири олмонӣ тааллуқ дорад?**

Ақидаи мазкур ба мутафаккир И. Ҳердер тааллуқ дорад, ки тибқи он такмили маънавии авлоди башар дар натиҷаи пайваста мукаммал кардани ҳунар, забон, тафаккур сурат мегирад. Сухан дар бораи он меравад, ки ҳаёти маънавии ҳар як фарди алоҳида бо таҳаввулоти (генезиси) ҳаёти маънавии ҷомеаи башарӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Яъне, ҳама хусусиятҳои хуби маънавии инсонро дар асоси анъанаҳои фарҳангӣ ва маорифи мардум ба вуҷуд овардан мумкин аст. Танҳо фарҳанг ва маориф метавонад муайян кунад, ки инсон ва маънавияташ чӣ гуна мешавад.

Дар масъалаи тарбияи маънавӣ Ҳердер инсондӯстиро (гуманизмро) яке аз мақомҳои воло маҳсуб медонад. Дар ҳамин асос вазифаи ҳақиқии тарбияи маънавии инсонро, яъне "фалсафаи ҳақиқии инсонро" дар "пажӯҳиши руҳияи инсонпарварӣ" мебинад.

**377. Ақидаҳои Ҳердер дар масъалаи инсоншиносӣ чӣ гунаанд?**

Пеш аз ҳама, Ҳердер ягонагии инсонро бо табиат, бо олами набототу ҳайвонот эътироф мекунад. Мувофиқи таълимоти Ҳердер, инсон тоҷи рушди тамоми олами зинда (органикӣ) дар Замин ба шумор меравад. Инсон, ба ақидаи ӯ, таҷассуми микрокосм (олами кайҳонии кӯчак, олами аърози кӯчак) маҳсуб меёбад. Ҳадафи олии табиат, ки идомаи ҳаёт ва робитаи мутақобилаи ҷамеи олами зинда ба шумор меравад, дар инсон таҷассум меёбад. Азбаски инсон соҳиби ақлу озодист, вай бояд ҳамеша съай кунад, то дар Замин саодат, муҳаббат ва зебоӣ густурда гардад.

Яке аз ақидаҳои Ҳердер ба меъёр бахшида шудааст. Ӯ инсонро ҳидоят мекунад, то ҳамеша дар доираи меъёр амал кунад. "Меъёр барои ба даст овардани қаноатмандӣ аз мавҷудият низ кӯмакгар маҳсуб меёбад", - мегӯяд Ҳердер.

Яке аз хусусиятҳои муҳими инсон, ҳолати табиии он дар ҷомеа будан аст, зеро инсон танҳо дар ҷомеа “зода ва тарбият меёбад”. Бо ин гуфтааш Ҳердер хусусиятҳои иҷтимоии инсонро асосӣ маҳсуб мешуморад.

“Дар ташаккули сифатҳои ҷомеавии инсон нақши тарбия калон аст, - таълим медиҳад Ҳердер, - зеро тавассути тарбия инсон ба инсони ҳақиқӣ табдил меёбад, тарбия тамоми таҳаввулоти маънавии онро муайян мекунад ва истеъдоду пояҳои ирсии онро рушд мебахшад”. Хулоса, тарбия барои пайваст кардани робитаҳои инсон бо ҷомеа ва ҷомеашавии он нақши муайянкунанда мебозад.

Дар масъалаи нақши дин дар тарбияи инсон дар муқоиса бо дигар намояндагони фалсафаи Маорифпарварӣ, Ҳердер назари дигар дорад. Вай динро на чандон тезутунд танқид мекунад, балки хусусияти инсондӯстона доштани тарбияи диниро эътироф мекунад ва аҳамияти муҳим доштани онро дар ташаккули маънавияти башардӯстонаи инсон ва истеъдоди он, дар беҳтар кардани симои инсонӣ ва ҷомеаи башардӯст таъкид менамояд.

Бо саволу ҷавобҳои дар боло омада яке аз муҳимтарин марҳилаи дигари рушди афкори фалсафиро, ки ба унвони фалсафаи Маорифпарварӣ машҳур аст, ҳусни хотима мебахшем, то тавонем ба марҳилаҳои минбаъда гузарем, ки онҳо низ пур аз асрори ҳакимона мебошанд.

## БОБИ VIII. ФАЛСАФАИ КЛАССИКИИ ОЛМОН

Марҳилаи минбаъдаи навбатии баррасиамонро фалсафаи классикии Олмон мегӯянд, ки яке аз пурмуҳтавотарин фалсафа дар таърихи фарҳанги башарӣ маҳсуб меёбад.

**378. Мафҳуми классик чиро ифода мекунад?**

Ин мафҳум лотиниасос буда, шакли лотиниаш классикус, ки ба забони тоҷикӣ маъноям аълосифат, якуминдараҷа, беҳтарин, намунавӣ, яъне ифодакунандаи дараҷаи олии сифат мебошад.

**379. Унвони классик ба чӣ ё ба кӣ дода мешавад?**

Унвони мазкур дараҷаи ифтихорӣ буда, ба ходимони бузурги илм, ҳунар, адабиёт, ки маҳсули эҷоди онҳо аҳамияти намунавии аз тарафи умум пазируфташударо дар худ таҷассум мекунад, дода мешавад.

**380. Оё дар забони тоҷикӣ бадил (ивазкунанда) ба мафҳуми классик ҳаст?**

Дар ҷавоб ба ин савол, пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки вожаи классик, чун дар боло гуфтем, лотиниасос буда, қариб дар ҳамаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ, ки ба оилаи онҳо забони тоҷикӣ низ дохил мешавад, дар шакли овозии каму беш тағйирёфтааш истифода мешавад. Бинобар ин дар забони тоҷикӣ низ дар чунин шакл истифода гардидани мафҳуми мазкур зараре надорад. Сарфи назар аз ин, лозим аст бигӯем, ки, албатта, дар забони тоҷикӣ бадили ин мафҳум ҳаст, ки онро "саромадӣ", "намунавӣ" мегӯянд.

Дар забоҳои аврупоӣ асарҳои намунавиро, яъне шоҳасарро дар шаклҳои гуногуни вожаи "шедевр" истифода мекунанд, ки пайдоишаш ба забони фаронсавӣ тааллуқ дорад. Дар зери мафҳуми "шедевр", яъне шоҳасар низ асарҳои дараҷаи олӣ, зинаи олии эҷоди ҳунар ифода карда мешавад. Бинобар ин ҳар

ду мафҳумро мафҳумҳои муродиф (синоним) гуфтан мумкин аст, зеро дар истифода онҳо ба як маънӣ корбаст мешаванд.

**381. Чаро фалсафаи классикии Олмон мегӯянд?**

Баъди тафсире, ки дар саволу ҷавоби боло овардем, душвор нест дониста бошем, ки дар асрҳои XVIII-XIX дар Олмон як теъдод мутафаккироне умр ба сар бурданд, ки ба инсоният ақидаҳои фалсафии гаронбаҳо ба мерос monданд. Ақидаҳои фалсафие, ки онҳо ифода карданд, дар ҳақиқат, таъбиркунандаи дараҷаи олии парвози тафаккури инсон, зинаи олии мантиқи фалсафӣ ба шумор мераванд. То ин давр тафаккури фалсафӣ ба чунин дараҷаи олии назария нарасида буд. Бинобар ин фалсафаи асрҳои мазкури Олмонро фалсафаи классикӣ унвон карданд, ки вай, бешубҳа, аҳамияти ҷовидона дорад.

**382. То расидан ба фалсафаи мутафаккирони Олмон давраеро баррасӣ кардем, ки заминаи арзишманд ва қудратманди зеҳниро ба вуҷуд овард. Ин давраи Маорифпарварӣ буд. Дар муқоиса бо ин давра фалсафаи классикии Олмон чӣ хусусиятҳо дошт?**

Савол бамаврид ва пурмуҳтавост. Дар ҷавоб ба ин савол, пеш аз ҳама, бояд бори дигар таъкид кард, ки, дар ҳақиқат, давраи Маорифпарварӣ марҳилаи хеле пурмуҳтаво дар аксарияти соҳаҳои илм, аз ҷумла фалсафа буд ва, бешубҳа, заминаи хеле арзишманд ва пурқудрати зеҳниро ба вуҷуд овард, ки он сазовори ҳама гуна тақдир ва арзёбист. Соният, ҳар як давраи минбаъдаи таърихи инсоният заминаҳои фарҳанги гузаштаи инсониятро ба замони ҷараёни худ мерасонад, таҳлил ва тадқиқ мекунад, ба дастовардҳои он натиҷаҳои нави ба вуҷуд овардаи худро зам мекунад ва заминаи нави рушди фарҳангро барои авлоди минбаъдаи башарият омода месозад, саҳми худро мегузорад. Бо ин гуфтаҳо, ҳаминро маънидод карданӣ ҳастем, ки даврони Маорифпарварӣ на танҳо заминаи хуби рушди минбаъдаи афкори фалсафӣ, балки ҳамчунин мавзуи мавриди танқид низ гардида буд, зеро на ҳамаи он афкоре, ки дар давраи Маорифпарварӣ ташаккул ёфта буданд, дар амалияи ҷомеавӣ (махсусан, дар рафти инқилоби Бузурги буржуазии фаронсавии

солҳои 1789-1794) дурустии худро нишон дода тавонистанд. Хулоса, давраи мазкур ба мисли ҳама гуна давраҳои дигари таърихӣ таҳлили ҳамаҷониба, бардошти ҷиҳатҳои эҷобӣ ва танқиди созандаро ногузир тақозо мекард.

**383. Ба фалсафаи асрҳои XVIII-XIX Олмон кӣ аввалин маротиба унвони фалсафаи классикиро додааст?**

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи фалсафаи мазкур яке аз саромадони фалсафа ва идеологияи марксистӣ Ф. Энгелс, ки фалсафаи он баъдтар мавриди баррасиамон қарор хоҳад гирифт, ба ин фалсафа унвони фалсафаи классикии Олмонро додааст.

**384. Дар зери мафҳуми фалсафаи классикии Олмон таълимоти кадом мутафаккирон дар назар дошта мешавад?**

Дар зери мафҳуми мазкур, одатан, таълимоти файласуфони олмонӣ Кант, Фихте, Шеллинг, Гегел ва Фейербах дар назар дошта мешавад.

**385. Ақидаҳои намояндагони фалсафаи классикии Олмон ҳамоҳангии байниҳамдигарӣ доранд?**

Азбаски мавзуи фалсафаро ҳар як мутафаккир дар асоси усулҳои худ баррасӣ менамояд, дар ақидаҳои онҳо вуҷуд доштани ҳам ҳамоҳангӣ ва ҳам ихтилофот амри ногузир мебошад. Сарфи назар аз ҳама гуна тазодҳои мавҷуда, фалсафаи классикии Олмон яке аз созмондиҳандагони пурмуҳтаво ва созандаи фарҳанги фалсафии олам маҳсуб меёбад. Чигунагии фалсафаи мазкурро дар ҷараёни баррасии намояндагони машҳураш хоҳем донист, ки ба саромадаи он Иммануил Кант дохил мешавад.

**386. Иммануил Кант кӣ буд?**

Иммануил Кант (1724-1804) зодаи Пруссияи Шарқии Кёнигсберг, падараш ҳирфаӣ, вале инсони бадавлат будааст, ки писарашро аввал дар гимназия ва баъд дар донишгоҳ хонондааст. Кант дар ҷараёни таҳсил дар донишгоҳи Кёнигсберг ба омӯзиши фалсафа машғул мешавад ва дар ин соҳа ду рисолаи илмиро дифоъ мекунад. Дар натиҷа,

профессор, декан ва ректори донишгоҳи мазкур мегардад ва солҳои тӯлонӣ машғули таълими омӯзандагон мешавад.

Кант яке аз машҳуртарин олимони мавсуавии (донандаи илмҳои асосии даврони худ ба мисли илмҳои фалсафӣ, физика, математика, ҷуғрофия, антропология ва ғайра) асри XVIII Аврупо, мутафаккири истисноӣ буда, ба қуллаи ҳаёти маънавии даврони зиндагиаш баромадааст. Ӯ асосгузори фалсафаи классикии Олмон маҳсуб меёбад.

**387. Дар кадом асараш Кант асосҳои фалсафаи усулан нави худро ҷой дода буд?**

Масъалаҳои усулии (мабдаии) фалсафаи худро Кант дар рисолаи профессориаш ҷой дода буд, ки минбаъд онро фалсафаи "танқидӣ" номгузорӣ намуд ва дар сегона (се китоби мустақил), ки аз "Танқиди ақли соф" (1781), "Танқиди ақли феълӣ" (1788), ва "Танқиди истеъдоди муҳокимаронӣ" (1790) иборат мебошад, мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор додааст. Бояд қайд кард, ки фалсафаи "Танқидии" И. Кант марҳилаи аввали фалсафаи классикии Олмон гардид, ки барои рушди минбаъдаи фалсафаи мазкур такони қудратманде бахшид. Роҷеъ ба ташаккули ақидаҳои Кант ду давраро, одатан, ҷудо мекунанд: давраи "тотанқидӣ" ва "танқидӣ".

**388. Дар давраи "тотанқидӣ" Кант ба кадом таҳқиқоти илмӣ машғул будааст?**

Даврони "тотанқиди"-и фалсафаи Кант то солҳои 1780-ро дар бар мегирад, ки дар ин марҳила ӯ ба омӯхтан ва таҳқиқи илмҳои табиатшиносӣ машғул мешавад. Чунончи, соли 1755 асари худ "Таърих ва назарияи умумии табиат ва кайҳон"-ро ба охир мерасонад, ки дар он фарзияи космогонӣ, яъне ба вуҷуд омадани системаи офтобиро (низоми ё тартиби ҷойгиршавии ҷирмҳои осмонии гирди офтобро), аз кадом як материяи (маводи моддии) дар шакли зарраҳои парокандаи сӯзон ва дар асоси ҳаракатҳо ва таъсироти сирф табиӣ, бе дахолати кадом як офаридгар ё такондиҳандаи аввалин, маънидод мекунад.

**389. Мазмуни мухтасари фарзияи мазкурро чӣ гуна маънидод кардан мумкин аст?**

Аввалан, таъкид мекунем, ки ин масъала мавзуи омӯзиши физика ба шумор меравад ва бо чанд ҷумла ифода кардани он имконнопазир мебошад, зеро тафсир бо чанд ҷумла ҳамаи муҳтавои масъаларо дода наметавонад. Сарфи назар аз ин гуфтаҳо, лозим медонем бигӯем, ки мазмуни мухтасари фарзияи мазкурро чунин тафсир кардан мумкин аст: дар ҳолати ибтидоӣ кайҳон аз парокандагии бенизоми зарраҳои модии гуногуншакли дар фазои кайҳонӣ ҷойдошта иборат аст. Зарраҳои мазкур дар зери таъсири қувваҳои ҷозибаи ба онҳо хос ба сӯйи ҳамдигар ҳаракат мекунанд. Дар чунин ҳолати ба самти ҳамдигар ҳаракаткуниҳо унсурҳои парокандаи дорои зичии бештар тавассути қувваи ҷозибаашон тамоми зарраҳои моддии зичии камтар доштаро дар атрофи худ ҷамъ меоваранд ва боз ҳам бештар зичиро ба вуҷуд меоваранд. Ин раванд бе иштироки ҳеҷ гуна батаконоварандаи фавқуттабиӣ сурат мегирад. Дар натиҷа ҷирмҳои гуногуни низоми офтобӣ арзи вуҷуд мекунанд.

**390. Аҳамияти фарзияи космогонии Кант аз чӣ иборат аст?**

Аҳамияти ин фарзия аз он иборат аст, ки вай, аввалан, ақидаи офарида будани кайҳонро истисно мекунад ва, дувум, кӯшиши хеле муҳиме барои ба вуҷуд овардани тасвири (модели) рушди муттасил, пай дар пайи таҳаввулии (эволютсионии) кайҳон ба шумор меравад.

**391. Оё асари Кант "Таърих ва назарияи умумии табиат ва кайҳон" дар замони зиндагии мутафаккир чоп ва интишор гардидааст?**

Асар дар матбаа чоп мешавад, вале ба сабаби муфлисшавии матбаа аз анбори он ба берун намебарояд ва минбаъд сӯхта мешавад, яъне дар замони зиндагии Кант дастраси хонандагон намегардад.

**392. Таҳқиқи табиатшиносӣ Кантро ба кадом натиҷа меовард?**

Машғулияти Кант дар ҷодаи табиатшиносӣ ӯро ба он меоварад, ки табиатшиносӣ ба бисёр масъалаҳои сарҳадӣ

(ҳадди охир надошта), ба монанди беинтиҳоии олам, сабаби мушаххаси пайдоиши он ва ғайра ҷавобгӯ буда наметавонад. Гуфтаи мазкур, яке аз сабабҳои ба агноститсизм майл кардани Кант низ мегарданд.

**393. Масъалаҳое, ки дар доираи табиатшиносӣ ҳалли худро ёфтанашон имконнопазир аст, ба кадом мафҳум ифода мекарданд?**

Анъана шудааст, ки чунин масаъалаҳоро масъалаҳои "метафизикӣ", яъне масъалаҳои хориҷ аз доираи таҷриба гӯянд. Масъалаҳои метафизикӣ мавзуоти сарҳадиро (ҳадди ахирро), ки дар боло зикрашон кардем, дар бар мегиранд. Бинобар ин саволе ба миён меояд, ки оё метафизика метавонад илми ҷиддие гардад ва тавонад масъалаҳои номбурдаро ба таври бояду шояд таҳқиқ намояд?

Донандагони мероси фалсафии Кант қайд мекунанд, ки ҳамин масъала, яъне расонидани метафизика ба илми ҷиддӣ, мавзӯи марказии тамоми фалсафаи Кант ба шумор меравад.

Бояд як мулоҳизаро дар ҳамин хусус таъкид кард, ки дар байни файласуфони муосир низ пажӯҳишгароне ҳастанд (масалан, А. Г. Спиркин), ки мавзуоти фавқулфизикӣ, яъне масъалаҳое, ки дар доираи таҷрибаи инсон ҳаллу фасл карда намешаванд, зеро онҳо ё бекарон ва ё таҷридӣ (абстрактӣ) мебошанд, аз масъалаҳои шоиста ва мӯътабари тадқиқоти илмӣ маҳсуб медонанд.

**394. Оё то Кант ҳам чунин фарзияҳо вуҷуд доштанд?**

Бале, то Кант низ чунин фарзияҳо вуҷуд доштанд. Чунончи, тасаввуроти қадимтарин дар бораи чигунагии пайдоиши ҷирмҳои осмонӣ ва тартиботи ҷойгиршавии онҳоро дар асотир ва таълимоти динӣ, ки тибқи фарзияҳои онҳо ҷирмҳои кайҳонӣ аз ҷониби қувваи (халлоқи) фавқуттабиӣ офарида шудаанд, пайдо кардан мумкин аст.

Дар натиҷаи муқаррар гардидани назарияи гелиосентризм (офтобмаркзӣ) ва геосентризм (заминмаркзӣ) аз даврони Антиқа сар карда то ба даврони Нютон, ки дар афкори илмии Нютон як навъ ҷамъбасти худро меёбад, ақидаи ба таври табиӣ ба вуҷуд омадани ҷирмҳои кайҳонӣ авлавият пайдо мекунад.

Дар фарзияи мазкур Кант ба физикаи Ниютон такя карда, ба хулосаи имконияти дар шакли кура (гирда, мудаввар) ҷамъ омадани материяи дар боло зикргардида мерасад. Кураи ташаккулёфта дар натиҷаи омили қувваи ҷозиба (гравитатсионӣ) давр мезанад, гарм мешавад ва меҳвару (ядрову) ҳалқаҳои худро ба вуҷуд меоварад.

Умуман, фарзияи Кант яке аз ҳамаҷонибатарин ва мукаммалтарини назарияи космогонӣ дар таърихи илмҳои табиатшиносӣ ва фалсафа ба шумор меравад.

**395. Давраи "танқидии" фалсафаи Кантро чиҳо дар бар мегиранд?**

Давраи мазкури фалсафаи Кантро масъалаҳои соҳаи назарияи маърифат (гносеология) дар бар мегиранд. Чунончи, Кант чунин ақида дошт, ки омӯзиши имкониятҳои маърифатии инсон ва муайян кардани ҳудуди он масъалаи муҳимтарин ба шумор меравад. Бинобар ин Кант ба масъалаҳои гносеологӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад, ки дар ҷараёни тадқиқи онҳо андешаҳои гуногуни марбут ба мавзӯъ мавриди танқид қарор мегиранд.

**396. Муҳтавои мухтасари назарияи маърифати Кант аз чиҳо иборатанд?**

Қабл аз ҳама, бояд қайд кард, ки мувофиқи таълимоти Кант заминаҳову шароитҳои зарурии маърифат дар ақли инсон зотан вуҷуд дошта, асоси донишро ташкил мекунанд ва онҳо ба дониш хусусияти зарурӣ ва куллӣ медиҳанд. Бинобар ин, - мегӯяд Кант, - лозим аст, ки ба ҷойи усули муқарраротии (догматикии) маърифат, методи танқидии усулҳои маърифати худи ақл омӯхта шаванд, омӯхта шаванд, ки то кадом ҳад ақли инсон метавонад донишро аз бар намояд. Дигар он ки Кант, объекти маърифатро ба ду тақсим мекунад: яке аз зуҳури чизҳои эҳсосшаванда ва дувумӣ аз чизҳое, ки худ ба худ вуҷуд дошта, ба мо номаълум мемонанд, иборат аст. Кант чунин мегӯяд, ки мо чизҳоро ҳамон тавре ки зуҳур меёбанд медонем, яъне мо оламро на ба он сифате, ки вай дорад, медонем, балки ҳамон тавре ки зуҳур меёбад медонем. Пас, ба дониши мо танҳо зуҳур, ки онро *феномен* мегӯянд, дастрас мебошад, аммо моҳияти онҳо, ки онро ба ифодаи *"чизҳои дар худ"* таъбир

мекунанд, боқӣ мемонад ва мо онро мутлақо дониста наметавонем. Моҳияти чизҳо барои мо дастнорас мемонанд, ки онро *ноумен* меноманд. Мо дар бораи онҳо танҳо тавассути ақл чизе гуфта метавонем, вале онҳо ба доираи таҷрибаи мо шомил шуда наметавонанд.

**397. Назарияи маърифати Кантро бе баррасии масъалаҳои марбут ба фазо ва вақт мукаммал кардан имконнопазир аст? Дар ин масъала Кант чӣ ақидаҳо дорад?**

Кант роҷеъ ба ин масъала изҳори итминон мекунад, ки фазо ва вақт хусусиятҳои нақшӣ (идеалӣ) доранд, онҳо воқеӣ намебошанд. Фазо ва вақт, азбаски хусусияти идеалӣ доранд, дар таҷриба дониста намешаванд. Агар онҳо дар таҷриба дониста нашаванд, пас, онҳоро мо танҳо тавассути тафаккурамон муҳокима мекунем. Тафаккурамон бошад, ба воситаи мақулаҳо (категорияҳо), яъне мафҳумҳои умумӣ ифода мешаванд, ки онҳо, мувофиқи ақидаи Кант, моҳияти "танҳо шаклҳои мантиқӣ" мебошанд ва мазмуни онҳо аз ифодаи воқеоти олами моддӣ иборат набуда, балки танҳо "тафаккури холисро" тавсиф менамоянд. Пас, категорияҳо, ки ифодакунандаи воқеоти олами моддӣ намебошанд, ба инсон пеш аз ҳама гуна таҷриба дода мешаванд ва хусусияти пешакӣ вуҷуддошта *(априорӣ)* доранд.

Дигар он ки Кант дар назарияи маърифати худ ба масъалаи диалектика аҳамияти калон медиҳад ва тазодро ҳамчун лаҳзаи зарурии дониш маънидод мекунад. Аммо диалектика барои Кант танҳо ҳамчун усули назарияи маърифат ба шумор меравад ва хусусияти субъективӣ дорад, зеро вай тазоди худи воқеоти олами моддиро дар назар надошта, балки тазоди танҳо фаъолияти тафаккурро дар назар дорад.

**398. Мо дар боло мафҳуми "априорӣ"-ро истифода кардем. Мафҳуми мазкур чиро ифода мекунад?**

Кант ба мисли чанд тан аз мутафаккирони гузашта, ба мисли Декарт, Лейбнитс ва ғайра, донишро ба ду шакл тақсим мекунад, ки якеро *апостериорӣ* ва дигареро *априорӣ* меномад. Ба дониши *апостериорӣ* ҳамон донише дохил мешавад, ки дар натиҷаи таҷриба ба даст меояд. Вожаи апостериорӣ лотиниасос буда, аз ду қисмат: *а – аз* ва *постериорӣ – минбаъда* иборат аст,

яъне донише, ки баъд аз гузаронидани таҷриба ба даст меояд. Вожаи *априорӣ* низ аз ду қисмат *а – аз* ва *приорӣ – пешина,* собиқ тарҷума мешавад ва ҳамчун мафҳуми фалсафӣ барои ифода кардани донишҳои пеш аз таҷрибавӣ ва новобастаи мустақил аз таҷрибаро дар назар дорад.

**399. Бо тақсим кардани дониш ба ду шакли мазкур – апостериорӣ ва априорӣ Кант кадом муамморо дар назар дорад?**

Бо чунин таснифоти дониш Кант ҳамин чизро гуфтанӣ аст, ки донишҳои *априорӣ* зотӣ набуда, балки истеъдоди табиии таркиббандӣ, батартибоварии маълумот дар бораи олами беруна маҳсуб меёбад. Ин ифода маънии онро дорад, ки манбаи дониш парвози шуур набуда, балки тарзи воқеӣ, “табиии” ташкили ба низоми муайян андохтани маводи ҳиссии бенизом ба шумор меравад. Хулоса, манбаи ҳам донишҳои *апостериорӣ ва ҳам априорӣ* дар воқеияти олами беруна вуҷуд дорад ва ҳар ду шакл бидуни ҳамдигар имконнопазир аст. Хусусияти донишҳои априорӣ дар он аст, ки онҳо дар воқеият ҳастанд, вале мавриди таҷриба қарор дода намешаванд, аз таҷриба барнамеоянд ва аз маҳсули тафаккур, ақли инсон, ки ба раванди маърифат пайвастагӣ дорад, ҳосил мешаванд.

**400. Оё дар назарияи маърифати Кант воқеоте низ ҳаст, ки донистани илмии онҳо имконнопазир бошад?**

Бале, чунин воқеот, мувофиқи ақидаи Кант, вуҷуд дорад. Масалан, Худо, руҳ, олам дар шакли бекарониаш, озодӣ ва амсоли онҳо, ки соҳаи истеъдоди маърифатии (донишҳосилкунии) севуми инсон - ақл маҳсуб меёбанд. Хусусияти чунин объектҳои маърифат дар он аст, ки онҳоро дар доираи таҷриба ташхис кардан мумкин нест, дурусттараш, имконнопазир мебошанд. Чунончи, магар мо метавонем Худоро бубинем ё озодиро ламс кунем ва ё бекаронии оламро ташхис намоем? Ба ҳамаи ин саволҳо ҷавоб манфист, зеро объектҳои мазкур ташхиснашаванда мебошанд.

**401. Ба гуфтаҳои боло такя карда, метавонем савол гузорем, ки пас, ин мафҳумҳо аз куҷо пайдо шудаанд ва оё тафаккури инсон аз доираи таҷриба баромада метавонад?**

Ба ин свол Кант чунин ҷавоб медиҳад, ки тафаккури инсон хусусияти аз доираи таҷриба баромаданро дорад. Дар ҳамин асос, тафаккур чунин мафҳумҳо, ба мисли Худо, озодӣ, беинтиҳоӣ ва ғайраро ба вуҷуд меоварад, ки донистани илмии онҳо имконнопазир мебошад. Вақте ки тафаккур ақидаҳои (идеяҳои) худ, ба мисли Худо, руҳ, олами беинтиҳо ва ғайраро ҳамчун объектҳои воқеии олами моддӣ баррасӣ кардан мехоҳад, дарҳол ба тазод дучор мешавад, ки онро Кант "антиномияҳои ақли холис" меномад.

**402. Мафҳуми антиномия чиро ифода мекунад?**

Дар зери ин мафҳум муҳокимаҳои ҷуфти ба ҳамдигар ихтилофдошта, яъне зиддият дошта, ба монанди: олам аз ҷиҳати пайдоиш замон дорад ва олам аз ҷиҳати пайдоиш замон надорад ё тақсимшавӣ ҳудуд дорад ва тақсимшавӣ беҳудуд аст, ҳаракат хусусияти муттасилӣ дорад ва ҳаракат хусусияти мунфасилӣ дорад ва амсоли инҳо фаҳмида мешавад. Мувофиқи ақидаи Кант, ин хатоҳои мантиқӣ набуда, балки хатои тафаккур, ақл аст, ки вай аз доираи имкониятҳои маърифатии инсон мебарояд.

**403. Хусусияти тазодии маърифатро Кант чӣ гуна ҳал карданӣ мешавад?**

Барои ҳалли ин масъала мутафаккир пешниҳод мекунад, ки олам аз олами зуҳур (феномен) ва олами "чизҳои дар худ" (ноумен) иборат дониста шавад.

**404. Пешниҳоди мазкури Кантро чӣ гуна тафсир кардан мумкин аст?**

Пешниҳоди Кантро чунин тафсир метавон кард: олами зуҳур чизҳоеро дар назар дорад, ки дар шакли зоҳириашон инсон онҳоро эҳсос мекунад, яъне инсон чизҳоро ҳамон тавре ки зоҳир мешаванд, дарк мекунад. Аммо он чизе, ки инсон дарк кард, танҳо зоҳир буда, на ҳамон чизе мебошад, ки дар ҳақиқат ҳаст. Пас, чунин мешавад, ки зоҳири чизҳо барои инсони маърифаткунанда буда, сифати ботинии он, моҳияти аслии он барои инсони маърифаткунанда не, балки вай дар худии худ боқӣ мемонад. Ин қисмати чизҳоро Кант бо ифодаи "чизҳои дар худ" таъбир кардааст. Дар ниҳояти кор чунин

муҳокимаронии Кантро ба сӯйи агноститсизм (эътирофи донистанашавандагии олам) мекашад, ки роҷеъ ба он дар саволу ҷавобҳои болотар гуфта будем.

**405. Оё Кант эътироф мекунад, ки олами воқеии пурасрор берун аз шуури инсон ва новобаста ба он вуҷуд дорад?**

Дар бораи вуҷуд доштани олами пурасрор Кант ҳеҷ шубҳае надорад. Вале, мувофиқи ақидаи вай, олам аз ҷиҳати таркиб ба кадом як ҳастии мутлақ шабоҳат дорад. Ин ҳастии мутлақ аз ибтидо аз ҳама гуна имкониятҳои тафаккури мантиқии инсон болотар меистад. Бинобар ин вай донистанашаванда аст. Ана ҳамин ҳастии мутлақи донистанашавандаро Кант "чизҳои дар худ" меномад, ки дар бораи мавҷудияти он ҳеҷ чизро дақиқ донистан мумкин нест. Дар бораи он танҳо дар ҷараёни саъйи бениҳоят ҷиддии одамон ба сӯйи Худо, боварии амиқ ва беинтиҳо ба намирандагии руҳ ва ногузирии ахлоқ, ҳамчун қонуни ботини инсон, тахмин кардан мумкин аст.

**406. Аз таърихи фалсафа маълум аст, ки соҳаи дигари ба шуҳрат расонидани номи Иммануил Кант этикаи ӯ, яъне таълимоти Кант дар бораи ахлоқ мебошад. Муҳтавои мухтасари ин таълимот аз чиҳо иборат аст?**

Дар ҳақиқат, Кант илми этикаро – таълимот дар бораи ахлоқро низ ба таври худ ва хеле муфассал таҳқиқ кардааст ва афкори ҷолибе низ иншо намудааст, ки шиносоӣ бо онҳо аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

Агар ба таълимоти ахлоқии Кант муроҷиат кунем, муҳтавои мухтасараш чунин мешавад: Кант чунин муҳокимаронӣ мекунад, ки агар этика ҳамчун илм имконпазир бошад, пас, хулосаҳои он дар шакли меъёрҳои ахлоқӣ, бояд хусусияти умумӣ ва зарурӣ дошта бошанд. Аммо чунин ҳолатро дар доираи таҷриба ба даст овардан имконнопазир аст. Пас, талаботи ахлоқӣ воқеияти берун аз доираи таҷриба мебошанд, яъне хусусияти априорӣ доранд. Агар онҳо априорӣ бошанд, пас, мутлақ мебошанд. Чунончи, гӯем ки "дурӯғ магӯ" маънии онро дорад, ки дурӯғ нагуфтан дар ҳама ҳолатҳо – ба ҳеҷ кас, ҳаргиз ва дар кадом ҳолате набошадро дар назар дорад. Чунин ҳолатро қонуни ахлоқӣ меноманд, ки онро танҳо тафаккур, ақл дода метавонад.

**407. Оё дар асоси қонуни ахлоқи ботинии Кант зистани инсон имконпазир аст?**

Савол хеле бамаврид, зеро дар ҳаёт иродаи инсон натанҳо тибқи қонунҳои тафаккур амал мекунад, балки лозим меояд ҳолатҳои дигар, ба монанди, фоида, суд, тарс ва амсоли инҳоро дар раванди зиндагӣ ба эътибор гирад, вагарна зистани феълӣ имконнопазир мегардад. Кант дар атрофи ин тазод муҳокимароиниҳои густурда дорад, ки дар доираи маҳдуди саволу ҷавоб ҳамаи онҳоро овардан имконнопазир мебошад, вале, метавонем хулосаашро биоварем, ки чунин мешавад: танҳо ҳамон фаъолият ва ҳамон муносибат метавонад фаъолият ва муносибати ҳақиқӣ бошад, ки дар он ҳадафи асосӣ инсон ва инсоният бошад. Танҳо ҳамин ҳадафи фаъолияти мо мутлақ мебошад. Ҳамаи дигар фаъолиятҳо ва муносибатҳо хусусияти нисбӣ доранд.

**408. Агар меъёри зиндагӣ дар асоси усули мазкур сурат гирад, пас, қарзи виҷдон ба кӣ ва чӣ лозим аст?**

Боз саволи бамаврид. Бинобар ин лозим медонем, қабл аз ҳама, роҷеъ ба мафҳуми қарзи виҷдон низ тафсире биоварем. Масалан, ба ақидаи Кант, дар зери мафҳуми қарзи виҷдон чунин рафтор ва кирдор бояд фаҳмида шавад, ки он ҳаммеъёри талаботи бевоситаи қонуни мутлақи ахлоқӣ "талаботи қотеона" бошад. Бинобар ин мувофиқи ақидаи Кант, танҳо рафтору кирдоре, ки баҳри адои қарзи виҷдон (на барои қонеъ кардани талаботи нафси худ, хушбахтии худ ё муваффақияти худ) анҷом дода мешавад, рафтору кирдори ахлоқӣ номидан мумкин аст.

**409. "Талаботи қотеона" чӣ маънӣ дорад?**

Талаботи қотеона, ки дар юнониву лотинӣ "категорикос императивус" ё дар истифодаи русӣ "категорический императив" мегӯянд, дар таълимоти этикӣ-ахлоқии Кант маънии қонуни ҳамагонии ҳатмии ахлоқро, ки тамоми одамон, сарфи назар аз мансубияташон ба табақоти иҷтимоӣ, мавқеи иҷтимоӣ ва гайра ба он бояд итоат кунанд, дар бар мегирад. Талаботи қотеона ҳар фарди ҷомеаро вазифадор мекунад, ки

дар асоси қоидаи он рафтору кирдори онҳо, бояд ҳамчун намуна ба қонуни ҳамагонии ахлоқ хидмат намояд.

**410. Оё “талаботи қотеона”-ро дар ҳаёт татбиқ кардан мумкин аст?**

Дар ҷавоб ба ин савол бояд гуфт, ки, мутаассифона, ҳаёти феълии инсон ба ҳама гуна меъёрҳои идоракунандаи ҷомеа, аз ҷумла меъёрҳои ахлоқӣ нақшҳои худро дохил мекунад. Чунончи, дар ҳаёти воқеӣ аксаран на онҳое, ки ахлоқи ҳамида, маҳорати касбӣ, салоҳияти баланди корӣ доранд, балки, мутаассифона, маддоҳон, бесаводон, ришваситонон ва ҳама гуна вайронкунандагони меъёрҳои ахлоқӣ “муваффақият” пайдо мекунанд. Чунин ҳолати ҷомеа ба ҳеҷ кас пӯшида ҳам нест. Вақте Кант чунин зуҳурро баррасӣ мекунад, дар ҷавоб мегӯяд, ки: агар се шарти ҳатмӣ: а) итминон ба ҳастии Худо, б) итминон ба абадияти руҳ ва в) итминон ба озодии ирода риоя карда шавад, ҳеҷ як накӯкорӣ ҳаргиз бе мукофот нахоҳад монад. Кант илова мекунад, ки танҳо бо риоя кардани муқарраротн мазкур дар асоси ахлоқ оқилона созмон додани оламро эътироф кардан мумкин аст. Мутафаккир ҳамчун шахсияти фарҳанги волои замонаш ба чунин заминаи барпо кардани ҷомеа содиқона бовар ҳам дошт.

Фалсафаи И. Кант ва махсусан, назарияи маърифати ӯ ба мутафаккирони минбаъдаи Олмон бетаъсир набуд. Яке аз онҳое, ки дар зери таъсири фалсафаи Кант монда буд ва назарияи маърифати ӯро ба таври худ рушди минбаъда бахшид, Иоҳан Ҳотлиб Фихте ба шумор меравад.

**411. Иоҳан Ҳотлиб Фихте кӣ ва чӣ гуна мутафаккир буд?**

Иоҳан Ҳотлиб Фихте (1762-1814) намояндаи дигари идеализми классикии Олмон маҳсуб меёбад, ки ақидаҳои илмиву фалсафии ӯ ба рушди минбаъдаи фалсафа таъсири назаррас гузоштааст. Номбурда аз оилаи серфарзанди ҳирфаии бофандаи камбизоат буда, истеъдоди табиӣ доштааст. Ӯ ба сабаби як амри тасодуф (заминдори маҳаллии зиндагии Фихте дар кӯдак истеъдоди фавқулода мулоҳиза мекунад ва ба таҳсилоти ӯ кӯмак мерасонад) ба маълумоти мактабӣ ва донишгоҳӣ соҳиб мегардад. Хатмкунандаи донишгоҳи ш. Лейпсиг мебошад. Соли 1791 Фихте барои мулоқот бо Кант ба

Кёнигсберг меояд ва бо мусоидати Кант асари аввалини таъчилӣ иншокардаашро ба унвони "Тачрибаи танқиди ҳама гуна гушоишҳо" ба чоп мерасонад ва минбаъд як тан аз файласуфони мустақил ва машҳури даврони худ мегардад.

**412. Оё инқилоби Бузурги Фарансо ба ташаккули фалсафаи Фихте таъсир кардааст?**

Инқилоби Бузурги Фаронса ба ташаккули Фихте ҳамчун файласуф ва "инқилобчӣ" таъсири муайян мегузорад. Фихте ба фалсафа ҳамчун воситаи идеологии тағйири шуури чомеа, ки дар натичаи он тағйири ҳастии чомеаро ба вучуд овардан мумкин аст, мурочиат мекунад.

Соли 1775 Гёте, ки ҳамон вақт вазири гертсогии Саксен-Веймарӣ буд, Фихтеро ба сифати профессори донишгоҳи Йен даъват мекунад. Дар натичаи чанги миёни Фаронса ва Олмон соли 1806 Пруссия аз чониби Фаронса истило гардида, як муддат донишгоҳҳои Олмон баста мешаванд. Баъдтар, баъди таъсиси донишгоҳи Берлин, ӯро декан таъин мекунанд ва минбаъд ректори ҳамин донишгоҳ интихоб мешавад.

Барои аз истилои фаронсавиҳо озод кардани Олмон, Фихте, пайваста ба мардуми Олмон тавассути нутқҳои худ мурочиат мекард ва дар онҳо мардумро баҳри эҳёи маънавӣ, муттаҳидии сиёсӣ ва ба даст овардани истиқлолияти миллӣ даъват менамуд.

Дар ифодаҳои даъватии Фихте, бар замми шиорҳои эчобӣ, боз чизҳое буданд, ки хусусияти шовинистии олмониёнро ҳамчун халқи "мунтахаб"-и миллатҳои аврупоиро сарпарастикунанда ва начотбахш "аз парокандашавии дохилӣ ва заволёбии мунтазир" маънидодкунанда доштанд. Чун аз таърих маълум аст, қисмати ахирии даъватҳои Фихтеро идеологҳои фашизми Олмон дар Чанги Дувуми Чаҳон низ истифода карда буданд.

Баъди шикаст хӯрдани Наполеон аз чониби Россия, Фихте ба қатори муборизони зидди истилои Фаронса номнавис мешавад. Ҳамсараш бошад, ба захмиҳо кӯмак мекард ва дар натича ба бемории домана гирифтор мешавад. Беморӣ ба Фихте низ мегузарад ва дар охири моҳи январи соли 1814 мутафаккир вафот мекунад. Дар дами марг Фихте изҳори қаноатмандӣ мекунад, ки муборизаҳояш бар зидди хоричиён бе

натиҷа намонда, кишвараш аз истилои онҳо озод мегардад. Фихте муҳаррири "Маҷаллаи фалсафӣ", шахсияти озодандеши давронаш буд.

**413. Муҳтавои мухтасари фалсафаи Фихте аз чиҳо иборатанд?**

Қабл аз ҳама, қайд мекунем, ки Фихте яке аз намояндаҳои дигари идеализми классикии Олмон ба шумор меравад. Дар солҳои 1794-1795 Фихте асари асосии худ "Асосҳои умумии таълими илм"-ро менависад. Дар ҳамин асар акидаҳои фалсафии мутафаккир гирд оварда шудаанд. Дар асари мазкур Фихте кӯшиш мекунад нишон диҳад, ки танҳо фалсафа метавонад асоси ҳама илмҳо, яъне таълимот дар бораи умуман илм бошад.

Дигар он ки дар маркази диққати Фихте масъалаи назарияи маърифат (гносеология) низ меистад. Аммо, дар баррасии ин мавзуъ Фихте ҳамраъйи дуализми Кант набуда, балки кӯшиш кардааст, то низоми ботинан ягонаи донишро ба вуҷуд оварад, ки вай дар навбати худ низ ба асоси ягонаи муътамад, асоснок такя намояд. Ин асоси муътамад барои Фихте шуур, субъект ба шумор меравад, яъне илм, мувофиқи нуқтаи назари Фихте, бояд ба баррасии моҳияти шуур, худмуайянкунии шуур машғул шавад. Ба сифати худмуайянкунӣ, худшиносии шуурро восита мекунад, ки он, мувофиқи Фихте, ҳамчун як худмуайянӣ маҳсуб меёбад. Ба ифодаи дигар гӯем, "Ман – ин Ман" ё шуур "худ ба худ" мебошад, ки бояд ҳамчун объекти аввалини таҳқиқ эътироф карда шавад. Агар ба ифодаи дигар таъбир кунем, чунин мешавад, ки дар ҷараёни фаъолияти худшиносӣ, субъект бо объект батамом ба ваҳдат медарояд, ягона мешавад, яъне субъект объекти таҳқиқи худро, ки худаш аст, мешиносад. Фалсафаи Фихте тақозо мекунад, ки "Ман" худашро шиносад, яъне аз ҳамин "Ман" натиҷаи фаъолияти шуури худро бисозад. Дар чунин фаъолият бояд "Ман" озодӣ ва иродаи эҷодии хешро нигоҳ дорад. Хулоса, ба ягонагии худӣ расидан, худайниятёфтани "Ман" лаҳзаи амали аввали иродаи озоди инсон, самара ё натиҷаи аввалини фаъолияти шуури он мебошад.

Минбаъд, Фихте ба "Ман"-и субъект аз барои ҷудо кардан аз "Ман"-и объект формулаи "Ғайриман" ё (Ғайр аз ман)-ро

дохил мекунад, ки тибқи он, ҳолати дигари ҳамон "Ман", яъне мани ба объекти маърифат табдилёфта, ифода карда мешавад. Ҳамин тариқ, Ман"-и Фихте дар ниҳояти амр ба субъекти ягонаи олам табдил меёбад. Ҳама олам тавлиди "Ман"-и Фихте маҳсуб меёбад. Бинобар ин "Ман" ва "Ғайриман" танҳо ҳолатҳои гуногуни ҳамон як "Ман" мебошанд.

Асоси севуми таълими илм дар Фихте аз он иборат аст, ки "Ман" худии худро ва "Ғайриман"-ро дар назар дошта ба "Ман"-и мутлақ табдил меёбад.

Албатта, ин ақидаҳои Фихте маънии идеализми субъективиро, ки ҳама ҳастиро ба "Ман"-и субъект алоқаманд мекунад, ба шумор меравper ва ба тазод дучор нашуда наметавонанд. Тазодҳои дучоромада Фихтеро ба он меоваранд, то эътироф кунад, ки субъекти ягонаи дарбаргирандаи олам Худо буда, вай вуҷуд дорад. Бо чунин эътироф Фихте ба равияи идеализми объективӣ мегузарад.

**414. Фихте дар таҳқиқоташ ба кадом методи фалсафӣ такя кардааст?**

Масъалаи дигари ҷолиби диққати фалсафаи Фихте аз мавзуи зиддият ҳамчун асоси рушди диалектикӣ иборат мебошад. Зиддиятро Фихте на ҳамчун гумроҳшавӣ, балки ҳамчун лаҳзаи зарурии зуҳурёбии ҳақиқат маънидод мекунад. Пас, Фихте дар таҳқиқоташ аз методи диалектикӣ истифода карда, таъсири мутақобилаи тазодҳоро ба сифати қонуни ҳаракати маънавияти инсон, руҳи инсон тавсиф кардааст. Методи таҳқиқоти ӯ на дар олами воқеӣ, балки дар фаъолияти шуур истифода мегардад. Дар назарияи маърифати Фихте, ки ба донистани субъект равона гардидааст, сухан дар бораи фаъол будани субъекти маърифат меравад, ки дар он шуури инсон созанда, офарандаи олам маънидод карда мешавад.

**415. Агар ба таври хулоса гӯем фалсафаи Фихте дар кадом масъалаҳо назаррас аст?**

Дар ҷавоб ба ин савол бояд гуфт, ки Фихте, сарфи назар аз намояндаи идеализми субъективӣ буданаш, дар таҳқиқоти худ аз методи диалектикӣ бошуурона истифода кардааст. Дигар он, ки дуализми Кантро дар шакли "чизҳои дар худ" ва "зуҳур" бартараф карда, усули монистии таҳқиқро ба роҳ мондааст.

Севум, ба масъалаи соҳибихтиёрии инсон, шаъну шарафи шахсият, хусусиятҳои фаъол ва эҷодии ҳаёти инсон ҳамчун созандаи ҳам ҳаёти иҷтимоӣ ва ҳам ҳаёти шахсӣ таваҷҷуҳи калон зоҳир карда, масъалаҳои мазкурро мавриди тадқиқи ҳамаҷониба қарор додааст ва дар хусуси онҳо афкори ҷолиби диққат пешкаш кардааст.

Ҳидоятҳои Фихте баҳри такмили шахсияти инсон бо ифодаҳои "худро бишинос", "ҳамеша бо худ бош", "ҳамеша яксимо ва мувофиқ ба маънавияти ботиниат бош", яъне, озод, соҳибақл, дар рушди эҷод бекарон ва ғайра будани инсонро талқин кардааст.

Ҳоло мегузарем ба шахсияти дигари фалсафаи классикии Олмон, ки дар ақидаҳои ӯ афкори фарққунанда аз фалсафаи Кант ва Фихте вуҷуд доранд. Номи ин мутафаккир Фридрих Вилгелм Йозеф Шеллинг (1775-1854) мебошад.

**416. Фридрих Шеллинг кӣ ва чӣ гуна мутафаккир буд?**

Ф. Шеллинг зодаи шаҳраки Леонберг, хатмкунандаи бахши илоҳиётшиносии донишкадаи Тюбенген, профессори донишгоҳи ш. Йен, узви Академияи улуми Бавария, котиби генералии Академияи ҳунарҳои зебо, котиби шуъбаи фалсафаи Академияи улум будааст. Дар ибтидо пайрави И. Кант ва И. Фихте буда, минбаъд аз онҳо канора мегирад ва фалсафаи нави худро ба вуҷуд меоварад. Шеллинг дар донишкадаву донишгоҳҳои Олмони ҳамондавра ба сифати профессори фалсафа лексияҳо хондааст. Дар қатори шунавандагони лексияҳои Шеллинг сафири Австрия Меттерних, асосгузори анархизм дар Россия Михаил Бакунин, асосгузори экзистенсиализм, файласуфи даниягӣ С. Кёркегор, Ф. Энгелси ҷавон ва ғайра будаанд.

**417. Хусусиятҳои хоси фалсафаи табиати Шеллинг ва усули диалектикии он аз чиҳо иборатанд?**

Бояд қайд кард, ки Шеллинг кӯшиш кардааст, ки дастовардҳои илмҳои табиатшиносии замонашро мавриди таҳлили фалсафӣ қарор диҳад. Дар натиҷаи чунин таҳлилот ақидаҳои ҷолиби диққати худро пешниҳод кардааст, ки дар он се самти асосӣ: фалсафаи табиат ("натурфалсафа"), идеализми

транстсенденталӣ (руҳгароии фавқуттабиӣ) ва фалсафаи ваҳдат аҳамияти бештар доранд.

Мақсади асосии Шеллинг маърифати ҳастии мутлақ, ҳастии бечунучаро, нахустасоси ҳама гуна ҳастӣ ва тафаккур ба шумор меравад. Ҳастии мутлақро ӯ аввал дар худшиносии ҳастии олӣ, ки онро бо "Ман" ифода мекард, медид. Баъд дар раванди ҷустуҷӯйи нахустасос вай ба табиат мурочиат мекунад, зеро табиат нисбат ба шуури фардии инсон вуҷуди қаблӣ дорад. Баъд аз ин вай нахустасосро дар руҳи мутлақи пеш аз табиат вуҷуддошта ҷустуҷӯ мекунад. Руҳи мутлақро Шеллинг ҳамчун "зеҳни бешуурона", ки гӯё дар он ваҳдати субъект ва объект таҷассум ёфта бошад, маънидод мекунад. Ниҳоят, Шеллинг дар ҳастии мутлақ шахсияти Худоро мебинад, ки ҳама гуна ҳастии боқимонда танҳо ваҳйи Ӯ мебошанд.

Мақсади Шеллинг дар таҳлили фалсафаи табиат аз он иборат буд, ки ӯ мехост нишон диҳад, ки "Ғайриман" ҳамчун ифодакунандаи ҳама он чи ба "Ман" муқобил меистад, ба шумор меравад. Фалсафаи табиати Шеллинг, яъне, натурфалсафаи ӯро моҳияти руҳии табиат, ки ба мабдаи ғайримоддӣ асос ёфтааст, ташкил мекунад. Чун маълум аст, дар асри XVII ва минбаъд низ, ҳатто баъди он ки моддагароёни (материалистони) асри XVIII фаронсавӣ таълимот дар бораи ботинан фаъол будани материяро исбот карданд, материяро ҳамчун ҳастии беҳаракат, заиф, як навъ тӯдаи ботинан бефаъолият маънидод мекарданд. Агар материя, олами материалӣ беҳаракат, заиф, тӯдаи ботинан бефаъолият бошад пас, мабдаи ба ҳаракатоваранда (заминаи) ниҳоди руҳӣ, идеалӣ мебошад. Моҳияти идеалии табиат дар ақидаҳои Шеллинг низ ба ҳамин тафсир асос меёбад. Бинобар ин моҳияти табиатро ҳамчун моҳияти идеалӣ маънидод менамояд. Азбаски асоси идеалии табиат фаъол, ҳаракаткунанда мебошад, пас, ҳама гуна тағйирёбӣ ба фаъолияти идеалӣ алоқамандӣ дорад. Дар асоси баррасиҳои минбаъдааш Шеллинг ба чунин хулоса омад, ки моҳияти ҳама гуна воқеият метавонад дар асоси ягонагии қувваҳои ба ҳам зидди фаъол маънидод карда шавад. Ин мухолифати қувваҳоро Шеллинг ягонагии қутбҳо номида буд ва мегуфт, ки азбаски қутбҳои мусбат ва манфии магнит дар якҷоягӣ вуҷуд доранд, қувваҳои ба ҳам зид низ дар ягонагӣ вуҷуд дошта метавонанд. "Чун, - мегуфт Шеллинг, - ҳама гуна

фаъолият дар натиҷаи муқобилияти қутбҳо ба вуқуъ мепайванданд, онҳо манбаи амиқи фаъолияти ҳама гуна ҳастӣ ба шумор мерававнд". Бинобар ин Шеллинг қутбиятро ҳамчун "рухи (ҷони) ҳақиқии ҷаҳонӣ" маънидод мекард. Аз ин гуфтаҳои Шеллинг чунин бармеояд, ки ӯ ба дарки тазод ҳамчун манбаи ҳама гуна ҳаракат расида буд. Ин ақидаҳои Шеллинг ақидаҳои диалектикӣ буданд, ки минбаъд ба гуфтаи Ф. Энгелс, яке аз заминаҳои инқилоби моддагароии (материалистии) диалектика гардиданд.

**418. "Фалсафаи ваҳдат"-и Шеллинг чӣ маънӣ дорад?**

Моҳияти "Фалсафаи ваҳдат"-и Шеллинг аз он иборат аст, ки гӯё ҳама гуна қутбҳои муқобил ва ихтилофот дар ҳастии мутлақ чунон ба ҳамдигар зич пайвастагӣ пайдо мекунанд, ки ҳама гуна ихтилофоти онҳоро аз байн мебарад ва дар ҳамин асос ваҳдати мутлақ созмон меёбад. Шеллинг бо ин афкораш кӯшиш мекард нишон диҳад, ки ҳастӣ аз ваҳдати ниҳодҳои субъективӣ ва объективӣ, аз ваҳдати тафаккур ва табиат иборат мебошад. "Фалсафаи ваҳдат"-и Шеллинг ба исботи он равона карда шудааст, ки ҳастии ягона – ҳастии мутлақ, ҳастии Худо мебошад. Ҳастии мутлақи худовандӣ ҳамчун вуҷуди олӣ нисбат ба табиат, олами табиӣ ва ҳастии инсонӣ ҳастии фавқуттабиӣ (транстсендентӣ) ба шумор меравад.

Вақте савол ба миён меояд, ки чаро ва барои чӣ ҳастии худовандии мутлақи мукаммал олами номукаммалро, олами аз он мутлақияти мукаммал бавуҷудомадаи номукаммалеро офаридааст? Ба ин саволҳо Шеллинг чунин ҷавоб медиҳад, ки гӯё Худо ва "асоси" мавҷудияти он аз ҳамдигар фарқ мекарда бошанд. Ин "асос"-ро Шеллинг чунин ифода мекард, ки он "чизе аст, ки дар худи Худо вуҷуд дорад, вале ҳамон чизи дар худи Худо вуҷуддошта, Худо нест". Шеллинг маънидод мекард, ки аз ҳамин "асос" гӯё табиат ва инсони аз Худо ҷудошуда тавлид меёбанд. Набзи эҷоди ин асосро Шеллинг ҳамчун "рағбати" ноокилонаи қувваи "торикӣ", ки аз вай "нахустиродаи" тавлидкунандаи "шарр" (бадӣ) ҷудо мешавад, тафсир мекунад.

Шеллинг масъалаҳои мароқовари дигар низ дорад, ки омӯхтани онҳо аз аҳамият холӣ нахоҳанд буд.

Ҳоло вақти он расид, то гузашта бошем ба баррасии ҳаёт ва фаъолияти эҷодии бузургтарин симои фалсафаи классикии Олмон Георг Вилгелм Фридрих Гегел.

**419. Гегел кӣ буд?**

Георг Вилгелм Фридрих Гегел (1770-1831) яке аз намояндагони барҷастаи фалсафаи классикии Олмон ба шумор меравад. Ӯ дар шаҳри Штутгард таваллуд ёфтааст. Гегел аввал дар гимназия ва минбаъд дар донишкадаи илоҳиётшиносӣ таҳсил менамояд. Ба фалсафа завқи калон пайдо мекунад ва дар ин соҳа ба дараҷаҳои баланди илмӣ соҳиб мешавад, дар донишгоҳҳои гуногун дарси фалсафа медиҳад, асарҳои ҷолиби диққат менависад ва соли 1831 ба беморӣ вабо гирифтор мешавад ва аз ҳамин беморӣ вафот мекунад.

**420. Гегел кадом асарҳоро эҷод кардааст?**

Гегел асарҳои зиёди фалсафӣ эҷод кардааст. Аз ҷумла, аввалин асари ӯ, ки Гегелро машҳур мегардонад, “Тафовут миёни низоми фалсафии Фихте ва Шеллинг” мебошад, ки соли 1801 аз чоп мебарояд. Дар ин асар Гегел ба муқобили идеализми субъективии Фихте баромада, таҳаввул ба идеализми объективии Шеллингро ҷонибдорӣ мекунад. Соли 1807 асари дигари Гегел ба унвони “Феноменологияи рӯҳ” аз чоп мебарояд. Соли 1812 ҷилди аввал ва соли 1816 ҷилди дувуми асари машҳури Гегел ба унвони “Илми мантиқ” аз чоп мебарояд. Соли 1817 “Мавсуаи илмҳои фалсафи”-и Гегел аз чоп мебарояд, ки вай аз се қисмат иборат аст: “Илми мантиқ”, “Фалсафаи табиат” ва “Фалсафаи рӯҳ”. Соли 1826 Гегел асари худ “Фалсафаи ҳуқуқ”-ро менависад. Баъди вафоти мутафаккир шогирдонаш чанд рисолаи боқимондаи ӯро аз чоп мебароранд. Маҷмуи асарҳои Гегел, ки солҳои 30-вум аз чоп мебароянд, 18 ҷилдро ташкил карда буданд.

**421. Гегел чӣ гуна файласуф буд?**

Агар ба таври умумӣ гӯем, Гегел намояндаи барҷастатарини идеализми объективӣ буд.

**422. Идеализми объективӣ чӣ маънӣ дорад?**

Роҷеъ ба ду равияи идеалистӣ (руҳгароӣ) – идеализми объективӣ ва идеализми субъективӣ мо дар ибтидои китоб маълумот дода будем. Азбаски саволу ҷавоби ҳозираи мо ба эҷодиёти яке аз бузургтарин намояндагони идеализми объективӣ бахшида мешавад, лозим аст, бори дигар хотирнишон намоем, ки дар зери мафҳуми идеализми объективӣ ақидаҳои ҳамаи он файласуфоне фаҳмида мешавад, ки онҳо нахустасоси оламро дар ҳастии руҳ, идея мебинанд ва дар ҳамин асос ҳама гуна воқеиятҳои дар олам рухдиҳандаро маънидод мекунанд.

**423. Идеализми объективии Гегелро чӣ гуна тафсир кардан мумкин аст?**

Дар ҷавоб ба ин савол қабл аз ҳама таъкид мекунем, ки мувофиқи ҷаҳонбинии Гегел олам раванди бениҳоят бузурги таърихии татбиқи имконоти кадом як тафаккур, рӯҳи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Ин рӯҳи ҷаҳонӣ ибтидои мутлақо объективона, воқеӣ, бешахс, идеалӣ буда, ҳамчун асос ва субъекти инкишоф, офаридгори олам ба шумор меравад ва ҳамин руҳи ҷаҳонӣ, ки онро Гегел бо ифодаҳои "тафаккури ҷаҳонӣ", "идеяи ҷаҳонӣ", "ақли ҷаҳонӣ", ки ҳамаи онҳоро дар маҷмуъ бо "идеяи мутлақ" ифода мекунад, воқеона, объективона вуҷуд дорад. Бинобар ин ҳам Гегел ва ҳам он файласуфоне, ки ба мисли ӯ руҳ, идея, яъне моҳиятҳои идеалиро объективона вуҷуд доранд мегӯянд, файласуфони идеализми объективӣ меноманд.

Гегел чунин ақида иброз мекунад, ки ҳама он чи дар олам вуҷуд дорад, танҳо нусхаи хираи ҳамон идеяи мутлақ, оқибат ва натиҷаи фаъолияти ҳамон идея ба шумор меравад.

**424. Аз идеяи мутлақ ба вуҷуд омадаии воқеоти гуногунранги олам чӣ гуна сурат мегирад?**

Дар ҷавоб ба ин савол моро лозим меояд гуфта бошем, ки раванди офариниши воқеот аз идеяи мутлақ, мувофиқи андешаи Гегел, дар се зина сурат мегирад:

(1) зинаи мантиқ, ки ба он тафаккури безамина, бешахс, "соф", яъне тафаккури бемавзуъ вуҷуддошта, ки аз худ низоми категорияҳои мантиқиро созмон медиҳад, дохил мешавад;

(2) зинаи табиат, ки дар зери ин мафҳум пардаи моддии зоҳирии идеяи мутлақ, нусхаи хираи он, "ҳастии дигар"-и идеяи мутлақ фаҳмида мешавад, дар назар аст. Дар доираи ин зина инсон низ ҳамчун як ҷузъи табиат ба вуҷуд меояд, ки арзи вуҷуд кардани он аз камолоти ташаккули табиат шаҳодат медиҳад. Инсони бавуҷудомада, дар ниҳояти амр ва тавассути фаъолияти маънавии худ эътирофи моддияти табиатро паси сар мекунад. Зинаи дувум дар баробари ба вуҷуд овардани инсон заминаи худшиносиро низ ба вуҷуд меоварад;

(3) зинаи руҳ, ки дар доираи он таърихи ҳаёти маънавии инсон фаҳмида мешавад. Дар доираи мазкур инкишофи минбаъдаи идеяи мутлақ идома меёбад ва то ба дараҷаи тафаккури фалсафӣ мерасад, ки он дар навбати худ гушояндаи манбаи ниҳони инкишофи олами мутлақ, яъне идеяи мутлақ, маҳсуб меёбад. Ифодаи боло аз он шаҳодат медиҳад, ки идеяи мутлақ ба фалсафа, яъне ба худии худ бозгашт мекунад ва худро дониста мегирад, ба худшиносӣ мерасад. Ба қавли Гегел, маънӣ, мақсад ва моҳияти ҳама он корзори идея ва тафаккури ҷаҳонӣ дар ҳамин аст. Дар асоси гуфтаҳои боло Гегел таркиби асари асосии худ "Мавсуаи илмҳои фалсафӣ"-ро низ созмон медиҳад, ки он, чун дар боло низ гуфта будем, аз "Илми мантиқ", "Фалсафаи табиат" ва "Фалсафаи руҳ" иборат мебошад. "Илми мантиқ" ба идеяи мутлақи дар худии худ буда бахшида мешавад, ки дар он дар доираи категорияҳои софи бешахс ва бемавзӯъ сухан дар атрофи таълимот дар бораи ҳастӣ, таълимот дар бораи моҳият, таълимот дар бораи мафҳум меравад.

"Фалсафаи табиат" бошад, ба мавзуи "ҳастии дигар"-и идеяи мутлақ, яъне ба табиат ҳамчун нусхаи хираи идеяи мутлақ бахшида мешавад, ки дар доираи он масъалаҳои механика, физика, физикаи органикӣ ва ғайра баррасӣ мегарданд. Дар чаҳорчӯбаи фалсафаи табиат инсон низ ба вуҷуд меояд ва заминаи расидан ба худшиносӣ арзи вуҷуд мекунад.

"Фалсафаи руҳ" ба баррасии мавзуи идеяи мутлақ дар гирдоби руҳ бахшида мешавад, ки дар доираи он масъалаҳои "Руҳи субъективӣ", "Руҳи объективӣ" ва "Руҳи мутлақ" мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

Барои дарк кардани мақсади Гегел бояд бигӯем, ки дар зери ифодаи "Руҳи субъективӣ" шуури инсон фаҳмида мешавад. Дар зери ифодаи "Руҳи объективӣ" оила, ҷомеаи шаҳрвандӣ (дунявӣ) ва давлат фаҳмида мешавад. Дар ифодаи "Руҳи мутлақ" таҷассуми вай дар ҳунар, дин ва фалсафа фаҳмида мешавад. Хулоса, сухан дар бораи он меравад, ки олами воқеии муҳит объективона вуҷуд надошта, балки таҷассуми руҳ, тафаккур, ибтидои идеалии мутлақ ба шумор меравад.

**425. Аввалин эътироф шудани рух, идея дар таърихи фалсафа буданд. Пас, тафовут миёни фалсафаи идеализми объективии гузашта ва Гегел дар чист?**

Тафовут дар он аст, ки "тафаккури ҷаҳони"-и Гегел ҳамеша дар ҷараён, зинда, серҳаракат, дар тағйирёбӣ, дар инкишоф мебошад. Умуман, агар ҳамаи навовариҳои Гегелро тасниф кунем, чунин мешавад:

(1) Гегел "рӯҳи ҷаҳонӣ" ва ҳама гуна таҷассумёбии онро (табиат, таърих, ҳунар, илм, дин, худи фард) дар ҳаракати муттасили инкишофёбандаи қонуниятӣ маънидод мекунад;

(2) дар ҳаракати болоравандаи руҳ робитаҳои диалектикиро кашф мекунад ва дар ҳамин асос низоми усулҳо ва категорияҳои диалектикиро ташаккул медиҳад;

(3) дар ҳама соҳаҳои имконпазири донишҳои инсонӣ усули таърихиятро мунтазам ва бемайлон истифода мекунад.

Хулоса, ҷиҳатҳои фарққунандаи фалсафаи идеализми объективии Гегелро олими машҳури рус Спиркин А. Г. чунин тавсиф кардааст: Ақидаҳои фалсафии Гегел пур аз идеяҳои инкишоф мебошанд. Ӯ чунин ақида изҳор мекард, ки воқеа, бе рушан кардани тамоми роҳи дар ҷараёни инкишофаш тай кардаро муайян накарда, бе дарки он ки инкишоф на дар доираи сарбаста сурат мегирад, балки дар раванди ҳаракати болораванда аз шаклҳои поёнӣ ба болоӣ, бе дарки он ки дар ин раванд гузариш аз тағйироти миқдорӣ ба сифатӣ сурат мегирад, бе дарки он ки тазод (зиддият) сарчашмаи инкишоф маҳсуб меёбад: тазод ҳаракати оламро таъмин менамояд, вай "асоси ҳама гуна ҳаракат ва ҳаёт", мабдаи ҳама гуна худҳаракаткунӣ мебошад, имкони дарк надорад. Дар низоми фалсафии Гегел воқеият ҳамчун силсилаи гузаришҳои диалектикӣ муаррифӣ шудааст.

**426. Дар ҷавоби боло тазод (зиддият) “асоси ҳама гуна ҳаракат ва ҳаёт” маънидод шуд. Пас, мафҳуми тазод чиро ифода мекунад, чаро вай ин қадар вазн доштааст?**

Барои таърифи мафҳуми тазод мо ба “Луғати мавсуавии фалсафӣ” муроҷиат мекунем, ки дар он омадааст: Тазоди диалектикӣ – таъсири байниҳамдигарии тарафҳои ба ҳамдигар муқобил, ҳамдигарро истиснокунанда ва тамоюли ашё ва воқеоте, ки дар айни ҳол дар ягонагии ботинӣ ва баҳамдигаргузарӣ вуҷуд дошта, ҳамчун сарчашмаи худҳаракаткунӣ ва инкишофи олами объективӣ ва маърифат баромад мекунанд. Ҳоло бо ин ҷавоб иктифо мекунем, зеро баъдтар, дар баррасии мавзӯи қонунҳои диалектикӣ боз ба ин масъала бармегардем ва дар он ҷо муфассалтар суҳбат хоҳем кард.

**427. Саҳми Гегел дар инкишофи фалсафа аз чиҳо иборат аст?**

Саҳми Гегел дар инкишофи фалсафа, қабл аз ҳама, дар он аст, ки ӯ методи диалектикии инкишофро ихтироъ кард.

**428. Методи диалектикӣ чӣ маънӣ дорад?**

Дар зери мафҳуми диалектика, айни ҳол, назарияи инкишоф бояд фаҳмида шавад, ки ба қонуни ягонагӣ ва муборизаи баҳамзидҳо асос ёфтааст, яъне дар раванди инкишоф масъалаи ташаккули тазод ва ҳалли он дар назар дошта мешавад. Гегел ба ин масъала чунин муносибат дошт, ки тазодро “меъёри ҳақиқат, аммо адами вуҷуди тазодро, нобудии тазодро меъёри раҳгумӣ” маънидод мекард.

Методи диалектикӣ ташаккул ва инкишофи ҳодисотро дар асоси робитаҳои байниҳамдигарии онҳо ва дар доираи робитаҳои мазкур инкишофи онҳоро дар назар дорад. Нақши меҳвариро дар методи диалектикии инкишоф тазод ва ҳалли он мебозад. Гегел дар ин бора чунин гуфта буд, ки “тазод асоси ҳама гуна ҳаракат ва ҳаёт аст: ҳар он чизе, ки дар худии худ тазод дорад, ҳаракат мекунад, соҳиби набз ва фаъолият аст”. Дар фалсафаи Гегел инкишоф хусусияти бетартибона надошта, балки дар доираи тартиби муайян сурат мегирад.

**429. Дар доираи кадом тартиб, мувофиқи фалсафаи Гегел, инкишоф сурат мегирад?**

Тартиби сурат гирифтани инкишофро Гегел дар се лаҳза тафсир мекунад, ки онҳо аз: ташаккулёбӣ (тезис ё ифода), инкори он (антитезис ё инкори ифода, яъне инкори инкор) ва рафъи тазод, ки онро синтез мегӯянд, иборат мебошанд. Вақте мо рафъи тазод мегӯем, ҳамин чизро бояд дар назар дошта бошем, ки ду зинаи аввали раванди инкишоф аллакай сипарӣ шудааст, аммо он ду зина ба тамом нест нашуда, балки дар сифати нав, дар зинаи нав, дар сифати нави болотари инкишоф нигоҳ дошта шуда, аз нав таҷдид гардидааст. Идеяи мутлақ ҳамчун созмондиҳандаи нахустасоси олам (ба ақидаи Гегел) низ дар инкишофаш ба ҳамин сегонаи дар боло зикр гардида – тезис, антитезис ва синтез итоат мекунад, яъне вай аввал дар шакли моҳиятҳои мантиқии соф ("Илми мантиқ"), баъд дар шакли "ҳастии дигар" ё табиат ("Фалсафаи табиат") ва, ниҳоят, дар шаклҳои гуногуни руҳ – ҳуқуқ, ахлоқ, ҳунар, дин ва ғайра ("Фалсафаи руҳ") баромад мекунад.

**430. Инкишофе, ки Гегел дар борааш сухан мекунад, ба кадом олам тааллуқ дорад?**

Дар ҷавоб ба ин савол, қабл аз ҳама, бояд гуфт, ки дар ҷаҳонбинии фалсафии Гегел олами моддӣ вуҷуд надорад, балки олам инъикоси хираи идеяи мутлақ ба шумор меравад. Ин инъикос низ олами моддиро дар назар надорад, балки нусхаи хираи ҳамон олами идеяро дар назар дорад. Барои он ки ин ақидаҳои Гегелро дарк кунем бояд ба ибтидои мантиқии фалсафаи ӯ бозгашт кунем. Масалан, аввал, ба ақидаи Гегел, кадом як "моҳиятҳои мантиқии соф" вуҷуд доранд, ки онҳо зинаи аввали инкишофи идеяи мутлақ мебошанд. Ба "моҳиятҳои мантиқии соф" қонунҳои мантиқӣ ва категорияҳои соф мантиқӣ, яъне мафҳумҳои умумитарин, шаклҳои умумитарини тафаккур, ки дар доираи онҳо ҳудудан умумитарин робитаҳо ва муносибатҳои ҳастӣ (кулл ва ҷузъ, зарурат ва тасодуф, сабаб ва натиҷа ва ғайра) тавлид меёбанд, дохил мешаванд. Категорияҳои соф мантиқии Гегел дар ҳаракат, тағйирёбӣ буда, худинкишофёбандаанд. Дар раванди инкишоф "моҳиятҳои мантиқии соф" то ба гузариш ба "ҳастии дигар", яъне табиат мерасанд, ки дар он инсон ҳамчун зинаи

олии инкишофи “ҳастии дигар” ба вуҷуд омада ташаккул меёбад. Ба вуҷуд омадани инсон, ташаккули оила, ҷомеа ва ҳаёти маънавии онро дар назар дорад, ки ин қисмати инкишофро “Фалсафаи руҳ” дар бар мегирад.”Фалсафаи руҳ” дар навбати худ ба се қисмат ҷудо мешавад – рӯҳи субъективӣ (шуури инсон), руҳи объективӣ (ҳуқуқ, ахлоқ, яъне оила, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат) ва руҳи мутлақ (ҳунар, дин, фалсафа). Дар руҳи мутлақ, руҳи ҷаҳонӣ ба худшиносӣ мерасад, ки он мақсади ниҳоии вай (руҳи ҷаҳонӣ) ба шумор меравад. Руҳи ҷаҳонӣ ба дараҷаи худшиносӣ расида, озодии комилро ба даст меоварад ва аз мушоҳидаҳои ҳиссӣ (ҳунар, санъат) ба сӯйи тасаввурот (дин) ва аз он ба сӯйи тафаккур дар мафҳумҳо (фалсафа) ҳаракат мекунад, яъне фалсафа зинаи олии худшиносии руҳи мутлақ, ба худ бозгашт кардани онро дар назар дорад.

Дар ҷамъбасти тафсири ақидаҳои назарияи маърифати Гегел бояд таъкид кунем, ки инкишофи Гегел олами моддиро не, балки олами идеяи мутлақ, руҳи мутлақ, руҳи ҷаҳониро дар назар дорад. Дар ин ҷода барои Гегел фалсафа зинаи олии инкишофи руҳи мутлақ маҳсуб меёбад, зеро дар доираи он руҳ дар шакли ба руҳ хоси мафҳумҳо ифода карда мешавад. Бинобар ин фалсафа тафаккури ба худ хос дар бораи тафаккур, натиҷаи инкишофи воқеият, маърифати ҳақиқатан мавҷуд дар бораи олам ба шумор меравад. Ин масъалаҳо дар фалсафаи Гегел хеле мароқовар буда, пурсишҳои гуногунро тақозо мекунанд. Азбаски доираи саволу ҷавоб маҳдуд мебошад, тавсия мекардем, то шогирдон бештар ба худомӯзии васеътари фалсафаи ин мутафаккири нотакрор машғул шаванд.

**431. Чун маълум аст, Гегел ба фалсафаи таърих низ машғул шудааст. Мехостем донем, ки фалсафаи таърих кадом масъалаҳоро баррасӣ мекунад?**

Азбаски таърихи инсоният, мувофиқи таълимоти Гегел, аз зуҳури “рӯҳи ҷаҳонӣ” иборат аст, ки он тибқи мантиқи оҳанин ва қонунмандӣ инкишоф меёбад, таърихи инсоният низ ба ҳамин мантиқ ва ҳамин қонунмандӣ алоқамандӣ дорад.

Дар фалсафаи Гегел руҳ, ки якҷоя бо таърихи умумиоламӣ ҳаракат мекунад, мақсади мушаххаси худро дорад, ки он аз озодӣ иборат мебошад. Барои он ки озодӣ ҳамчун воқеият

зуҳур ёбад, вай бояд ба воқеияти берунӣ гузарад. Дар чунин воқеияти берунӣ Гегел оила, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлатро мебинад. Дар расидан ба чунин озодӣ, Гегел чаҳор давраи таърихи умумиҷаҳониро аз ҳамдигар ҷудо мекунад, ки ба онҳо оламҳои зерин дохил мешаванд:

1. Олами Шарқ (Чин, Ҳинд ва Миср). Кишварҳои Шарқ, мегӯяд Гегел, озодиро намедонанд. Онҳо медонанд, ки танҳо як нафар озод аст, ки он ҳам мустабид аст.

2. Олами Юнон. Юнониён ба дараҷаи дарки озодии инсон расида истодаанд, вале он хеле маҳдуд мебошад, зеро танҳо баъзеҳо, онҳое, ки дар ғуломӣ нестанд, озоданд.

3. Олами Рум озодиро ба чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ дароварда истодааст, вале одамон озод нестанд.

4. Олами Олмон. Танҳо олмониҳо дарк кардаанд, ки хусусияти асосии инсонро озодӣ ташкил мекунад. Озодӣ ҳуқуқи ҷудонопазири ҳар як инсон мебошад. Ба даст овардани он, ки зинаи охирини таърихи инсоният маҳсуб мeёбад, низ давраи худро дорад. Чунин ҳодисаҳо ба мисли Реформатсия дар Олмон ва инқилоби соли 1789 дар Фаронсаро Гегел аз ҳодисаҳои таърихии ба таҳаввули ҳалкунанда оваранда арзёбӣ мекард.

Чаҳор оламе, ки дар боло зикр кардем, нишондиҳандаи онанд, ки рӯҳи ҷаҳонии Гегел дар таърихи халқҳои алоҳида таҷассум ёфта, тадриҷан ба сӯйи мақсади асосии худ ҳаракат мекунад, яъне озодии оила, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат. Дар охир бояд гуфт, ки фалсафаи классикии олмонро мутафаккири дигар – Людвиг Фейербах хотима мебахшад, ки ӯ низ дар инкишофи минбаъдаи фалсафа саҳми босазо дорад.

**432. Людвиг Фейербах кӣ ва чӣ гуна файласуф буд?**

Людвиг Андреас Фейербах (1804-1872) дар шаҳри Ландсгуте, наздикии Нюренберг дар оилаи ҳуқуқшиноси машҳури замон таваллуд ёфтааст. Аввал дар гимназия ва баъд дар факултаи илоҳиётшиносии донишгоҳи Гейделберг таҳсил кардааст. Аммо соли аввали донишгоҳи номбаршударо ба охир нарасонида, Фейербах аз лексияҳои руҳониён, ки танҳо масъалаҳои догматикии диниро таълим медоданд, қонеъ нашуда, ба лексияҳои яке аз пайравони Гегел мароқ зоҳир мекардагӣ шуд ва ниҳоят баъди хатми соли аввали донишгоҳи Гейделберг ба донишгоҳи Берлин гузашт ва давоми ду сол

шунавандаи лексияҳои Гегел гардид. Дар зери таъсири фалсафаи Гегел илоҳиётшиносиро куллан тарк карда, ба фалсафа машғул шуд ва дар мавзуи “Дар бораи тафаккури ягона, универсалӣ ва беҳудуд” рисолаи илмӣ таҳия кард. Рисоларо барои тақриз ба устодаш Гегел фиристод. Азбаски ақидаҳои устоду шогирд аз ҳамдигар тафовути калон доштанд, Гегел ба рисола тақриз нанавишт ва Фейербах маҷбур шуд, ки онро дар донишгоҳи Эрлангем ҳимоя кунад ва минбаъд дар ҳамон донишгоҳ аз фалсафа лексия хонад. Ҷудоии ақидавӣ бо Гегел аз ҳамин рисола оғоз меёбад ва минбаъд Фейербах умуман аз идеализми Гегел даст кашида, ҳамчун файласуфи материалист ташаккул меёбад.

Фейербах 13 сентябри соли 1872 аз бемории номуназзамии гардиши хун (инсулт) вафот мекунад.

**433. Фейербах кадом асарҳои илмии фалсафӣ навиштааст?**

Эҷодиёти Фейербах ғановатманд буда, теъдоди зиёди асарҳои илмии фалсафиро дар бар мегиранд. Чунончи, соли 1830 дар синни 26-солагиаш дар Нюрнберг асраш ба унвони “Афкор дар бораи мамот ва ҷовидонӣ...”, соли 1833 “Таърихи фалсафаи нав аз Бэкон то ба Спиноза”, соли 1839 “Доир ба танқиди фалсафаи Гегел”, соли 1841 асари калон ва машҳури “Моҳияти масеҳият”, ки Фейербахро ба файласуфи дараҷаи аввал бароварда буд, аз чоп баромаданд. Соли 1842 кори илмии Фейербах зери унвони “Ифодаҳои муқаддамотӣ доир ба (гузаронидани) ислоҳот дар фалсафа”, соли 1843 “Муқарраноти асосии фалсафаи оянда” низ аз чоп баромаданд, ки онҳо самти асосии фалсафаи материалистиро муайян мекарданд. Ин самт, чун дар оянда хоҳем дид, яке аз сарчашмаҳои назариявии пайдоиши фалсафаи марксистӣ низ мегардад. Ғайр аз асарҳои мазкур, Фейербах соли 1846 асарҳои “Моҳияти дин” ва “Масъала дар бораи ҷовидонии рӯҳ аз назари антропология”, соли 1851 “Лексияҳо роҷеъ ба моҳияти дин”, соли 1866 “Дар бораи спиритуализм ва материализм, махсусан дар муносибати онҳо ба ҳурияти ирода”-ро аз чоп мебарорад. Соли 1869 “Эвдемонизм”-ро менависад, вале ин асар баъди вафоташ соли 1874 аз чоп мебарояд. Асарҳои мазкур ва мақолоту тақризҳо, ҳамчунин мукотибаҳои Фейербах, ки масъалаҳои гуногуни фалсафиро дар бар мегирифтанд, дар инкишофи минбаъдаи

афкори фалсафӣ ва махсусан ташаккули фалсафаи марксистӣ саҳми калон доштанд.

**434. Фалсафаи Фейербах аз фалсафаи Гегел чӣ тафовут дорад?**

Чун мо аллакай чигунагии фалсафаи Гегелро ҳамчун фалсафаи идеализми объективӣ ва шогирди Гегел будани Фейербахро медонем, лозим аст ташаккули фарқи фалсафаи ӯро дар раванди рушди афкор нишон диҳем. Масалан, вақте Фейербах дар факултаи илоҳиётшиносии донишгоҳи Гейделберг таҳсил мекард, мавзӯи меҳварии машғулият ба ҷаҳонбинии ӯро шинохти Худо ташкил мекард. Дар ин бора худи ӯ гуфта буд, ки "Фикри аввалини ман Худо буд". Пас аз лексияҳои яке аз пайравони Гегел Карл Даубаро шунидан, ӯ ба фалсафа рӯ овард ва ба Берлин омад, то лексияҳои Гегелро шунавад. Хулоса, баъди шунидани лексияҳои Гегел ӯро устоди худ хонд. Дар давоми иштирокаш дар лексияҳои Гегел дар Фейербах андак-андак ноқаноатмандиҳо доир ба ақидаҳои Гегел гирд омадан мегиранд ва Фейербах тадриҷан аз идеализми Гегел мебарояд ва ба сӯйи материализм таваҷҷуҳ мекунад. Минбаъд ӯ идеализми Гегелро зери танқиди шадид қарор медиҳад ва дар натиҷа онҳо аз ҳамдигар ақидатан ҷудо мешаванд. Дар ин хусус Фейербах қайд мекунад, ки "шаклҳои (тасаввуроти М. Ғ.) ҳазорсола... лозим аст нест шаванд, зеро маърифати беаҳамиятӣ ва ба нестӣ омадани онҳо дарк гардидааст" ва "акнун асоси нави тафсири воқеот, таърихи нав, офаридаи дигар, ки дар он шакли умумии назар ба ашё ақл мешавад, ба сайри амал медарояд". Бинобар ин "ҳоло муҳим аст, ки мафҳумҳо дар шакли соф, дар худии худ, ки ба Гегел хос аст, инкишоф наёбанд, балки чунин муносибат инкор карда шавад". Хулоса, сухан дар бораи инкори догматикаи динӣ ва афкори идеализми Гегел меравад. Фейербах даъват мекунад, ки "инсоният ҳамаҷониба ба худ, ба олами худ, ба ҳаёти ҳақиқии худ таваҷҷуҳ кунад". Ба ақидаи ӯ, "танҳо ҳамин таваҷҷуҳи бемайлона ба олами воқеӣ ҳаёти нав, инсонҳои бузургро дода метавонад, идея ва корномаҳои беназирро офарида метавонад". Даъват мекунад, то ҳаёт ва табиат ҳамчун сарчашмаи тафаккур омӯхта шаванд. Эълом медорад, ки олами материалӣ мустақилона, новобаста ба тафаккур, шуури инсон вуҷуд

дорад. Шуур ва инсон маҳсули тавлиди табиат, материя мебошанд. Дар фалсафаи Фейербах масъалаи антропология низ мақоми махсусро ишғол мекунад. Бинобар ин материализми Фейербахро, то андозае материализми антропологӣ низ гуфтан мумкин аст.

**435. Материализми антропологӣ чӣ маънӣ дорад?**

Антропология мафҳуми таркибӣ буда, аз забони юнонӣ антропос – инсон ва логос – таълимот мебошад. Фалсафаи Фейербахро, одатан, фалсафаи материализми антропологӣ мегӯянд, зеро дар фалсафаи Фейербах инсон мақоми махсус дорад. Фейербах инсонро яке аз мавзӯҳои меҳварии омӯзиши фалсафа қарор медиҳад. Инсон дар фалсафаи Фейербах ҳамчун маҳсули олии табиат, ки он бояд ҷузъи ҷудонопазири он фаҳмида шавад, ифода ёфтааст. Табиат, мегӯяд Фейербах, асоси руҳ ба шумор меравад. Вай бояд асоси фалсафаи нав гардад. Чун маълум аст, Фейербах фалсафаи худро фалсафаи нав эълон карда буд ва эълом дошт, ки фалсафаи вай аз фалсафаи гузашта куллан фарқ мекунад, зеро инсон дар ин фалсафа ҳамчун меҳвари мавзуи он пазируфта шудааст. Дар ин фалсафа Фейербах моҳияти табиии инсони дорои ҳис, тафаккур ва равонро, ки табиат ба ӯ додааст, таҳқиқ мекунад. Мутаассифона, Фейербах ба ҷиҳатҳои табиии инсон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекунад, аммо ҷиҳатҳои иҷтимоии ташаккули инсон сарфи назар карда мешаванд.

Яке аз волотарин моҳиятҳои инсонро Фейербах дар муҳаббати ахлоқии он ҷустуҷӯ мекард. Ҳатто дар масъалаи дин, ки дар он низ инсон нақши марказӣ мебозад, Фейербах моҳияти ахлоқиро ҳамчун масъалаи меҳварии он маҳсуб медонад. Ин масъалаҳо хеле батафсил дар асари асосии Фейербах "Моҳияти масеҳият" гирд оварда шудаанд, ки хондани он ба инсон як ҷаҳон маъниҳои парвози тафаккури фалсафӣ медиҳад. Махсусан, ақидаи аз ҷониби инсон офаридани мақоми Худо хеле ҷолиби диққат ба шумор меравад. Нуктаи такон дар ин ақидаро дар ифодаи ҳакимонаи Фейербах "Худо инсонро наофаридааст, балки инсон худоро офаридааст" мушоҳида кардан мумкин аст. Ифодаи мазкур маънии онро дорад, ки асрори масеҳиятро Фейербах дар он мебинад, ки қувваҳои моҳиятии ӯ аз ҷониби инсон ба воқеияти

идеалӣ табдил дода мешаванд, дар он мебинад, ки қувваҳои мазкур аз инсон ҷудо шуда ба қувваҳои фавқутгабиӣ табдил меёбанд. Дар ин дине, ки инсон ба вуҷуд овардааст, маҳсули ҷоҳилияти он зоҳир намешавад, балки дар он заминаҳои муносиботи накӯкорона ва хайрхоҳонаи инсон ба инсон, муҳаббати олии байниҳамдигарии онҳо мушоҳида мешавад.

Фейербах дар пажӯҳишҳои худ ба ҳамин заминаҳо, яъне ба заминаҳои ахлоқиву равонии инсон такя карда, назарияи ҷомеасозии хешро низ ифода карда буд. "Дар чунин ҷомеа, - мегуфт Фейербах, - бояд муҳаббат ва адолат салтанат кунад".

Ақидаҳои номбаршуда ва теъдоди зиёди афкори марбут ба моҳияти инсон, ки дар асари дар боло оварда муфассал тафсир ёфтаанд, аз антропологияи материалистии Фейербах шаҳодат медиҳанд.

**436. Оё фалсафаи Фейербах маҳдудиятҳо низ дошт?**

Барои ба ин савол ҷавоб додан, пеш аз ҳама бояд гуфт, ки дар эҷоди як мутафаккир камоли ин ва ё он илмро ҷустуҷӯ кардан кори савоб нест, зеро илм бекарон аст ва ҳар як олим ё мутафаккир ба қадри имконоти дар хаёти кӯтоҳмуддат ба даст овардаи худ ба ҷаҳони бекаронаи илм заррае, дурдонае ворид мекунад. Зарраҳои ба илми фалсафа ворид кардаи Фейербахро, андаке бошад ҳам, дар боло овардем ва бояд гуфта бошем, ки, албатта, фалсафаи Фейербах низ маҳдудиятҳои зиёд дорад. Аз ҷумла, ӯ динро зери танқиди шадид қарор додааст, дар асоси танқиди дин ба материализм гузаштааст, вале материализми ӯ материализми диалектикӣ набуда, материализми механистӣ будааст, зеро инкишофро дар асоси дастовардҳои илми механика тафсир мекардааст, идеализми мутафаккирони гузашта, аз ҷумла Гегелро танқид кардааст ва лоиқи илми фалсафа надонистааст, аммо мағзҳои оқилонаи он, аз ҷумла ба дарки диалектикаи Гегел нарасидааст, заминаҳои иҷтимоии ташаккули инсон ва инкишофи ҷомеаро дуруст маънидод карда натавонистааст ва амсоли ин гуфтаҳо, ки онҳоро ба маҳдудиятҳои фалсафаи Фейербах дохил мекунанд, ба шумор meраванд.

Дар тафсири ҳамин мавзуъ, ба шогирдон боз як чизи дигарро маслиҳат додан҃ӣ ҳастам, ки номбар кардани маҳдудиятҳо ва ё зери танқид гирифтани эҷоди ин ва ё он

мутафаккир ё олим маънии ба нестӣ овардани ҳама офаридаҳои оқилонаи ӯро надорад, балки аз омӯзиш ва таҳқиқи ақоиди ҳар олим ё ҳар мутафаккир чизеро бардоштан аст. Танҳо дар асоси ҳамин усул ба таҳқиқ муносибат кардан метавонад инсони пажӯҳишгарро ба мақоми илм бардошта бошад.

**437. Аҳамияти фалсафаи Фейербах аз чӣ иборат аст?**

Ба назари мо, фалсафаи Фейербах дар маҷмуъ аз хулосаҳои зерин иборат аст: 1) фалсафаи дин, ки муҳтавояш аз ақидаҳои мутафаккир доир ба чигунагии арзи вуҷуд кардани он ва танқиди фаҳмиш ва тафсири дин аз ҷониби пешиниён ба шумор меравад, иборат аст ва 2) дар натиҷаи таҳқиқи фалсафаи дин Людвиг Фейербах ба хулоса меояд, ки инсон масъалаи меҳварӣ мебошад ва дар ҳамин асос ақидаҳои марбут ба материализми антропологиро ташаккул медиҳад.

Ҳар ду самти муттаҳидкунандаи ақоиди фалсафии Фейербах заминаи дар таърихи минбаъдаи фалсафа ба вуҷуд омадани фалсафаи дигар, ки аз муназзамтарин ақидахои фалсафаи охири асри XIX ва аввали асри XX ба шумор меравад, хидмат кардаанд. Ақидаҳои фалсафии нави муназзами бавуҷудомада минбаъд унвони фалсафаи марксистиро гирифт, ки ҳоло ба омӯхтани он шуруъ хоҳем кард.

Дар бораи таъсири ақидаҳои фалсафии Людвиг Фейербах ва ҳамчун яке аз сарчашмаҳои фалсафаи марксистӣ гардидани он Ф. Энгелс, яке аз саромадони фалсафаи марксистӣ, чунин қайд карда буд: "... Дар гардани мо қарзи виҷдонии пардохтнагардида вуҷуд дорад, (ки он М. Ғ.) комилан эътироф кардани он таъсире, ки дар замони муосири изтиробу тазйиқ, нисбат ба дигар файласуфони баъди Гегел, Фейербах, дар ҳаҷми бештар, ба мо расонида буд" (Маркс К., Энгельс Ф. – Соч. т. 21. – С. 371).

Фикр мекунам, ки бо овардани иқтибоси боло аз Ф. Энгелс дар бораи аҳамияти фалсафаи Фейербах, ҷойи дигари баҳс боқӣ намемонад.

## БОБИ IX. ФАЛСАФАИ МАРКСИСТӢ

**438. Мо дар саволу ҷавоби боло фалсафаи марксистиро қайд кардем. Ин фалсафа ба кӣ алоқамандӣ дорад?**

Ба вуҷуд оварандагони фалсафаи марксистӣ мутафаккирони олмонӣ Карл Маркс (1818-1883) ва Фридрих Энгелс (1820-1895) буданд.

**439. Фалсафаи марксистӣ кай ба вуҷуд омада буд ва чӣ гуна мақомро ишғол мекард?**

Фалсафаи марксистӣ дар солҳои 40-уми асри XIX ба вуҷуд омад ва ташаккул ёфт. Мақоми фалсафаи мазкур аз он иборат аст, ки вай аз нимаи дувуми асри XIX ва то ба ҳол яке аз бонуфузтарин ақидаҳои фалсафӣ дар миёни ҷараёнҳои гуногуни фалсафӣ ба шумор меравад. Ин фалсафа асоси назариявии идеологияе буд, ки аввалин маротиба дар таърихи инсоният навъи нави сохти ҷомеавӣ – сотсиализмро ба вуҷуд овард. Ҷомеаи мазкур, сарфи назар аз камбудҳои субъективиаш, ҷавобгӯйи орзуву ормонҳои аксарияти кулли аҳли заҳмат буд.

**440. Оё фалсафаи марксистӣ куллан фалсафаи нав буд ё заминаҳои таърихии худро дошт?**

Маълум аст, ки ҳеҷ гуна ақида дар ҷои холӣ ба вуҷуд намеояд. Бинобар ин фалсафаи марксистӣ низ заминаҳои таърихии худро дошт, ки онҳоро манбаъҳои ба вуҷуд омадани фалсафаи мазкур меҳисобанд.

**441. Манбаъҳо, яъне сарчашмаҳои ба вуҷуд омадани фалсафаи марксистӣ кадомҳо буданд?**

Пеш аз ҳама, бояд таъкид кард, ки барои ба вуҷуд омадани ин фалсафа тамоми фарҳанги маънавии даврони гузаштаи инсоният, аз ҷумла, афкори илмӣ ва ҷамъиятиву сиёсии Аврупои Ғарбӣ бе таъсир набуд. Аммо ба ташаккули он бештар афкори пурмӯҳтавои фалсафаи классикии Олмон,

махсусан диалектикаи идеализми объективии Гегел ва материализми Фейербах, ақидаҳои иқтисоди сиёсии мутафаккирони англис, ки саромадони он Адам Смит ва Давид Рикардо буданд, ҳамчунин ақидаҳои сотсиализми хаёлии мутафаккирони Фаронса - Шарл Фурие ва Анри Клод Сен-Симон ба шумор меравáнд.

**442. Дар зери диалектикаи идеализми объективии Гегел чиро фаҳмидан мумкин аст?**

Мо фалсафаи Гегелро дар саволу ҷавобҳои болотар батафсил баррасӣ кардем, аммо азбаски дар баррасии фалсафаи марксистӣ низ аз фалсафаи Гегел диалектикаи идеализми объективиашро ба хотир овардем ва онро ҳамчун яке аз манбаъҳои ба вуҷуд омадани фалсафаи марксистӣ номбар кардем, лозим мешавад, ки, такроран бошад ҳам, бори дигар гуфта бошем, ки ба вуҷуд оварандаи методи диалектикии тадқиқ ба Гегел тааллуқ дорад. Чун маълум аст, олами эътироф кардаи Гегел олами рӯҳ, олами идея, ки воқеан вуҷуд дорад, маҳсуб меёбад. Бинобар ин диалектикаи Гегел ҳамчун ифодакунандаи робитаҳои куллии байни ҳодисот ва сурат гирифтани инкишоф дар доираи робитаҳои мазкур дар олами идея сурат мегирад, на дар олами материалии (моддии) муҳити инсон. Саромадони марксизм – К. Маркс ва Ф. Энгелс диалектикаи идеалистии Гегелро дар заминаи олами материалӣ, моддӣ маънидод карданд, яъне инкишофро на дар кадом як олами идеяҳо, балки дар олами муҳити моддӣ мавриди таҳлил қарор доданд. Ба ҳамин хотир диалектикаи идеализми объективии Гегел ҳамчун яке аз манбаъҳо, сарчашмаҳои фалсафаи марксистӣ эътироф шудааст.

**443. Хидмати саромадони фалсафаи марксистӣ дар инкишофи диалектика ҳамчун назария ва ҳамчун усули тадқиқоти илмӣ аз чӣ иборат аст?**

Аввалан, бояд гуфт, ки диалектикаи Гегел ҳамчун назария аз ҷониби саромадони фалсафаи марксистӣ пазируфта шуд. Дувум, азбаски ин назария аз ҷониби Гегел дар олами сарбастаи идеяҳо ба кор бурда мешуд, вай ҳам сарбаста буд ва бо маърифати идеяи мутлақ бояд анҷом мепазируфт. Хидмати саромадони фалсафаи марксистӣ дар он буд, ки ин назарияро

дар олами моддии муҳит татбиқ карданд ва онро аз сарбастагӣ раҳо доданд. Севум, диалектика ҳамчун усули тадқиқот низ аз ҷониби саромадони фалсафаи марксистӣ пазируфта шуд, вале он боз дар ҳамон олами моддӣ корбаст мегардид, на дар олами сарбастаи идеяҳо.

Хулоса, хидмати саромадони фалсафаи марксистӣ аз он иборат буд, ки диалектикаи подарҳавои Гегелро дуруст ба по монданд, аз сарбастагӣ дар доираи идеяи мутлақ онро озод карданд ва ба ҷойи диалектикаи идеализми объективӣ материализми диалектикиро ба вуҷуд оварданд.

**444. Барои диалектикаро ба материализм пайвастан чӣ сабаб шуд?**

Дар ҷавоб ба ин савол бояд қайд кард, ки Л. Фейербах дар асарҳои фалсафии худ, махсусан, “Моҳияти масеҳият” идеализми Гегелро зери танқид гирифта, “тантанаи материализм”-ро эълон кард. Фейербах дар муқобили олами идеяи Гегел мавҷудияти олами моддӣ, табиат, ки асоси ҳама гуна мавҷудот ба шумор меравад, олами ашё ва олами эҳсосшавандаро “ягона олами ҳақиқӣ” эътироф кард. Инсонро зинаи олии инкишофи табиат маънидод карда, масъалаи меҳварии фалсафаро аз муносибати ҳастӣ ба тафаккур, муносибати табиат ба руҳ, ки танҳо ба инсон тааллуқ дорад, арзёбӣ намуд.

Дар бораи ақидаҳои куллан нави Фейербах Фридрих Энгелс чунин навишта буд, ки “таъсири ба озодӣ ҳидоят кардани ин китоб (Моҳияти масеҳият дар назар аст М. Ғ.), ки дар он муқарраροти асосии фалсафаи Фейербах иншо шуда буданд, хеле назаррас буд. Ақидаҳои рӯшани материалистии таълимоти ӯ “баъди солҳои тӯлонии салтанати (фалсафаи) таҷридӣ ва тираи гегелӣ руҳафзоӣ (ва тароват)” мебахшиданд (Маркс К., Энгельс Ф. Соч. 2-е изд. Т. 21. – С. 281).

Ақидаҳои мазкури Л. Фейербах, яъне танқиди идеализм, аз як тараф, ва қотеона эълон ва эътирофи бо далелҳо мустаҳкамкардашудаи материалистӣ, аз тарафи дигар, саромадони фалсафаи марксистиро водор карданд, ки ба масъалаҳои мазкур таваҷҷӯҳи ҷиддӣ зоҳир кунанд, онҳоро бо диққат баррасӣ ва таҳлил намоянд. Дар натиҷа онҳо ба хулосаи илмӣ расиданд, ки диалектикаи Гегелро аз идеализм ҷудо

карда, материализми Фейербахро аз механика озод намоянд, диалектика ва материализми аз маҳдудият озод гардидаро ба ҳам пайванданд. Ҳамин тариқ, бо ичрои амри мазкур материализми диалектикии марксистӣ ба вуҷуд оварда шуд.

**445. Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки материализми гузашта, аз ҷумла материализми Л. Фейербах, маҳдудиятҳо доштааст. Ин маҳдудиятҳо кадомҳо мебошанд?**

Аз тафсири ҷавоб ба саволи болоӣ маълумамон гардид, ки материализми Фейербах хусусияти механистӣ доштааст ва ҳама ҳодисоти оламро дар асоси илми механика маънидод мекардааст. Ҳамин ҷиҳати материализм яке аз маҳдудиятҳои материализми Фейербах ба шумор меравад.

Маҳдудияти дигари материализми Фейербах ва умуман, материализми асри XVIII, аз он иборат аст, ки оламро дар инкишофи муттасил ҳамчун раванди мураккаб ва дорои зиддиятҳо фаҳмида натавонист, яъне усули тадқиқи Фейербах хусусияти метафизикӣ ва зиддидиалектикӣ дошт.

Маҳдудияти севуми Фейербах аз он иборат буд, ки вай хусусияти муроқибавӣ, мушоҳидавӣ дошт ва нақши инсонро дар амалияи маърифати ҳодисоти табиат, ҷомеа ва инкишофи он фаҳмида натавонист, яъне Фейербах фаҳмида натавонист, ки фаъолияти маърифатии инсон яке аз ҷонибҳои муҳими фаъолияти амалии одамон маҳсуб мeёбад ва дар раванди он онҳо олами воқеиро тибқи талабот ва манфиатҳои худ дигаргун месозанд. Дар ҷараёни амалия, одамон хусусиятҳои гуногуни ҳодисаҳои оламро омӯхта мегиранд. Бинобар ин амалия ҳамчун асоси маърифати ашё ва ҳодисоти воқеият баромад мекунад. Дар акси ҳол, яъне агар онҳо бе алоқамандӣ ба амалия ба эътибор гирифта шавад, дар ҳақиқат ба олами ашёи муроқиба табдил мeёбанд. Ахирӣ имкон намедиҳад, ки моҳияти ашё ва воқеоти олам дарк карда шаванд, яъне дар чунин ҳолат мақсаднокии ҳаёти инсон ба маъние соҳиб шуда наметавонад, зеро муҳтавои амалия мақсади фаъолияти маърифатии инсонро ба вуҷуд меоварад, ки он дар ниҳояти амр, дар асоси талабот ва манфиатҳои феълии одамон муайян карда мешавад. Аз ин лиҳоз амалия ҳамчун меъёри маърифат низ маҳсуб мeёбад.

Маҳдудияти чаҳорумини Фейербах аз он иборат аст, ки вай усули материалистиро дар таъбири воқеоти ҳаёти ҷомеа татбиқ

карда натавонист, яъне асоси моддии ҳаёти ҷомеа, ки истеҳсолоти моддӣ ба шумор меравад ва ҳама гуна ҳодисаҳои ҷомеавӣ ба он алоқамандӣ доранд, дарк ва маънидод карда натавонист. Хулоса, материализми Фейербах то ба охир номукаммал ва дар доираи фалсафаи мурокибавии тафсирӣ боқӣ монд.

**446. Оё гуфтан мумкин аст, ки фалсафаи марксистӣ ҳамаи он маҳдудиятҳои на танҳо Фейербах, балки намояндагони дигари фалсафаи классикии Олмонро бартараф кард?**

Бале, тамоми маҳдудиятҳои номбаршуда дар фалсафаи марксистӣ бартараф карда шуданд, ки дар натиҷа, чун дар боло низ гуфтем, фалсафаи материализми диалектикӣ арзи вуҷуд кард, ки онро фалсафаи марксистӣ меноманд.

**447. Оё метавонем хусусиятҳои фалсафаи марксистиро батафсил номбар намоем?**

Бале, метавонем. Пеш аз ҳама, қайд мекунем, ки фалсафаи марксистӣ муҳтавои оқилонаи тамоми фалсафаи гузашта, аз ҷумла, фалсафаи классикии Олмонро ба мерос гирифтааст. Саромадони фалсафаи марксистӣ диалектикаи Гегелро аз идеализм ва материализми Фейербахро аз метафизика ҷудо карда, онҳоро ба ҳам пайвастанд. Дар натиҷа материализми диалектикиро ба вуҷуд оварданд, ки он хусусияти механистии материализмро бартараф намуд.

Саромадони фалсафаи марксистӣ ҳам диалектикаи Гегел ва ҳам материализми Фейербахро ба таври эҷодӣ инкишоф доданд. Масалан, диалектикаи Гегелро онҳо ҳамчун назария ва методи маърифат ва тафаккур маънидод карданд. Мувофиқи фалсафаи марксистӣ олами моддӣ ҳамчун ниҳоди (бунёди) аввалин, ки дар асоси қонуниятҳои диалектикӣ ҳаракат мекунад, тағйир мепазирад ва инкишоф мeёбад, эътироф гардид.

Дар ҷараёни дар ниҳоди моддии аввалин ба вуҷуд омадани ҳаракат, тағйирпазирӣ ва инкишоф объективона сурат мегиранд. Ин ҷараён дар шакли ифодаҳои мафҳумии ҷамъбасткунанда, ки онҳоро категорияҳои илм, дар айни ҳол, категорияҳои фалсафӣ меноманд ва қонуниятҳо дар тафаккури одамон инъикоси субъективии худро мeёбанд, яъне диалектика

ҳамчун илм дар бораи қонунҳои умумитарини ҳаракат, тағйирпазирӣ ва инкишофи ҳам олами муҳит ва ҳам тафаккури инсон корбаст мешавад.

Ҳама гуна ҳаракат, тағйирпазирӣ ва инкишоф дар доираи робитаҳои мутақобилаи байниҳамдигарии ашё ва ҳодисоти олам сурат мегиранд. Бинобар ин диалектикаро ҳамчун илм дар бораи робитаҳои куллӣ ва инкишоф маънидод мекунанд. Агар ба ифодаи Ф. Энгелс ин маъниро ифода кунем, чунин мешавад, ки дар диалектикаи мафҳумҳо, ҳаракати диалектикии олами воқеӣ бо тамоми равобити мураккаби мутақобила ва мутазоди дар инкишоф будаашон таҷдиди тавлид мегарданд. Дар диалектикаи мафҳумҳо диалектикаи ашё инъикос мегардад.

Ҳамин тариқ, дар асоси заминаи моддӣ маънидод кардани диалектикаи идеалистии Гегел маънии аз сар ба по гузоштани онро дошт ва акнун диалектика аз пардаи идеалистӣ озод гардида, ба метод – усули самараноки тадқиқи ҳодисоти табиат, ҷомеа ва тафаккури инсон табдил ёфт. "Маънии бузургтарин ва асосии" ифодакунандаи ақидаи асосии диалектика, ба қавли Ф. Энгелс, дар он аст, ки олам аз ашёи тайёр ва ба мукаммалӣ расида иборат набуда, балки аз маҷмуи равандҳое, ки дар доираи онҳо... тағйироти муттасил,... дар ниҳояти кор, барои худ роҳ мекушояд (нигар ба Маркс К., Энгельс Ф. – Соч. 2-е изд. – Т. 21. – С. 302).

Ин ва дигар афкори ҷолиби фалсафиро дар асарҳои Ф. Энгелс "Анти – Дюринг" ва "Диалектикаи табиат" пайдо кардан мумкин аст. Инкишоф ва такмили ақидаҳои мазкури фалсафаи марксистӣ ба В. И. Ленин - яке аз пайравони К. Маркс ва Ф. Энгелс тааллуқ дорад, ки онҳо дар асарҳои ӯ, махсусан, "Материализм ва эмпириокрититсизм" муфассал тадқиқ шудаанд. В. И. Ленин, дар асоси омӯзиш ва тадқиқи муфассали фалсафаи марксистӣ, муҳтавои меҳварии онро муайян намуда, қайд карда буд, ки диалектикаи материалистӣ "ҷони зиндаи" марксизм ба шумор меравад.

Хусусияти дигари фалсафаи марксистӣ аз муайян кардани робитаи мутақобилаи назария ва амалия иборат аст, ки ин масъала ба ҳаёти ҷомеа алоқамандӣ дорад. Дар мавриди ҳалли ин масъала бояд таъкид кард, ки асосгузорони марксизм усули материализми диалектикиро ба ҳаракат, тағйир ва инкишофи

ҷомеа, яъне ҳаёти ҷомеа низ пайвастанд. Ба қавли онҳо лозим буд, то материализми диалектикӣ "то ба боло" сохта шавад. Аз диди саромадони фалсафаи марксистӣ заминаи бунёди модии ҳаёти ҷомеаро мебоист дар амалияи ҷомеавӣ ҷустуҷӯ кард, зеро амалияи ҷомеавӣ ба фаъолияти ба таҷдидоварандаи ҳаёти ҷомеа алоқамандӣ дорад. Онҳо дар зери амалияи ҷомеавӣ, қабл аз ҳама, фаъолияти истеҳсолӣ – тарзи истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва дар асоси он сурат гирифтани муносибатҳои истеҳсоливу иқтисодии миёни одамонро дар назар доштанд. Омили номбаршуда, хоҳу нохоҳ, бавосита ё бевосита, ба муҳтавои фаъолияти маърифатии одамон таъсир мерасонад, ки он, дар ниҳояти кор, ҳама ҷонибҳои ҳаёти ҷомеавиро дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, назария аз диди фалсафаи марксистӣ дар асоси таъсири фаъолияти амалии одамон ба вуҷуд омада, дар навбати худ ба амалия таъсиргузор мегардад. К. Маркс такроран ва мироран таъкид мекард, ки назария, вақте ки онро оммаҳои васеъ аз бар мекунанд, ба қувваи тавонои моддӣ табдил меёбад. Оммаҳои васеъ онро дар сурате аз бар мекунанд, ки он ифодагари манфиатҳои онҳо бошад. Вақте чунин шуд, заминаи дигаргунсозии ҳаёти ҷомеа низ фаро мерасад. Агар ин маъниро ба ифодаи К. Маркс таъбир кунем, чунин мешавад, ки "Файласуфон оламро дар шаклҳои гуногун фақат тафсир мекарданд, аммо амри зарурӣ ба он алоқамандӣ дорад, ки вай тағйир дода шавад" (Маркс К., Энгельс Ф. – Соч. 2-е изд. – Т. 3. – С. 4).

Ба гуфтаи мазкур К. Маркс ҳамин чизро дар назар дошт, ки оламро, барои ба даст овардани манфиатҳои худ, танҳо пролетариат (синфи коргари ба қашшоқӣ расида) бояд тағйир диҳад. Барои он ки чунин тагйир сурат гирад, лозим аст, то пролетариат бо назарияи илмии таҷдиди инқилобии ҷомеа мусаллаҳ гардонида шавад. Ана дар ҳамин масъала вазифаи асосии ҷомеавӣ ва фалсафаи ҷомеаи марксизм ифода гардидааст. Ҳамин назарияи инқилобӣ буд, ки дар таърихи инсоният аввалин маротиба навъи тамоман нави ҷомеа ва сохти давлатдориаш ба вуҷуд омад ва ҳоло ҳам дар баъзе манотиқи олам мавҷудияти худро нигоҳ медорад.

Хусусияти дигари фалсафаи марксистӣ аз он иборат аст, ки вай масъалаи асосии фалсафаро, ки дар таърихи фалсафа қаблан пайдо шуда буд, такмил дод ва ду ҷиҳати онро низ

маънидод кард. Чунончи, Ф. Энгелс дар асари худ “Людвиг Фейербах ва хотима ёфтани фалсафаи классикии Олмон” таъкид бар он кардааст, ки “Масъалаи асосӣ ва бузурги тамоми фалсафа, махсусан фалсафаи навтарин, аз масъалаи муносибати тафаккур ба ҳастӣ иборат мебошад” (Маркс К., Энгельс Ф. – Соч. 2-е изд. – Т. 3. – С.3).

**448. Маънии умдаи масъалаи асосии фалсафа аз чӣ иборат аст?**

Маънӣ ва моҳияти масъалаи асосии фалсафа аз он иборат аст, ки вай ба ниҳоди нахустасосҳои умумии олам – нахустасоси моддӣ ё маънавӣ ишора мекунад. Ҷиҳати дигари масъалаи асосии фалсафа аз он иборат аст, ки оё тафаккури инсон қобил аст, ки олами муҳитро маърифат кунад? Албатта, фалсафаи марксистӣ ба ин савол мусбат ҷавоб медиҳад ва таъкид бар он мекунад, ки тафаккури инсон қобилияти дониста гирифтани оламро дорад. Хулоса, фалсафаи марксистӣ яке аз муназзамтарин фалсафаҳо дар таърихи рушди афкори фалсафӣ ба шумор меравад ва дар ҳалли бисёр масъалаҳои фалсафӣ роҳнамои хуб ҳам ҳаст. Аммо ҷомеаи инсонӣ воқеияти карахт нест, вай ҳамеша дар ҳаракат ва тараққиёт мебошад ва афкори фалсафӣ низ пайваста ба тараққиёти ҷомеа тавсеа меёбад ва рушд мекунад. Аз ҷумла, дар охири асри XIX ва ибтидои асри XXI вобаста ба тағйироти дар ҷомеа бавуҷудомада, баъзе ҷараёнҳои фалсафӣ низ ба вуҷуд омаданд, ки дар онҳо воқеияти дар ҷомеаи муосир ба вуқуъ пайваста инъикос ёфтааст.

## БОБИ X. ФАЛСАФАИ ОХИРИ АСРИ XIX ВА АВАЛИ АСРИ XXI

**449. Хусусиятҳои хоси охири асри XIX ва авали асри XXI аз чиҳо иборат аст?**

Хусусиятҳои хоси ин даврон аз инҳо иборат аст:

– ташаккули бозори ягонаи ҷаҳонӣ, иттиҳодияҳои варомиллӣ ва дар айни замон ба вуҷуд омадани тафриқаи иқтисодиву иҷтимоии на танҳо миёни кишварҳо, балки миёни табақаҳои гуногуни ҷомеа дар дохили онҳо;

– аз ҷониби ҷомеаи башарӣ дарк кардани харобиоварии ҷангҳои ҷаҳонӣ ва манъи ба вуқӯъ омадани онҳо;

– байналмилалӣ гардидани фарҳанг ва ҳаёти маънавии башарият ва дар айни ҳол ба вуқӯъ омадани ихтилофҳои байналмилалӣ ва миёнимазҳабӣ;

– намоиши қудрат ва тавони тафаккури инсон, ки ба ҷаҳони олами сайёраҳои хурду бузург умқ задааст ва ба ҷое расидааст, ки акнун натиҷаҳои ба даст овардаи илмии худро идора карда наметавонад ва гайра.

**450. Ҳодисоти зиддиятноки бавуқуъомада, ки дар боло номбар кардем, ба чӣ оварда расонид?**

Он чӣ номбар гардид, ба он оварда расонид, ки акнун доир ба арзишҳои ҳаёти ҷомеа мутафаккирон таҷдиди назар мекардагӣ ва аз он фалсафаи классикие, ки ба ақл ва муназзамӣ такя мекард, даст мекашидагӣ шуданд. Фалсафаи ин давра бештар аз афкори фалсафии марксизм, ба мисли:

– ратсионализм ҳамчун тарзи ягона ва муайянкунандаи фалсафа, ки ақлро асоси маърифат, рафтор ва фаъолияти одамон эътироф мекард;

– фалсафаро ба идеологияи ин ва ё он ҷаҳонбинӣ алоқаманд дониста, ба ҳизбияте, ки ба манфиатҳои ин ва ё он синф хидмат мекунад, маънидод кардан;

– ҳама мактабҳо ва ҷараёнҳои фалсафиро ҷиддан ба равияҳои материалистӣ ва идеалистӣ, "равияи Демокрит" ё "равияи Афлотун" тақсим кардан;

– аз догматизм дар фалсафа, сарфи назар аз иртибот ба кадом манбаъ ва нуфуз алоқамандӣ надошта бошад, даст кашиданро ихтиёр кард, иборат мебошад.

**451. Фалсафаи охири асри XIX ва авали асри XXI кадом шакли фалсафаро пеша ва кадом масъалаҳоро мавриди таҳқиқаш қарор дод?**

Фалсафаи ин давра ақидаҳои фалсафии ирратсионалиро (ирратсионалӣ калимаи лотинӣ буда, маъниаш ноокилона мебошад) пеша кард ва масъалаҳоро, ба монанди позитивизм, фалсафаи ҳаёт, экзистенсиализм ё фалсафаи мавҷудият, ҳерменевтика, фалсафаи муосири дин ва ғайраро мавриди таҳқиқи худ қарор дод.

**452. Фалсафаи охири асри XIX ва ибтидои асри XXI кадом арзишҳоро ҳамчунин мавриди баррасии худ қарор додааст?**

Фалсафаи мазкур ҳамчунин арзишҳоро ба монанди плюрализм (аз лот. бисёршаклӣ), толерантия (аз лот. сабурӣ, таҳаммулпазирӣ), муттаҳидшавии фалсафа бо илмҳои табиатшиносӣ ва гуманитарӣ, антропосентризми (инсонмаркaзии) муосир барин масъалаҳоро мавриди баррасии худ қарор додааст.

**453. Дар зери мафҳуми плюрализм чиҳо дар назар дошта мешавад?**

Қабл аз ҳама, бояд таъкид кард, ки фалсафаи давраи баррасӣ равияҳои гуногуни фалсафӣ, назарияҳо ва мактабҳои мухталифи моддагарой ва руҳгарой, ратсионалистӣ ва ирратсионалистӣ, ситсиентӣ ва антиситсиентӣ, динӣ ва атеистӣ барин ақидаҳои фалсафиро дар бар мегирад. Бисёршаклии мазкурро плюрализми фалсафӣ мегӯянд.

**454. Дар асоси чӣ дар фалсафаи охири асри XIX ва ибтидои асри XXI ақидаҳои гуногуни плюралистӣ ба вуҷуд омадаву ташаккул ёфтанд?**

Мухтасари муҳтавои ҷавоб ба ин савол аз он иборат мешавад, ки олами гуногунрангро танҳо тавассути шаклҳои гуногуни маърифат омӯхтан мумкин аст. Бинобар ин ҳар як аз равияҳову ҷараёнҳо, мактабҳову назарияҳо дар раванди ба даст овардани маърифати олами гуногунранг нақши муайян бозида метавонад.

**455. Дар зери мафҳуми толерантия (сабурӣ, таҳаммулпазирӣ) чиро фаҳмидан мумкин аст?**

Толерантия, яъне сабурӣ, таҳаммулпазирӣ яке аз арзишҳои муҳимтарини муошират миёни равияҳо ва ҷараёнҳо, мактабҳо ва назарияҳои фалсафии гуногун ба шумор меравад. Таҳаммулпазирӣ ва ба ифоқа омадану муошират кардан байни давлатҳову сиёсатҳои гуногун низ хеле масъалаи муҳим маҳсуб меёбад. Дар доираи ин арзиш, масъалаҳо тавассути муҳовара, гуфтушунид ҳал карда мешаванд, яъне гуфтушунид тарзи асосии муошират миёниҳамдигарӣ на танҳо дар дохили ин ва ё он анъанаи фалсафӣ, балки байни давлатҳо, минтақаҳо ва, умуман, миёни Ғарб ва Шарқи оламро дар бар гирифтааст, ки он хусусияти фарқкунандаи даврони муосир мебошад. Тавассути гуфтушунид арзиши дигар ба вуқуъ пайвастааст, ки он ба нимаи дувуми асри ХХ хос аст ва онро муттаҳидшавии соҳаҳои гуногуни илм ва фалсафа меноманд.

**456. Муттаҳидшавӣ чиро дар назар дорад?**

Дар зери ин мафҳум, агар ба таври умумӣ гӯем, бояд муттаҳидшавии методҳои тадқиқи илмҳои соҳаҳои гуногун ва фалсафа дониста шавад, зеро дар замони муосир дар илм ва тадқиқоти илмӣ усулҳои синергетикӣ, ба назми математикӣ даровардани донишҳои илмӣ, эътирофи усули инкишофи тадриҷии эволютсионӣ, муносибати ҳамаҷонибаи тадқиқ барин усулҳо дар тадқиқоти илмӣ кор фармуда мешаванд, ки дар ҳамин асос тадқиқоти илмӣ ва илмҳо умуман бо ҳамдигар муттаҳидӣ пайдо мекунанд, ки дар натиҷа тадқиқот самараи хуб ба бор меоварад.

**457. Антропосентризми (инсонмаркази) фалсафаи муосир чӣ маънӣ дорад?**

Бояд гуфт, ки дар маркази таваҷҷуҳи фалсафаи муосир масъалаи инсон, моҳияти мавҷудият, ҳадаф ва маънии зиндагӣ ва фаъолияти он меистад. Чун маълум аст, инсон воқеияти мураккаб, зиддиятнок, ки ҳама буду боши ҷомеа ба вай алоқамандӣ дорад, маҳсуб меёбад. Инсон ҳам субъект, яъне созандаи таърихи башарият ва ҳам объекти он ба шумор меравад. Бинобар ин ҳамаҷониба омӯхтани инсон яке аз масъалаҳои меҳварии фалсафа ба шумор меравад ва таваҷҷуҳи хоса тақозо мекунад.

Ҳоло мегузарем ба баррасии равияҳо ва ҷараёнҳо, мактабҳо ва назарияҳои гуногуни дар охири асри XIX ва аввали асри XXI арзивуҷудкарда, ба монанди позитивизм, фалсафаи ҳаёт, экзистенсиализм, ҳерменевтика, модернизм, фалсафаи муосири дин ва ғайра.

**458. Позитивизм чист?**

Ин мафҳум лотиниасос буда, маънии луғавиаш мусбат, эҷобӣ мешавад. Дар илми фалсафа мафҳуми позитивизм ифодакунандаи яке аз ҷараёнҳои фалсафӣ маҳсуб меёбад.

**459. Позитивизм кай ба вуҷуд омадааст?**

Позитивизм дар солҳои 30-уми асри XIX ба вуҷуд омада, минбаъд ба яке аз ҷараёнҳои намоён табдил ёфтааст ва дар инкишофи илм ва фалсафа нақши муайян дорад.

**460. Позитивизм чӣ гуна ҷараёни фалсафист?**

Чигунагии равия ва ҷараёнҳои фалсафиро дар асоси ақидаҳояш муайян мекунанд. Масалан, позитивизм дар он ақида асос ёфтааст, ки, мувофиқи он, ҳама гуна дониши "мусбат" танҳо дар натиҷаи тадқиқоти илмҳои алоҳидаи соҳавӣ ба даст омаданаш мумкин аст. Фалсафа бошад, наметавонад даъвои мустақилона тадқиқ кардани воқеиятро дошта бошад ва ба чунин даъво кардан низ ҳуқуқ надорад, зеро вай донишҳои "мусбат" дода наметавонад.

**461. Асосгузори ҷараёни позитивизм кӣ буд?**

Асосгузори ин ҷараён мутафаккири фаронсавӣ Огюст Конт (1798-1857) мебошад, ки ақидаҳои худро дар асари машҳураш "Курси фалсафаи мусбат" иншо кардааст. Огюст Конт ҳамчунин яке аз асосгузорони илми сотсиология – ҷомеашиносӣ низ маҳсуб меёбад.

**462. Ба ҷараёни позитивизм боз кадом мутафаккирон дохил мешаванд?**

Ба ин равия файласуфон, ба мисли Ҷон Стюарт Мил (1806-1837), Рихард Авенариус (1843-1896), Эрнст Мах (1838-1916) ва ғайра дохил мешаванд.

**463. Аз назари позитивистон кадом донишҳо ба арзиши илмӣ соҳиб шуда метавонистанд?**

Позитивистон чунин меҳисобиданд, ки ҳамон донишҳое арзиши илмиро соҳиб шуда метавонанд, ки онҳо ба таҷриба такя кунанд. Донишҳое, ки танҳо бо роҳҳои эмпирикӣ, яъне таҷрибавӣ ба даст оварда мешаванд, метавонанд барои илм манфиате оваранд.

**464. Фалсафаи позитивизмро боз ба кадом унвон ифода мекунанд?**

Ин фалсафаро ба таъбири фалсафаи илм низ ифода мекунанд. Барои инкишофи фалсафаи илм ақидаҳои намояндаи фалсафаи таҳлилӣ Людвиг Витгенштейн (1889-1951) низ таъсири калон расониданд. Мувофиқи ақидаҳое, ки Витгенштейн дар асараш "Рисолаи мантиқии фалсафӣ" иншо карда буд, ҳамаи масъалаҳои фалсафӣ ба масъалаҳои таҳлили забони илм алоқаманд карда мешаванд. Витгенштейн чунин ақида изҳор мекард ва мегуфт, ки азбаски тафаккур тавассути забон ифода карда мешавад, забон бояд ҳудуди тафаккур эътироф карда шавад. Ҳамчунин ӯ изҳор медошт, ки сарҳади забони ман ифодагари "сарҳади тафаккури ман мебошад". Аз ин ҷост, ки масъалаи мавриди баррасии фалсафа бояд аз таҳлили забони илм иборат бошад.

**465. Фалсафаи муосири илм аз кадом маҳфил оғоз мешавад?**

Ин фалсафа аз маҳфили фалсафии Вена оғоз мешавад, ки таъсисдиҳандагони он соли 1929 эъломияеро ба унвони "Ҷаҳонбинии илмӣ" таҳия карданд ва интишор доданд. Дар ин Эъломия онҳо ақидаҳои асосии позитивизми навро иншо карданд, ки онҳо аз ташаккули равияи нав башорат медоданд. Фалсафаи муосири илм ба унвони неопозитивизм машҳур аст. Ин равия ҳамчунин унвонҳои "позитивизми мантиқӣ" ва "эмпиризми мантиқӣ"-ро гирифтааст.

**466. Намояндаҳои маҳфили фалсафии Вена киҳо буданд?**

Ба намояндаҳои ин маҳфил Морис Шлик (1822-1936), Отто Нейрат (1882-1945), Филипп Франк (1884-1966), Рудолф Карнат (1891-1970) ва ғайраҳо дохил мешаванд.

**467. Ақидаҳои асосии намояндагони неопозитивизм аз чиҳо иборат буданд?**

Мувофиқи ақидаҳои онҳо, мавзуи мавриди баррасии фалсафа бояд аз забон ва дар навбати аввал аз забони илм иборат бошад. Файласуфон бояд фаъолияти худро ба таҳлили дониш, ки тавассути забон ифода мегардад, бахшида бошанд. Намояндагони неопозитивизм метафизика, яъне фалсафаро ҳамчун илме, ки дар вай, аз ҷиҳати меъёрҳои мантиқии забон, маъние надорад, баррасӣ мекарданд. Ақида доштанд, ки, гӯё мушкилиҳои фалсафӣ дар натиҷаи нодуруст истифода кардани воситаҳои забонӣ ба вуҷуд меомада бошанд ва ғайра. Хулоса, намояндагони неопозитивизм, дар маҷмуъ, дар асоси ақидаҳои зерин муттаҳид мешаванд:

– муносибати манфии инкоркунандаи метафизика, яъне фалсафа, ки онро ҳамчун илми козиби арзиш ва маъние надошта баррасӣ менамоянд;

– фалсафа бояд дар асоси натиҷаҳои таҳлили мантиқии забон ба илм иваз карда шавад. Ҷудо кардани фалсафа аз илм барои онҳо маънии онро дошт, ки донишҳои мушаххаси илмро донишҳои ягонаи имконпазир эълон карда, вазифаи фалсафаро ба таҳлили забони илм алоқаманд гардонанд, яъне онҳо илмҳои соҳавиро парастиш мекарданд;

– намояндагони неопозитивизм, сарфи назар аз баъзе ихтилофоти миёниҳамдигариашон, усули эмпирикии дарёфт ва

асосноккунии донишро ҷустуҷӯ мекунанд ва эътимод доранд, ки танҳо донишҳои дар асоси усули эмпирикӣ бадастомада, барои маърифати илмӣ арзише дошта метавонанд. Эътимод доранд, ки танҳо дар асоси донишҳои эмпирикӣ муҳокимарониҳо ва назарияҳои илмиро аз муҳокимаронӣ ва назарияҳои метафизикӣ – фалсафӣ ҷудо кардан мумкин аст. Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳад, ки неопозитивизм ҷонибдори тасдиқ ва корбасти эмпиризми муосир дар пажӯҳишҳои илмӣ ба шумор меравад;

– доир ба муайян кардани меъёри илмии дониш, неопозитивизм тафтиши эмпирикии ҳақиқатро пешниҳод мекунад. Мувофиқи пешниҳоди мазкур, ҳама гуна муҳокима бояд дар асоси таҷрибаи эмпирикӣ тафтиш шуда, дуруст ё нодурут будани он муайян карда шавад. Ҳамаи он муҳокимаҳое, ки чунин тафтишро нагузаштаанд, маънне надоранд. Хулоса, неопозитивистон дарёфти ҳақиқатро тавассути усули верификатсия (аз лотинӣ – исбот кардан, тасдиқ кардан) пайдо кардан мехоҳанд;

– ниҳоят, намояндагони неопозитивизм пешниҳод мекунанд, ки забони универсалӣ бояд забони физика, забони ҳамагонии тадқиқоти илмӣ бошад, зеро ақида доранд онҳо, физика асоси ҳамаи илмҳо маҳсуб меёбад ва муҳокимаҳои физикӣ қобили дақиқан тафтиш кардани эмпирикиро доранд. Ин гуна маънидод кардани масъалаҳо дар илми муосир ба мафҳуми физикализм ифода карда мешавад.

### 468. Магар ҳама ақидаҳои неопозитивизм дурустанд?

Албатта, не. Аммо мо ба он хотир ҳамаи ақидаҳои онҳоро номбар кардем, ки ҷараёни фалсафии бавуҷудовардаи онҳоро омӯхта истодаем. Акнун, ки мо ба тамоми ақидаҳои онҳо шинос гардидем, метавонем бигӯем, ки баъзе ақидаҳои неопозитивизм ҳоло дар ибтидои пайдоиши ин ҷараён зери танқиди шадид қарор гирифт. Чунончи, эътироз карда шуд, ки усули верификатсия на дар ҳама ҷо истифода шуданаш мумкин аст. Масалан, чӣ тавр мумкин аст, ки қонунҳои илмҳоро тавассути истифодаи усули верификатсия тафтиш кард? Чунончи, агар гӯем, ки ҳаракат дар асоси бархӯрди ҷонибҳои ба ҳам зид ба вуҷуд меояд, ҳама металҳо қобилияти барқгузаронӣ доранд, меъёрҳои ахлоқӣ унсури фарҳанги

маънавӣ мебошанд ва ғайра. Магар муҳокимаҳои мазкурро ба таври тафтиши эмпирикӣ тасдиқ кардан мумкин аст? Албатта, не.

Масъалаи дигар, физикализми пешниҳодкардаи неопозитивизм мебошад, ки он низ на дар ҳама соҳаҳо истифода шуданаш мумкин аст. Масалан, магар мумкин аст, ки меъёрҳои физикализм дар илмҳои ахлоқ, равоншиносӣ, сиёсатшиносӣ, фарҳангшиносӣ ва ғайра истифода карда шаванд? Албатта, не.

Бояд қайд кард, ки мавзуи омӯзиши фалсафа, ки қонуниятҳои умумитарини пайдоиш, тағйирёбӣ ва инкишофи оламро дар бар мегирад, тавассути физикализм ё усули верификатсия таҳқиқ карда намешавад. Барои ин масъалаҳоро омӯхтан илме лозим аст, ки дастовардҳои илмҳои соҳавиро таҷрид кунад, умумият бахшад. Дар асоси ин ва далелҳои дигар гуфтан лозим аст, ки усулҳои пешниҳодкардаи неопозитивизм, ҳам аз дохили мактаби худ ва ҳам аз ҷониби ҷараёни ташаккулёфтаистодаи постпозитивизм зери танқиди шадид қарор гирифта шуд.

**469. Постпозитивизм чист?**

Постпозитивизм ҷараёни наве, ки ба ҷойи фалсафаи неопозитивизм омадааст, ба шумор меравад. Масъалаи асосии баррасии постпозитивизм аз тафсири инкишофи илм, таҳқиқи мантиқ ва рушди донишҳои илмӣ иборат аст. Дар маркази диққати постпозитивизм масъалаҳое меистанд, ки доир ба чигунагии ба вуҷуд омадани назарияи нав, чӣ гуна он назария дар байни назарияҳои мавҷуда худашро муаррифӣ мекунад ва ҷойгузини худ мешавад, меъёрҳои интихоби назарияҳои илмии рақобаткунанда чигунаанд ва ғайра ба шумор меравaнд.

**470. Дар асарҳои кадом намояндагон инкишофи методологияи маърифати илмӣ аз диди постпозитивизм инъикос ёфтааст?**

Масъалаи матраҳшуда дар асарҳои К. Поппер (1902-1994), Т. Кун (1922-1996), И. Лакатос (1922-1974), П. Фейерабенд (1924-1994) ва ғайра иншо шудааст. Чунончи, постпозитивизм аз асари К. Поппер, ки ба унвони "Мантиқи ихтирои илмӣ"-и

соли 1959 ва асари Т. Кун "Таркиби инқилобҳои илмӣ", ки соли 1962 аз чоп баромадааст, ибтидо мегирад.

**471. Ақидаҳои Карл Раймунд Поппер аз чиҳо иборат буданд?**

Қабл аз ҳама, бояд донист, ки К. Поппер асосгузори ратсионализми танқидӣ ба шумор меравад, ки он дар дохили постпозитивизм ба вуҷуд омадаву ташаккул ёфтааст. Муҳтавои ин назария тақозо мекунад, ки илм ва ратсионализм, яъне оқилона истифода кардани он, бояд омили пешгирикунанда, маҳдудкунандаи интишори руҳияи ирратсионалӣ, нооқилонагии томравойӣ ва ҳарзагӯйии иҷтимоӣ, ки дар замони муосир ба бадбахтиҳои гӯшношунид барои инсоният овардааст, гардад.

Дигар он, ки ратсионализми танқидиро К. Поппер дар муқобили эмпиризми неопозитивистӣ мегузорад ва онро ҳамчун хусусияти муҳимтарини методи илмӣ ва донишҳои илмӣ маънидод мекунад.

Ақидаи дигари постпозитивистон, аз ҷумла К. Поппер, аз он иборат аст, ки ратсионализм бояд танқиди асосёфта бо далелҳо ва методологияи илмиро пазиро бошад. Ба сифати меъёри ҷудокунандаи илм аз метафизика (фалсафа) Поппер ба ҷойи верификатсияи неопозитивизм фалсификатсияро (аз лот. ба козибӣ баровардан аст) пешниҳод кард. Ин меъёр маънии онро дорад, ки ҳама гуна хулосаҳои илмӣ метавонанд ба хулосаҳои нодуруст бароварда шаванд.

Ақидаҳои мазкур Попперро ба он оварданд, ки вай рушди донишҳои илмиро на ҳамчун гузариш аз як дониши ҳақиқӣ ба дигар, балки аз таҳқиқи як мушкила ба мушкилаи дигар маънидод мекардагӣ шуд. Хулоса, мувофиқи Поппер илм бояд аз хусусияти объективонаи донишҳои ҳақиқӣ даст кашида, хусусияти мутлақи плюралистиро пазирад, ки дар ниҳояти кор ба эътироф кардани мӯҳтавои ифодаи "Мо намедонем – мо метавонем танҳо фарз кунем" оварда мерасонад.

**472. Оё Поппер дар масъалаҳои фалсафаи иҷтимоӣ низ ақидаҳо дорад?**

Бале, Поппер дар баррасии масъалаҳои назарияи иҷтимоӣ-фалсафӣ методи таърихияти тадқиқи масъалаҳои ҷомеаро, ки ба марксизм тааллуқ дорад, инкор мекунад. Чун маълум аст,

баррасӣ кардани масъалаҳои ҷомеа дар асоси методологияи таърихият ҳама гуна тағйироти дар ҷомеа бавуқӯъояндаро ҳамчун раванди қонунӣ маънидод мекунад. Тибқи методологияи мазкур, чигунагии ҷомеаи оянда низ пешгӯйӣ карда мешавад. Масалан, дар натиҷаи таърихи инсониятро ба форматсияҳои гуногун тақсимбандӣ кардан, марксизм ба пешгӯйие омада буд, ки баъд аз форматсияи сармоядорӣ ҳатман форматсияи коммунистӣ ташаккул меёбад. Аммо мувофиқи методологияи Поппер, дар ҷомеа ҳеҷ гуна қонунҳои объективии инкишоф амал намекунанд. Ҳеҷ кас ояндаи ҷомеаро низ муайян карда наметавонад. Бо ин ақидаҳояш Поппер пешгӯйиҳои илмиро инкор мекунад, ки начандон дуруст аст, зеро илми муосир ба пешгӯйиҳои илмӣ шубҳа надорад ва ин масъала бо далелҳои бешумор тасдиқ гардидааст.

Ғайр аз ин, дар назарияи фалсафаи иҷтимоӣ Поппер ду навъи ҷомеаро: ҷомеаи кушод ва ҷомеаи бастаро мавриди таҳлил қарор додааст. Баррасии ин масъаларо ӯ дар асараш "Ҷомеаи кушод ва душманони он", ки соли 1945 аз чоп баромад, муфассал иншо кардааст.

**473. Бо ифодаи "ҷомеаи кушод" Поппер кадом навъи ҷомеаро таъбир кардан мехоҳад?**

Дар зери ифодаи "ҷомеаи кушод" Поппер ҷомеаҳои навъи демократӣ, ки бо плюрализм дар иқтисод, сиёсат, фарҳанг, таркиби инкишофёфтаи иҷтимоӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳуқуқбунёд будани давлат фарқ мекунанд, таъбир кардааст. Дар ин гуна ҷомеаҳо, мувофиқи ақидаи Поппер, шаҳрвандон тафаккури ратсионалии танқидӣ доранд, рафтор ва муносибатҳои озоди ҷомеавиро соҳибанд, имконият доранд, ки бошуурона раванди инкишофи ҷомеаро идора кунанд, муассисаҳои давлатиро дар асоси меъёрҳои демократӣ созмон диҳанд.

**474. "Ҷомеаи баста" гуфта Поппер чӣ гуна ҷомеаро дар назар дорад?**

Ба навъи "ҷомеаи баста" Поппер ҷомеаҳои тосармоядорӣ ва сотсиалистиро дохил мекунад, ки ба онҳо, мувофиқи ақидаи Поппер, чунин хусусиятҳо, ба монанди томравоӣ, тағйир

нахӯрдани шаклҳои ичтимоии фаъолият, бартарӣ доштани манфиатҳои чомеавӣ аз манфиатҳои шахсӣ, догматизми ақидатӣ, идеологӣ ва ҳарзагӯйии сиёсиву ичтимоӣ дохил мешаванд.

**475. Оё ҳама акидаҳои Поппер дурустанд?**

Дар чавоб ба чунин савол бояд гуфт, ки ҳар як олим ё мутафаккир дар асоси тадқиқоти анчомдодааш ҳатман ба чойе мерасад, фикри тозае мегӯяд, ихтирое ба вучуд меоварад ва ғайра, яъне ба хазинаи илм дастовардеро ворид мекунад. Аммо аз як олим ё як мутафаккир барои ҳама саволҳо чавоби мукаммал тақозо кардан начандон дуруст аст. Чунончи, ба ақидаи Поппер, чомеаҳои Аврупои Ғарбӣ ташаккули чомеаҳои кушодро ҳоло то миёнаҳои асри XX гӯё ба анчом расонида буданд, вале амалияи нимаи дувуми асри мазкур нишон дод, ки чомеаҳои кушоди Аврупои Ғарбӣ хеле дур аз мукаммалӣ мебошанд. Дар чомеаҳои мазкур чинояткорӣ дар шаклҳои гуногун интишор ёфта, сӯйиистифода аз озодии бозор, вайрон кардани адолати ичтимоӣ, коста гардидани фарҳанги ахлоқӣ ва ғайра густурда гардидааст. Ба ин ва ноқисиҳои дигари чомеаҳое, ки Поппер онҳоро ҳамчун намуна маънидод карда буд, дар охирҳои даҳаи ҳаштум ва ибтидои даҳаи нуҳуми асри XX худи Поппер қоил омад. Мисоли оварда аз он шаҳодат медиҳад, ки на ҳама ақидаҳои файласуфи номбурда дуруст будаанд.

**476. Дар тақвияти чараёни постпозитивизм саҳми боз кадом мутафаккир назаррас аст?**

Дар ин маврид саҳми файласуфи муосири амрикоӣ Томас Сэмюэл Кун чашмрас мебошад.

**477. Т. С. Кун ақидаҳояшро дар кадом асар инъикос кардааст?**

Номбурда, ки яке аз саромадони равияи таърихӣ-эволютсионӣ дар фалсафаи илм ба шумор меравад, афкори фалсафии худро дар асараш “Таркиби инқилобҳои илмӣ”, ки соли 1962 аз чоп баровардааст, муфассал таъбир кардааст.

**478. Равияи таърихӣ-эволютсионӣ дар фалсафаи илм чӣ маънӣ дорад?**

Ба ақидаи Семюэл Кун, хусусияти инкишофи илм аз он иборат аст, ки вай ба давраҳои таърихии муайяни тарзи фаъолияти иттиҳоди илмии дар ҳамон давра салтанатдошта алоқаманд карда мешавад. Дар ҳамин асос Семюэл Кун ба истифодаи доираҳои илмӣ мафҳуми “муайянӣ”-ро (парадигма)-ро дохил мекунад. Муайянӣ, мувофиқи С. Кун, маҷмӯи тааккудот, арзишҳо ва воситаҳои техникие, ки доираҳои илмӣ аз онҳо истифода мекунанд ва тавассути онҳо мавҷудияти анъанаҳои илмӣ таъмин карда мешаванд, иборат мебошанд. Масалан, С. Кун менависад, ки “Ман дар зери ифодаи муайянӣ (парадигмаҳо) дастовардҳои аз ҷониби ҳама эътирофшударо мефаҳмам, ки онҳо дар давоми муддати муайян ба доираҳои илмӣ намунаи масъалагузорӣ ва ҳалли онро дода метавонанд” (Таркиби инқилобҳои илмӣ. – М.: Прогресс, 1977. – С. 11). С. Кун тафсири масъаларо идома дода, қайд мекунад, ки муайянӣ, яъне зинаи муайяни бадастомадаи илм муддати тӯлонӣ ба сифати муайянкунандаи масъалагузориҳо ва ҳалли онҳоро таъмин менамояд. Агар дар раванди инкишоф ба ҷойи як муайянӣ муайянии дигар биёяд, пас, вай маънии инқилоби илмиро соҳиб мешавад. Бинобар ин, - мегӯяд С. Кун, - инкишофи илм дар соҳаҳои зарурӣ тавассути инқилобҳои илмӣ ҳамчун равандҳои ҷаҳишӣ сурат мегирад.

**479. Оё ақидаҳои дар боло овардаи С. Кун куллан дурустанд?**

Албатта, афкори номбурда дар дарки фалсафаи илм аз аҳамият холӣ нестанд, вале ӯ, мутаассифона, раванди муттасили инкишофи илмро ба муқобилгузории унсурҳои нисбӣ ва мутлақи донишҳои илмӣ, мунфасилият ва муттасилият дар он иваз мекунад.

Бо овардани ақидаҳои баъзе аз намояндагони машҳури позитивизм, неопозитивизм ва постпозитивизм ба ин масъала хотима мебахшем ва омӯзандаро раҳнамоӣ мекунем, ки дар корҳои мустақилона ба ҷараёнҳои мазкур муфассалтар шинос шаванд. Ҳоло мегузарем ба шарҳи ақидаҳои намояндагони ҷараёнҳои дигари фалсафаи муосир, ки яке аз онҳоро фалсафаи ҳаёт мегӯянд.

**480. Фалсафаи ҳаёт чист?**

Фалсафаи ҳаёт ҷараёнест, ки ҳамчун ҷараёни мухолифи ратсионализми классикӣ ва ҳамчун вокуниш ба бӯҳрони табиатшиносии механистӣ ба вуҷуд омадааст. Ақидаи марказии фалсафаи ҳаёт аз он иборат аст, ки дар заминаи инкишофи олам ва инсон асоси ратсионалӣ (оқилона) наистода, балки воқеиятҳои ирратсионалӣ (нооқилона, бешуурона) меистанд. Яъне, ҳаёт чунин маънидод карда мешавад, ки вай гӯё аз "эволютсияи эҷодкунанда", яклухт, раванди ба ҳамдигар алоқаманд, ки дар он материя ва шуур, фаъолиятҳои бошуурона ва бешуурона, мантиқ ва бемантиқӣ ҷудонопазир, тақсимнопазир амал мекунанд, иборат бошад. Ҳаёт, бо ҳама шебу фарозҳояш, бо ҳама тазодҳояш, дар ягонагӣ ҳамчун асоси баррасии фалсафӣ қарор мегирад. Ҷараёни чунин ҳаёт дар доираи тафаккури ақлонӣ-ратсионализм тафсирнашаванда мебошад. Ҳаёт, дар ин фалсафа, ҳамчун раванд, эҷоди ғаризавии озод ва номураттаб, ки онро барои таҳлили илмӣ истифода кардан имконнопазир мебошад, маънидод карда мешавад. Хулоса, ҳаёт дар чунин фаҳмиш муҳтаво ва моҳияти ҳастиро ифода мекунад. Бинобар ин маърифати фалсафӣ бояд бар ҳамин асос сурат гирад.

**481. Намояндагони машҳури фалсафаи ҳаёт киҳо буданд?**

Ба намояндагони машҳури ин ҷараён файласуфон Ф. Шлегел, А. Шопенгауер, Ф. Нитсше, О. Шпенглер, А. Бергсон ва ғайра дохил мешаванд, ки ақидаҳои баъзеи онҳоро ҳамчун намуна дар саволу ҷавобҳои поёнӣ баррасӣ хоҳем кард. Чунончи, яке аз машҳуртарин намояндаи фалсафаи ҳаёт А. Шопенгауэр мебошад.

**482. Артур Шопенгауэр кӣ буд ва акидаҳои фалсафаи ҳаётро чӣ гуна маънидод кардааст?**

Артур Шопенгауэр (1788-1860) бунёдгузори фалсафаи ирратсионализм ва, аз ҷумла, фалсафаи ҳаёт мебошад. Масъалаи меҳварии баррасии А. Шопенгауэр, агар ба ифодаи дигар гӯем, масъалаи асосии фалсафаи ҳаётро ӯ аз масъалаи "ирода" иборат медонад. Асаре, ки ин масъалаи меҳвариро дар он ӯ иншо кардааст, ба унвони "Олам ҳамчун ирода ва

тасаввурот" маъруф аст. Дар ин асар Шопенгауэр иродаро ҳамчун "чизи худ ба худ" вуҷуддошта маънидод мекунад, ки вай берун аз вақту фазо вуҷуд дошта, на ба ақл ва на ба маърифат алоқамандӣ надорад. Вақте Шопенгауэр иродаро ҳамчун "чизи худ ба худ" маънидод мекунад, вай ба "чизҳои дар худи" И. Кант тақлид мекунад, Кантро инкишоф доданӣ мешавад ва моҳияти "чизҳои дар худ"-ро дар ирода мебинад. Аз ин ҷост, ки дар Шопенгауэр ирода ҳамчун олам баромад мекунад. Ба ифодаи худи муаллиф "Олам ҳамчун ирода" мешавад. Албатта, вақте сухан дар бораи умуман олам меравад, иродаи оламӣ, яъне иродаи ифодакунандаи олам, иродаи озоди умумӣ, ки заминаи ҳама гуна ҳастӣ, аз ҷумла ҳастии инсон мебошад, фаҳмида мешавад. Ирода, барои Шопенгауэр, ибтидои мутлақ, заминаи ҳама гуна мавҷудият мебошад. Хулоса, назария дар бораи ирода усули асосӣ ва умумӣ (универсалии) тамоми фалсафаи мутафаккир ба шумор меравад.

**483. Дар масъалаи умдаи фалсафии дигар, ки назарияи маърифат маҳсуб меёбад, Шопенгауэр чӣ ақида дорад?**

Дар ҷавоб ба ин савол бояд гуфт, ки агар "чизҳои дар худ"-ро И. Кант донистанашаванда эълом дошта бошад, "иродаи худ ба худ"-ро А. Шопенгауэр донисташаванда пешниҳод кардааст. Лаҳзаи аввалини шуурро ӯ дар тасаввурот медид. Маърифат, мегуфт ӯ, ё ҳамчун интуитсия ё ҳамчун мавҳумият ва ё маънии ҳамчун тасаввуроти беихтиёрона сурат гирифтанро дорад. Интуитсия навъи аввалин ва муҳимтарини дониш маҳсуб меёбад. Ҳама гуна тасаввуроти беихтиёронаи бавуҷудомада дар инсон дар ниҳояти кор дар интуитсия таҷассум меёбад.

**484. Фридрих Нитсше (1844-1900) кӣ буд?**

Номбурда низ яке аз намояндагони фалсафаи ҳаёт ба шумор меравад, ки нисбат ба Шопенгауэр баъзе ақидаҳои фарққунанда дорад ва омӯхтани онҳо аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

**485. Мухтасари ақидаҳои Ф. Нитсше аз чиҳо иборат мебошанд?**

Бояд гуфт, ки Ф. Нитсше низ иродаро ҳамчун категорияи марказӣ мавриди баррасии худ қарор додааст. Аммо ӯ иродаро ба таври умумӣ баррасӣ накарда, балки сифати барои инсон манфиатоварии онро, яъне "ирода баҳри ҳаёт"-ро, ки, пеш аз ҳама, моҳияти онро дар "ирода баҳри расидан ба ҳокимият" медид, мавриди баррасӣ қарор додааст. Ф. Нитсше иродаро чунин маънидод мекард, ки гӯё дар зиндагӣ, дар ҳаёт ҳама гуна ҳавасмандӣ ва ҳама гуна мубориза барои ба даст овардани "ҳокимият" ба вуқӯъ мепайвандад. «Моҳияти ҳаёт, - мегуфт Нитсше, - дар ҳамин аст».

**486. Ф. Нитсше дар бораи олам чӣ ақида дошт?**

Мувофиқи ақидаи Ф. Нитсше, олам аз нав ташаккулёбии ҳамешагӣ ва беҳадафӣ ба шумор меравад, ки он дар идеяи "бозгашти ҳамешагии якранг" ифода карда мешавад. Ирода асоси ба ҳаракатоварандаи ҳамон азнавташаккулёбӣ, ҳамон майл барои ба даст овардани ҳокимият, майли ба даст овардани нуфузи инсон, нуфузи Ман маҳсуб меёбад. Заминаи ҳамин майли инсонро ирода ташкил медиҳад, ки вай таъминкунандаи ҳаёт мебошад. Бинобар ин мафҳуми ҳаёт дар фалсафаи Ф. Нитсше мақоми марказиро мебозад. Аз ин ҷост, ки ӯро асосгузори равияе, ки фалсафаи ҳаёт мегӯянд, меноманд.

**487. Ф. Нитсше дар масъалаи маърифат чӣ ақида дорад?**

Доир ба ин савол бояд гуфт, ки ӯ ҳама гуна ба низоми муайян даровардани донишҳои фалсафиро дар бораи олам рад мекард. Ба ақидаи ӯ, дониш – тасаввуроти инстинктӣ мебошад. Ҳар як инсон оламро ба таври худ тасаввур мекунад. Дар ҳар кас, мегуфт вай, доир ба олам устураи шахсии худаш ҳаст. Хулоса, назарияи маърифат, ба маъние, ки онро илм мепазирад, мавриди баррасии Нитсше набудааст.

**488. Ф. Нитсше дар масъалаи пешрафти ҷомеа чӣ ақида дорад?**

Ӯ усули демократия ва пешрафти таърихиро рад мекунад ва муҳаббат ба сарнавиштро ба арзишҳои мазкур муқобил мегузорад. Нитсше ҳама гуна андешаи баробарӣ ва адолатро

низ рад мекунад ва ақида дорад, ки баробарӣ ва адолат “хусусияти мукаммалияти инсониро аз байн мебарад”. Ӯ ҷонибдори табақабандии иҷтимоӣ буда, назарияи салтанати мутлақи зубдагони “табақаи болоӣ”-ро рушд мебахшид. Моҳияти назарияи мазкур нақши фавқулинсонро дар назар дорад. Фавқулинсон парастиши инсони иродаи қавӣ дошта, инсони тавонманд, инсони ҳариси ҳокимият мебошад. Барои Нитсше ҳама мардуме, ки дар бораи баробарӣ, адолат суҳбат мекунанд, нотавонанд. Онҳо оммаи хира ва тира буда, бояд хидмати ҳокимони салтанатро ба ҷо оваранд.

Нитсше ҷонибдори таҷдиди назари куллии ҳамаи арзишҳои башарӣ буда, даъво мекард, ки ҳамаи онҳо бояд аз ҳаёти ҷомеа сутуда шаванд, зеро онҳо барои ташаккули иродаи ҳариси ҳокимият замина шуда наметавонанд. Ӯ чунин мегуфт, ки зеҳни оқилона ва усулҳои демократии идораи ҷомеаи шаҳрвандӣ ба баробарӣ оварда мерасонанд, ки он дар оқибати кор ба тирагии ҷомеа меоварад. Ҳатто арзишҳои дини масеҳӣ дар бораи муҳаббат ба Худо ва ба наздикон инсонро ба пастӣ меоваранд ва “ахлоқи ғуломӣ”-ро ташаккул медиҳанд. Чунин арзишҳо ба ташаккули иродаи қавии инсон ва ҳариси ҳокимият халал мерасонанд. “Бинобар ин, - мегӯяд Нитсше, - лозим аст, ки “ахлоқи кӯҳнашудаи ғуломон” ба “ахлоқи салотин” иваз карда шавад, зеро ояндаи инсоният ба дасти ҳамин камтаринҳо мегузарад ва “ҳама боқимондаҳо – танҳо инсоният” мебошанд”. “Лозим аст, ки тавассути қувва, волоияти руҳ ва нафрат ба омма болои инсоният истода бошӣ”, - мегуфт Нитсше. Дар ҳаёт ҳеҷ чизи оқилона вуҷуд надорад, ҳаёт ирратсионалӣ (ноокилона) мебошад.

Албатта, ақидаҳои мазкури Нитсше, ки парастиши инсони иродаи қавӣ, ташаккули чунин ирода, кӯшиши он барои дар ҳаёт мавқеъ ва манзалати ҳокимиро пайдо кардан, паст задани инсони заифи мунтазир аз меҳрубониро тарғиб мекунад, ифодакунандаҳои талаботи ҷомеаи сармоядории замони зиндагии файласуф мебошанд ва мағзи оқилонааш ҳам дар ҳамин аст, яъне мутафаккир дар ҳаёти ҷомеаи ҳамондавраина чигуна муваффақ шудани инсонро таъбир кардааст ва унсурҳои дар боло овардаро заминаҳои расидан ба муваффақияти ҳаёт маънидод кардааст.

Сарфи назар аз он ки мутафаккир роҳҳои муайяни ба мартабаҳои баланди зиндагӣ расидани инсонро аз диди худ заминагузорӣ кардааст, онҳо дар ниҳояти кор хусусияти иртиҷоӣ доранд ва танҳо манфиати табақаи истисморгарони ҷомеаро ҳимоя мекунанд. Чунин ақидаҳо, чун аз таърих маълум аст, заминаи илмии идеологияҳои фашистӣ ҳам гардида буданд.

Мақсади шиносоӣ ва омӯхтани чунин ақидаҳо аз он иборат аст, ки тавонем онҳоро ба арзишҳои дигари судманд муқоиса намоем ва натиҷае бардошта бошем.

Азбаски ҷараёни ба ном фалсафаи ҳаёт ба тафаккури инсонияти муосир таъсири хеле калон дорад, лозим аст, то афкори намояндагони баъзеи дигари ин ҷараёнро мавриди баррасӣ қарор диҳем. Аз ҷумла, афкори алоқаманд ба “Ҳаёти органикӣ” ва “Фалсафаи фарҳанг”-и Освалд Шпенглер хеле мароқовар мебошанд.

**489. Освалд Шпенглер кӣ буд?**

О. Шпенглер (1880-1936) файласуфи олмонӣ ва яке аз намояндагони фалсафаи ҳаёт ба шумор меравад. Асари машҳураш “Ғуруби Аврупо” мебошад, ки дар ибтидои солҳои 20-уми асри XX навишта шуда, ӯро шуҳратманд гардонидааст. Вай яке аз пайравони Нитсше буда, дар баъзе масъалаҳо ба ӯ пайравӣ кардааст ва дар зери таъсири фалсафаи Нитсше ҳамчун мутафаккир ташакул ёфтааст. Асосгузори назарияи “Ҳаёти органикӣ” ва “Фалсафаи фарҳанг” мебошад.

**490. Мухтасари ақидаҳои О. Шпенглер аз чиҳо иборат аст?**

Пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки барои О. Шпенглер низ масъалаи асосии омӯзиши фалсафа масъалаи ҳаёт мебошад. Ҳаёт дар тасаввури Шпенглер аз “организмҳо”-и бешумори беохир, ки онҳоро ӯ “мавҷуди бешумори беохири рӯҳӣ” меномад, иборат аст ва ҳар яки он созандаи олами ба худ хоси фардии хеш мебошад, яъне ҳаёт хусусияти органикӣ дорад, ки он тавони тавсеаёбии беҳудудро соҳиб аст. Дар ҳамин асос, яъне бар асоси фаҳмиши ҳаёт ҳамчун “организм”, Шпенглер назарияи фарҳанг ва ақидаи дар чаҳорчӯбаи доираҳо инкишоф ёфтани ҷомеаро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Азбаски ҳаёт, дар таълимоти Шпенглер, аз “организмҳо”-и алоҳидаи ботинан

муташаккили қобилияти тавсеаёбии беохир иборат мебошад, фарҳанг низ ҳамчун “организм”-и ботинан муташаккил буда, аз “организмҳо”-и дигар ҷудо маънидод карда мешавад. Ин ақида маънии онро дорад, ки ҳеҷ гуна фарҳанги умумибашарӣ нест ва шуда ҳам наметавонад. Ҳамин тариқ, Шпенглер назарияи бешумории фарҳангҳои – “организмҳо”-и дар фазову вақт аз ҳамдигар ҷудовуҷуддоштаро ба ягонагии раванди таърихии башарият муқобил мегузорад. Дар чунин муҳокимаронӣ Шпенглер то ба хулосае расида буд, ки гӯё дар олами башарӣ 8 фарҳанги тамоман ба ҳамдигар алоқамандӣ надошта арзи вуҷуд кардааст, ки ҳар яки он то ба ҳазор сол мавҷудияти худро нигаҳ медорад ва пас аз он аз байн меравад, мемирад. Ба ин фарҳангҳо Шпенглер фарҳангҳои мисрӣ, ҳиндувонӣ, бобулӣ, чинӣ, юнониву римӣ, византиягию арабӣ, фарҳанги Аврупои Ғарбӣ ва майиро дохил карда буд. Чунин низ таъкид карда буд, ки гӯё олам айни замон мунтазири тавлиди фарҳанги русиву сибириёйӣ мебошад.

**491. Оё Шпенглер дар бораи тамаддун низ ақидае дорад?**

Бале, чун баррасии фарҳанг бе баррасии тамаддун номукаммал мемонад, мутафаккир ин масъаларо низ мавриди баррасӣ қарор додааст. Мувофиқи таълимоти Шпенглер, тамаддун дар давраи рӯ ба завол овардани фарҳанг тавлид меёбад, яъне фарҳанг дар ҷараёни фавтиданаш ба тамаддун табдил меёбад. Гузариш аз фарҳанг ба тамаддунро Шпенглер ҳамчун гузариш аз фаъолият ба карахтӣ, ба вайроншавии организм маънидод мекунад ва ин ҷараёнро барои ҳар як фарҳанг ногузир тафсир мекунад. Масалан, менависад Шпенглер, чунин гузариш ба фарҳанги юнониву римӣ ба давраи эллинизм (интишор ёфтани фарҳанги юнониён) мувофиқ омада, барои кишварҳои Аврупои Ғарбӣ дар асри XIX, ки он ба ибтидои “ғуруби Аврупо” мувофиқ аст, рост меояд.

Шпенглер назарияи инкишофро дар чаҳорчӯбаи доираҳо тавассути се зинаи умри ҳар як фарҳанг ифода мекунад ва менависад, ки ҳар як фарҳанг се зинаро: тавлид, инкишоф ва фавтиданро аз сар мегузаронад. Хулоса, тибқи назарияи Шпенглер, сарнавишти ҳар як фарҳанг ба мисли сарнавишти

ҳар як организм пешакӣ муайян, яъне ҳар як фарҳангро ба мисли ҳар як организм фавтидани ҳатмӣ мунтазир мебошад.

Барои боз ҳам пурратар бардошт кардани фалсафаи ҳаёт ва умуман фалсафаи ирратсионалӣ шиносоӣ ба ақидаҳои Зигмунд Фрейд низ мусоидат мекунанд ва аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

**492. Зигмунд Фрейд (1856-1939) кӣ буд?**

З. Фрейд невропатолог (табиби бемориҳои асаб), олими равоншинос, асосгузори илми таҳлили ҳолатҳои равонӣ, профессори донишгоҳи Вена (Австрия) буд.

**493. Мухтасари ақидаҳои барои фалсафа зарури З. Фрейд аз чиҳо иборат аст?**

Чун аз муайян кардани шахсияташ маълум шуд, З. Фрейд ба масъалаи дарёфти усули табобати бемориҳои равонӣ - асаб машғул буд. Дар ҷараёни пажӯҳишҳояш ӯ ҳамчунин назарияеро ба вуҷуд овард, ки тибқи он нақши ҳодисаҳо ва равандҳои бешуурона дар ҳаёти инсон ва умуман дар инкишофи фарҳангро маънидод мекард. Агар то Фрейд мавзӯи илми равоншиносӣ, асосан, аз фаъолиятҳои бошуурона иборат буда бошад, Фрейд дар натиҷаи пажӯҳишҳояш нақши бисёр калони лаҳзаҳои бешууронаро дар рафтори одам муайян намуд, яъне Фрейд муайян кард, ки равони (психикаи) инсон таркиби мураккаб дошта, зинаҳои гуногунро ба мисли шуур, зинаи пешошуур ва бешууронагиро дар бар мегирад. Фрейд ба он расид, ки шуури инсон дар таркиби мазкур танҳо зинаи "истиқбол", як ахираи шохи дарахт буда, ҳама боқимондаҳои дарахтро зинаи пешошуур ва бешууронагӣ ташкил медиҳанд. Фрейд қайд мекунад, ки инстинктҳои бешуурона, пеш аз ҳама, шавқҳои ҷинсӣ, қувваҳои асосии водоркунандаи рафторҳои инсон ба шумор мераванд.

Пажӯҳишгарони осори Фрейд, раванди ташаккулёбии назарияи олимро ба ду давра тақсим мекунанд. Давраи аввал охири асри XIX ва то соли 1920-ро дар бар мегирад. Дар ин давра Фрейд ба хулоса омада буд, ки тамоми фарҳанги башарӣ натиҷаи нерӯи шавқҳои ҷинсиро ба раванди эҷод ё дигар намудҳои фаъолият интиқол доданро дар назар дорад. Чунин гузаришро ба калимаи лотиниасос сублиматсия (ба ҳолате

расонидан) меноманд. Мувофиқи ин назария, заминаи фарҳангро на фаъолияти оқилонаи (ратсионалии) инсон, балки фаъолиятҳои nooқилонаи (ирратсионалии) биологии инсон ба вуҷуд меоварад. Давраи дувуми пажӯҳишҳои Фрейд замони баъди соли 1920-ро дар бар мегирад. Дар ин давра Фрейд назарияи динамикии (пайваста инкишофёбии) равони инсонро ба низом даровард, ки мувофиқи он, ҳолатҳои равонии инсон ба се қишр: Вай, Ман ва аз Ман боло ҷудо карда мешавад. Дар формулаи рамзии мазкур, Вай маънии бешууронагиро, яъне ифодакунандаи шавқҳои ҷинсии (инстинктии) инсонро, Ман – бошууронагиро, яъне, ифодакунандаи миёнаравӣ, миёни Вай-и бешууронагӣ ва аз Ман болои олами фарҳангро ифода мекунад. Дар ин формула аз Ман боло – олами фарҳангро, яъне муроқибакунандаро дар назар дорад. Чунон ки мебинем, Ман – бошууронагӣ, танҳо нақши миёнаравиро мебозад ва дар фаъолиятҳои инсон нақши начандон бориз дорад. Ҳамин тариқ, Фрейд, нақши асосиро ба фаъолиятҳои бешуурона алоқаманд карда, на танҳо заминаи ҷараёни ирратсионалии рафтори одамонро исбот карданӣ шудааст, балки нишон доданӣ шудааст, ки вай то чӣ андоза қувваи қобили мавҷудияти зиддиятнокро дорост. Хулоса, мувофиқи Фрейд, мавҷудияти инсоният аз муборизаи оштинопазири ҳамешагӣ миёни "усули кайфият" ва "усули воқеият", яъне, миёни шавқҳои ҷинсӣ ва фарҳанг иборат мебошад.

**494. Агар афкори Фрейдро ба ҳаёти ҷомеа интиқол диҳем чӣ мешавад?**

Азбаски ҳар як фард душмани эҳтимолии фарҳанг, ки ӯро аз шавқҳои ҷинсӣ боз медорад, ба шумор меравад ва, аз тарафи дигар, инсоният дар ҳаёти ҷомеавӣ бе фарҳанг ҳам зиста наметавонад, зарурат пайдо мешавад, ки дар ҳаёти ҷомеавӣ инсон барои риоя кардани меъёрҳои фарҳангӣ маҷбур карда шавад. Дар татбиқи ин амр зарурати салтанати зубдагон аз болои бисёриҳо, "доҳиён" бар "омма" ба вуҷуд меояд. Хулоса, Фрейд низ дар ниҳояти кор ба ҳамон ақидаи "фавқулинсон"-и Нитсше мерасад.

Баъди тафсири ақидаҳои фалсафаи ҳаёт лозим меояд ба ҷараёнҳои дигари фалсафаи муосир гузарем, ки яке аз онҳоро экзистенсиализм ё фалсафаи мавҷудият мегӯянд.

**495. Намояндагони машҳури фалсафаи экзистенсиализм киҳо буданд?**

Машҳуртарин намояндагони фалсафаи экзистенсиализм М. Хайдеггер, К. Ясперс дар Олмон, Ж. П. Сартр, А. Камю дар Фаронса, Аббаняно дар Италия ва Баррет дар ИМА буданд.

**496. Экзистенсиализм[5] ё фалсафаи мавҷудият чиро ифода мекунад?**

Қабл аз ҳама, бояд гуфт, ки моҳияти ин ҷараёни фалсафӣ ба сифат, моҳият, мақсад, чигунагӣ ва арзишҳои дигари муайянкунандаи мавҷудияти инсон бахшида шудааст, ки намояндагонаш ҳар як ба таври худ ин мавзуъро баррасӣ кардаанд. Агар ба таври умумӣ ифода кунем, мавзуи таҳқиқи экзистенсиализм аз баррасии мавзуи ҳастии фардии мутазоди инсон, ки аз маҷмуи парешониҳои ҳамешагӣ, тарс, ноумедиҳо ва ҳамчунин муваққатӣ будани ҳаёт ва амсоли онҳо таркиб меёбад, иборат аст. Инсон дар зиндагӣ бо ҳама он ноҷӯриҳои дар боло зикршудаи ҳаёташ ба ҳоли худ партофта шудааст. Яъне, ҳама тазодҳои зиндагӣ дар ҳаёти фардии инсон таҷассум ёфтаанд. Бинобар ин намояндагони экзистенсиализм мехоҳанд, ки масъалаи меҳварии таҳқиқоташон ҳаёти фардии инсон бо тамоми тазодҳояш бошад.

---

[5] Экзистенсиализм аз лотинӣ экзистентиа, яъне мавҷудият мебошад. Мо ин истилоҳро дар ҳошия махсус ҷудо кардем, то гуфта бошем, ки онро ба забони тоҷикӣ "вуҷудгароӣ" тарҷума кардан ғалат аст. [Нигар ба. – Таърихи фалсафа. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни таҳсилоти муассисаҳои олии касбӣ. – Душанбе, 2011. – С. 436]. Дар забони арабӣ ҷараёни фалсафии экзистенсиализмро ҳамчун "вуҷудият" тарҷума мекунанд, аммо дар забони форсии тоҷикӣ истилоҳи мазкур дар шакли мавҷудият бояд тарҷума шавад. Аз назари ифодаи маънии фалсафӣ низ бояд мавҷудият шавад, зеро, агар ба моҳияти ин ҷараёни фалсафӣ дурусттар таваҷҷӯҳ карда бошем, ба дурустӣ маълумамон мегардад, ки сухан дар бораи сифатҳо ва чигунагиҳои мавҷудияти, пеш аз ҳама, инсон меравад. Истилоҳи мазкурро дар ифодаҳои "ҳаққи мавҷудият", "мавҷудиятро нигаҳ доштан", "аз мавҷудият... сол мегузарад", "ба мавҷудият... сол шуд", "робитаҳои дӯстонаи мавҷуд" (ба ҷойи вуҷуд дошта) ва ғайра истифода мекунанд, ки тарзи дурусти истифода маҳсуб меёбад.

Чун маълум аст, мавзуи баррасии ҳастии инсон дар таърихи фалсафа ҳоло аз замонҳои қадим оғоз ёфта то ҳол идома дорад. Олимони соҳа бар он ақидаанд, ки аввалин файласуфе, ки ба ин масъала машғул шудааст Суқрот мебошад. Бинобар ин ӯро намояндаи экзистенсиализми бостонӣ номидан ҳам мумкин аст.

Дар оғози ташаккули фалсафаи асримиёнагӣ илоҳиётшиноси машҳури дини масеҳӣ Августини Муқаддас низ ин масъаларо яке аз масъалаҳои меҳварии баррасиаш қарор дода буд.

Минбаъд масъалаи мазкур ҳамеша мавзуи мавриди таҳқиқи гуногунҷанбаи файласуфон гардида, дар асри XX ва рӯзҳои кунунӣ низ яке аз мавзуъҳои мубрами мавриди пажӯҳиш ба шумор меравад. Ин масъала дар таҳқиқоти намояндагони ҷараёни фалсафаи экзистенсиализм мавзуи марказӣ ба шумор меравад, ки баррасии афкори онҳоро аз М. Хайдеггер оғоз менамоем.

**497. Мартин Хайдеггер (1880-1976) кӣ буд?**

Мартин Хайдеггер файласуфи экзистенсиалисти Олмон ба шумор меравад ва тамоми умри худро ба баррасии масъалаҳои алоқаманд ба ҳастии инсон бахшидааст.

**498. Мухтасари афкори фалсафаи мавҷудияти М. Хайдеггер аз чиҳо иборат аст?**

Чун маълумамон шуд, мавзуи баррасии ҷараёни фалсафаи экзистенсиализм аз ҳастии фардии инсон иборат будааст, пас, М. Хайдеггер низ ҳамчун яке аз намояндагони ҷараёни мазкур тадқиқоташро ба масъалаи мазкур бахшидааст. Дар ин масъала ӯ дар чунин ақида будааст, ки бояд мавзуи тадқиқ аз масъалаи маънии ҳастӣ оғоз ёбад, зеро ин масъала, ба қавли ӯ, “ба кунҷи фаромӯшӣ” гузошта шудааст.

Мувофиқи андешаҳои М. Хайдеггер, дарки ҳастӣ танҳо ба инсон хос аст, танҳо ба инсон “ҳастӣ гушоиш” меёбад. Бинобар ин ҳамин ҳастии ба инсон гушоишёфта, яъне ҳамин мавҷудият (экзистенсия) бояд асоси таҳқиқи таълимот дар бораи ҳастӣ бошад. Ҳеҷ мумкин нест, ки дар бораи умуман ҳастӣ таҳқиқот анҷом ёбад, вале худи таҳқиққунанда берун аз доираи он (таҳқиқ) бимонад.

Масъалаи дигаре, ки ба он М. Хайдеггер таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардааст, вақт ба шумор меравад. Ӯ чунин ақида дорад, ки азбаски оқибати ҳастии инсонро муваққатӣ будани он, гузаро будани он, мирандагии он ташкил мекунад, лозим аст, то вақт ҳамчун муҳимтарин хусусияти ҳастӣ мавриди тадқиқ қарор дода шавад.

**499. Афкори Карл Ясперс аз чиҳо иборатанд?**

Афкори яке аз файласуфони дигари экзистенсиализм К. Ясперс (1883-1969) хусусиятҳои хоси худро доранд. Барои ин мутафаккир мавҷудият, қабл аз ҳама, мавҷудияти маънавӣ, мавҷудияти шуури шахс ба шумор меравад. "Мавҷудият,- навишта буд Ясперс,- шуур мебошад ва ман ҳамчун шуур вуҷуд дорам... Таҳлил кардани мавҷудият маънии таҳлил кардани шуурро дорад".

Ҳастиро К. Ясперс ба се қисмат тақсимбандӣ мекунад. "Бинобар ин,- мегӯяд ӯ,- фалсафа низ бояд се тақсимбандӣ дошта бошад".

1) Ҳастии ҷисмонӣ ("ҳастӣ-дар олам") ё "мавҷудият", ки он ҳастии зоҳирӣ маҳсуб меёбад. Дар ин сатҳи тақсимбандӣ фалсафа мавзуи ҳастии маишии инсони фардиро, ки моҳиятан мавҷудият мебошад, мавриди таҳқиқ қарор медиҳад.

Мавҷудият, яъне мавҷудияти худашро инсон дар ҳолатҳои маъюсиаш, ки ҳолатҳои ба охир расидани ҳаёташ мебошанд, ба монанди лаҳзаҳои фоҷиабор, бемории табобатнашаванда ва оваранда ба марг, эҳсоси гунаҳ ва амсоли онҳо ба шумор меравaнд, дарк мекунад. Дар ин лаҳзаҳо инсон то чи андоза бебақо ва фанопазир будани ҳаёташ, мавҷудияташро дарк мекунад ва барои худ олами ғайбро (транстсендентиро) кашф менамояд. Акнун мавҷудият барои инсон маънии дигарро мегирад.

2) Ин зинаи дарки мавҷудият аз ваҳй, яъне рӯшан шудани мавҷудият, дарки руҳро дар назар дорад.

3) Дар ин зина фалсафа ба гушоиши асрори олами ғайб машғул мешавад, ки он ба дарки Худо алоқамандӣ дорад.

Ниҳоят инсон ба фалсафаи имон омада мерасад, ки он, бар хилофи имони динии асосёфта ба ваҳй, бо муҳокимарониҳо ва тафаккури фалсафӣ фарқ мекунад.

Хулоса, намояндагони фалсафаи мавҷудият ҷонибҳои гуногуни ҳаёти фардии инсонро баррасӣ кардаанд, ки ба тафсил омӯхтани онҳо аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

**500. Фалсафаи ҳерменевтика чист?**

Мафҳуми ҳерменевтика аз юнонӣ буда, маънии луғавиаш, ба забони тоҷикӣ тафсир, маънидод мебошад. Аммо ҳамчун истилоҳи фалсафӣ, ба маънии ҳунар ва назарияи тафсири матнҳо, мазмуни матнҳои душворфаҳм ё кӯҳнашудаи таърихӣ, ки баъди гузашти асрҳо ба насли муосир фаҳмо нестанд, ба шумор меравад.

**501. Ҳерменевтика дар таърихи фалсафа ба кадом маъниҳо истифода гардидааст?**

Ин истилоҳ дар таърихи фалсафа ба маъниҳои гуногун истифода гардидааст. Чунончи, намояндагони навафлотуния онро ба маънии тафсири ашъори шоирони гузашта истифода мекардаанд. Нависандагон ва муфассирони дини масеҳӣ барои тафсири матни китоби муқаддаси масеҳиён - Библия истифода менамуданд. Азбаски китоби муқаддаси дини ислом - Қуръон ва ҳадисҳои Паёмбари он низ матнҳои кӯҳна, ки ба нимаи якуми асри VII тааллуқ доранд ва хонандаи имрӯзи араб низ онҳоро ба дурустӣ намефаҳмад, минбаъд зарурати тафсири онҳо ба миён омад. Ҳамаи онҳое, ки ба ҳамин ҳунар алоқаманд ҳастанд унвони муфассириро доранд, яъне онҳоро низ намояндагони ҳерменевтика гуфтан мумкин аст. Дар даврони Эҳё ҳерменевтика ҳамчун ҳунари баргардондани мероси фарҳанги антиқа ба забони зиндаи фарҳанги муосир истифода карда мешуд.

Дар замони муосир мафҳуми ҳерменевтика ба ду маънӣ истифода карда мешавад: 1) назария ва амалияи тафсири матнҳо, ифодаҳои гуногуни луғавӣ, рамзҳо ва 2) ҷараёни фалсафие, ки муҳтавои асосии баррасиаш аз мушкилаҳои ба даст овардани дарк ва масъалаҳои забонии ба ҳамин масъала алоқаманд иборат аст.

**502. Дар доираи ин чараёни фалсафӣ кадом мафҳумҳо нақши муҳим мебозанд?**

Дар доираи ин ҷараён мафҳуми асосӣ “дарк, фаҳм” мебошад. Аммо дар ҳерменевтика боз мафҳумҳо, ба мисли “анъана”, “таъбир”, “маънӣ”, “ҷузъ ва кулл”, “доираи ҳерменевтикӣ”, ки ҳар як дар матнҳои фалсафӣ мавқеи муайян доранд, истифода мегарданд.

**503. Ҳерменевтика кай ба вуҷуд омадааст?**

Ин ҳунар ҳоло дар давраҳои бостонӣ – Антиқа ба вуҷуд омадааст. Чунончи, Арасту яке аз натиҷаҳои пажӯҳишии худро ба унвони “Дар бораи тафсир” номгузорӣ карда буд. Чун дар саволҳои болоӣ қайд кардем, ҳерменевтика дар давраҳои гуногуни инкишофи ҷомеа ба маъниҳои гуногун истифода мешудааст. Аммо ташаккули фалсафаи ҳерменевтика ба асри XVIII-XIX рост меояд, ки дар ин давра файласуфони олмонӣ Фридрих Шлегел ва Фридрих Шлейермахер ин мафҳумро мақоми фалсафӣ бахшидаанд. Масалан, Шлейермахер ҳерменевтикаро ҳамчун *ҳунари фаҳмиши фардияти муаллифи дигар* маънидод кард. Мувофиқи чунин таъбир, ҳерменевтика фалсафае ба шумор меравад, ки вай бояд дар ҷараёни пажӯҳиши худ ба ботини муаллиф дохил шуда тавонад “муаллифи матнро аз худи муаллиф дида бештар дарк кунад”. Барои ин лозим мешавад, ки, аз як ҷиҳат, ба ботини чигунагии ифодаҳои луғавии муаллиф дохил шавад ва, аз тарафи дигар, хусусияти истисноии фарққунандаи нависандаро дониста гирад, зеро ҳар ду унсури дар боло зикргардида ба ҳамдигар робитаи мутақобилаи ногусастанӣ доранд ва дар дохил шудан ба ботини онҳо имконияти тафсири дурусти матни муаллифро дода метавонад.

**504. Инкишофи минбаъдаи фалсафаи ҳерменевтика ба кӣ алоқамандӣ дорад?**

Минбаъд ин фалсафаро мутафаккирон, ба мисли В. Дилтей, Г. Зиммел, Э. Гуссерел, М. Шиллер ва ғайра бо дохил кардани ақидаҳои нав такмил доданд, рушд бахшиданд. Масалан, Вилгелм Дилтей ақида пешниҳод кард, ки асоси даркро “равони фаҳманда” гуфтан мумкин аст. “Равони фаҳманда” имконияти ба ботини “ягонагии маънавии ҳаёт”дохил шуданро

дода метавонад. Дилтей чунин ақида дорад, ки мавзуи ҳерменевтика на аз тафсири мазмуни матн иборат аст, балки аз тафсири ифодаҳои луғавӣ ва дарк.

**505. Боз чӣ гуна ақидаҳо дар атрофи ҳерменевтика пайдо шуда буданд?**

Дар ин ҷода боз ақидаҳои зиёде буданд, ки ҷонибҳои гуногуни мавзуъро такмил медиҳанд. Масалан, яке аз мутафаккирони маъруфи ҷараёни экзистенсиализм (фалсафаи мавҷудият) Мартин Хайдеггер ақида пешниҳод кард, ки мувофиқи он фаҳмиши (дарки) ҳерменевтикӣ, қабл аз ҳама, *тарзи умда, асосии ҳастии инсон* ба шумор меравад. Чунин маънидод кардани фалсафаи ҳерменевтика маънии таълимот дар бораи ҳастии фаҳмишро дар бар мегирад, яъне ҳерменевтика методологияи фаҳмиш набуда, балки онтологияи фаҳмиш ба шумор меравад. Аз ин ҷост, ки Хайдеггерро асосгузори онтологияи ҳерменевтика меноманд. Агар маънии ақидаи Хайдеггерро ба ифодаи дигар гӯем, чунин мешавад, ки вай ҳастии воқеиро ҳамчун воқеияти лугавӣ маънидод мекард ва мегуфт, ки забон “манзили ҳастӣ” ва муайянкунандаи сарнавишти ҳастӣ мебошад. “Бинобар ин, - мегуфт Хайдеггер, - вазифаи фаҳмиш аз омӯхтани чигунагии “дарки забон” иборат аст”.

Инкишофи минбаъдаи фалсафаи онтологии ҳерменевтика ба шогирди Хайдеггер Ханс Георг Гадамер алоқамандӣ дорад, ки вай ҳерменевтикаро ҳамчун назарияи тамоми олам эълом дошт ва фаҳмро, ки ба ботини “тамоми робитаҳои пайвастаи инсон ба олам” дохилшаванда маънидод карда мешавад, ҳамчун хусусияти хоси тафсиркунандаи мавҷудияти инсон ва тарзи умумии азхудкунии олам маҳсуб медонист. Ӯ таълим медод, ки чунин фаҳмиши олам аз тарафи инсон тавассути забон анҷом меёбад. Бинобар ин забон, ба ақидаи Гадамер, воқеияти умда ва тарзи асосии ҳастии инсонӣ ба шумор меравад.

Ғайр аз ҷараёнҳои фалсафие, ки дар саволу ҷавобҳои боло баррасӣ кардем, дар замони муосир дар алоқамандӣ бо рушди ҷомеа, илм ва қувваҳои истеҳсолкунанда самтҳои нави фалсафӣ ба вуҷуд омада истодаанд, ки ҳоло начандон муайянӣ пайдо кардаанд. Аммо як ҷараёне, ки дар асоси таъсиррасониаш ба ҷомеаи башарӣ мақоми намоёнро ишғол мекунад, тақозои

тафсирро дорад. Ҷараёни мавриди матлаб фалсафаи муосири дин мебошад.

**506. Фалсафаи муосири дин чӣ гуна фалсафа аст?**

Маълум аст, ки фалсафаи дин баробари ба вуҷуд омадану ташаккул ёфтани динҳо арзи вуҷуд кардааст ва то кунун низ мавҷудияти худро нигоҳ дошта, пайваста ба инкишофи ҷомеа, илм ва, умуман, фарҳанги башарӣ рушд мекунад.

Муҳимтарин ақидаи фалсафаи муосири дини масеҳӣ ба *ифодаи усули ҳамоҳангии имон ва ақл* таъбир мегардад, ки он аз фалсафаи Фомаи Аквинӣ (асри XIII) ғизо гирифтааст. Бинобар ин онро фалсафаи томизми нав (неотомизм) меноманд, ки ба номи Фома (дар лотинӣ – Томас) алоқаманд мебошад. Усули мазкурро, чун аз таърихи фалсафа маълум аст, Фомаи Аквинӣ дар мубориза бар зидди ақидаи "ҳақиқати дунавъӣ", яъне ҳақиқати илмӣ ва ҳақиқати илоҳиётшиносӣ, ки гӯё мавзуи омӯзиши ҳар яки онҳо аз ҳамдигар фарқ мекарда бошад ва бинобар ин ба ҳамдигар алоқамандӣ надоранд ва ба ҳамдигар мухолиф ҳам намебошанд, меномиданд. Дар асоси ин усул Худо бо ду роҳ дониста мешавад. Роҳ ба поён, яъне тавассути ваҳй, боварӣ ва роҳ ба боло, яъне аз тадқиқи олами офарида ба сӯйи маърифати офаридгори он. Чунин маънидод кардани роҳҳои расидан ба дарки Худовандӣ аз ҷониби фалсафаи муосири дин низ пазиро нест. Бинобар ин пешниҳод карда мешавад, ки усули ҳамоҳангии имон ва ақл пазируфта шавад ва дар ин ҳамоҳангӣ бояд имон аз ақл боло бошад. Барои тасдиқи ин ақида ҳамон панҷ далели мавҷудияти Худо, ки дар вақташ Фомаи Аквинӣ баён карда буд, дар фалсафаи муосири дин дар шаклҳои гуногун пешниҳод карда мешаванд.

Масъалаи дигаре, ки ба он фалсафаи муосири дин таваҷҷуҳи хоса дорад, масъалаи инсон мебошад. Дар ин мавзуъ фалсафаи муосири дин ҳам фардиятпарастии буржуазии худписандро инкор мекунад ва ҳам ҷомеагароии шӯравиро, ки инсонро ба олат табдил медиҳад, қабул надорад. Инсонҳои муосир дар ин фалсафа ҳамчун фардҳои рӯбахудооварда ва дар заминаи ҳамдигарфаҳмӣ ба умумиятрасида, ки дар хидмати хайрияти ҳамагон ва ҳаёти мусолиматомез ҳастанд, ба шумор мераванд.

Дар мазҳаби протестантӣ ва православӣ ақидаҳои фарққунандаи фалсафаи динӣ вуҷуд доранд, ки муфассал омӯхтани онҳо аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Чунончи, дар протестантизм масъалаи гузаронидани ислоҳот дар масеҳият ва ба инсон имконияти бештари озодӣ додан мавриди баррасӣ қарор дода мешавад ва ғайра.

**507. Фалсафаи муосири ислом кадом ақидаҳоро дорост?**

Хусусияти фарққунандаи фалсафаи ислом аз он иборат аст, ки вай, ҳарчанд аз доираи илоҳиётшиносӣ набаромада бошад ҳам, дар муҳити нисбатан мустақил аз муқарраротӣ динӣ амал кардааст. Агар ба ақидаҳои фалсафии Ибни Сино, Алфоробӣ, Ибни Рушд ва ғайра таваҷҷӯҳ кунем, ба хулоса меоем, ки *назарияи ҳақиқати дунавъӣ* дар ҳамин фалсафа ба вуҷуд омадааст ва минбаъд ба фалсафаи Аврупои Ғарбӣ гузаштааст. Дар фалсафаи исломӣ ҳақиқати тавассути ақл бадастомада ва ҳақиқати аз боварӣ ҳосилшуда миёни ҳамдигар ихтилоф надоранд. Танҳо лозим аст, ки онҳо нодуруст маънидод нашаванд.

Агар маҷмуи самтҳои фалсафии исломро дар замони муосир таҳлил кунем, ба хулоса меоем, ки ҳамаи онҳо дар атрофи ду равияи асосӣ муттаҳид мешаванд: равияи анъанавӣ ва навсозӣ (модернсозӣ). Равияи анъанавӣ ба дохил кардани ҳама гуна навоварӣ мутлақо зид мебошад. Таълим медиҳад, ки пешрафти ҷомеаро дар асоси Қуръон ва шариати исломи даврai пайдоиш таъмин кардан мумкин аст.

Намояндагони фалсафаи модернсозӣ бар он ақидаанд, ки миёни имон ва ақл ва ҳамчунин байни фарҳангҳои "Ғарб" ва "Шарқ" бояд тавозуне ба вуҷуд ояд. Онҳо ваҳдати худовандиро таъкид карда, имкониятҳои беҳудуди ақли инсон, озодии он ва масъулияти онро дар рафтору кирдораш, дар фарқ кардани хайру шарр низ сарфи назар намекунанд. Хулоса, тарафдорони модернсозӣ, ба монанди Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ, Муҳаммад Абдуи Мисрӣ ва ғайра фароҳам овардани имконият барои татбиқ гардидани тавони эҷодии инсонро на танҳо баҳри инкишофи ҷомеа лозим мешуморанд, балки барои оқилона анҷом додани эътиқод зарур медонанд.

Бояд қайд кард, ки дар асоси рушди муттасили ҷомеаи башарӣ тақозоҳои он низ тағйир меёбанд. Бинобар ин

муқаррароти таърихан бавуҷудомада ва ташаккулёфта, на ҳамеша он тақозоҳоро ҷавобгӯ буда метавонанд. Яке аз сабабҳои умдаи ба вуҷуд омадани мазҳабҳо ва ҷараёнҳои гуногуни динӣ ва фалсафӣ низ аз ҳамин иборат мебошад, ки баррасии саривақтии онҳоро сарфи назар кардан чандон дуруст нест.

Ҳоло фурсат расид, ки саволу ҷавобамонро дар атрофи ақидаҳои фалсафии рус идома диҳем, зеро чун маълум аст, Россия яке аз кишварҳои бузурги ҷаҳон маҳсуб меёбад ва дастовардҳои фарҳанги моддиву маънавии русҳо низ дар фарҳанги башарӣ мақоми сазоворро ишғол менамояд.

# БОБИ XI. ФАЛСАФАИ ДАВРАҲОИ ГУНОГУНИ РУС

**508. Фалсафаи рус кадом зинаҳоро дар бар мегирад?**

Муҳаққиқони ин фалсафа ташаккул ва рушди онро ба якчанд зинаи зерин тақсимбандӣ кардаанд:

1. Асрҳои XI-XVII - ибтидои ташаккулёбии фалсафаи рус ба шумор меравад. Дар ин давра масъалагузориҳои фалсафӣ сурат мегирифтанд ва кӯшиш ба харҷ дода мешуд, ки ба онҳо ҷавобҳои муносиб дода шавад. Ба ҳама масъалаҳо дар ин давра дар доираи муқаррароти динӣ ва зебоишиносӣ ҷавоб дода мешуд.

2. Асри XVIII – ибтидои асри XIX – фалсафа ба маънидоди илму фарҳанги Россия шугл меварзид.

3. Чоряки дувуми асри XIX – ибтидои асри XX – инкишофи афкори мустақили фалсафӣ дар Россия.

4. Фалсафаи рус баъди даҳаи дувуми асри XX қисман дар хориҷи кишвар идома мекунад.

5. Инкишофи фалсафаи рус ва советӣ аз солҳои 20-ум то солҳои 90-уми асри XX, ки таҳқиқи фалсафӣ асосан ба инкишофи соҳаҳои гуногуни фалсафаи марксистӣ бахшида шуда буд. Сарфи назар аз баъзе бастагиҳои идеологӣ, фалсафа дар ин давра ба таври хеле босуръат ва ҳамаҷониба инкишоф ёфт ва асоси назариявии исботкунандаи идеологияи коммунистӣ дар ҷаҳон гардид. Дастовардҳои ин давра дар ҳама соҳаҳои илми фалсафа назаррас мебошанд, ки нодида гирифтани онҳо чандон дуруст нест. Ҳадди ақал, пазируфтани он ҳамчун васлкунандаи инкишофи афкори фалсафаи гузашта ба фалсафаи дар айёми муосир ташаккулёбанда аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Лозим ба таъкид аст, ки фалсафаи давраи мазкур берун аз инкишофи соҳаҳои дигари илм ва фарҳанг рушд накарда буд, ки онҳо заминаи исботкунандаи бисёре аз муқаррароти фалсафаи давр буданд. Ҳаҷм ва сифати фарҳанги ташаккулёфта мақоми истисноӣ дошт, ки он ба ҳар нафари огоҳ аз илму маърифати давр, тафсири зиёдатӣ тақозо намекунад.

**509. Фалсафаи рус чӣ гуна хусусиятҳо дорад?**

Дар даврaи аввал таълими фалсафа дар зери назорати шадиди давлат анҷом мепазируфт ва ба ҳеҷ гуна озодандешӣ имконият дода намешуд. Сонияи, ва ба сабаби дар боло зикргардида фалсафа дар маҳфилҳои берун аз муассисаҳои давлатӣ омӯхта мешуд. Дигар он ки фалсафа дар ҷустуҷӯйи ҷавоб ба масъалаҳое ташаккул мeёфт, ки воқеияти ҳаёти ҷомеа онҳоро мегузошт. Чаҳорум, фалсафа хидматгори муқаррароти сиёсии замон буд ва ҳама гуна афкори “бегона” сахт ҷазо мегирифт. Панҷум, яке аз масъалаҳои пажӯҳиши фалсафа мавзуи Россия ҳамчун кишвар ва халқи рус ҳамчун миллат ба шумор мерафт. Шашум, яке аз мавзуъҳои фалсафа мавзуи баррасии инсон буд. Ҳафтум, фалсафа ҳамеша бо фалсафаи дини православӣ алоқаманд буд ва бештар ба масъалаҳои ахлоқӣ машғул мешуд.

Хулоса, фалсафаи даврони мазкур, ба истиснои марҳилаи низоми советӣ, ки фалсафаи материализм ва атеизм буд, бештар фалсафаи динӣ маҳсуб меёфт ва ҳама масъалаҳо дар доираи муқаррароти дини православӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешуд.

**510. Назарияи “Москва – Рими сеюм” ва ақидаи Россияи Муқаддас чӣ маънӣ дорад?**

Назарияи мазкур ба эҷоди руҳонии рус Филофей тааллуқ дорад. Тибқи ин назария мазҳаби православӣ таълимоти ҳақиқии масеҳият маънидод мегардад ва аз подшоҳ Василии III хоҳиш карда мешавад, ки ҳифзи он вазифаи муқаддаси ҳокимияти дунявӣ эътироф карда шавад. Филофей чунин менигорад, ки ду Рим шикаст хӯрд. Яке “Рими Қадим” – маркази дини масеҳӣ ва дувум “Рими ҷадид” – идомадиҳандаи масеҳият. Рими Сеюм – Москва мебошад, ки вай идомадиҳандаи ҳақиқии масеҳияти православӣ ба шумор меравад ва ҳаргиз шикаст нахоҳад хӯрд. Минбаъд назарияи мазкур нақши муттаҳидкунандаи халқи русро дар атрофи Москва бозид. Дини масеҳии православӣ тарғибгариро низ оғоз кард. Салтанат ва халқи русро бо ифодаи “Россияи Муқаддас” ифода мекардагӣ шуданд, ки вай асоси ақидатии худшиносии халқи рус гардид. Минбаъд ин ақида бо ифодаи “Ақидаи Русӣ” низ машҳур шуд.

Хулоса, давраи ибтидоии ташаккули фалсафаи рус ҳоло аз даврони фарҳанги бисёрхудоии қабилаҳои минбаъд халқи русро созмондода ва пазируфтани дини масеҳӣ дар асри X оғоз гардидааст.

Ба сарчашмаҳои катбии фалсафаи рус, асарҳои файласуфи Россияи Киевӣ – митрополит (яке аз унвонҳои олии руҳониёни православӣ ва католикӣ) Илларион, ба монанди: “Калом доир ба қонун ва хайрият”, “Намоз”, “Эътиқод ба имон” ва як мероси адабӣ ба унвони “Калом дар бораи лашкари Игор”, ҳамчунин маҷмуаи солноманависии “Достони солиёни гузашта” доҳил мешаванд. Ғайр аз ин, раванди ҳаёти воқеии ҳамон давра, ҷараёни муттаҳидшавии сиёсии Россия, ташаккули миллияти рус, тақвияти низоми феодалӣ, пайдо гардидани имконияти ба фарҳанги ҷаҳонӣ пайвастани Россия аз тариқи Византия ва рухдодҳои дигари ҷомеавӣ водор ба он мекарданд, ки равандҳои мазкур аз ҷиҳати назарӣ ҳаллу фасли худро ёфта бошанд. Воқеиятҳои мазкур низ сарчашмаи ташаккули фалсафаи рус маҳсуб меёбанд.

**511. Давраи дувуми фалсафаи рус бар асоси афкори кадом мутафаккирон ташаккул ёфтааст?**

Дар ин давра чанд тан аз олимон ва мутафаккирон умр ба сар бурдаанд, ки фалсафаи рус дар асоси ақидаҳои онҳо ташаккул ёфтааст. Машҳуртарини онҳо М. В. Ломоносов, А. Н. Радишев, П. Я. Чаадаев, маҳфили славянпарастон, файласуфони ғарбгаро, адибони машҳури давр Л. Н. Толстой, Ф. М. Достоевский, мутафаккирон Н. Ф. Фёдоров, К. Н. Леонтев, В. В. Розанов, В. С. Соловёв ва ғайра ба шумор мераванд.

**512. Мухтасари афкори фалсафии М. В. Ломоносов аз чиҳо иборат аст?**

Пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки М. Ломоносов табиатшиноси даврони худ буд ва илми табиатшиносии давр ба механика асос ёфта буд. Бинобар ин фалсафаи номбурда аз табиатшиносии ба механика асосёфта ғизо нагирифта наметавонист. Агар мухтасаран гӯем, М. Ломоносов мавҷудияти олами моддиро эътироф мекард, эътироф мекард, ки олам ҳамеша дар тағйир ва инкишоф мебошад, нахустасоси оламро аз заррачаҳои хурдтарини тақсимнопазир, ки аз онҳо дар навбати худ

шаклҳои мураккабтар – корпускулҳо (молекулаҳо) ба вуҷуд меоянд маънидод мекард. Таълим медод, ки корпускулҳо дар ҷараёни омезишёбии худ сифатҳои таркибии гуногуншаклро ба вуҷуд меоваранд. Аз таркибҳои мазкур ҳама ҳодисоти гуногуншакли олам арзи вуҷуд мекунанд. Дар олами муҳит ҳама гуна тағйирот тавассути сабабият ва робитаҳои мутақобилаи фаъолият ба вуҷуд меоянд.

Дар масъалаи назарияи маърифат мақоми аввалро ба таҷриба медод, вале нақши фарзияҳои илмӣ ва фаъолияти ақлониро инкор намекард. Бинобар ин аз таҷриба ба сӯйи фарзияҳои илмӣ ва минбаъд ташаккули муқаррароти ҷидии назарияи илмӣ формулаи М. Ломоносовро дар бораи аз бар кардани дониш ташкил мекунад.

Дар масъалаи дин ва илм М. Ломоносов ҷонибдори мусолиҳаи илму дин буд, яъне ҷонибдори ҳам тафсири илмӣ ва ҳам тафсири динии олам буд. “Чунончи, - мегуфт ӯ, - масъалаҳои марбут ба мушкилаҳои мушаххаси илмиро бо эътимод ба дин ҳал кардан мумкин нест”. Сарфи назар аз ин ва ақидаҳои дигари моддагароӣ, М. Ломоносов аз таъсири муҳити маънавии худ озод набуд ва ба ӯ низ ба мисли мутафаккирони дигар деизм (эътимод ба қудрати созандагии Худо, яъне Худо “меъмори” аввалини олам) хос буд.

Доир ба масъалаи инкишофи ҷомеа М. Ломоносов дар ақидаи маорифпарварӣ буд ва маорифи мардумро омили ҳалкунанда дар инкишофи ҷомеа маънидод мекард.

Маорифпарварии русро шахсиятҳои дигар, ба мисли Н. И. Новиков, Я. П. Козелский, Д. С. Аничков, ки бештар ба масъалаи арзишҳои ахлоқии инсон ва такмили онҳо диққати махсус медоданд, рушд бахшиданд.

Дар маркази маорифпарварии мутафаккирони рус низ инсон ва такмили фарҳанги он меистод. Дар ин ҷода ақидаҳои яке аз намоёнтарин шахсиятҳои фалсафаи рус А. Н. Радишев (1749-1802) мақоми махсус дошт.

**513. Муҳтавои ақидаҳои А. Н. Радишев аз чиҳо иборатанд?**

А. Н. Радишев дар рисолаи фалсафии худ “Дар бораи инсон, мирандагӣ ва абадияти он” ақидаи ваҳдати инсону табиатро мавриди баррасии худ қарор медиҳад. Инсонро ҳамчун тоҷи (беҳтарин) офаридаи табиат маънидод мекунад ва

ақида изҳор мекунад, ки набояд истеъдодҳои табиатан хоси инсон зӯран ба нестӣ оварда шаванд, зеро ҳамон ғайрату истеъдод инсонро ба фаъолият водор мекунанд.

Яке аз масъалаҳои умдаи фалсафаи Радишев аз масъалаи моҳияти руҳи инсон иборат аст. Руҳ, мувофиқи ақидаи Радишев, яке аз ду унсури ташкилкунандаи инсон ба шумор меравад. Руҳ намиранда аст. Барои солимии рӯҳи намиранда инсон бояд ҳамеша машғули такмили фарҳанги ахлоқии худ бошад. Хулоса, бо баррасии масъалаҳои такмилдиҳандаи инсон, Радишев фалсафаи гуманистиро ташаккул медиҳад ва бо эътимод ба ин фалсафа ҳама гуна муносибатҳои истибдодии мутлақиятро зери танқиди шадид мегирад. Ниҳоят, ақидаҳои маҳкумкунандаи сохти истибдодии мутлақият аз ҷониби Радишев, асоси маънавии минбаъд аз байн бурдани сохти мазкур гардиданд. Ғайр аз ин, ақидаҳои Радишев барои ба вуҷуд омадани афкори моддагароии Гертсен, Белинский ва Чернишевский заминаи хубе низ гардиданд.

**514. А. И. Гертсен кӣ буд?**

Александр Иванович Гертсен (1812-1870) яке аз намоёнтарин мутафаккирони асри XIX рус ба шумор меравад.

**515. Муҳтавои мухтасари ақидаҳои фалсафии Гертсен аз чиҳо иборатанд?**

Қабл аз ҳама, бояд қайд кард, ки Гертсен ба мисли дигар мутафаккирони адолатхоҳи давр низоми подшоҳии (саризми) рус ва заминдории крепостноиро танқид мекард ва дархостҳои демократӣ, озод кардани деҳқонон ва ба онҳо имконияти озодона дар замин кор карданро пешниҳод мекард. Кӯшиш мекард, ки қонунияти ҳаракати инсониятро, барои расидан ба ҷомеаи аз зиддиятҳо озод, исбот намояд.

Дар аёми ҷавонӣ, Гертсен имондор ва тақводор буд, вале, минбаъд ба атеизм таваҷҷӯҳ кард. Зистани Гертсен дар мақоми ин ду қутби ба ҳам зид, аз ҷустуҷӯйи ҳақиқат шаҳодат медиҳад. Яъне, ӯ ҳамеша дар ҷустуҷӯйи ҳақиқате буд, ки вайро қонеъ карда тавонад.

Гертсен афкори намояндагони ақидаи сотсиализмро ба хубӣ мепазируфт ва доир ба роҳҳои расидан ба ин ҷомеаро низ мавриди баррасии худ қарор додааст.

Дар муносибат ба масъалаи асосии фалсафа бошад, бештар дар мавкеи моддагарой буд. Бинобар ин, ӯро низ яке аз поягузорони фалсафаи моддагароии рус гуфтан мумкин аст.

Дар масъалаи назарияи маърифат, ки яке аз масъалаҳои асосии мавриди баррасии Гертсен мебошад, ӯ дар мавқеи на танҳо моддагарой, балки дар мавқеи усули диалектикии маърифат меистод. Хулоса, ба тафсил омӯхтани фалсафаи Гертсен дар раванди ташаккули ҷаҳонбинии фалсафӣ аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Масалан, ақидаҳои ӯ на танҳо барои ташаккули фалсафаи моддагароии солҳои 40 – 60-уми асри XIX рус хеле назаррас буд, балки барои ташаккул ва инкишофи фалсафаи рус дар солҳои 60-ум ва даҳсолаҳои минбаъда, аз ҷумла, ба фалсафаи яке аз дигар шахсиятҳои фалсафаи рус – Н. Г. Чернишевский таъсири калон расонидааст.

**516. А. Г. Чернишевский дар фарҳанг ва фалсафаи асри XIX рус кадом мақомро соҳиб буд?**

Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки дар солҳои 60-уми асри XIX ба саҳнаи ҳаёти ҷомеавӣ як қувваи тавонои фарҳангӣ мебарояд. Намояндагони машҳури қувваи мазкур Н. Г. Чернишевский, Н. А. Добролюбов, Д. И. Писарев буданд, ки онҳо ба зиёиҳои табақаи ғайридворянӣ тааллуқ доштанд. Ин намояндагон аз қабили онҳое буданд, ки ҷаҳонбиниашон хусусияти инқилобии демократӣ дошт. Онҳо дар мухолифати ҳукумати ҳамондавраи рус буданд ва баҳри озод кардани мардум аз истибдоди ҳукуматдорони подшоҳӣ мубориза мебурданд. Машҳуртарин соҳиби ин қувва Н. Г. Чернишевский буд, ки аз ғояҳои фалсафаи маорифпарварӣ ва фалсафаи классикии Олмон бисёр хуб маърифат дошт. Аз байни намояндагони фалсафаи мазкур Л. Фейербах ба Н. Г. Чернишевский таъсири бештари ғоявӣ расонидааст. Ӯ фалсафаи материализми антропологии Фейербахро беҳтарин иншои тасаввуроти илмиву фалсафӣ маҳсуб медонист. Танҳо фалсафаи материалистиро Чернишевский ҳамчун фалсафаи ҳақиқӣ эътироф мекард ва таъкид менамуд, ки танҳо ҳамин фалсафа фалсафаи ҳақиқӣ буданаш мумкин аст, зеро вай ба асоси донишҳои илмӣ такя мекунад.

Н. Г. Чернишевский ба масъалаи инсон низ диққати калон зоҳир мекард. Инсонро ҳамчун як қисми ҷудонопазири табиат

маънидод менамуд. Ба сабаби он ки инсон аз як нахустасоси моддӣ иборат аст, фаъолияти маънавии ӯ тавлидшавандаи ҳамон модда дар сатҳи муайяни инкишоф ба шумор меравад.

Доир ба масъалаи назарияи маърифат низ Н. Г. Чернишевский дар мавқеи материализм буд ва қайд мекард, ки ҷараёни азбаркунии дониш аз таҷриба, эҳсосҳои инъикоскунандаи таъсири ашёи беруна, ки барои таҳлилоти ақлӣ мавод медиҳанд, оғоз меёбад.

Дар масъалаи ҳаёти ҷомеа Н. А. Чернишевский ҷонибдори ҷомеаи ба низоми шӯравӣ асосёфта буд. Роҳи расидан ба чунин ҷомеаро дар муборизаи инқилобии деҳқонон медид. Дар таърих, мегуфт ӯ, инкишофи мусолиматомези оромона имконнопазир аст.

Дар масъалаи ахлоқ ӯ тарафдори арзишҳои "худпарастии оқилона" буд, ки аз инсон барои дар ҳаёти ҷомеа интишор ёфтани ахлоқи ҳамида қурбониҳо талаб мекард. Чунин қурбониҳоро ӯ ҳамчун меъёри муқаррарии ахлоқ маънидод мекард. Хулоса, ахлоқ ва меъёрҳои зебоипарастӣ, ки Н. Г. Чернишевский тарғиб ва тараннум мекард, ба ташаккули фарҳанги инқилобӣ кӯмак мерасонид ва як навъ ахлоқномаи инқилобӣ маҳсуб меёфт.

**517. Боз кадом ҷараёнҳо дар фалсафаи рус вуҷуд дорад?**

Дар фалсафаи рус ҷараёнҳои зиёди дигар вуҷуд дорад, ки ҳар яки он ба ин ва ё он масъалаи ҳаёти мардуми рус бахшида шудаанд. Масалан, дар солҳои 60-80-уми асри XIX ҷараёне пайдо ва интишор ёфт, ки онро "ҷараёни хокгаро" (почвенничество) мегуфтанд. Моҳияти ин ҷараён эътимод ба худ, эътимод ба хоки худ, ба замини худ, ба халқи худро дар назар дорад. Боварӣ ба халқ, ба инкишоф дар асоси анъанаҳои миллии худ дар афкори Н. Я. Данилевский ва Н. Я. Достоевский инъикоси худро ёфтанад.

**518. Афкори Н. Я. Данилевский аз чиҳо иборат мебошанд?**

Барои ба моҳияти ақидаҳои Данилевский расидан лозим аст қайд кунем, ки ӯ ба омӯхтани фарҳангҳои манотиқи гуногуни олам машғул мешавад ва ҳамаи онҳоро ба фарҳангҳои мисрӣ, чинӣ, ҳиндувонӣ ва ғайра тақсимбандӣ мекунад. Дар масъалаи инкишофи фарҳанг назарияи

полисентризмро пешниҳод мекунад, ки тибқи он ҳама фарҳангҳо дар алоҳидагӣ пайдо ва рушд кунанд ҳам, аммо ба ҳамдигар таъсири мутақобила низ доранд. Ҳар як фарҳанг ба хазинаи фарҳанги башарӣ арзишеро дохил мекунад ва дар ин чараён ҳеҷ як фарҳанг худро болотар гирифта наметавонад. Ҳар як фарҳанг роҳу равиши худро дорад, хусусиятҳои фарққунандаи худро дорад, ки тавассути онҳо аз фарҳанги дигар фарқ мекунад. Ягонагии таърихи инсониятро баррасӣ карда, ба хулоса меояд, ки вай аз фарҳангҳои бешумори гуногун ва ба ҳамдигар мушобеҳ набуда иборат аст, ки дар онҳо қувваи моҳиятии инсон таҷассум гардидааст.

Фарҳанги Россия ва Ғарбро баррасӣ карда, Данилевский ба чунин хулоса меояд, ки онҳо ба ҳамдигар шабоҳат надоранд. Онҳо на танҳо мушобеҳ нестанд, балки мухолифи ҳамдигар мебошанд. Хулоса, дар асоси баррасиҳои фарҳанги Россия ва Ғарб Данилевский ба чунин натиҷа мерасад ва эълом мекунад, ки Россия бояд аз Ғарб дур шавад ва бар заминаи худ ва ҳимояти манфиатҳои худ давлатдорӣ кунад. Чунинанд яке аз ақидаҳои такя ба замини худи ҷараёни дар боло номбаршуда.

**519. Инкишоф “бар заминаи худ” дар афкори Ф. М. Достоевский чӣ гуна бошад?**

Дар ин ҷода ақидаҳои Ф. М. Достоевский низ ҷолибанд. Номбурда бештар масъалаи муносибати мутақобилаи Худо ва одамро баррасӣ кардааст. Саволе мегузорад, ки оё инсон бидуни шуури динӣ дар доираи ахлоқ монданаш имконпазир аст? Дар ҷавоб ба ин савол Достоевский мегӯяд, ки танҳо дин метавонад ахлоқро асосгузорӣ намояд. Дар асарҳояш чунин ғояро талқин ва тарғиб мекунад, ки инкори Худо инсонро ба фоҷиа меоварад. Инсон, ба қавли ӯ, мавҷуди ирратсионалӣ (ғайриоқилона) мебошад. Бинобар ин чӣ қадаре ки тавони ақл пурзӯр набошад ҳам, инсони комилро ба вуҷуд оварда наметавонад. Инсони бехудо ноқис мемонад. Дар баробари ин ақидаҳо Достоевский ҷонибдори озодии инсон низ мебошад. Аммо озодии инсон дар интихоби некиву бадӣ аст. Хулоса, Достоевский ташаккули инсонро дар асоси меъёрҳои ахлоқии дини православӣ асоснок кардааст ва роҳи дигарро пазиро нест. Чун маълум аст, дини православӣ унсури муҳими фарҳанги мардуми рус ба шумор меравад. Бинобар ин такя ба

дини православӣ низ аз ҳамон ақидаи такя ба “заминаи худ” маҳсуб меёбад.

**520. Боз чӣ гуна ҷараёнҳо дар фалсафаи рус вуҷуд доранд?**

Аз ҷараёнҳои маълуми таърихи фалсафаи рус консерватизм (кӯҳнагароӣ), космизм (кайҳоншиносӣ), фалсафаи ваҳдати ҳамагонӣ, фалсафаи диниву идеалистӣ ва ғайра, ки доираи зиёди мутафаккирон, руҳониён ва олимонро дар бар мегиранд, иборатанд. Омӯзиши ин ҷараёнҳо низ инсонро ба афкори зиёд ва гуногуни файласуфон ва фарҳангиёни рус шинос мекунад, ки, албатта, аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

Бо саволу ҷавобҳои боло мо қисмати аввали китобро хотима мебахшем ва қайд мекунем, ки олами бекарони инсону башариятро аз “батни” худ офарида, ҳодисоти бешумор ва беинтиҳоро пайваста ба вуҷуд меоварад. Чунин раванди истисноӣ ақли инсонро дар ҳайрат нагузошта наметавонад. Инсон, ки махлуқи олиташкили соҳибақл мебошад, кунҷковӣ ва мароқи беинтиҳои пажӯҳишӣ дорад, мехоҳад чигунагии ҳар як ҳодисаи оламро дониста бошад, то тавонад онро ба тасарруфи идораи хеш дохил намояд. Аммо ин хоҳишҳои инсон татбиқнашавандаанд, зеро олам беинтиҳост ва ҳодисоти он низ беинтиҳо ба вуқуъ мепайванданд ва беинтиҳо тағйир мепазиранд. Дар ҳамин асос дар таърихи илм ва фалсафа, махсусан дар таърихи фалсафа, мутафаккирони зиёд, аксаран гӯем ҳам мешавад, ба навмедӣ омадаанд. Ҳамин раванди истисноии мазкури олами муҳит аст, ки дар таърихи фалсафа равияҳо, ҷараёнҳо, мактабҳо ва маҳфилҳои зиёдро ба вуҷуд овардааст. Шиносоӣ ба ҳамаи онҳо, пеш аз ҳама, аз он шаҳодат медиҳад, ки чи кори азиме, чи заҳмати азиме, чи фаъолияти азими тавони ақлии инсону башарият дар роҳи расидан ба мақсад сарф шудааст ва минбаъд низ сарф хоҳад шуд. Дар ин раванд инсон метавонад танҳо он чизҳое, ки барои зисташ лозим мешаванд, дониста гирад ва барои ин тавони ақлиаш ҳам мерасад, аммо ҳама он чи берун аз манфиати инсон аст, авриди таҳқиқ имконпазир намегардад. Комилан аз бар нашудани олами бекарон набояд ба навмедӣ оварад, зеро илм муқаррар кардааст, ки олам донисташаванда мебошад, аммо донистанашаванда танҳо дар ҳаҷми бекаронии вай аст.

Ниҳоят, хотирнишон мекунем, ки омӯхтани фалсафа ва шиносоии бо мактабҳои гуногуни вай ба инсон як ҷаҳон илм, адаб, фарҳанги заҳмат, мароқи пажӯҳишӣ эҳдо мекунад ва инсон ҷаҳонбинии солими фалсафии худро ташаккул медиҳад. Дар ин ҷода ба ҳамагон сабру таҳаммул ва коромадии ҳамешагӣ таманно мекунем.

*Ғуломҷон Мирзоев*

# ФАЛСАФА ДАР САВОЛУ ҶАВОБ

*Қисми аввал*

Ба чопаш 16.01.2013 имзо шуд. Андозаи $60x84^{1}/_{16}$. Коғази офсетӣ.
Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 16,0 Адади нашр 500 нусха.

Дар матбааи «Промэкспо» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, к. Айнӣ, 13в.
Тел.: (+992) 227-63-73. E-mail: promexpo_tj@mail.ru

35сау

ISBN 978-99947-922-6-9